**САИДАМИР АМИНОВ**

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Китоби дарсӣ барои синфи
8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
тасдиқ кардааст**

**ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2020**

**УДК 373. 167. 1**
**ББК 74.26 Я72**
**М-80**

**М-80.** Саидамир Аминов. **Забони тоҷикӣ.** Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. – Душанбе, «Маориф», 2020, – 256 саҳ.

***Хонандаи азиз!***

Китоб манбаи донишу маърифат аст. Аз он баҳравар шавед ва онро эҳтиёт намоед. Кӯшиш ба харҷ диҳед, ки соли хониши оянда ҳам ин китоб бо намуди аслиаш дастраси додару хоҳарҳоятон гардад ва ба онҳо низ хизмат кунад.

**Истифодаи иҷоравии китоб:**

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | аввали сол | охири сол |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

**ISBN 978-99947-1-540-4**
**© Маориф, 2020**
**Моликияти давлат**

*Ҳамчун номи тоҷик забони тоҷик ҳам таърихи ғанӣ ва рангин дорад ва барои муҳофизати қаламрави ҳастии худ бо забонҳои бегона ҳамеша дар набард будааст.*

* * *

*Поку беолоиш нигоҳ доштани забон ва асолату шевоии онро ҳифз кардан қарзи фарзандии ҳар яки мову шумост.*

***Эмомалӣ Раҳмон***

## 1. ЗАБОН ВА СУХАН

*1. Хонед ва маънидод кунед. Гӯед, ки кадом нукта порчаҳоро муттаҳид сохтааст.*

Шунидам, ки бошад забони сухан
Чу алмоси буррону теғи кухан.
Сухан бифканад минбару дорро,
Зи сӯрох берун кашад морро.

*Абушакури Балхӣ*

Суханҳо, ки ҷонро бувад судманд
В-аз он марди беарз гардад баланд.
Ва он ганҷи гӯё нагирад камӣ,
Шунидан бувад мардро хуррамӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Бирав, бо халқ хушгӯ бошу хушхӯ,
Ки хун аз тарбият шуд мушки хушбӯ.

*Носири Хусрав*

*2. Байтҳоро возеҳу равшан хонед ва маънидод кунед. Хулосаи худро номи мувофиқ гузошта, мухтасар нависед.*

Замона гуфт маро: Хашми хеш дор нигоҳ,
Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст.

*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

Забоне, ки андар сараш мағз нест,
Агар дур биборад, ҳамон нағз нест.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Сухан гарчи бошад чу оби зулол,
Зи такрор хезад ғубори малол.

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

Дар сухан воҷиб аст ҳусни баён,
Ҳақ аз он гуфт **раталил** Қуръон.

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

**Луғат**

**Раталил Қуръон** – Қуръонро равшан баён кун

*3. Порчаро хонед ва маънидод кунед. Ба навиштаҳои адиб пурра ҳамфикред ё не? Чаро? Андешаҳои худро дар ин хусус мухтасар нависед.*

Олитарин зуҳурот ва нишони мавҷудияти ҳар як миллат забон аст. Миллат бо ҳама шукӯҳу шаҳомат, урфу анъана, маърифату фарҳанг, ахлоқ, биниш ва ғайра дар забони зиндаи худ аксандозӣ мекунад. Аз ин аст, ки забони халқро надониста, ӯро шинохтан душвор аст. Донистани ҳар як забон барои инсон дорулфунунест, ки ҳамто надорад.

Муҳаббат ба забони модарӣ як ҷузъи муҳаббати Ватан аст ва касоне, ки забонро пушти по мезананд ва ба он ҳурмат надоранд ва наомӯхтаанд, ба халқу Ватан эҳтироми бардурӯғ доранду бас.

*Баҳром Фирӯз*

*4. Порчаи шеъриро возеҳ ва бо риояи оҳанг хонед, мазмунашро нақл кунед.*

Забонҳо дар замини мо зиёданд,
Ки ҳар қавме забони хос дорад.
Ба ҳар инсон мувофиқ ном доданд, -
Чу ҳар дил лоиқаш эҳсос дорад…

Забонҳо дар Замини мо зиёданд,
Дилафрӯз ин Замин Сайёраи мост.
Забондонон ба ҳам дар эътиқоданд,
Зимоми зиндагӣ дар дасти онҳост.

Имо ҳасту
Ишорат ҳасту…
Нафаҳмонад ягонташ муддаоро,
Забон гар нест дар ин хоки заррин,
Кӣ фаҳмонад шукӯҳи асри моро?!

Забон гар нест,
Буди мо муаммост.
Магар ҳастист, охир, лол будан?
Бале, ҳар ҷой сангу чӯб пайдост,
Магар тимсоли он бошад дили ман?

Забондонон чу лафзеро кушоянд,
Замину осмон ояд сари даст,
Ки то рози Ҷаҳонро баркушоянд.
Замин ҳасту
Замон ҳасту
Забон ҳаст!

*Файзулло Ансорӣ*

**Луғат**

**Дилафрӯз** – дилкушо, фараҳбахш
**Эътиқод** – яқин доштан, бовар доштан
**Зимом** – идораи корҳоро ба даст доштан
**Муддао** – талаб, дархост, хоҳиш, мақсад
**Тимсол** – ба мисли; сурат, расм

**Савол ва супориш**

1. Доир ба гуногунии забонҳо андешаҳоятонро баён кунед.
2. Гуногун будани забонҳо хуб аст ё бад? Чаро?
3. **Забондонон рози ҷаҳонро баркушоянд-**ро чӣ тавр мефаҳмед?
4. Кадом порчаҳои шеър бароятон писанд омаданд? Онҳоро аз ёд кунед.
5. Хулосаатонро дар бораи забондонӣ мухтасар нависед.

# ТАКРОР ВА ҶАМЪБАСТИ МАВОДДИ СИНФҲОИ V-VII

## 2. ОВОЗҲОИ НУТҚ ВА ТАРКИБИ КАЛИМА

*1. Порчаро возеҳ хонед ва муайян кунед, ки калимаҳои ишорашуда чӣ маъно доранд. Матнро нависед.*

Туфанги бетир киро аз по **нишонда** ва паланги **бечанг** киро аз ҷо **фишонад?** Оҳан то тафта накунӣ, дар **чӯб** наравад ва тир то оташ надиҳӣ, аз **тӯп** наҷаҳад. Заминро дона деҳ, то хирман даравӣ ва тӯтиро шакар деҳ, то сухан шунавӣ.

*Шамсиддин Шоҳин*

**Савол ва супориш**

1. Порчаро кадом ифодаҳо хушоҳанг гардонидаанд?
2. Ҳангоми талаффузи калимаҳои ишорашуда чӣ ҳодисаи овоиро (фонетикиро) пай бурдед? Шарҳ диҳед. Ба имлояшон таваҷҷуҳ кунед.
3. Дар таълифи чунин порчаҳо қувваозмоӣ намоед.

*2. Калимаҳои ҳар ду сутунро хонед. Чиро пай бурдед? Барои беғалат навиштан чӣ бояд кард? Бо ҳар кадом калимаҳои зерин ҷумла тартиб диҳед ва нависед.*

| | |
|---|---|
| Исбот | мағфират |
| тӯбҳо | боғча |
| касб | зоғча |
| зудтар | якҷоя |
| кордча | рагҳо |

*3. Калимаҳои ҳар ду сутунро хонед ва маънояшонро шарҳ диҳед. Чаро маъно тағйир ёфт? Чунин калимаҳоро ба хотир оред ва муҳокима кунед. Бо калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед ва нависед.*

| | |
|---|---|
| ало – аъло | тана – таъна |
| бад – баъд | маданӣ – маъданӣ |
| шер – шеър | қатӣ – қатъӣ |
| даво – даъво | рад – раъд |

Он фасли илми забон, ки овозҳои нутқро меомӯзад, овошиносӣ (фонетика) ном дорад.

*4. Порчаро равон хонед ва маънидод кунед. Муайян созед, ки кадом мисраъ ба унвони шеър мувофиқ аст.*

Агар бозҷӯйӣ хато аз савоб,
Наёбӣ яке ҳамнишин чун китоб.
Нахоҳад зи гетӣ магар коми ту,
На ҳаргиз ба зиштӣ барад номи ту.
Зи кори ҷаҳонат диҳад огаҳӣ,
Биёмӯзадат роҳу расми беҳӣ.
Бувад сӯйи озодагӣ раҳнамун,
Кунад мардро дину дониш фузун.
Китоб аст оинаи рӯзгор,
Ки бинӣ дар он розҳо ошкор.
Чунин ҳамнишин гар ба даст оварӣ,
Нашояд, ки бигзорию бигзарӣ.

*Бадеъуззамон Фурӯзонфар*

**Савол ва супориш**

1. Тарзи ба сатри дигар гузаронидани ҳиссаи калимаҳои **ҳамнишин, раҳнамун, кимиё, аҳамият, Одина, муаззам-**ро шарҳ диҳед.
2. Гӯед, ки кадом ҳиссаи калимаҳо зада намегиранд.
3. Дар кадом калимаҳо зада дар ҳиҷои аввал меафтад?
4. Дар калимаи **биёмӯзад** миқдори овоз ва ҳарф баробар аст?
5. Вазифаи **ӣ (и – и дароз)-**ро дар калимаҳои **наёбӣ, гетӣ, озодагӣ, оварӣ** шарҳ диҳед.

***Тартиби таҳлили фонетикӣ***

1. Муайян кардани миқдори ҳиҷои калима.
2. Нишон додани овозҳои садонок ва ҳамсадо.
3. Ба ҷарангдор ва беҷаранг ҷудо кардани ҳамсадоҳо.
4. Муқаррар кардани таркиби овозӣ ва ҳарфии калима.
5. Ҷойи задаи калимаҳоро аниқ сохтан.

*5. Матнро возеҳ хонед ва гӯед, ки ҳадафи асосии он дар чист. Хулосаатонро мухтасар нависед.*

Фарзанди одам баъд аз гузаронидани айёми хурдсолӣ ҳамаи тарбияи худро бевосита аз Ватан мегирад. Ӯ дар он ҷо зиндагонӣ мекунад, озодона мегардад, кор мекунад дар он ҷо ва аз манбаъҳои маишати вай худро ва наздикони худро сер мекунад, мехонад, фарзандони худро мехононад, ҳунар меомӯзад, хулоса, ҳамаи осудагӣ, озодӣ ва шарафи худро дар Ватани худ, аз Ватани худ меёбад. Бесабаб нест, ки мегӯянд: «Ҳар кас дар Ватани худ подшоҳ аст!» Фарзанди одам, ба сабаби он ки ҳамаи муродаш ва озодиаш дар Ватани худаш ҳосил аст, худро на танҳо шаҳрванди одии Ватан, балки подшоҳи вай медонад, чунки вай **подшоҳвор,** озодона зиндагонӣ мекунад.

Ватан ҳам монанди модар аз фарзанди худ дар муқобили он тарбияҳое, ки ӯро кардааст ва муносиби он ёриҳое, ки ба ӯ расонидааст, дар ҳаққи худ ҳимоят, хидмат ва фармонбардорӣ талаб мекунад. Ба ин сабаб ҳар фарзанди одам, ки сифати инсонии худро барҳам надодааст, Ватани худро монанди модари худ, ҳатто аз вай ҳам **зиёдтар** дӯст медорад, ӯро ҳимоят ва мудофиа мекунад ва ба ӯ хидмат менамояд ва дар роҳи ӯ аз фидо кардани ҷони худ ҳам бознамеистад. Чунки ӯ ҳамаи чиз, ҳатто ҳастии худро аз Ватани худ ёфтааст...

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Бо андешаҳои нависанда розӣ ҳастед? Чиро илова карданиед? Чаро?
2. **Қарзи шаҳрвандиро** дар чӣ мебинед?
3. Ҷойи задаро дар калимаҳои **Ватан, фарзанд, ҳама** муайян кунед.
4. Калимаҳои ишорашударо бори дигар талаффуз карда, хулосаатонро мухтасар гӯед.

*6. Порчаи манзумро возеҳу равшан хонед ва маънидод кунед. Муайян созед, ки дар он калимаҳои дорои маънои луғавӣ бештар истифода шудаанд ва ё маънои луғавӣ надошта.*

Чу ёбӣ дӯсте, сахташ нигаҳ дор,<br>
Ба сустӣ доманаш аз даст магзор.

Бибояд қарн кардан зиндагонӣ,
Ки сарду гарми касро боздонӣ...
Ба роҳат аз даҳоқин мурғу мӯранд,
Ҳама гар одамию гар сутуранд.
Ба коранду ҳама мардони коранд,
Арақ резанду қути халқ коранд.
**Калиди ризқу қисмат** сахт дар мушт,
Чароғи дилфурӯзӣ дар даҳ ангушт.

*Носири Хусрав*

**Луғат**

**Қарн** – давр, аср
**Сарду гарм** – неку бад
**Даҳоқин** – ҷамъи деҳқон, кишоварз, молики замин
**Сутур** – асп, шутур, хачир, ин ҷо ба маънии ҳайвон

**Савол ва супориш**

1. Кадом байтҳо бароятон писанд омаданд ва чаро? Нависед ва аз ёд кунед.
2. Дар мисраи ҳафтум калимаи **коранд** такрор шудааст, фарқи онҳоро шарҳ диҳед.
3. Дар талаффузи калимаҳои ишорашуда чиро пай бурдед?
4. Бо калимаҳои ишорашуда ҷумлаҳо тартиб диҳед.

*7. Порчаро хонед ва маънои луғавии калимаро аз маънои грамматикӣ фарқ кунед.*

Калимаҳои забон аз рӯйи маънои грамматикӣ ва луғавиашон ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд. Масалан, калимаи **дарахт** номи нисбат ба навъҳои дарахт умумигардида мебошад, маънои луғавӣ дорад, калимаи тоҷикист ва серистеъмолу дар калимасозӣ сермаҳсул аст. Маънои грамматикии **дарахт** чунин аст: исм, танҳо (ҷамъ ҳам буда метавонад – дарахтон, дарахтҳо), исми ҷинс, моддӣ (конкрет) ва сода мебошад.

*Мардон Муҳаммадиев*

**Савол ва супориш**

1. Маънои луғавӣ ва грамматикии **«китоб»-**ро шарҳ диҳед.
2. Калимаҳои забон ба чанд гурӯҳ ҷудо мешудаанд?
3. Порча ба кадом услуби забон мансуб аст?

| |
|---|
| Калима як ҷузъи муҳимми забон буда, барои номбар кардани ашё, аломат, фаъолият ва миқдори онҳо хидмат мекунад. |

*8. Байтҳоро хонед ва маънидод кунед. Калимаҳои ишорашуда-ро дар забон чӣ меноманд? Байтҳоро нависед.*

Ба пеши сипоҳ андарун пил **шаст,**
Ҷаҳон паст гашта зи пилони маст**.**

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Моҳӣ аз ҳавзае ба **шаст** орӣ.
Моҳро дертар ба даст орӣ.

*Низомии Ганҷавӣ*

Биё ба сайри гулистон, нигар ба боғу бӯстон,
Намуда шохи гул макон **ҳазорҳо, ҳазорҳо.**

*Ҳабиб Юсуфӣ*

| |
|---|
| Луғатшиносӣ (лексикология) як қисми илми забоншиносӣ буда, таркиби луғавии забон ва маънои калимаҳоро меомӯзад. |

*9. Калимаҳои зеринро дар асоси нақшаи намуна аз рӯйи таркиб таҳлил намоед.*

**Намуна:**

| **Асос** | | | |
|---|---|---|---|
| **пешванд** | **реша** | **пасванд** | **бандак** |
| **бо** | **хирад-** | **-и** | **-яш** |

Бетаъхир, ҳамроҳӣ, баргашт, бармаҳал, беситора, барнагаштанд, харобӣ, дуредгарӣ, сарбаландона, нохонда, намеомадааст, гуфтушунид.

## 3. САРФ (МОРФОЛОГИЯ) ВА ҲИССАҲОИ НУТҚ

*1. Ҳикояро бодиққат хонед ва ҳикмати онро шарҳ диҳед. Калимаҳои ҳикояро ба ҳиссаҳои нутқ ҷудо кунед ва нависед.*

Марде аз надимони Нӯшервон дар маҷлис ҷоми зарринн мурассаъ ба ҷавоҳир бидуздид. Ва Нӯшервон бидид, шаробдор талаб кард, наёфт. Овоз дод, ки ё аҳли маҷлис, ҷоми зарринн ба гавҳар ороста гум шуд, як тан аз ин ҷо берун маравед, то боз диҳед. Нӯшервон ӯро гуфт: «Раҳо кун, то бираванд, ки он ки ҷом дуздид, боз надиҳад ва он ки бидид, ғаммозӣ накунад».

Ва ҳар куҷо саховату ҳиммат аст, роҳат он ҷост, валекин мардуми носипоси нокас асли худ пинҳон натавон кард, чунон ки ба ҳикоят омадааст.

*Муҳаммад Ғазолӣ*

**Луғат**

**Мурассаъ** – бо ҷавоҳирот ороиш додашуда
**Ғаммозӣ** – хабаркашӣ

**Савол ва супориш**

1. Кадом пешвандҳои шаклсоз дар матн бештар истифода шудаанд ва онҳо ба феълҳо чӣ тобише додаанд?
2. **Ҷавҳар** дуруст ё **гавҳар?**
3. Дар ифодаи **ба ҳикоят ба** кадом ҳиссаи нутқ аст? Онро бо кадом пешоянд иваз кардан мумкин аст?

*2. Порчаро хонед, исму сифат ва феълҳои онро дар се сутун нависед ва тарзи сохта шуданашонро шарҳ диҳед.*

Падарам дар Соктаре баъд аз фориғ шуданаш аз кори деҳқонӣ ҳамеша ба бофандагӣ машғул шуд. Аз ҳама бештар карбос бофт, ӯ як қисми вайро ба шуштагар дода, шитта кунонда ба худ курта – лозимӣ дӯзонид, дигарашро абра-астари кӯрпаву кӯрпача, болиш, дастархон ва дигар чизҳои даркории хона дӯзонда, ба читгар дода, ранг кунонда гирифт. (Читгарҳо одатан ҳар чизро мувофиқи худаш накш ва ранг

мекарданд. Бинобар ин, аввал дӯхта, баъд аз он ба ранг додан даркор буд.)

Қаламӣ монда, ба мо курта – лозимӣ ва ба худаш, ҳам ба мо яктаҳ дӯзонид. Алоча монда, худаш ва ҳамаамонро бо ҷомаҳои таҳпӯш ва рӯпӯшӣ таъмин кард.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Калимаҳои дигари дар бофандагӣ истифодашавандаро номбар кунед.
2. Феълҳои бевосита ва бавоситаи матнро ёбед ва шарҳ диҳед.
3. **Лозимӣ ё лозима?** Кадоме аз инҳо дуруст?

*3. Порчаро хонед, феъл, феъли ҳол ва сифатҳои феълиашро муайян кунед ва баъд онҳоро нависед. Барои боғайрату кордон шудан боз чӣ кор бояд кард? Дар мавзӯи* **«Одами бекор хор гардад»** *шифоҳӣ байни худ нақл кунед.*

Бобои пир ва қариб барҷомондашуда падарамро дуо ва миннатдорӣ карда гусел намуд ва дар вақти ба роҳ даромадани мо Қурбонниёз тағоям ба падарам гуфт:

– Язнамулло! Ман шумо барин бағайрат шудан мехоҳам.

Агар хоҳӣ, ман баринак не, аз ман зиёдтар бағайрат, коркун ва кордон шуда метавонӣ, ҳама гап дар хостан ва хоҳиши худро ба кор даровардан аст. **Агар танбалон ва танпарварон медонистанд, ки кор чӣ гуна бадани касро сахт мекунад ва дили касро ҳузур медиҳад, ҳеҷ гоҳ дар сояи бекорӣ намехобиданд.**

*Садриддин Айнӣ*

*4. Ҷумлаҳоро нависед ва фразеологизмҳои ишорашударо шарҳ диҳед. Гӯед, ки онҳо дар ҷумлаҳо ба чӣ вазифа омадаанд.*

1. Аз суханони пур аз таҳсин ва ҳайратангез мо ҳамчун одамони мамлакати хеш **курта-курта гӯшт гирифтем** ва **сарамон ба осмон расид.** (М.Т.)

2. Қориишкамба бо шунидани ин пешниҳод **ба пӯсташ намеғунҷид.** (С.А.)

3. Агар аз баъзе таъсирҳои ҷузъии забони ӯзбекӣ **чашм пӯшем,** содатарин ва софтарини лаҳҷаҳои форсӣ забони тоҷикӣ аст. (С.А.)

4. Дар ин миён гург ҳам набуд, маълум аст, ки инҳоро **гургони дупо рабудаанд.** (С.А.)

*5. Ҷумлаҳое тартиб диҳед, ки дар онҳо фразеологизмҳои зер истифода шуда бошанд.*

Дарди сар, арақи ҷабин, ду мағзи як бодом, коҳи кухнаро бод додан, чашм дӯхтан, панҷ панҷааш ҳунар, дилу бедилон, аз худ рафтан.

*6. Ба ҷойи нуқтаҳо фразеологизмҳои мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро хонед ва баъд нависед.*

1. Аз қиёфааш маълум буд, ки ӯ каме шарманда, як андоза.... (С.А.)

2. Падарам аз хурсандӣ.... (С. А.)

3. Ман барои пурра ва пухта дидани рӯйи ӯ ба ӯ.... (С.А.)

4. Акаам ба ин савол ҷавоб ёфта натавониста .... шуд. (С.А.)

5. Баъд аз он ки ман шашмақомхониро ..., маро ҳамроҳи худ ба меҳмониҳо бурдан гирифт. (С.А.)

6. Ман ду моҳи дароз ..., дар ҳавлии Латифҷонмахдум истодам. (С.А.)

(об карда хӯрдан, дандон ба дандон мондан, дар курташ нағунҷидан, суп-сурх шудан, чашм дӯхтан, худро гум кардан).

*7. Матнро возеҳ хонед ва нақши ҳиссачаҳоро дар баён шарҳ диҳед. Ҷумлаҳои ҳиссачадорро нависед.*

Абуалӣ аз назди писарбачаи доруфурӯш мегузарад. Бача ҳанӯз бо садои чирросӣ дод мезад:

– Ана, шарбати дарахти шабшаби мисрӣ! Ана, кирмҳои шифобахш – дарди дандонро макида мегиранд!.

Мана каждумҳои хушконидашуда!.

Абуалӣ аз назди ҷавоҳирфурӯше гузашт, ки хосиятҳои муъҷизавии ҷавоҳироташро бо лофу газоф тавсиф мекард:

– Ана, зумуррад! Агар мор ба ин нигоҳ кунад, чашмаш об шуда мерезад!... Ақиқи яманӣ – давои дарди ҷигар!... Мана, лаъли сиёҳ, ки борон меорад!

Бар болои тахтасуфа зангӯлаи калоне овехта шуда буд, аз таги он андак дуд печида мебаромад ва пойҳои касе, ки ба харак нишастааст, баромада меистоданд. Соҳиби ин «корхона» зарфҳои даҳонмаҳкамидар пешаш будаpo бо чӯбаҳо нағоравор зада, бо овози баланд:

– Ана, ҳавои шаҳри Макка! – мегуфт.

– Бӯй кашед, камари мардро маҳкам, ҳусни занро зиёд мекунад!

Абуалӣ, китоби ғафсе дар бағал, аз байни растаю бозор тез-тез қадам партофта мерафт.

*Сотим Улуғзода*

**Савол ва супориш**

1. Дар ин матн кадом ҳиссача бештар истифода шудааст ва чаро?
2. Дар кадом услуб одатан аз ҳиссачаҳо бештар истифода мекунанд?
3. Ба имлои **зумуррад** диққат диҳед. **Зумрат ё зумуррад?**

*8. Ҳиссачаҳоро аз рӯйи маъно ва вазифа ба хелҳо ҷудо карда шарҳ диҳед.*

Мана, –ку, –дия, э, магар, оё, наход ки, ҳатто, ҳам, на.... на, бале, оре, хуб, не, на, танҳо, фақат.

*9. Ҷумлаҳоро нависед ва ба тарзи сохта шудани калимаҳои тақлидӣ зеҳн монед ва имлояшонро дар хотир нигоҳ доред.*

1. Аз тарафи бозори хиёбон даранг-даранг овози доира омадан гирифт. (С.А.)
2. Шалап-шалап садои пой шунида мешуд. (Ҳ.К.)
3. Зарраҳои вай ялт-ялт ҷило медоданд. (Ф.Н.)
4. Дар берун ҳанӯз шитир-шитир борон меборид.

*10. Калимаҳои тақлидии зеринро истифода бурда, ҷумлаҳо тартиб диҳед ва хусусиятҳои онҳоро маънидод кунед.*

Шар-шар, гулдур-гулдур, ғуввос, шабар-шабар, шилдирос, ширр-ширр, ак-ак, ялт-ялт, милт-милт, лап-лап, чарсос, лаппи, фарри.

| |
|---|
| Сарф (морфология) як қисми илми забон буда, калимаҳоро ҳамчун ҳиссаҳои нутқ меомӯзад. |

## 4. УСЛУБҲОИ НУТҚ

**Дар забони адабии тоҷик якчанд тарзи баён мавҷуд аст, ки онро услубҳои нутқ меноманд. Услубҳои нутқ гуфтугӯйӣ ва китобӣ буда, дар навбати худ услуби китобӣ ба чор навъ: бадеӣ, публитсистӣ, расмии коргузорӣ ва илмӣ ҷудо мешавад. Ҳар як навъи услуби китобӣ махсусиятҳои луғавӣ ва грамматикӣ дорад, ки аз ҳам фарқ мекунанд.**

*1. Порчаро хонед ва гӯед, ки он ба кадом услуб мансуб аст.*

Эргаш акаам ба ман гуфт:

– Ту ба падару модарат савғо намебарӣ?

– Аз ёбони регзор чӣ гуна савғо бурда мешавад? – ман таааҷҷубкунон аз ӯ пурсидам.

Эргаш боз пурсид:

– Ту занбӯруғ хӯрдаӣ?

– Не, нахӯрдаам, агар хӯрда бошам ҳам, дар ёдам на–мондааст?

– Бо таъсири борони дирӯза дар регзор чунон бисёр занбӯруғ рӯйидааст, ки ҷувол-ҷувол чидан мумкин аст. Ман барои хонаи худҳомо як халта чидам. Агар хоҳӣ, барои ту ҳам чида медиҳам.

– Майлаш, – гуфтам ман дар ҷавоби ин таклифи ӯ. Эргаш чӯбдасти подабонии худро ба даст гирифт ва ҳар ду аз хомаи пастаки рег гузаштем, дар хомаи сеюм, ҳар гоҳ ӯ ҷойи дамидагии регро медид, бо нӯги чӯбдасташ он ҷойро мекофт ва аз таги пардаи тунуки рег занбӯруғҳо намудор мешуданд.

Ман ба чидан сар кардам ва қариб доманамро пур карда будам, ки Эргаш ба ман гуфт:

– Доманатро кушо, бинам, ки ту чиҳо чидаӣ?

– Ман кушодам, ӯ ба занбӯруғҳо як нигоҳ карда:

– Ба замин рез! – гуфт. Ман рехтам, ӯ занбӯруғҳои рехташударо ба ду қисм ҷудо кард... Эргаш қисми калон-калони онҳоро, ки хеле кам буданд, ба ман нишон дода:

– Ана, инҳо хӯрдашуданӣ ва бомазаанд, – гуфт ва гарданборикҳоро нишон дода, сухани худро давом кунонид:

– Инҳо талх ва заҳрдоранд, инҳоро хӯрдан мумкин нест.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. **«Хома»** ба кадом маъно омадааст ва боз чӣ маъноҳо дорад?
2. **«Занбӯруғ»-ро** медонед ва дар ҷойи шумо чӣ ном дорад?
3. Шакли дурусту адабии **«худҳомо»** кадом калима аст?
4. Фарқ кардани замбӯруғҳои хӯрданӣ чӣ аҳамият дорад?

*2. Матнро бодиққат хонед ва маънидод кунед. Гӯед, ки ба кадом услуби забон дохил мешавад.*

Модда чизест, ки ҷисмҳо аз он сохта мешаванд (шакл мегиранд). Чунончи, об модда аст, аммо чакраи об ба ҷумлаи ҷисмҳои физикӣ дохил мешавад.

Чумчаи чӯбин ҷисм аст, валекин чӯбero, ки чумча аз як пораи он сохта шудааст, модда ном дорад. Аммо ҳамон чӯб, агар мо онро ба сифати дастак, болор (рав) ё тири ҷувоз истифода карданӣ бошем, бояд ба ҷумлаи ҷисмҳо дохил карда шавад.

Моддаҳо сохтори заррагӣ доранд, яъне аз зарраҳои алоҳида таркиб ёфтаанд. Зарраҳоеро, ки моддаҳо аз он таркиб ёфтаанд, молекула (молекул) меноманд. Молекулаҳо хурдтарин зарраҳоеанд аз ин ё он модда, ки ҳама хосиятҳои кимиёии моддаро инъикос мекунанд.

*Аз китоби «Физика» барои синфи 7*

**Савол ва супориш**

1. Матнро бо матни боло муқоиса кунед ва фарқи онҳоро шарҳ диҳед.
2. Аз чӣ фаҳмидед, ки матн ба услуби илмӣ тааллуқ дорад.
3. Истилоҳоти дар матн бударо муайян кунед ва нависед. Гӯед, ки ба кадом фан тааллуқ дорад.

*3. Порчаро хонед ва ба кадом услуб мансуб будани онро шарҳ диҳед. Истилоҳоти матнро нависед.*

Дар олами набототот аксари навъу хелҳои мавҷуда дар асоси инкишофёбии ҷинсӣ ба вуҷуд омада, пас ба шароитҳои гуногуни зист мутобиқ шудаанд.

Гуногунрангии зоҳиршавии мавҷудоти зиндаро дар ҳама ҷо мушоҳида кардан мумкин аст. Мо чанд мисоли гуногунрангиро аз олами ҳайвонот меорем. Дар оилаи ширхӯрон ҳайвони аз ҳама кӯчактарин кӯршабпарак аст. Дарозии кӯршабпарак се сантиметр ва вазнаш 2 грамм мебошад.

Ҳайвони аз ҳама бузург наҳанги кабуд мебошад. Дарозии наҳанг ба 33 метр, вазнаш ба 190 тонна мерасад. Бачаи навзоди наҳанг 7-8 метр дарозӣ, се тонна вазн дорад. Дар олами парандагон шутурмурғ аз ҳама бештар вазн (156 кило) дорад.

*Аз дастури «Сайри олами занда».*

**Услуби илмӣ** яке аз шохаҳои услуби хаттии забон буда, барои соҳаи илм хидмат мекунад. Дар ин услуб монографияҳо, мақолаҳо, маърӯзаҳо, ахбори илмӣ, тақриз, рефератҳо, китобҳои дарсӣ ва ғайра ба нашр мерасанд. Дар услуби илмӣ ба воситаи далелу рақамҳои фаровон қонуниятҳо илмӣ кашфу маънидод мешаванд. Услуби илмӣ бо хусусиятҳои худ аз дигар навъи услубҳо фарқ мекунад, ки асостаринашон инҳоанд: истифодаи истилоҳоти фаровон, дақиқу мухтасар баён гаштани афкори илмӣ, якмаъноии истилоҳот, орӣ будан аз сермаъноии калима, истифода нашудани маҷозу киноя, муболиға ва вожаҳои эҳсосотӣ, дар ҷумлаҳои хабарӣ танҳо ба шахси сеюм нисбат дода шудани амалу ҳолат. Услуби илмӣ вобаста ба мақсад ба навъҳои

зерин ҷудо мешавад: услуби комилан илмӣ (монография, мақолаҳо рисолаҳою гузоришҳои илмӣ), услуби илмии таълимӣ (китобҳои дарсӣ, дастурҳои илмию методӣ) ва услуби оммафаҳм (очеркҳо ва маводди дигар). Матнҳое, ки оид ба масъалаҳои илмии илмҳои дақиқ (математика, физика, информатика) баҳс мекунанд, аз матнҳои соҳаи ҷомеашиносӣ хеле фарқ доранд. Услуби илмиро вобаста ба соҳаи асосии илм ба навъҳои зерин тақсим кардаанд: услуби илмӣ-техникӣ, илмӣ-табиӣ, услуби илмӣ-ҷамъиятӣ.

*4. Нақшаро пур кунед. Нависед, ки ҳар як услуби зикршуда кадом жанрҳоро фаро мегирад.*

| **Бадеӣ** | **Публитсистӣ** | **Расмии коргузорӣ** | **Илмӣ** |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

*5. Аз китоби «Забони тоҷикӣ»-и синфи 7 бист истилоҳи марбути забонро муайян кунед ва нависед.*

*6. Якчанд саҳифа китоби «Математика»-и худро бихонед, аз он понздаҳ истилоҳи математикиро нависед ва шарҳ диҳед.*

Маҷмӯи ҷумлаҳое, ки аз ҷиҳати маъно ба ҳам алоқаманд буда, тавассути қонуниятҳои грамматикӣ ба ҳам робита доранд, матн ном дорад. Матнҳо аз ҷиҳати ҳаҷм, фарогирии мавзӯъ ва сохт гуногун мешаванд.

Баъзе матнҳо дорои мазмуни тасвирӣ, қисми дигарашон ахборӣ ва гурӯҳи сеюм муҳокимавианд. Матнҳое ҳам ҳастанд, ки дар онҳо ин ҳар се хусусиятро дидан мумкин аст.

Дар як гурӯҳи матнҳо ҷумлаҳо бо роҳи муттасил пайвастшавӣ алоқаманд шудаанд. Дар ин сурат калимаҳои мустақили ҷумлаи аввал дар ҷумлаҳои минбаъда бо ҷонишин ва муродифҳои онҳо иваз карда мешаванд. Масалан: Айнӣ аз ҳуҷраи танг ба кӯчаи торик баромад. Кӯчаҳо хилват буданд. Бо вуҷуди ин, вай рӯй панаҳ мекард, бо эҳтиёт роҳ мерафт, ки мабодо ба нохалафе вохӯрад.... (У. Кӯҳзод)

Дар матнҳои дигар ҷумлаҳои дохили он мустақиланд, вале онҳо бо ҳамдигар мувофиқати мавзӯӣ доранд. Масалан: Зали калони оростаи Институти педагогӣ. Мулоқоти зиёиёни шаҳр бо Айнӣ. Муаллимон, талаба ва толибаҳо, коркунон.... ҷамъ омаданд. Толор ҳамаро намеғунҷонад, як қисми омадагон дар пойгаҳи толор, дар таги дарҳо, дар роҳравҳо рост меистоданд. (С.Улуғзода).

Ғайр аз ин, барои ба ҳамдигар алоқаманд гардидани ҷумлаҳои дохили матн пайвандакҳо, ҳиссачаҳо, калима ва ибораҳои туфайлӣ ва воситаҳои дигар ёрӣ мерасонанд.

Сохта тавонистани матнҳои гуногун ба донистани забон вобаста аст.

*8. Матнро хонда, аломатҳои китобатро дар ҷояшон гузоред ва ба ду сархат ҷудо карда нависед.*

Айём сипарӣ мегардид хомҳо пухтаву сабзҳо хушк мегардиданд усто низ рӯз ба рӯзу моҳ ба моҳ пешаашро такмил медод афзорҳои навбанав сохта, ба дарди рӯзгори мардум дармон мебахшид. Ва бо ин амалаш беш аз пеш ба дили ҳоҷатмандон роҳ ёфта азизу гиромии мардум мегардид, усто Ҷӯрабой бо мурури вақт аз байни мардум мухлисон шогирдон ва пайравони хешро пайдо карда ба чанде аз ҷавонон нозукиҳои касбаш аз ҷумла усули тайёр кардани лахча наългарӣ қадоқгарӣ тарзи обутоб додани филизотро омӯхт ва бо чунин ҳиммати баландаш ҳамчун устои воломақом ва марди соҳибэҳтиром дар хотири шогирдон нақш баст.

*Собир Зикирзода*

**Савол ва супориш**

1. Ҷумлаи аввалро чӣ тавр мефаҳмед?
2. «**Олими беамал – занбӯри беасал**» ба мазмуни матн чӣ робита дорад?
3. **Пешаашро такмил медод,** яъне чӣ? Касбҳое, ки дар матн номбар шудаанд, чӣ аҳамият доранд?

*9. Ба расм диққат дода, номи мувофиқ гузоред ва мазмуни онро хуб мулоҳиза кунед. Иншое нависед, ки мазмуни расмро пурра фаро бигирад.*



## НАҲВ (СИНТАКСИС) ВА АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ
## ИБОРА ВА ҶУМЛА

Калимаҳо аз рӯйи қоидаи муайян ба ҳамдигар алоқаманд шуда, ибора ва ҷумларо ташкил медиҳанд.

Наҳв (синтаксис) яке аз қисмҳои грамматика мебошад, ки таркиби сохтани ибора, ҷумла ва матнро меомӯзад.

Дар нутқи хаттӣ барои дуруст баён кардани фикр аломатҳои гуногуни китобат истифода мешаванд. Маҷмӯи қоидаҳо дар бораи истифодаи аломатҳои китобат пунктуатсия (нишонагузорӣ) ном дорад.

## 5. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ИБОРА. ФАРҚИ ИБОРА АЗ КАЛИМА, ТАРКИБ ВА ҶУМЛА

*1. Ибораҳои зеринро хонед ва калимаҳои асосӣ ва тобеи онҳоро муайян кунед. Бо кадом ҳиссаи нутқ ифода шудани ибораҳоро шарҳ диҳед.*

1) кишти тирамоҳӣ, дарахти тут, ҳалвои собунӣ; 2) хеле калон, сурхи баланд, талхи шифобахш; 3) китоб хондан, барвақт хестан, тозон рафтан.

*2. Калима ва ибораҳоро муқоиса кунед ва гӯед, ки дар кадоме аз онҳо номи ашё (предметҳо) ва амал аниқтар баён шудааст.*

| | |
|---|---|
| **қалам** | қалами сурх, қалами сурхи бародарам |
| **навиштан** | тез навиштан, боэҳтиётона навиштан, бо шавқу завқ навиштан |

| |
|---|
| **Ду ва зиёда калимаҳои мустақил, ки яке ба дигаре тобеъ шуда, нисбат ба калима маънои пурраю мушаххас ва мукаммалтарро ифода мекунанд, ибора ном дорад.** |
| Дар байни ҷузъҳои ибора танҳо алоқаи тобеии маъноӣ ва грамматикӣ мавҷуд аст. Ба тариқи саволгузорӣ муносибати маъноӣ ва грамматикии байни ҷузъҳои ибораро муайян кардан мумкин аст. Ҷузъи тобеъ ҳамеша ҷузъи асосиро шарҳ медиҳад ва мукаммал мекунад: мурғи хонагӣ, ниҳол шинондан. Ибора дар баробари ашё (предмет) ягон хусусияти онро номбар мекунад, вале муайянтару равшантар. Муқоиса кунед: ҳаво – ҳавои соф; синф – синфи ҳаштум; шинондан – ниҳол шинондан. |

*3. Ибораҳое тартиб диҳед ва нависед, ки калимаҳои зерин асосӣ бошанд.*

Гул, хона, дӯст, шунидан, омадан, рафтан, ҷавон.

*4. Порчаро хонед ва маънидод кунед. Сипас ибораҳои ишорашударо нависед ва калимаҳои асосиашонро шарҳ диҳед.*

Дусаду панҷоҳ таноб (ҳар таноб ба чоряк гектар) токзори дар пушти завод паҳншударафтаро **алафи ғафсе** пахш карда буд. Токҳо мисли беморон дар зери кӯрпаи сиёҳ, гиёҳи хушки порсола **ёзида мехобиданд.** Тирамоҳи порсол онҳоро дар хок гӯр накарда, ба сармои зимистон вогузошта буданд. Падарам, ҳар гоҳе ки он токзори харобро медид, бо таассуф сар ҷунбонида, «бай-бай» гуфта мемонд: вай деҳқон буд ва **дидани токзори** нобуд шудаистода ё, эҳтимол, аллакай нобудшуда барояш гарон меомад. Вай хам шуда, ягон токро оҳиста аз байни алафҳо мебардошт ва нӯги шохашро шикаста нигоҳ мекард, ки хунук задаст ё не. Агар бинад, ки хунук назадааст, шод мешуд.

– Алаф мадад кардааст,– мегуфт вай. – Алаф токро печонда гирифта, аз хунукӣ нигоҳ доштааст.

*Сотим Улугзода*

**Савол ва супориш**

1. Чаро токро тирамоҳ гӯр мекунанд?
2. Барои чӣ падар афсӯс мехӯрд?
3. Токҳо ҳам нигоҳубин мехоҳанд, чаро?

*5. Мувофиқи нақшаи поён иборахо тартиб диҳед ва нависед.*

| | |
|---|---|
| исм + исм | сифат + исм |
| исм + сифат | шумора + исм |
| исм + шумора | ҷонишин + сифат |
| исм + ҷонишин | зарф + феъл |
| шумора + исм | феъли ҳол + феъл |

**Фарқи ибора аз калима, таркиб ва ҷумла**

*6. Аз калимаҳои ҳар ду сутун ибораҳо созед. Ҳангоми иборасозӣ калимаҳои тобеъро дуруст интихоб намоед.*

| | |
|---|---|
| давлат | ба Ватан |
| садоқат | сафолин |
| коса | нав |
| китоб | соҳибистиқлол |

*7. Хонед ва шарҳ диҳед, ки ибора аз калима чӣ фарқ дорад.*

| | |
|---|---|
| дарахт | дарахти мевадор |
| китоб | китоби дарсӣ |
| рафтан | тез рафтан |
| тирамоҳ | тирамоҳи заррин |

*8. Нақшаро бодиққат аз назар гузаронед. Гӯед, ки ибора аз таркиб чӣ фарқ дорад.*

| **таркиб** | **ибора** |
|---|---|
| аз хона | хонаи дуошёна |
| ба мактаб | мактаби мо |
| кор кардан | аз пагоҳӣ кор кардан |
| даъват шудан | ба ҷашн даъват шудан |
| доду фарёд | доду фарёди бачагон |

*9. Нақшаро бодиққат хонед ва аз ибора чӣ фарқ доштани ҷумларо шарҳ диҳед.*

| **фарқ** | **ибора** | **ҷумла** |
|---|---|---|
| сохти махсус доштан | Мавҷуд будани калимаи асосӣ ва тобеъ: кишти тирамоҳӣ, нағз хондан | Мавҷуд будани асосҳои грамматикӣ: Зайнаб ба боғчаи бачагон рафт. (Р.Ҷ.) |
| аҳамият | Ашёю чиз ва амалро равшантар баён мекунад: китоб – китоби дарсӣ, мактуб – мактуб навиштан | Ахборро баён мекунад: Восеъ аспи худро дӯст медошт. (С.У.) Дар куҷо истиқомат карданӣ ҳастӣ? (С.У.) |
| таъйнот | барои алоқаи калима | воситаи муомилаю муносибат |
| оҳанг (дар нутқи шифоҳӣ) | Дорои оҳанги махсуси талаффуз нест. | Оҳанги махсус дошта, анҷоми кореро ифода мекунад. |
| аломати китобат дар хат (навишт) | Дар навишт аломати китобат талаб намекунад. | Барои баёни фикр ва ҷудо кардани нутқ аломати китобат истифода мешавад. |

*10. Хонед ва аниқ созед, ки кадоме аз ифодаҳо ибора ва кадомӣ фразеологизманд. Сипас ибораҳоро дар сутуни аввал ва фразеологизмҳо (таъбирҳо)-ро дар сутуни дуюм нависед.*

Даст ба бинӣ омадан, сандуқи оҳанин, дасту по гум кардан, ҳаракати оромона, девори намкаш, кабӯтари дубома, меваи хӯрданӣ, калонтарин шаҳр, об карда хӯрдан, муҳаббат ба Ватан, баланд паридан, офтоби лаби бом, давида омадан.

## 6. НАВЪҲОИ АСОСИИ ИБОРА: ИСМӢ, ФЕЪЛӢ ВА ЗАРФӢ

*1. Ибораҳои зеринро хонед ва калимаҳои асосии онҳоро бо тариқи саволгузорӣ муайян кунед. Шарҳ диҳед, ки ибораҳо аз кадом ҳиссаҳои нутқ ташкил ёфтаанд.*

| | | |
|---|---|---|
| либоси тобистона | аз хона баромадан | аз вай поёнтар |
| қатори сеюм | аз касе ранҷидан | биёр барвақт |
| китоби ман | дар ҷавонӣ хондан | хеле оромона |
| хоби барвақт | тобистон омадан | аз даромадгоҳ |
| овозаи баргаштан | нағз шунидан | дуртар |
| нависандаи мактуб | хандакунон омадан | комилан муфт |

*2. Мувофиқи тартиби зерин ибораҳо созед ва нависед.*

| | |
|---|---|
| исм + исм | исм + ҷонишин |
| исм +сифат | зарф + феъл |
| исм + шумора | феъли ҳол+ феъл |

*3. Матнро бодиққат хонед ва гӯед, ки дар чӣ хусус гап меравад. Ибораҳои матнро аниқ созед ва нависед.*

– Мирзоҷон, – ба гап ҳамроҳ шуд Боқӣ Раҳимзода, ки оҳиста мавҷ задани кӯлро тамошо дошт, – Искандари Зулқарнайн то ба ҳамин ҷо ҳам омадааст, ки кӯлро ба номи муборакаи ӯ гузоштаанд?

– Не, Боқиҷон, – гуфтанд устод, – ин ҷо саҳв ҳаст. Шаклан қаробат доштани ду калима ба чунин як саҳв сабаб

шудааст. Суми аспи Искандар ба ин мавзеъ нарасидааст. Номи аслиаш бояд Искандакӯл бошад. Шунидаам, ки калимаи суғдии «искanda» маънии баландро ифода мекунад, яъне Баландкӯл аст. Искандаву Искандари наздикшакл ин гуна як номро ба вуҷуд овардаанд.

– Гапат ҷон дорад, Мирзоҷон.

– Маънидоди устод маънии солиме дорад, – гуфт Ёр – муроди Ғиёс, – ман ҳам аз баъзе касони забондон пурсидам, ҳамин хел мегӯянд.

*Убайд Раҷаб*

**Савол ва супориш**

1. Шумо ҳам аз ягон кас шарҳи калимаеро шунидаед?
2. Донистани таърихи пайдоиши калима чӣ аҳамият дорад?
3. Агар доир ба таърихи калимае маълумот дошта бошед, дар миён гузоред.

Дар ибора кадом ҳиссаи нутқ асосӣ бошад, ибора ҳамон номро мегирад. Масалан, агар калимаи асосии ибора исм бошад, онро ибораи исмӣ, феъл бошад, ибораи феълӣ зарф бошад, ибораи зарфӣ меноманд: **одами доно** ибораи исмист, зеро калимаи асосии он исм (одам) буда, калимаи тобеъ (доно) сифат мебошад.

Ҳамин тавр, ибораҳо аз рӯйи маъно ва вобаста ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доштани калимаҳои асосӣ ба се гурӯҳ: номӣ, феълӣ, зарфӣ ҷудо мешаванд: **ранги сабз, бинои аз ҳама баланд, одами дирӯз омадагӣ, аз шаҳр омадан, ба китобхона рафтан, гирякунон омадан, андаке сусттар** ва ғайра.

*4. Ибораҳоро нависед ва аз рӯйи маъно аниқ созед, ки кадом калима асосӣ ҳисоб мешавад.*

Хонаи калон, муҳаббат ба Ватан, ин масъала; хеле баланд, шер барин нотарс, аз санг вазнин; нағз хондан, ба Хуҷанд рафтан, китоб хондан, аз дарё гузаштан, имрӯз омадагӣ, ба девор такякунон; дар корхона кор кардан, дар дафтар навиштан.

*5. Ба нақша бодиққат нигаред ва сутуни холиро бо ибораҳои сохтаатон пур кунед. Вобаста ба калимаи асосӣ навъи ибораро низ муайян созед.*

| сохтори ибора | мисолҳо | навъи ибора |
|---|---|---|
| **Исм + исм**<br>**Исм + сифат**<br>**Исм +шумора**<br>**Исм + ҷонишин**<br>**Исм + зарф**<br>**Феъл (масдар) + исм**<br>**Феъл + ҷонишин**<br>**Феъл + зарф**<br>**Феъл + феъли ҳол** | | |

*6. Матнро хонед ва гӯед, ки аз он кадом хислатҳои Айниро барои худ кашф кардед. Ибораҳои ишорашударо нависед ва аз рӯйи маъно шарҳ диҳед.*

Дар соатҳои дамгирӣ дар вагон Айнӣ бо мо **суҳбатҳои шавқовар** мекунад. Ҳофизаи устод хазинаи пурганҷест. **Тамошои Бухоро** ва ҷойҳои гуногуне, ки як қисми умри бачагӣ ва ҷавонии Айнӣ дар он ҷойҳо гузаштааст, воқеаҳо ва саргузаштҳои аҷоиберо дар хотири вай зинда мегардонад: вай **китоби хотироташ**ро варақ зада, завқовартарин ё ибратбахштарини он воқеа ва саргузаштҳоро ба ҳикоя кардан медарояд. Монанди қиссаи «Ҳазору як шаб» саргузаштҳои Айнӣ ҳам печ дар печ аст, ки аз ҳар ҳикоя ҳикояҳои дигар сар мезананд. Ҳикояҳо ҳама бо тафсил: бо тасвири макон, шароит, қиёфаи одамон, тарзи гуфтор ва рафтори онҳо нақл карда мешаванд. Баъдҳо мо он ҳикояҳоро дар «Ёддоштҳо»-и устод хонда, мусоҳибаҳои дар тобистони соли 1949 дар вагон кардаамонро ба хотир меовардем...

*Сотим Улугзода*

**Савол ва супориш**

1. **Завқовартарин хотирот**-ро боз чӣ тавр гуфтан мумкин аст?

2. Оё дар суҳбати фозиле ё адибе ширкат доштаед? Чӣ натиҷа бардоштед? Мухтасар нависед.

*7. Дар ҷойҳои лозима аломатҳои китобатро гузошта, матнро нависед. Ибораҳои ду ҷумлаи аввалро муайян сохта маънидод кунед.*

Баъди шунидани суханони усто пардаи роз кушода шуд. Донистам ки ӯ ба Қаратоғ кӯчиданист. Нигоҳи Абдувосит басо маҳзунона буд. Маълум ки вай рафтан намехост. Охир худи ӯ гуфта буд ки барои бозӣ, бахусус аспу харсаворӣ, лику қарибозӣ, зув-зув, тутпухт, рустаконбозӣ ва амсоли инҳо дар деҳа майдон фарохтар аст. Ҳамсолонаш дар Қаратоғ аксар косиббача буда ба бозӣ вақти камтар доранд. На дар ҳамаи хонаҳои он ҷо аспу хар ҳаст.

Аз шунидани каломи усто, пеш аз ҳама, ман ғамгин шудам. Охир ҷӯраи ҳунарманд хушфеълу боодобро аз даст додан осон набуд. Аммо чӣ илоҷ ҳаёт қоидаи худ бозии худ қонуну тақозои худро дорад. Аз ҳамаи инҳо зодгоҳ азизтар аст.

*Собир Зикирзода*

**Савол ва супориш**

1. **«Пардаи роз кушода шуд»-**ро шарҳ дода гӯед, ки онро дар забон чӣ мегӯянд.

2. Кадом бозиҳои миллӣ дар маҳалли шумо мавҷуд аст ва ё аз нав эҳё шудааст? Номи онҳоро нависед.

3. **Ҳаёт қоидаи худ, бозии худро дорад,** яъне чӣ?

4. Чаро зодгоҳ азиз аст? Магар кофист, ки одам фақат маҳалли таваллудро дӯст дорад.

## 7. АЛОҚАИ КАЛИМАҲО ДАР ИБОРА

*1. Ба ибораҳо диққат дода, калимаи асосӣ ва тобеъро аниқ созед. Гӯед, ки калимаҳои тобеъ ба кадом ҳиссаи нутқ мансубанд.*

Лолаи сурх, дашти васеъ, ҳавои хуш, гул барин зебо, мубориза барои сулҳ, хеле оромона, меҳмони ду рӯз пеш рафтагӣ, аз оҳан сохтан, хонданро дӯст доштан.

*2. Ибораҳоро нависед ва муайян кунед, ки калимаҳои ибораҳо чӣ тавр бо ҳам алоқаманд шудаанд.*

Дашти беоб, пухтани меваҳо, омадани баҳор, шиша барин шаффоф, бо ҳамсинфон рафтан, оҳиста гуфтан, дирӯз омадан, тозон омадан.

Дар ибора се роҳи алоқаи калимаҳо мавҷуд аст: изофӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ.

Дар **алоқаи изофӣ** калимаҳои тобеи таркиби ибора ба воситаи бандаки изофӣ (и) алоқаманд мешаванд: **талабаи хушзеҳн, хондани китоб.**

Дар **алоқаи вобастагӣ** калимаҳои тобеъ ба худ пешоянд ва ё пасоянд мегиранд. Дар ин навъи алоқа одатан калимаи асосӣ баъди тобеъшаванда меояд: **оҳу барин чолок, бо қалам навиштан.**

Дар **алоқаи ҳамроҳӣ** робитаи байни калимаҳои таркиби ибора танҳо аз рӯйи маъно ва бо ёрии тартиби калима сурат мегирад. Дар ин навъи алоқа пешоянду пасоянд истифода намешаванд: **оҳиста рафтан, баландтарин қулла.**

*3. Ибораҳоро хонда, роҳҳои алоқаи онҳоро номбар кунед. Гӯед, ки кадом ҳиссаҳои нутқ ба сифати калимаи тобеъ омадаанд?*

Калонтарин шаҳр, ҳафт коргар, чой нӯшидан, ларзида хестан, нақлҳо оид ба Рӯдакӣ, даҳони пиёла барин калон, коре бузург, порчае аз шиша, шоир Рӯдакӣ, калимаи дуруст, мактубро хондан.

*4. Матнро хонед ва моҳияти онро гӯед. Ибораҳои ишорашударо нависед ва ба кадом навъ тааллуқ доштанашонро шарҳ диҳед.*

Ин **танбеҳи падарам** барои ман як танбеҳи **бисёр фоидаманд** шуд, ки дар ҳаётам таъсири калон кард ва маро ба диққаткорӣ тарбия намуд, фаромӯш накардани гапҳо, ҳодисаҳо, чизҳо ва одамҳоро ба ман ёд дод. Ман шеърҳоро ҳарчанд махсусан ёд кунам ҳам, зуд аз ёд мебарорам, ҳатто **шеърҳои худамро** ҳам дар **рӯзи дуюми** гуфта шудани онҳо фаромӯш мекунам. Аммо гапҳо, ҳодисаҳо, хотираҳоеро, ки

ба ман каму беш таъсир карда бошанд, аз ёд набаровардаам. Ҳарчанд дар 10-12 соли охир **қувваи ҳофизаам** хеле суст шуда, гапҳо ва чизҳоро зуд фаромӯш мекардагӣ шуда бошам ҳам, аммо **хотираҳои пештара** қариб ҳамагӣ дар ёдам нақш баста мондаанд. Ин натиҷаи ҳамон танбеҳи падар аст, ки ман дар паси вай ба идмон (тренировка)-и хотира ва ҳофиза машғулӣ намудам.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Оё дар зиндагӣ танбеҳи касе бароятон таъсир кардааст?
2. Барои **идмони хотира** чӣ бояд кард? **Идмон-**ро бо кадом калима иваз кардан мумкин аст?

Маънои ибораҳо ба таркиби онҳо вобаста мебошад. Баъзе аз ибораҳо аз рӯйи маъно ашё (предмет), аломат ва амали онро ифода мекунанд. Масалан, **китоби бадеӣ, дӯсти бовафо, ҳикояи шавқовар** сохтори ягона доранд ва маънои грамматикиашон умумианд: ашё ва аломати онро нишон медиҳанд.

Ибораҳои **рафтани Фаррух, сохтани хона, дубора хондан** ва ғайра ҳам сохтори якхела доранд ва ҳам маънои грамматикиашон ба амалҳо ва ашё ишора мекунанд.

*5. Ибораҳои зеринро хонед ва калимаҳои асосиашро муайян сохта, маънои луғавӣ ва грамматикии онҳоро шарҳ диҳед.*

Талабаи аълохон, калонтарин кӯча, синфи ҳаштум, дидани падар, шабона омадан, шуморо дидан, (меҳмони) аз шаҳр омада, суҳбаткунон рафтан.

## САВОЛҲО БАРОИ ТАКРОР ВА ҶАМЪБАСТ

1. Ибора чист?
2. Ибора аз калима ва таркиб чӣ фарқ дорад?
3. Тафовути ибора аз ҷумла дар чист?
4. Кадом ҳиссаҳои нутқ ҳиссаҳои дигарро ба худ тобеъ мекунанд?
5. Кадом навъи ибораҳоро медонед?

6. Чаро иборахо ба навъҳо ҷудо мешаванд?
7. Дар ибора кадом навъи алоқа вуҷуд дорад?

### Таҳлили наҳвии (синтаксисии) ибора
### Тартиби таҳлил

1. Ибораҳои ҷумларо номбар кардан.
2. Калимаи асосӣ ва тобеъро нишон додан.
3. Навъи алоқаи синтаксисиро муайян сохтан.
4. Воситаи алоқаи иборарo аниқ кардан.

### Намунаи таҳлил:

Насими баҳор зулфҳои Гуландомро парешон мекард.
**Насими** баҳор (изофӣ)
**Зулфҳои** Гуландом (изофӣ)
Алоқаи байни калимаҳои ибора бо бандаки изофии «и» сурат гирифтааст.

## ҶУМЛАИ СОДА

## 8. ҶУМЛАИ СОДА АЗ ҶИҲАТИ МАЪНО, МАҚСАД ВА ОҲАНГ

*1. Матнро хонед ва ҳар кадом ҷумларо аз рӯйи навъ муайян кунед. Дар охири ҷумлаҳо кадом аломатҳо гузошта шудаанд? Чаро?*

Касе саволомез ба Ҳофиз ҳамфикр шуд:
– Чаро инҳо аз моли дунё сер намешуда бошанд?
– Ҳофиз ҷавоб дод:
– Шайх Саъдӣ гуфтааст:

…Чашми танги дунёдорро
Ё қаноат пур кунад, ё хоки гӯр!

Шуҳрати Ҳофиз рӯз ба рӯз меафзуд. Дар ҳама ҷо мардум ғазалҳои Ҳофизро хонда, ҳар мисраи онро мисли ҷавоҳири тобнок дармеёфтанд. Кӯшиши пайдарпай ва омӯхтани ҳамешагӣ ӯро ба ин дараҷа расонида буд...

*Аълохон Афсаҳзод*

Ҷумла як ҷузъи асосии наҳв (синтаксис) мебошад. Ҷумла аз ибора бо он фарқ мекунад, ки дорои асоси грамматикӣ – сараъзоҳои ҷумла ва ё яке аз онҳо мебошад. Мо фикрамонро ба воситаи ҷумлаҳо баён мекунем. Нутқи мо аз ҷумлаҳо иборат аст: **Мо ба боғи мактаб даромадем. Он хеле хушманзара буд. Бӯйи атргулҳои рангоранги атрофи сарҳавзи боғ ба кас ҳаловат мебахшид. Мо хеле тамошо кардем. Баъди ин ҳаваси мо ба гулпарварӣ боз ҳам зиёд шуд.**

Гурӯҳи калимаҳои ба якдигар алоқаманд ва ё калимаи ҷудогонае, ки фикри тамомшударо ифода мекунад, ҷумла номида мешавад.

Дар гуфтугӯ ба охир расидани ҳар як ҷумларо оҳанги талаффуз муқаррар месозад. Ҷумлаҳоро дар навишт аз якдигар аломатҳои китобат ҷудо мекунанд.

Гӯянда вобаста ба мақсади худ метавонад, бо оҳангҳои гуногун фикрашро баён созад. Аз ин рӯ, ҷумлаҳо аз ҷиҳати ифодаи маънову мақсад ҳикоягӣ (хабарӣ), саволӣ ва амрӣ мешаванд. Ғайр аз ин, ҷумлаҳо метавонанд, хитобӣ шаванд, агар эҳсосотеро ифода кунанд. Воситаи асосии ифодаи мақсад ва хитоб оҳанги талаффуз мебошад.

### а) ҷумлаи ҳикоягӣ

*2. Порчаро хонед ва ба оҳанги он диққат диҳед. Гӯед, ки оҳанги хониши ҷумлаҳои ҳикоягӣ чӣ гуна аст?*

Айнӣ фикр карда истода мегӯяд:

– Асарро аввал як бор аз сар то охир навишта баромадан беҳтар аст. Ҳар тавре ки барояд, майлаш. Ана, баъд кори асосӣ сар мешавад: «арра» мекунед, «метарошед», «сӯҳон» мезанед. Ман асарҳоямро камаш ду бор навишта мебароям: як бор аз сар то по менависам, баъд аз он покнавис мекунам. Дар вақти покнавис кардан тасҳеҳот ва тағйироти даркориро медарорам. Дар аснои ин кор саросема нашудан, пухта фикр кардан лозим аст.

*Сотим Улугзода*

**Савол ва супориш**

1. Ба андешаи устод розиед ё на? Чаро?
2. Шумо дар навишт ин таъкидро риоя мекунед?
3. **Покнавис** чӣ аҳамият дорад?

| |
|---|
| Дар ҷумлаи ҳикоягӣ фикр ба таври хабар ё ҳикоя баён мешавад. Гӯянда ба воситаи ҷумлаҳои ҳикоягӣ ҳодисаю воқеаҳоро нақл, фикрро тасдиқ ё инкор мекунад. Оҳанги гуфтор дар аввали ҷумлаҳои хабарӣ баланд буда, дар охир паст мегардад. Оҳанги баланд ба калимае меафтад, ки задаи мантиқӣ қабул кардааст. Дар охири ҷумлаи ҳикоягӣ нуқта гузошта мешавад. |

*3. Матнро хонед, ҷумлаҳои ҳикоягиро аниқ созед ва нависед.*

Офтоби пагоҳӣ ба сари сафедорҳои баланд шилшилаҳои заррин овехт. Нурҳои офтоб ба гирду атроф барқвор паҳн мешуданд ва ҳамаро ҷоннок ва серҳаракат мекарданд.

Нокҳои қоматбаланди сархам гӯё аз чизе шарм дошта бошанд, сурх шуданд. Тумани ширтоби тунук ба анҷом ёфтани умри кӯтоҳи худ бовар ҳосил карда, домони худро аз канор ба миёнҷойи дарё кашид, вале нурҳои шамшервор тези офтоб зуд ба сари ӯ рафта расиданд ва пас аз лаҳзае аз туман осоре боқӣ намонд.

Насими тоза бархост ва буттаву дарахтон аз кокулҳои худ марворидҳои шаффофи шабнамиро афшонда-афшонда, бо ҳамдигар пичирросзанон суҳбат сар карданд, гӯё хобҳои имшабаашонро ба якдигар ҳикоя мекарданд.

*Пӯлод Толис*

**б) ҷумлаи саволӣ**

*4. Ҳикояро возеҳу равшан бо риояи оҳанг хонед. Аз рӯйи ифодаи мақсад ҷумлаҳои саволиро аниқ созед ва нависед.*

Султон Маҳмуд рӯзе дар ғазаб буд. Талҳак хост, ки ӯро аз он маломат берун орад. Гуфт:

– Эй султон, номи падарат чӣ буд?

Султон биранҷид, рӯй бигардонид. Талҳак боз баробар рафт ва ҳамчунин савол кард.

Султон гуфт:

– Мардаки қалтабони саг, ту бо он чӣ кор дорӣ?

Гуфт:

– Номи падарат маълум шуд. Номи падари падарат чун буд?

Султон бихандид.

*Убайди Зоконӣ*

**Луғат**

**Талҳак –** қаҳрамони адабиёти шифоҳӣ, ширинкор

**Маломат** – ранҷиш

**Қалтабон** – нокас, нобакор

Ҷумлае, ки дар он фикр ва мақсади гӯянда ё нависанда ба тариқи пурсиш ва ё савол баён мегардад, ҷумлаи саволӣ ном дорад. Дар ташкили ҷумлаҳои саволӣ оҳанги талаффуз ва калимаҳои саволӣ (ҷонишинҳо, зарфҳо ва ҳиссачаҳои саволӣ) нақши муҳим доранд.

Дар ҷумлаҳои саволӣ баландшавии овоз ба калимаҳои саволӣ, ки ба онҳо зада меафтад, вобаста аст. Дар охири ҷумлаҳои содаи саволӣ аломати савол гузошта мешавад.

*5. Ҷумлаҳоро бо риояти оҳанг хонед ва сипас онҳоро навишта, воситаҳои ифодаи ҷумлаҳои саволиро шарҳ диҳед.*

1. Чаро ӯ ин қадар асабонӣ мешавад? (С.Т.)
2. Хуршед дар мактаб аст?
3. Шумо ҳозир омадед?
4. Оё, шумо ба худи Зебӣ гап задед? (Ф.Н.)
5. Магар ҳамин ҳам кор аст? (П.Т.)
6. Вай ба ту кӣ мешавад? (П.Т.)

*6. Порчаҳоро бо риояи оҳанг хонед ва гӯед, ки дар ташкили ҷумлаҳои саволӣ кадом воситаҳо нақш доранд.*

– Фил, гурусна намемонӣ?

– Ба андаке қаноат дорам.

– Умри дарозат аз чӣ?
– Аз шукронаву оромӣ.
– Аз чӣ ободӣ?
– Аз он ки Ватан дорам.

* * *

– Чист ба нотифоқӣ сабабгор?
– Бухл, кибр, маҳалбозӣ, ёркашӣ, шуҳратҷӯйӣ...
– Чӣ кунем?
– Дер шуд. Ба асри даҳ дар куҷо будӣ?
– Набудам.
– Ҳоло ҳам таваллуд нашудаӣ.
– Чаро?
– Ба ақли камолнаёфта ҳастиву нестӣ яксон аст.

Мусича ба шохае нишаста,
Нодида, ки ҷӯҷаҳо гурусна.

*Абдулвайси Азиз*

Ҷумлаҳои саволӣ одатан дар муколама бештар вомехӯранд, аз ин рӯ, ҳар як саволу ҷавоб бо тире оғоз меёбад:

– Анбори моро ту сӯзондӣ?
– Ман.
– Кӣ инро ба ту фармон дод?
– Ватан. (А.Л.)

**в) ҷумлаи амрӣ**

*7. Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки амр бо кадом феълҳо ифода ёфтааст.*

1. Шумо ҳам бароед, ба молҳо хӯрок диҳед. (С.А.)
2. Бирав, аз хонаи Одина хабар гир! (С.А.)
3. Ака Ӯрун, ба мо ҳамроҳ шавед. (С.А.)
4. Далери ман, сазовори падар бош, Чу шамшери падар соҳибзафар бош! (М.Т.)
5. Ҳозир ба он ҷо баргард. (С.У.)
6. Илтимос, хоҳар, як дақиқа сабр кунед. (Ҳ.К.)

Ҷумлае, ки амру фармон, хоҳишу илтимосро мефаҳмонад, ҷумлаи амрӣ ном дорад. Вобаста ба вазъияти нутқ ҷумлаҳои амрӣ маънои даъват, хоҳиш, илтимос ва маслиҳатро низ ифода менамоянд: Ту, Давлат, дар ҳамин ҷо мон. (Р.Ҷ.) Майлаш, Зайнаб биравад. (Ф.М.)

*8. Порчаро хонед, ҷумлаҳои амриро муайян сохта, маъноҳои онҳоро шарҳ диҳед.*

Вай (Фирӯз) оҳиста ба сӯйи модараш қадам монд ва ӯро аз китфаш оғӯш карда, ба амакаш рӯй овард:

– Равед аз ин ҷо. Равед, амак...

Ӯ ин гапро, чунон ки аз дилаш гузаронида бошад, ниҳоят паст ва оромона гуфт.

– Чӣ?! Ту.. боз ба ман фармон медиҳӣ?!

– Ман ба шумо гуфтам: равед аз ин ҷо! – баногоҳ бехудона дод зад Фирӯз.

Шарофатхола як қад парида, ба остини ӯ часпид.

– Натарсед, оча. – Ҳоло овози Фирӯз боз мулоим шуда буд. – Биёед, хона дароем.

Вай ба амакаш ... эътибор надода, ҳамроҳи модараш ба ҳавлӣ даромаду дарвозаро занҷир кард.

*Саттор Турсун*

### г) ҷумлаҳои хитобӣ

*9. Порча ва байтҳоро хонед, ба оҳанги он диққат кунед. Гӯед, ки кадом мисраъҳо ҳиссиёту ҳаяҷонро ифода мекунанд.*

Эй ситамдидагон, эй асирон,
Вақти озодии мо расид.
Муждагонӣ диҳед, эй фақирон!
Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид.

*С.Айнӣ*

Гул кун ба бахти мо, Ватан,
Мисли гулистону чаман!

*М. Турсунзода*

Бӯйи хуш медамад, баҳор, баҳор,
Зуд биштоб, эй баҳори кор!

*П. Сулаймонӣ*

Ҷумлае, ки ба воситаи он ҳиссиёту ҳаяҷони гуногун (шодмонию даъват, хашму ғазаб, сарзаниш ва монанди инҳо) ифода меёбанд, ҷумлаи хитобӣ ном дорад.

Аз ин сабаб ҷумлаҳои ҳикоягӣ, саволӣ ва амрӣ ҳангоми бо ҳиссиёти баланд ва оҳанги хитобу нидо талаффуз шудан ба ҷумлаи хитобӣ табдил меёбанд.

*10. Порчаҳоро равшану возеҳ хонед. Гӯед, ки ҷумлаҳои саволӣ аз хитобӣ дар талаффуз чӣ фарқ доранд.*

– Офтобо, бартар аз гармои ту ҳаст?
– Оре, гармии забон!
– Оташе муқаддамтар аз неруи ту ҳаст?
– Оре, неруи забон!
– Биёбоно, бузургтар аз паҳнои ту ҳаст?
– Оре, паҳнои забон!

* * *

Ай ҷӯяндагони зебоӣ! Вақтро бар ҳадар мадиҳед: зебоиро танҳо аз вожаву ибороти забони модарӣ метавон дарёфт.

* * *

Ай зоғ, оё тавонӣ, ба забони шевотаре бисаройӣ?
– Зинҳор! Лафзи ман худ басо шевост, зеро забони модари ман аст.

*Абдурауф Муродӣ*

**Савол ва супориш**

1. Андешаи худро оид ба ҳар як порча баён кунед.
2. Ҳикмати порчаи севум дар чист? Хулосаатонро мухтасар нависед.

*11. Хонед ва тақлидан ба ҷумлаҳои зерин шиору даъват нависед.*

1. Зиндаю поянда бод Тоҷикистони соҳибистиқлол!
2. Ҳамду сано бод ба зан!
3. Ёдгори Айниву ин кӯҳсорон зинда бод!
   Шеъри Турсунзодаву ин обшорон зинда бод!

*Лоиқ Шералӣ*

Ҷумлаҳо аз ҷиҳати сохт ва вазифа басо рангоранганд. Аз рӯйи иштироки асосҳои грамматикӣ онҳо ба сода ва мураккаб ҷудо мешаванд: Темур Ҳофизро ба нишастан таклиф кард. Замоне ки дар Шероз суруди Ҳофиз ба фалак мепечид, дар Табрез мурғи табъи Камоли Хуҷандӣ низ ба наво даромада буд. (А. Афсаҳзод)

Ҷумлаҳои сода аз рӯйи иштироки асосҳои грамматикӣ ба дутаркиба (дорои ҳар ду сараъзо) ва яктаркиба (дорои яке аз сараъзо) ҷудо мешаванд.

Ҳам ҷумлаҳои содаи дутаркиба ва ҳам яктаркиба аз рӯйи мавҷудияти аъзоҳои пайрав хуллас (аъзои пайрав надорад) ва тафсилӣ (дорои аъзои пайрав) мешаванд: Субҳ медамид (содаи хуллас). Ба зудӣ равшан мегардад (содаи яктаркибаи тафсилӣ).

**Алоқаи калимаҳо дар ҷумла**

Алоқаи калимаҳо дар ҷумла ду хел мешавад: **пайваст ва тобеъ.**

Дар алоқаи пайваст ду ва ё зиёда калимаҳои мустақил, ки ҳар кадом баробарҳуқуқанд, ба ҳамдигар алоқаманд мешаванд. Воситаи алоқаи пайваст **пайвандакҳои пайвасткунанда (ва, -у(-ю), ҳам...ҳам, на...на, чи...чи...) ва оҳанги талаффуз** мебошанд: Закия мехонад ва менависад. Ҷамшеду Аҳдия кор мекунанд.

Дар алоқаи тобеъ калимаю ибораҳо байни якдигар вобаста мебошанд, яъне як ҷузъ асосӣ буда, дигарӣ ба он аз ҷиҳати грамматикӣ тобеъ мешавад. Алоқаи тобеъ дар навбати худ чор хел мешавад: мувофиқат, изофӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ.

1. Дар алоқаи мувофиқат хабар аз рӯйи шахсу шумора ба мубтадо мувофиқат мекунад. Ин навъи алоқа танҳо ба ҷумла хос аст: **Солҳо мегузаштанд. Шуҳрати Ҳофиз оламгир шуд. Ҳатто баъзеҳо сурудҳои Ҳофизро ғалат – ғалат хонда, аз он ба тарзи худ «лаззат» мебурданд. (А.Афсаҳзод)**

2. Дар алоқаи изофӣ як калима ба калимаи дигар ба воситаи бандаки изофӣ (и) тобеъ мешавад: **Ҳавои сарду нами чандрӯза ба ҷисми заифу бемори Наср таъсири бад кард. (Р.Ҷ.)**

3. Дар алоқаи вобастагӣ калимаи тобеъкунанда (хабар) пуркунанда ва ё ҳолро талаб менамояд: **Муҳаммад Солеҳ хабарро зуд ба Абуҷаъфар расонд. (Р.Ҳ.) Рӯдакӣ удро ба даст гирифт. (Р.Ҳ.)**

Дар алоқаи вобастагӣ муносибати амал бо предмет ифода мешавад, амалро калимаи тобеъкунанда, предметро калимаи тобеъшаванда, ки бештар бо пасоянду пешояндҳо меоянд, нишон медиҳад: **Ба муаллим гуфт. Аз муаллим пурсид.**

4. Дар алоқаи ҳамроҳӣ калимаи тобеъшаванда бо тобеъкунанда ҳамроҳ меояд. Воситаи алоқаи ҳамроҳӣ тартиби калима дар ҷумла ва оҳанги талаффуз мебошад: **Суҳбат беробита ва бетартиб тӯл мекашид. (Р.Ҳ.) Ҳавопаймо тез парвоз мекунад.**

*12. Ҷумлаҳоро хонед ва алоқаи байни калимаҳои онҳоро шарҳ диҳед.*

1. Ӯ лампаро ба дасти саройбон дода, дафтарро ба дасти худ гирифт. (С.А.) 2. Дар поён дарёи Панҷ оромона ҳаракат мекунад. (А.Д.) 3. Кӯҳи барфин, оби ширин дорад он, Чашмаву рӯди булӯрин дорад он. (М.Т.) 4. Шумо суҳбатро озодона қоим доред! (С.А.) 5. Вай (С. Айнӣ) китоби хотироташро варақ мезанад. (С.У.) 6. Сахтиҳои рӯзгор Одинаи хурдсолро хеле соҳибтадбир ва таҷрибадор карда буд. (С.А.)

## 9. ТАРТИБИ КАЛИМА ДАР ҶУМЛА. ОҲАНГИ ТАЛАФФУЗИ ҶУМЛАИ СОДА ВА ЗАДАИ МАНТИҚӢ.

*1. Ҷумлаҳоро хонда аниқ созед, ки кадом калимаҳо ҷавоб талаб мекунанд ва ҷойи онҳоро шарҳ диҳед.*

1. Шукрона дар ҳавлии ҳамсоя бо кӣ бозӣ карда гаштааст?
2. Шукрона дар ҳавлии кӣ бо дугонааш бозӣ карда гаштааст?
3. Шукрона дар куҷо бо дугонааш бозӣ карда гаштааст?
4. Кӣ дар ҳавлии ҳамсоя бо дугонааш бозӣ карда гаштааст?

*2. Ҷумлаҳоро, аввалан, хонда муқоиса кунед ва фарқи маънои онҳоро шарҳ диҳед. Сониян, нависед ва ба зери ифодаҳое, ки таъкидро талаб менамоянд, хат кашед.*

1. Ромин ҳар бегоҳ дар соҳили дарё танҳо гардиш мекард.
2. Ромин танҳо дар соҳили дарё ҳар бегоҳ гардиш мекард.
3. Ромин ҳар бегоҳ танҳо дар соҳили дарё гардиш мекард.

**Ҷойи калимаҳо дар забони тоҷикӣ нисбатан устувор аст. Одатан тартиби калимаҳо дар ҷумла чунин мебошад: мубтадо, ҳоли замон, пуркунанда, муайянкунанда, ҳоли макону тарз ва хабар.**

**Дар назм як андоза ҷойи калима озод аст. Вобаста ба мақсаду талаботи гӯянда тартиби калима метавонад, тағйир ёбад.**

**Бо ёрии тартиби калима метавон, тобиши маънои калимаю ибораи дар таркиби ҷумла бударо муайян сохт.**

**Ҳангоми оромона ва ба таври муқаррарӣ сухан кардан ин гуна калимаю ибораҳо дар паҳлуи хабар меоянд.** Масалан, ҷумлаи «Манучеҳр китоб харид» аз «Китобро Манучеҳр харид» фарқ мекунад. Дар ҷумлаи аввалӣ таъкид мегардад, ки Манучеҳр танҳо **китоб** харид, на чизи дигар. Маънои ҷумлаи дуюм ин аст, ки **Манучеҳр** китоб харид, на каси дигар.

*3. Ҷумлаҳоро хонда, бо ҳам муқоиса намоед. Гӯед, ки онҳо аз якдигар чӣ фарқ доранд?*

1. Ин ҷашн аз ҳама бошукӯҳтару хуррамтар дар сайргоҳи беруни шаҳр баргузор мешуд. – Дар сайргоҳи беруни шаҳр ин ҷашн аз ҳама бошукӯҳтару хуррамтар баргузор мешуд.

2. Ҳар дам ҳаёҳу ва ғалоғулаи издиҳоми тамошобинон бонги таблу карнайҳоро пахш мекард. – Бонги таблу карнайҳоро ҳаёҳу ва ғулғулаи издиҳоми тамошобинон ҳар дам пахш мекард.

3. Издиҳоми халқ аз ҳаяҷони қалбӣ дам ба дарун кашид. – Аз ҳаяҷони қалбӣ издиҳоми халқ дам ба дарун кашид.

*4. Матнро возеҳ хонед. Сипас онро нависед ва ба аломатҳои китобати ҳар як ҷумла диққат диҳед. Лавҳае таҳия кунед ва эҳсоти худро ба модар баён намоед.*

Оҳ, модар, модар! Чӣ аҷоиб зоте ҳастӣ ту! Дар дунё насли инсон хушк шуда мерафт, агар меҳру шафқат ва меҳрубониҳои ту намешуд! Ишқу муҳаббат маъно ва мафҳуми худро аз дили ту, аз ҳастии ту гирифтааст. Ишқ – ишқи ту, меҳр – меҳри ту, лутф лутфи туст. Дигар ҳама чиз хазон дорад, фано дорад, илло муҳаббати ту! Ту асрори ниҳонии дили фарзандонатро бе гапу ҳарф мефаҳмӣ, зеро ки онҳоро дар мағзи ҷонат парварида ба дунё овардаӣ! Дили онҳо тапиданро аз дили ту омӯхтааааст; хуни онҳо ба рагҳо давиданро аз хуни ту омӯхтааст; эҳсосот, фаҳмиш ва идрокро ба онҳо ту додаӣ.

*Ҷалол Икромӣ*

*5. Ба саволҳо ҷавоби пурра навишта, зери калимаҳои зарурӣ хатти рост кашед.*

1. Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурии мо кай ҷашн гирифта мешавад?
2. Шумо хусусиятҳои моддаҳоро аз кадом фан меомӯзед?
3. Иброҳим дирӯз бо бародараш ба куҷо рафта буд?

4. Ба озмуни хотимавии мактаббачагон киҳоро мефиристанд?

*6. Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумла хат кашед. Гӯед, ки ҷойивазкунии калимаҳо ба маънои ҷумлаҳо чӣ таъсире расонид.*

Вазифаи мо – хондан. Хондан – вазифаи мо.
Бародарам – донишҷӯ. Донишҷӯ – бародарам.

*7. Ин ҷумлаҳоро бо риояи оҳанг хонед ва муқоиса кунед. Хулосаатонро гӯед.*

1. Ин китобро хондӣ. Ин китобро хондӣ! Ин китобро хондӣ?

2. Дар мактаби мо имрӯз вохӯрӣ бо адибон доир мегардад. Дар мактаби мо имрӯз вохӯрӣ бо адибон доир мегардад! Дар мактаби мо имрӯз вохӯрӣ бо адибон доир мегардад?

Пасту баланд шудани суръати овозро дар нутқи шифоҳӣ оҳанги талаффуз мегӯянд. Задаи маъноию мантиқӣ, ист, пасту баландшавии овоз ва суръати нутқ унсурҳои оҳанги талаффуз ҳисоб меёбанд. Оҳанги талаффуз маънои ҷумларо аниқтар месозад. Гӯянда бо ёрии оҳанг муносибати худро баён мекунад.

Ҷумлаҳоро мувофиқи шарҳашон бихонед:

Меравӣ! (бо хушҳолӣ). Меравӣ (бо қаҳру ғазаб).

Меравӣ? (бо тааҷҷуб). Меравӣ? (бо шубҳа).

Ҷумлаҳои зеринро тавре хонед, ки маъноҳояшон дигар шаванд.

1. Сохтмони мактабҳои нав тамом шуд.

2. Бародари ман кор мекунад ва дар донишгоҳ таҳсил менамояд.

*8. Ҷумлаҳоро хонед ва ба талаффузи калимаҳои ишорашуда диққат диҳед. Аз ҷиҳати тобиши маъно ҷумлаҳо фарқ мекунанд ё не?*

**Мо** аз саҳро дирӯз омадем.
Мо аз **саҳро** дирӯз омадем.

Мо аз саҳро **дирӯз** омадем.
Мо аз саҳро дирӯз **омадем.**

Дар ҷумла ягон ҷиҳати муҳимми фикр на танҳо ба воситаи тартиби калима, балки ба воситаи задаи мантиқӣ низ таъкид меёбад. Дар ин ҳолат ба ҷойивазкунии калимаҳо зарурате намемонад, фақат калимаю ибораи лозима шиддатноктар талаффуз карда мешаванд.

*9. Ҷумлаҳоро чунон хонед, ки задаи мантиқӣ ба калимаҳои ишорашуда афтад.*

1. **Закия** мақолаҳоро таҳрир кард. Закия **мақолаҳоро** таҳрир кард. Закия мақолаҳоро **таҳрир кард.**
2. **Фаршед** ба рӯзнома обуна шуд. Фаршед **ба рӯзнома** обуна шуд. Фаршед ба рӯзнома **обуна шуд.**

*10. Ҷавоби ҷумлаҳоро ёбед ва нависед.*

1. Заҳро фардо ба осорхона меравад ё каси дигар?
2. Заҳро фардо ба осорхона меравад ё ягон рӯзи дигар?
3. Заҳро фардо ба осорхона меравад ё ягон ҷойи дигар?
4. Заҳро фардо ба осорхона меравад ё намеравад?

*11. Ба саволҳо тавре ҷавоб диҳед, ки ҷумлаҳо ҷавоби онҳо бошанд.*

**Имрӯз** дар мактаб озмун доир мегардад.
Имрӯз **дар мактаб** озмун доир мегардад.
Имрӯз дар мактаб **озмун** доир мегардад.
Имрӯз дар мактаб озмун **доир мегардад.**

Задаи мантиқӣ метавонад, дар тамоми калимаҳое афтад, ки ҳадафи асосиро баён мекунанд. Он ба нутқ ифоданокии махсус мебахшад. Задаи мантиқӣ бештар дар нутқи гуфтугӯию публитсистӣ ва ҳангоми баланд хондани матнҳои бадеӣ истифода мешавад.

## 10. ИМЛОИ САНҶИШ

### Оби тоза

Ибни Сино ба истеъмоли оби тоза таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, чунин меҳисобад, ки бисёр бемориҳо, бахусус бемориҳои сирояткунанда, ба воситаи оби нӯшокӣ паҳн мешаванд. Барои аз ғашҳои механикӣ тозакунӣ ӯ истифодаи полоишро бо зарфҳои гилии сӯрохдор пешниҳод мекунад. Усули бо тақтир тозакунии обро Ибни Сино усули мукаммал меҳисобид. Яке аз усулҳои тозакунии об мувофиқи ақидаи Ибни Сино чунин аст: Аз пашм ресмон тайёр карда, як нӯги онро ба зарфи аз об пур ва нӯги дигарашро ба зарфи холӣ мегузоранд. Дар натиҷа об ба зарфи холӣ мечакад. Ин яке аз навъҳои беҳтарини полоиши об ба ҳисоб меравад, бахусус, агар он якчанд маротиба такрор карда шавад. Эҳтимол, дар ин маврид ба шарофати тарангкашии сатҳии худ об аз сӯрохиҳои ресмон гузашта, ғашҳои механикиро дар якҷоягӣ бо заррaҳои гилӣ дар ҷисми ресмон боқӣ гузорад.

*Аз китоби «Об – муъҷизаи табиат»*

## 11-12. КОР БО МАТНИ ЛУТФИ ЛАТИФ

*1. Матнро бодиққат хонед ва гӯед, ки аз он чӣ натиҷа бардоштед.*

Агар шарҳи фарҳангномаҳоро бубинем, ба назар чунин мерасад, ки дар шарҳи онҳо махсусияти лутфи латиф ба эътибор гирифта нашудааст. Чун намуна шарҳи чанд фарҳангномаро дар зер меорем:

Г. А. Восканян дар «Фарҳанги русӣ ба форсӣ» (М. ,1986) вожаи **«комплимент»**-ро чунин тавзеҳ додааст: «Комплимент – хушомад, таоруф ва ба касе хушомад гуфтан» (саҳ.229). Дар «Луғати русӣ – тоҷикӣ» (М. 1985), ки зери таҳрири М. С. Осимӣ нашр шудааст, вожаи **«комплимент»** чунин маънидод гаштааст: «Комплимент – хушомад, таъриф, тавсиф, таъриф (хушомадгӯӣ) кардан» (саҳ.408). «Фарҳанги русӣ ба форсӣ» (М., 1965) , ки дар таҳрири А. Асадуллоев ва Л. С. Пейсикова

ба табъ расидааст, вожаи **«комплимент»**-ро чунин тавзеҳ додааст: «Комплимент – хушомадгӯӣ, таъриф, таоруф, говорить комплименты – хушомад гуфтан, таъриф (таоруф) кардан» (саҳ.338). Дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» (Душанбе, 2010) калимаи **«хушомад»** чунин маънидод гаштааст: «Хушомад – лесть, заискивание; подхалимство; хушомад гуфтан **(кардан, задан)** льстит, заискивать; подхалимнивать» (саҳ. 668). Дар ҳамин фарҳанг калимаи **«таъриф»** чунин тавзеҳ шудааст: Таъриф -1. описание, характеристика; определение; дефиниция; ~и калима лингв. определение слова. 2. хвала, похлава, восхваление; -кардан хвалить, восхвалять; б) описывать, определять» (саҳ. 599). Калимаи **«таоруф»** ин тавр шарҳ ёфтааст: «Таоруф – оказывание почёта и уважение гостью. 2. соблюдение церемоний, условностей; 3. правило, обычай» (саҳ.583).

Ифодаи лутф кардан, лутф доштан, лутфомез сухан гуфтан ва бисёр таъриф кардан дар адабиёти шифоҳӣ ва хаттии мардуми мо маъмул аст. Намунаҳои бомаҳорат гуфтаю навиштаи адибони тоҷику форс ( Убайди Зоконӣ, Муҳаммад Авфӣ, Ҷомӣ, Навоӣ, Восифӣ ва дигарон) ин гуфтаи моро тасдиқ мекунанд. Ин ифодаро метавон муодили вожаи «комплимент»-и русӣ (лотинӣ) ҳисобид. Дар байни аҳли адаб ин ифода ҳар хел маънидод мегардад: Аз ин рӯ, гурӯҳе вожаи русии «комплимент»-ро **хушгӯӣ,** гурӯҳи дигар **илтифот** ва гурӯҳи севум **таоруф** маънидод мекунад. Ба назар чунин мерасад, ки ифодаи «**лутфи латиф»** беҳтар аст, зеро он фарогири матлаб мебошад.

«Лутф» дар фарҳангҳо чунин шарҳ ёфтааст: нармӣ ва тозагӣ («Ғиёс-ул-луғот» (Душанбе, 1988,ч. 2, саҳ.210); нармӣ ва нозукӣ дар кору кирдор; ва ҳадя ва меҳрубонӣ кардан; ёрӣ кардан; ва нигаҳбонӣ ва ҳимоят кардан («Мунтахаб-ул-луғот», Душанбе, 2003, саҳ.464), нармӣ, меҳрубонӣ, накуӣ, алтоф – ҷамъ («Фарҳанги форсии Амид» (Теҳрон, 2535, саҳ.892), нармӣ намудан, меҳрубонӣ кардан; нармӣ, рифқ, мадоро, меҳрубонӣ; хушрафторӣ; некуӣ, некукорӣ; карам, базл, бахшиш; хусусияте аз ҷамол, дақиқае аз зебоӣ («Фарҳанги форсии Муин», Теҳрон, 1375, ҷ.3. саҳ.3589).

Лутфи латиф он аст, ки бисёр нозук буда, дар он қадру қимат ё эътибори инсон аз будаш зиёд карда, нишон дода мешавад. Лутфи латиф аз хушомадгӯию писханду тамасхур орӣ буда, дар он танҳо муболиға ба назар мерасад, вале дар лутфи муқаррарӣ баъзан ҳадаф духӯра – бо тамасхуру танз ифода меёбад. Муқоиса кунед: Ин ранг бароят бисёр мувофиқ (лутф) «Ту аз ҳама зеботар» (ин хушомад буда, дағалу дурушт аст, он аксар писанд ва қабул намегардад). Дуруст аст, ки одамоне ҳастанд, ки хушомаду тамаллуқро дӯст медоранд. Дар ҳар сурат, аксари одамон ба хушомад нафрат доранд.

Баъзеҳо ба моҳияти лутф дуруст сарфаҳм намераванд ва онро таъриф мепиндоранд ва мегӯянд: «Э, биё, мон ҳамон гапҳоятро». Дуруст аст, ки лутфгӯйи ҳам мавқеи худро дорад. Дар сурати бемавқеъ истифода бурдани лутф, он сабаби ранҷиши мусоҳиб шуданаш аз эҳтимол дур нест.

Лутфу лутфи латиф ва таъриф як чиз нестанд. Воқеан, таъриф баҳои мусбат аст ва одатан он аз тарафи калонсолон гуфта мешавад. Лутфро ҳам калонсолон ва ҳам дар синну сол хурдон низ истифода мебаранд.

Шояд беҳтарин лутф он бошад, ки ноомаду ноуҳдабароии худро зикр карда, ҳамзамон, дигареро таъриф кунӣ. Масалан, ду роҳбари муассиса бо ҳам вомехӯранд. Яке ба дигарӣ мегӯяд: « Чӣ тавр ту дар як он тавонистӣ, ки калонро, яъне роҳбари аслиро ба гап дарорӣ. Ман дирӯз қариб ду соат бо ӯ суҳбат доштам, вале розӣ карда натавонистам. Агар ту мешудӣ, дар панҷ дақиқа масъаларо ҳал мекардӣ?».

Лутфи латиф ҳам асос дорад. Қабули лутф ҳам лаҳзаи мувофиқ ва вақти муайян дорад. Агар лутф бемавқеъ ва беҷо гуфта шавад, баъзан боиси ранҷиши ҳамкору мусоҳиб мегардад. Масалан, ҳамкор, дӯсти қадрдон ва ё мусоҳиби шумо тамоми шаб ба иллати дарди дандон ё ҳодисаи дигаре нахобида ва чашмҳо сурху рангу рӯ парида вомехӯраду шумо ба афту андом, яъне ҳолати зоҳирии ӯ таваҷҷуҳе накарда мегӯед. «Имрӯз бисёр ҷавон ба назар мерасед». Худ қазоват бикунед ва худро ба ҷойи ӯ тасаввур намоед.

Чӣ лутфгӯйии бемавқеъ! Аслан, мақоле ҳаст, ки чунин садо медиҳад: «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад».

Истифодаи лутфи латиф ҳам вақту лаҳзаи муносиб дорад. Агар лутф бамавқеъ ва баҷо гуфта шавад, басо фораму хушҳолкунанда аст. Мусоҳиб аз лутфҳои муносибу мувофиқ ва бамавқеъ курта-курта гӯшт мегирад, эҳсоси шавқу завқ ва фараҳу шодмонӣ ӯро фаро мегирад. Ва шояд чандвақтина ғаму андуҳаш тавассути шунидани лутф аз дил ва ҷисму ҷонаш барояд. Ӯ дар ҳамин лаҳза худро хеле сабуку болидарӯҳ эҳсос мекунад. Агар ба чеҳрааш дурусттар нигаред, пай мебаред, ки шодмоние, шавқу завқи болидахотирӣ дар ҷисму ҷонаш ҳувайдост.

Лутфи латифи ҳақиқию воқеӣ бояд чунин бошад, яъне дар он таҳқиру танз ва ҳаҷву писханд набояд роҳ ёбад. Чунон ки дар оғози матн хондед, лутфи латифи воқеӣ ҳамеша муҳтавои мусбат дошта, мусоҳибро бояд рӯҳбаланду болидахотир созад.

Ёдовар шудан лозим аст, ки лутф бештар хоси нутқи гуфтугӯйист ва он бо мурури замон дар адабиёти пешину имрӯз мақоми барҷаста пайдо кардааст. Дар зер чанд лутф чун намуна меорем, ки ба масъалаҳои гуногун бахшида шудаанд.

*Саидамир Аминов*

*2. Матнро хонед ва шарҳ диҳед. Гӯед, ки ба муҳтавои матн розиед? Чаро? Ҳодиса воқеист?*

Дугонаҳо ё ҳамкорон чанде бо ҳам вонахӯрда буданд. Тасодуфан дар кӯча ё чорабиние бо ҳам вохӯрданд. Он зани шинос дар даст тифле дошт. Баъди салому алейк ҳамкорон ба ӯ гуфтанд: «Аҷаб кӯдаки зебост. Табиист, ки аз зани зебо тифли хушрӯ ба дунё меояд» Дар ин асно модар чунон қаноатманд мегардад, ки онро дар симои модар баръало эҳсос мекунед. Аз хушҳолӣ чеҳраи модар сурх гашта, як шодмоние ӯро фаро мегирад.

Возеҳ аст, ки падару модар ин лутфи латифро ба худ қабул мекунанд ва хушҳол мегарданд.

*3. Порчаро бодиққат хонед, гӯед, ки онро лутф ҳисобидан мумкин аст? Чаро? Дар матн дар бораи чӣ сухан меравад? Ҳадафро дарк кардед? Шарҳ диҳед? Матнро нависед ва ба аломатҳои китобати он диққат диҳед.*

Шакурӣ. Баҳ, Баҳ! Ҳой Орифӣ, шеърбофиро бигузору ин аҷоиботро тамошо кун. Ин паланг ҳамин дам аз сафҳаи китоб ҷаста, ману туро медарад! (Ба Маҷ.) Кадом наққоши Чин!

Маҷ. Наққош нагӯед. Монии дувум гӯед!...

*Сотим Улугзода*

*4. Матнро бодиққат хонед ва гӯед, ки аз порчаи боло чӣ фарқ дорад. Инро чӣ мегӯянд? Латифа ё лутф? Пас муайян кунед, ки латифа аз лутф (ё лутф аз латифа чӣ фарқ дорад).*

Боре Шоҳқосим ба хиргоҳ омад. Мавлоно Муҳаммад ба иззати тамом дастор бар сар ниҳода, бар пой хост. Чун бинишастанд, Шоҳқосими Нурбахш ба сақфи хиргоҳ нигоҳе карда гуфт:

– Чӣ нағз хиргоҳе буда.

Мавлоно Муҳаммад гуфт:

– Пеш аз омадани мулозимон хиргоҳ (манзил ё хайма) буд, чун шумо ташриф овардед, харгоҳ шуд.

*Зайниддин Восифӣ*

*5. Порчаро хонед ва шарҳ диҳед. Гӯед, ки ба кадом мавзӯъ бахшида шудааст.*

Бештари лутфҳои латиф бо назардошти зоҳири инсон, махсусан занон, гуфта мешаванд. (дар ҳаққи мардон ҳам кам нестанд).

Масалан, ҳангоми вохӯрӣ баъд аз ҷудоии дуру дароз, одамон ба якдигар рӯ ба рӯ гарданд, чунин лутфи латиф мегӯянд:. «Бовар кунед, ки дар ин муддат шумо аслан тағйир наёфтаед. Чи тавре ки бист сол пеш дида будам, ҳамон тавред. Вақту замон ғами шуморо мехӯрад. Шумо ҷавонтар гаштаед. Боду ҳавои он ҷо бароятон мувофиқ омадааст».

*6. Порчаи зеринро хонед ва шарҳ диҳед.*

Шумо инро чӣ тавр мефаҳмед? Ба ин андеша розиед ё на? Дар муассисаҳои мо чӣ гуна аст? Хулосаатонро бо чанд ҷумла хаттӣ нависед.

Дар ширкатҳои Ҷопон амали ошкоро танқид кардани корманд вуҷуд надоштааст. Ҷопониҳо чунин меҳисобидаанд, ки танқид фаъолияти меҳнатии инсонро паст мекунад ва ин амал барои ширкат фоидаовар нахоҳад буд. Шахс ё корманд ба корхона бояд бо табъи болида (на бо гардани баста, яъне аз рӯйи маҷбурият) ворид гардад ва аз он хушҳол пас аз анҷоми рӯзи кор хориҷ шавад. Таҳдиду сиёсату рафтори дурушт ва ҷазо инсонро ноорому асабӣ мегардонад ва натиҷаи дилхоҳ намедиҳад.

Ҷопониҳо чунин меҳисобанд, ки ифтихормандонаю сарбаландона ба коргоҳ дохил шуда, аз он берун рафтан ҳавасмандию рӯҳбаландии кормандонро меафзояд.

*7. Порчае аз матни мактуби дугонаи Зайнаб навиштаро бодиққат хонед. Дарёбед, ки гап дар бораи чӣ меравад. Магар инро лутфи латиф гуфтан мумкин аст? Ин суханон барои зиндагии осудаҳолонаю бошарафона чӣ таконе медиҳад? Хулосаатонро мухтасар нависед.*

Офарин, офарин, дӯсти аҷоибам Зайнаб. Росташро гӯям, пас аз он ки шумо Ҷӯрабекро гирифта бурдед, ман як қадар дар андеша монда будам, аз зиндагии ояндаи шумо хавотир мекашидам. Акнун фаҳмидам, ки хавотир кашидани ман беҷо будааст, ман осуда шудам, шодӣ кардам.

Аз таҳти дил ба ҳаёти шумо ва Ҷӯрабек рахшонӣ, ба корҳоятон муваффақият металабам.

*Сотим Улугзода*

*8. Порчаҳоро аввал хонед ва баъд нависед. Ҳангоми навиштан ба аломатҳои китобат зеҳн монед. Оё ин порчаҳоро лутфи латиф ҳисобидан мумкин аст?*

1. Пашков. Аҳсант! Ростӣ, оғои Абдусалом, шумо хуб овоз мехонед.

Абдусалом. Намеарзад, устод. Мо имрӯз беандоза хушбахтем, ки дар кулбаи фақиронаамон ба қабули чунин меҳмони олиқадр мушарраф шудем.

2. Пашков. Баҳ, баҳ, Аҳсанат! Шуарои шумо барои ҳамаи мавридҳо басо ашъори неку гуфтаанд.

*Сотим Улугзода*

*9. Ба саволҳо ҷавоб диҳед.*

1. Ифодаи лутфи латифро чӣ тавр мефаҳмед?
2. Лутфи латиф аз латифа чӣ фарқ дорад?
3. Лутф тамасхур, сарзаниш ва таҳқиру танқидро фаро мегирад ё не?
4. Аслан лутфи латиф хоси кадом услуби забон аст?
5. Лутфи латиф дар адабиёти бадеӣ мақоми бештар дорад ё дар услуби гуфтугӯйӣ?
6. Лутфи латиф бо таъриф ва тамаллуқу хушомад чӣ муносибат дорад?
7. Лутфи латиф асосан кадом мавзӯъҳоро фаро мегирад? Шарҳ диҳед.
8. Чанд лутфи латиф таҳия кунед. Ҳангоми таҳия кардан ба он диққат диҳед, ки муҳтавои он фарогири назокати сухан бошад.
9. Лутфҳои таҳиякардаро ба муҳокимаи ҳамсинфон гузоред!

## ҶУМЛАИ СОДАИ ДУТАРКИБА. САРАЪЗОҲОИ ҶУМЛА

### 13. МУБТАДО ВА ИФОДА ШУДАНИ ОН

*1. Матнро хонед ва ҷумлаҳои дутаркибаи онро нависед. Аз чӣ фаҳмидед, ки ҷумлаҳо дутаркибаанд.*

Падарам оҳиста – оҳиста ҳаракат мекард. Инак, вай ба миёнаи дарё расид. Мавҷҳои оби тез ӯро гирифта бурданӣ мешуданд. Ӯ якпаҳлу шуда, худро нигоҳ медошт. Бо пояш таги дарёро санҷида-санҷида, бо эҳтиёт қадам мениҳод.

Гоҳе қарор мегирифт ва баъд аз он боз оҳиста-оҳиста ба ҳаракат медаромад. Ман дар лаби дарё аз вай чашм наканда меистодам.

*Сотим Улугзода*

*2. Хонед, мубтадо ва хабар – асосҳои грамматикии ҷумлаҳоро муайян кунед. Ба ҳар як аъзои ҷумла, ки тафсил меёбад, савол гузоред.*

1. Баҳор омад. Баҳор барвақт омад. Имсол баҳор барвақт омад. Имсол дар Тоҷикистон баҳор барвақт омад.

2. Фаррух тамошо мекард. Фаррух бозиро тамошо мекард. Фаррух бозии Роминро тамошо мекард. Фаррух бозии Роминро аз тиреза тамошо мекард.

*3. Матнро хонед ва ҷумлаҳои содаи дутаркибаи онро ёбед ва шарҳ диҳед.*

Роҳ бо як маром боло мерафт. Торафт ҳаво сардтар мешуд. Осмону замин софу беғубор мегашт. Аз бари обшорони кӯҳсори Шаҳристон, аз паҳлуи арчазорҳои фарох на ҳар кас бепарво мегузарад. Даврон ҳам бо баҳонаҳои гуногун як-ду бор мошинро аз роҳ бароварда боздошту шитобон аз кабина берун баромад. Ӯ саросема ба манзараҳои атроф чашм меандохт ва ба арчазорон ҳарисона менигарист. Баъд дар оби софи рӯд дасту рӯй шуст.

Даврон ҳар бор ба ҳамин минвол ин обу заминро нигариста сер намешуд. Вай ҳар бор аз ин гӯшаи сокиту хаёлангез ба осонӣ дил канда наметавонист. Дар васфи ин кӯҳсори боҳашамат, обшору арчазори он шеъре ё суруде хондан мехост.

*Баҳром Фирӯз*

**Савол ва супориш**

1. **Чашм андохтан**-ро шарҳ диҳед ва гӯед, ки кадом ифодаҳо онро иваз мекунанд. Шумо чунин ифодаҳоро истифода мекунед? Чаро?

2. **Сер намешуд,** яъне чӣ?

3. Ба имлои калимаҳои **сардтар, рӯҳ** зеҳн монда шарҳ диҳед.
4. **Сокит** аз **соқит** чӣ фарқ дорад? Ҷумлаҳо тартиб диҳед.
5. Мухтасар, яъне бо се-чор ҷумла манзараеро тасвир кунед.

Мубтадо сараъзои ҷумлаест, ки амал, ҳолат ва аломати дар ҷумла ифодаёфта ба он тааллуқ дорад. Маънои луғавии мубтадо оғоз, ибтидо ва аввал аст. Мубтадо асосан бо исму ҷонишин ва масдар ифода меёбад. Агар калимаҳои мафҳуми шахсдошта ба вазифаи мубтадо омада бошанд, мубтадо ба саволи кӣ? (киҳо?), дар дигар ҳолатҳо ба саволи чӣ? (чиҳо?) ҷавоб мешавад.

Масалан: **Турсунзода** бо мӯйсафедон вохӯрӣ кард. **Мо** аз паси устод қадам мезадем. **Субҳ** чашм мекушод. (У.Р.) **Надонистан** айб нест, **нахондан** айб аст. (Зарб.)

**Ҳиссаҳои дигари нутқ агар ба исм гузаранд, он гоҳ ба вазифаи мубтадо меоянд.** Масалан: **Нодон** айб мекунад, **доно** худаш мефаҳмад. (С.У.) **Чил** камоли шаст, шаст заволи шаст. (Ҳикмат) **Пагоҳ** аз имрӯз беҳтар хоҳад шуд.

*4. Матнро возеҳ хонед ва муайян кунед, ки кадом исмҳо ба вазифаи мубтадо омадаанд.*

Офтоб аз паси лахта-лахта абрҳои сафед гоҳ рух менамуду гоҳ пинҳон мешуд. Ҳавои баҳор на гарму на сард, боди наҳиф арақи ҷабинҳоро лесида хушк мекард. Роҳи мумфарш аз миёни киштзорон мегузашт. Ҷӯйбори хушки ду тарафи роҳро буттаҳои тути хасакӣ таворасон пӯшида буданд. Ғӯза аз миёни кулӯх ҳоло сар бардошта, акнун себаргаву чорбарга шуда буд. Дар киштзори самти чапи роҳ занону духтарон ғӯзаро каланд мекарданд, дар замини самти чап ду трактор ба кишт нурии маъдан рехта, ҷӯя мекашид.

*Баҳром Фирӯз*

**Луғат**

**Наҳиф** – суст
**Таворасон** – мисли чапарак, девори аз шоххо кашидашуда

*5. Матнро бодиққат хонед, ҷумлаҳои содаи онро аниқ сохта, бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтани мубтадоҳоро шарҳ диҳед.*

Абуалӣ ибни Сино бо баён кардани назариёти музика қаноат накарда, дар амалиёти ин ҳунар ҳам тахассус пайдо кардааст ва ҳатто «шаҳной» (сурнай) ном олати музикаро ихтироъ кардааст, ки то имрӯз тоҷикон ва ҳамаи халқҳои Осиёи Миёна менавозанд. Аз рӯйи қавли мутахассисони «Шашмақом» «Ироқи Бухоро»-ро танҳо бо сурнай пурра навохтан мумкин аст.

Дар замони Сомониён Ҳаким Абуҳафси Суғдӣ (Самарқандӣ) «мусиқор» ном як созро ихтироъ кардааст. Ин ҳакими донишманд шакл ва номи ин сози худро аз афсона гирифтааст. Дар афсона нақл мекунанд, ки гӯё мусиқор ном як парандаи дарозминқори минқораш пурсӯрох будааст, ки ҳар гуна ҳавоҳои пурсӯзу гудозро менавохтааст.

Ҳакими мазкур ҳам як сози минқоршакли пурсӯрох сохта, номашро «мусиқор» номидааст.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Дар матн кадом навъи ҷумлаҳо бештар истифода шудаанд? Чаро?
2. Кадом созҳои мусиқиро медонед? Номбар кунед.
3. «Шашмақом»-ро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед. Номи мақомҳои медонистагиатонро нависед.

Барои осон шудани таҳлили грамматикӣ ҳар як аъзои ҷумларо бо аломати шартӣ ишорат мекунанд. Ин аломатҳоро донистан шарт аст.

Мубтадо – як хатти рост ________

Хабар – ду хатти рост ═══════

Муайянкунанда хати мавҷнок ~~~~~~~

Пуркунанда – тире – тире _ _ _ _ _

Ҳол – нуқтаю тире .__.__.__.

Намуна: Пагоҳӣ Ревахшиён, Наниманча ва модараш Вирканро то сари роҳи Самарқанд гусел карданд. (С.У.)

*6. Матнро хонед ва мазмуни онро мухтасар нависед. Сипас мубтадоҳоро ёбед ва шарҳ диҳед.*

Дар аҳди Ҳусайни Бойқаро ва вазири фозил, адиб ва ҳунарпарвари вай Алишери Навоӣ ин шуҳрати Ҳирот боз ҳам афзоиш ёфт. Худи Навоӣ дар ин шаҳр чандин мадраса, хонақоҳ, китобхона, дорушшифоҳо бино намуд. Қариб дар сӣ мадрасаи Ҳирот олимони бузурги замон машғули дарсгӯйӣ буданд. Бинокунандагони мадрасаҳо барои таъминоти омма ва дарсхонон ***вақфҳои*** (мулкҳоро ба фоидаи касе ё ҷамъият вогузоштан) зиёде мекарданд, биноҳо, бозорҳо, ҳаммомҳо месохтанд.

Подшоҳон, шоҳзодагон ва амалдорони калони темурӣ барои шахси худашон қаср ва боғҳои пуршукӯҳи зиёде бино карда буданд. Аз иморатҳои шоҳона: Кохи Дилкушо, Кохи Ҷаҳоноро, Боғи Сафар, Боғи Зоғон, Боғи Нав мавзӯи суханварӣ, қасидаву шеъри бисёр шоирон гардиданд.

*Раҳим Ҳошим*

**Савол ва супориш**

1. Ба матн чӣ ном муносиб аст?
2. Магар ободии шаҳр ба шахсони алоҳида вобаста аст?
3. Муносибати худро доир ба ободсозии деҳа ё шаҳр баён созед.
4. Ба имлои номҳои дар матн ҷойдошта диққат диҳед.

*7. Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро хонда, мубтадои онҳоро аниқ созед. Чӣ фарқи мубтадоҳоро пай бурдед?*

| | |
|---|---|
| 1. **Кишти**и нав ба баҳр сар дода шуд. | **Киштии кабуд** дар шароити имрӯза масрафи зиёдро талаб мекунад. |
| 2. **Ҷумҳури**и мо кишвари офтобрӯя аст. | **Ҷумҳурии Тоҷикистон** забони тоҷикиро забони давлатӣ эълон кард. |
| 3. **Баргҳои** сабзи дарахтон назаррабоянд. | **Барги сабзе** аз дӯстон ба ман расид. |
| 4. **Бародарон** ба тиҷорат машғул гаштанд. | **Ду бародар** бо ҳам мусобиқа карданд. |

Мубтадо аз ҷиҳати сохт ду хел мешавад: сода ва таркибӣ.

Мубтадоҳои сода бо як калима ифода меёбанд: **Фирӯз** фанни табиатшиносиро дӯст медорад. **Рӯзҳои** ҷашн барқияҳои бисёр расиданд. **Онҳо** дар вақташ ба кор ҳозир шуданд.

Мубтадоҳои таркибӣ бо таркибҳо ва ифодаҳои рехта ифода меёбанд: Чанд рӯз ин ҷониб **дарди дандон** азоб медиҳад. **Ҷумҳурии Тоҷикистон** ҳамеша сулҳро ҷонибдорӣ мекунад. **Ҳар кас** ба кори худ машғул шуд. **Гапро кашол додан** ба манфиати кор нест.

*8. Ҷумлаҳоро нависед, мубтадоҳоро ёфта, аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.*

1. Маҳтоб тамоми водиро равшан кард.
2. Нури дидаи ман имрӯз аз сафар бармегардад.
3. Ҳар яке аз одамон ба кори худ машғул аст.
4. Нахӯди пеши қошуқ шудан ба ту намезебад.
5. Баъзе аз шунавандагон садое намебароварданд.
6. Ду нафар аз ҳамсафарони мо дар кӯча рост меистоданд.

*9. Матнро бодиққат хонед ва гӯед, ки кадом нукта онро ҷолиб гардонидааст. Мубтадоҳои ишорашударо аз ҷиҳати сохт муайян кунед.*

**Чор сӯ** гулафшон буд. Ба даштү саҳро, ба боғу роғ **баҳор** ҳусну тароват, бӯйи хуши беғубор меовард. **Оби** зулоли кӯҳӣ рӯду анҳорро пур карда, ҷаҳидаю шӯрида ба поён, ба водӣ мешитобид. **Мардуми деҳқон** ба замин дона меафшонду дар боғҳо аз пайи парвариши навниҳолон буд.

– Чӣ водии нозанин! Чӣ водии дилошӯб! – болида гуфт **яке аз ҳамроҳони мо.**

Вале **сарзамини** Ҳисор на танҳо бо зебоию дилошӯбиаш, балки, инчунин, бо мардуми ҳунарманду ҳимматбаланд, бо маҳсули аҷоибу ғароиби ҳунармандону косибони гулдаст ва деҳқонони забардасташ дилу дидаи ҳамаро аз қадимулайём мафтун кардааст. **Кӣ** таърифу тавсифи беқасабу атлас. алочаю адрас, зарфҳои кулолии ин ҷоро

нашунидааст? Як замонҳо **мисгарону дуредгарони** ин ҷо низ овозадор буданд ва намунаи маҳсули ҳунари онҳо ҳанӯз дар музейҳо намоиш дода мешавад.

*Фотеҳ Ниёзӣ*

**Савол ва супориш**

1. **Чорроҳа** аз **чор сӯ** аз ҷиҳати таркиб чӣ фарқ дорад?
2. Чаро дар ҷумлаи дуюм ду вергул гузошта шудааст?

*10. Ҷумлаҳоро бо истифода аз калимаю таркибҳои дар қавсбуда пурра гардонед ва нависед. Мубтадои ҷумлаҳоро аз ҷиҳати тар–киб шарҳ диҳед.*

1. Ба ... ҷони одам сер мешавад.
2. ... сари сабз медиҳад бар бод.
3. ... сухан санҷида гӯянд.
4. Сухан ... Луқмон хуш аст.
5. Ҳар сухан ... ҳар нукта ... дорад.
6. Заҳри сухан ... мор бадтар аст.

(санҷида, сухани нағз, забони сурх, макон, аз заҳри, мақом, аз даҳони)

**Савол ва супориш**

1. Кадом нукта ҷумлаҳои матнро ба ҳам муттаҳид сохтааст?
2. Ба мазмуни ҳикматҳо ҳамфикред ё не?
3. Дар асоси ҳикмати шашум андешаатонро мухтасар нависед.

*11. Шеърро бодиққат ва равон  хонед ва ҳар мисраи онро шарҳ диҳед. Сипас мубтадои ҷумлаҳоро ёфта, ҷойи онҳоро аниқ созед.*

Гул саҳар лаб во кунад аз хандаҳои офтоб,
Мекушояд сафҳаҳои фикри одамро китоб.
Рӯзгори одамӣ пур аз фарозу шебҳост,
То ба баҳре рӯд резад, ҳаст дар ранҷу азоб.
Тоб овардан ба ҳар як мушкилӣ шарт асту фарз,
Оҳан андар обу оташ сахт ёбад обутоб.
Ноумедӣ дар раҳи умедҳо бошад хато,
Орзу хандад ба рӯят, гар кунӣ кори савоб.
Зиндагӣ побастаи хушкомию нокомиҳост,

Мол зери пӯст фарбеҳ шавад, гоҳе хароб.
Аз шитоби умру аз заъфи бадан ҳаргиз манол,
Сол дорад ҳам баҳору ҳам хазон андар ҳисоб.
Шодии рӯйи замин аз осмон н-афтодааст,
Аз ғами садсолаҳо шуд он бо ҳастӣ комёб.

*Ашӯр Сафар*

**Савол ва супориш**

1. Ба мазмуни мисраъҳои шоир розиед? Чаро?
2. Байти сеюмро чӣ тавр мефаҳмед?
3. Дар маҷмӯъ, аз шеър чӣ натиҷа бардоштед?
4. Чаро мубтадо дар ҷойҳои гуногун омадааст?

*12. Порчаҳоро равон хонед ва гӯед, ки чӣ ҳодисаи забонӣ бароятон ғайричашмдошт буд. Сипас нависед ва зери мубтадоҳояш хат кашед.*

1. Фиғон мекашад бод. Чош медиҳад реги нарми биёбонро. Меҳаросам аз ситезаи вай.

2. Нохост бод аз вазидан истод. Чашмони камнури пурашкамро бо сад азоб во мекунам. Осмони нилгун софу дилрабост (Диловари Мирзо).

Мубтадо асосан дар аввал ва гоҳе дар байни ҷумла меояд: Холдона андаке хомӯш истод. (У.К.) Ҳамон солҳо ҳам зиндагӣ барои ҳама як хел ҳамвор набуд. (У.К.) Вале вобаста ба мақсад гӯянда ва ё нависанда метавонад онро дар охири ҷумла орад. Дар ин сурат, оҳанги хониши ҷумла тағйир ёфта, задаи мантиқӣ ба мубтадо меафтад. Ин ҳодиса ҳам дар назм ва ҳам дар наср дучор мешавад: **Шоху барг баровард ин хабар. (У.К.) Ҳай калон шуда рафт шӯру ғавғо. (У.К.)**

*13. Матнро хонед ва муайян созед, ки ҳикмати он дар чист. Мухтасар мазмунашро нависед ва ба он ном гузоред.*

Шаҳрҳо мисли одамон нестанд. Одам ба дунё меояд, нашъунамо карда, ба камол мерасад, нек ё бад муддате умр мебинад, пир мешавад ва баъд мемирад ва дафтари ҳаёташ ба ҳамин пӯшида мешавад. Фақат ному кори неки кас боқӣ мемонад.

Аммо шаҳрҳо таври дигаранд. Шаҳрҳо ба вуҷуд меоянд, обод мешаванд, мардуми зиёдеро ба дохили деворҳои худ гирифта мепоянд, баъд бо гузашти замон, дар натиҷаи задухӯрди ҳодисаҳо, ё бо лашкаркашии ягон сардори хунхор, ё ба сабаби ягон офати ногаҳонии табиӣ мемиранд, бо замин яксон мешаванд. Вале баъзе аз онҳо баъд аз муддате боз зинда мешаванд. Аз даруни сангу хоки харобаҳо сар бардошта, аз нав, дар шаклу сурати тозае ба сафҳои таърих қадам мегузоранд, арсаи воқеаҳои тоза, макону ҷойи исти одамони нав мегарданд, ки инҳо ҳар як бо кору кирдорҳои нек ё бади худ ба он шаҳр шуҳрати наве медиҳанд.

*Раҳим Ҳошим*

**Савол ва супориш**

1. Мубтадои ҷумлаи **«Дафтари ҳаёташ бо ҳамин пӯшида мешавад»-**ро ёбед.
2. Ба андешаи муаллифи матн розиед ё на? Чаро?
3. Кадом фикрҳоро қабул ва кадомашро рад мекунед?
4. Чаро шаҳрҳо вайрон мешаванд? Вайроншавии шаҳрҳоро пешгирӣ кардан мумкин аст ё на? Чӣ тавр?
5. Ободии шаҳру вайронӣ ба кӣ вобаста аст? Андешаи шумо.

*14. Матнро хонед ва маънои бардоштаатонро бо ифодаҳои худ бинвисед ва зери мубтадоҳояш хат кашед.*

«Растанӣ», ки дар тоҷикӣ мегӯянду менависанд, дуруст нест. Бояд «рустанӣ» гуфта ва навишта шавад, зеро «рустанӣ» аз феъли рӯйиш, рустан, рӯйидан омадааст. «Растанӣ» аз феъли растан (раҳо шудан, раҳидан) сурат гирифтааст. Номи қаҳрамони Фирдавсӣ Рустами Дастон низ аз феъли растан омадааст, зеро паҳлуи Рудобаро шикофида, тифлро берун овардаанд, модар ба ҳуш омада:

Бигуфто: бирастам, ғам омад ба сар.
Ниҳоданд Растам-ш номи писар.

Аммо дар гуфтугӯ Растам ба Рустам бадал шудааст ва касе хаёл намекунад, ки Рустам аз «бирастам» гуфтани модар, яъне аз чордард растани Рудоба омадааст.

*Лоиқ Шералӣ*

## 14. ХАБАР ВА ИФОДА ШУДАНИ ОН

1. Дар бораи хабар чӣ медонед?
2. Чаро хабарро сараъзои ҷумла мегӯянд?
3. Хабар ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
4. Кадом ҳиссаи нутқ асосан ба вазифаи хабар меояд?
5. Хабар ба мубтадо чӣ робита дорад?
6. Чаро мубтадо ва хабарро асоси ҷумла мегӯянд?

*1. Ҷумлаҳоро хонед ва савол гузошта, мубтадо ва хабари онҳоро муайян созед. Гӯед, ки мубтадою хабар чиро ифода мекунанд.*

1. Садриддин ба меҳмонхона даромад. 2. Ӯ ба Садриддин бодиққат нигоҳ карда истод. 3. Дар чашмони Садриддин об чарх зад. 4. Мунзим туҳфаи хубе пешкаш карда буд. 5. Айнӣ Лоҳутиро чун устоди шеър мешинохт. 6. Таҳсил дар мадрасаҳои Бухоро ройгон буд. 7. Айнӣ аз ҳаёти оилавиаш хеле хурсанд ва хушвақт буд. 8. Аз мактаб омада мондани Лутфияро нафаҳмида монд.

Хабар сараъзои ҷумла буда, амал, ҳолат ва ё аломатеро мефаҳмонад, ки ба мубтадо нигаронида шудааст. Хабар ба саволҳои **чӣ кор мекунад? чӣ шуд? чӣ хел аст? чӣ мешавад? чист? кист?** ва ғайра ҷавоб мешавад.

Ба вазифаи хабар асосан феъл серистеъмол буда, ҳиссаҳои дигари нутқ – исму сифат. шумораю ҷонишин, масдар ва сифати феълӣ низ ба ин вазифа меоянд.

Аҳдия омад (чӣ кор кард?). Ромин хурсанд шуд (чӣ шуд?). Фаршед омада истодааст (чӣ кор мекунад?). Ҳаво гарм аст (чӣ хел аст?). Дунё сиёҳ, торик ва хомӯш буд (чӣ хел буд?). Ҳаво дигар шуд (чӣ гуна шуд?).

*2. Матнро хонед, хабарҳояшро муайян кунед. Гӯед, ки дар хабари ҷумлаи якум ва чорум дар бораи амали кӣ сухан меравад (яъне мубтадояш кадом калима).*

Аз манора ҷуфте кабӯтарчӯҷа овардам. Онҳоро ба рӯйи хона сар додам. Онҳо мисли ману Аҳрор парвоз наомӯхта буданд. Аз одам рамида, гоҳ-гоҳ бол кушода,

рӯ-рӯйи хона мегаштанд. Дону обашон медодам ва даст гирифта, кӯдак барин ба синаам пахш мекардаму мебӯсидам. Яке наботранг ва дигарӣ сафед буд.

*Сорбон*

*3. Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро хонда, ба якдигар муқоиса кунед. Мубтадою хабари онҳоро шарҳ диҳед. Чӣ ҳодисаро мушоҳида кардед?*

| | |
|---|---|
| Манучеҳр муҳандис мебошад. | Манучеҳри мо муҳандиси хуб мебошад. |
| Манучеҳр муҳандис аст. | Манучеҳри мо муҳандиси хуб аст. |
| Манучеҳр – муҳандис. | Манучеҳри мо – муҳандиси хуб. |

*4. Матнро нависед, хабарҳоро муайян карда, ба зерашон хат кашед. Гӯед, ки бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтаанд.*

Субҳ надамида Ҳаким бедор шуд. Роҳи Каҳкашон гӯё бо қади об боло мерафт. Ситораҳо ниҳоят бисёр ва осмон равшан. Тамошо кард, ба хаёл рафт, баъд ғанабаш бурд. Оби сой шаби дароз ӯро алла гуфт. Акнун насими субҳ навозиш мекунад. Ба гӯши Ҳаким садои «ғув-ғув»-и ширдӯшӣ расид, чашм кушод, ки ситораҳо хеле кам шудаанд ва ситораҳои равшану хираи дур як-як аз чашми ӯ мегурезанд. Вале Ҳаким ба ситораҳо чандон аҳамият надода, бархост ва ба лаби об фуромад.

*Сорбон*

*5. Матнро хонда, ҷумлаҳояшро ба содаи хуллас баргардонед. Мубтадо ва хабарҳоро бо аломатҳо ишорат кунед.*

Намуна: Кӯҳҳои уфуқ дар паси пардаи тираи шаб пинҳон шуданд – Кӯҳҳо пинҳон шуданд.

Сурхии охирини офтоб дар кафкҳои камдарками баҳри осмон – дар абрпораҳо об шуда рафт. Ҳаво зуд торик мешуд. Ситораҳо ҳам кам – кам ба чашмакзанӣ сар карданд. Кӯҳҳои уфуқ дар паси пардаи тираи шаб пинҳон шуданд.

Аммо дар боғи хоҷагии «Баҳори зиндагонӣ» гирду

атроф рӯз барин равшан буд. Чароғҳои беадади баркӣ хушнудона нурпошӣ мекарданд.

Коргарон пасу пеш ба лекторияи болокушоди боғ ҷамъ гардида буданд.

*Пӯлод Толис*

*6. Ҳикояро бодиққат хонед, хабарҳои онро муайян кунед ва нависед.*

Овардаанд, ки Нӯшервони одилро дар шикоргоҳе сайде кабоб карданду намак набуд. Ғуломе ба русто рафт, то намак орад.

Нӯшервон гуфт:

– Намак ба қимат биситон, то расме нашавад ва деҳ хароб нагардад.

Гуфтанд:

– Аз ин қадар чӣ халал ояд?

– Гуфт:

– Бунёди зулм дар ҷаҳон аввал андаке будааст. Ҳар кас ки омад, бар ӯ мазиде кард, то бад-ин ғоят расид.

Агар зи боғи раият малик хӯрад себе,
Бароваранд ғуломони ӯ дарахт аз бех.
Ба панҷ байза, ки султон ситам раво дорад,
Зананд лашкариёнаш ҳазор мурғ ба сих.

*Саъдии Шерозӣ*

**Савол ва супориш**

1. Ҳикояро чӣ ном муносиб аст? Чаро?
2. Моҳияти ҳикоя дар кадом ҷумлаҳо баён шудааст?
3. Ба андешаи нависанда розиед ё на? Чаро?
4. Муродифҳои **«малик»-**ро номбар кунед.

*7. Порчаро возеҳ хонед ва гӯед, ки дар он кадом навъи ҷумла (аз рӯйи оҳанги гуфтор) бештар истифода шудааст. Чаро? Феълҳо дар матн чӣ нақш доранд?*

Мубади мубадон – Фаррухрӯз пурсид:

– Номат чист?

– Паҳлапат.

– Паҳлапат не, Борбад. Зеро ту аллакай бор ёфтӣ, соҳиби мартабаи баланд шудӣ. Бигӯй, ки аз достонҳои машҳури эронӣ чиҳо медонӣ?

– Достонҳои Ҷамшед, Эраҷ, Фаридун, Сиёвуш, Рустамро аз ёд медонам.

– Аз сурудҳои мардумӣ-чӣ?

– Таронаҳои марвиёнро.

– Ту набояд бо таронаҳои шаҳри худ маҳдуд шавӣ. Ту бояд таронаҳои Балху Бухоро, Чочу Самарқанд, Хуҷанду Хатлон, Бадахшону Самангон ва ҳамаи шаҳрҳои дигари кишвари бузурги моро аз бар кунӣ. Ва аз ҳамаи ин таронаҳо як таронаи дигаре бисозӣ, ки тамоми мардумон онро бихонанд.

– Чӣ лозим таронаи ягона? Ҳар кас бояд таронаи худро бихонад.

– Таронаи ягона одамонро муттаҳид ва ба ҳамдигар дӯст мекунад, – гуфт Фаррухрӯз. – Таронаи ягона табар бар решаи дарахти душманӣ мезанад.

– Ман чунин таронаҳоро хоҳам офарид, – гуфт писарбача.

– Ту магар соз навохта метавонӣ?

– Падарам барбатнавоз буд. Аз ӯ чанд оҳанг омӯхтаам.

– Ту калонсолҳо барин гап мезанӣ, – гуфт Фаррухрӯз. – Бузургӣ насиби ту бод! Ман аз Яздони пок танҳо як илтиҷо дорам, ки туро ба мурод расонад. Агар ту ба мурод бирасӣ, мо ҳам хушбахт мешавем, зеро бо ту партави офтоби некӣ бар дилҳо вуруд хоҳад кард.

*Адаш Истад*

**Луғат**

**Мубад** – рӯҳонии зардуштӣ; олим ва донишманди дини зардуштӣ

**Чоч** – номи қадимаи Тошканд

**Савол ва супориш**

1. Дар матн сухан дар бораи кӣ меравад? Доир ба ӯ маълумоте доред?
2. Чӣ нуктаеро, ки барои ягонагию муттаҳидӣ лозим аст, аз матн дарёфтед?

3. Ҷумлаи **«Таронаи ягона табар бар решаи душманӣ мезанад»-**ро чӣ тавр мефаҳмед?

4. Боз кадом воситаҳо одамонро ба ваҳдат мехонанд?

## 15. НАВЪҲОИ ХАБАР: ХАБАРҲОИ ФЕЪЛӢ

*1. Ҷумлаҳоро хонда, хабарҳоро муайян кунед. Гӯед, ки онҳо ба воситаи кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтаанд.*

1. Имшаб дугонаҳо ба театр рафтанд. 2. Занҷир ба чашми ҷавон нигарист. 3. Занҷир суханони ӯро шунид. 4. Манучеҳр ба деҳа рафтааст. 5. Хусрав касеро наранҷонидааст. 6. Шоира навигариҳои соҳаро ба маълумоти ҳамкоронаш расониданӣ аст. 7. Сафар имсол ба деҳааш рафта наметавонад. 8. Ҳамсояи мо як ароба ғӯзапоя харида овард.

Хабарҳои феълӣ ҳам сода ва ҳам таркибӣ мешаванд. Хабарҳои феълии сода ба воситаи яке аз шаклҳои феълии ҳамаи сиғаҳо ифода меёбанд: **Восеъ боз ба Шоҳи Зинда рафт. (С.У.) Назир хомӯш менишаст. (С.У.)**

Аз ин мисолҳо равшан аст, ки дар хабари содаи феълӣ маънои луғавӣ ва грамматикии хабарҳо бо як калима ифода меёбад.

Хабарҳои феълии таркибӣ аз ду ва зиёда феълҳо (феълҳои ёридиҳандаю масдар) ташкил меёбанд: Зардолуҳо ба шукуфтан **сар карда будаанд.** (С.А.) Устоамак нақшҳои тайёршударо **гирифта мебурд.** (С.А.) Падарам ба Маҳаллаи Боло **рафтан хост.** (С.А.)

Феъли ёридиҳанда аломати грамматикӣ (сиға, замон, шахс ва шумора)-ро ифода карда, ҳамчунин, ба оғоз, анҷом ва давомнокии амал ишора менамояд.

*2. Матнро хонда, хабарҳои феълии сода ва таркибии онро ёбед ва шарҳ диҳед.*

Баҳор омад, давчаҳо аз гул баромаданд, навдаҳои тутҳои балхӣ ғӯра бастанд, дарахтони хасактут барои хӯроки кирмакҳои пилла каллак шудан гирифтанд; ҷӯйи Мазрангон бо лойоби селоби баҳорӣ пур аз сурхоб шуда мешорид;

деҳқонон ҷуфт мебастанд, замин меронданд, дандонамола мекарданд ва мекиштанд; фароштурукҳо лойҳои шиттаро ба шакли пунбадона лӯнда карда оварда, дар шифтҳои хонаҳо – дар паҳлуи болорҳо бо камоли маҳорат ба тарзи нимкиштӣ барои худ хона месохтанд. Лаклакҳо бар пештоқи дарвозаи мазор барои худ ошёна мебастанд ва аз дарёбод, аз миёни сусзорҳо морҳои обиро шикор карда оварда, мехӯрданд. Мурғони титави товусранг, ки болу парҳояшон бо рангорангтобӣ назаррабо буданд, аз лаклакҳо хӯсида, аз таги буттае ба таги буттаи дигаре меҷаҳиданд ва бо қақоси ҳаяҷономези худ ҳамҷинсҳояшонро аз хавф огоҳ мекарданд. Хулоса, аз одамон гирифта то парандагон ва рустаниҳо – ҳама чиз дар ҳаракат буд.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Дар матн хабарҳои феълии сода бештар истифода шудаанд ё таркибӣ?
2. Фарқи хабарҳои содаро аз таркибӣ дар чӣ мебинед?
3. Хабарҳо – феълҳои матн асосан чӣ маъноҳоро ифода мекунанд?
4. Мухтасар мушоҳидаи худро аз фасли баҳор нависед.

*3. Матнро бодиққат ва бо риояи оҳанг хонед. Хабарҳои феълии онро аниқ сохта, дар сутуни якум феълҳои сода ва дар дуюм таркибиро нависед.*

Ҳудҳуд гуфт:

– Овардаанд, ки занбӯре дар саҳро мӯрчае дид, ки ба ҳазор ҳила донае сӯйи хона мебурд, гуфт:

– Эй бародар, ин чӣ машаққат аст, ки ту ихтиёр кардаӣ ва ин чӣ азоб аст, ки ту баргузидаӣ? Биё, то ҷойи хӯроку нӯшоки ман бинӣ, ки то аз ман бознамонад, ба подшоҳон нарасад.

Худ паридан хост ва мӯр аз паси ӯ давидан гирифт. Чун ба дукони қассобе расид, бар гӯшт нишаст. Қассоб корде бизад ва занбӯрро ба ду нима кард ва бар замин андохт. Мӯр чун он ҳол бидид, дардавид ва пойи занбӯр гирифт ва мекашиду мегуфт: Мол ҳар ҷо чарад, он ҷо сар мениҳад.

### Савол ва супориш

1. Ҳикмати ин матн дар кадом ҷумла ифода шудааст? Хулосаи шумо чист?

2. Ҷумлаи охирро бори дигар хонед ва гӯед. ки хабарҳо ба ҷумла чӣ оҳанге бахшидаанд.

3. **Овардаанд-**ро боз чӣ тавр гуфтан мумкин аст?

*4. Феълҳои **рақсидан, гиристан, хандидан, бозидан-**ро аз рӯйи намунаи зер ба ду шакл навишта, бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.*

Намуна: Бозидан – бозӣ кардан. Ҳакими ҳаваскор нақши профессорро бисёр нағз бозӣ кард.

*5. Порчаи манзумро равон хонед ва хабарҳои феълии онро муайян кунед. Чаро дар ин порча бештар хабарҳои сода истифода шудаанд?*

Чу беҳ гаштӣ, табиб аз худ маёзор,
Ки беморӣ тавон будан дигар бор.
Чу борон рафт, боронӣ маяфкан.
Чу мева сер хӯрдӣ, шох машкан.
Чу хирман баргирифтӣ, гов мафрӯш,
Ки дунҳиммат кунад неъмат фаромӯш.
Манеҳ бар рӯшноӣ дил ба як бор,
Чароғ аз баҳри торикӣ нигаҳ дор.
Нашояд, к-одамӣ чун курраи хар
Чу сер ояд, нагардад гирди модар.
Вафодорӣ куну миннатшиносӣ,
Ки бадфарҷомӣ орад носипосӣ.
Ҷазои мардумӣ ҷуз мардумӣ нест,
Ҳар он к–ӯ ҳақ надонад, одамӣ нест

*Саъдии Шерозӣ*

**Луғат**

**Боронӣ** – либоси намногузари махсус
**Дунҳиммат** – пастҳиммат, фурӯмоя, хасис
**Миннатшиносӣ** – миннатдорӣ, сипосгузорӣ
**Бадфарҷомӣ** – бадоқибатӣ, баданҷомӣ

**Савол ва супориш**

1. Байтҳоро шарҳ диҳед.
2. Шумо ба мазмуни байтҳо розиед? Чаро?
3. «Курра» аз «кура» чӣ фарқ дорад?

## 16. ХАБАРҲОИ НОМӢ

*1. Ҷумлаҳоро хонед ва хабарҳоро ёфта шарҳ диҳед.*

1. Оянда Қориишкамба буд. (С.А.) 2. Ман муаллими мактаби миёна ҳастам. (Ҳ.К.) 3. Замин сахт, осмон баланд. (Зарб.) 4. Соат ҳашт буд, аммо мудири банк наёмад. (С.А.) 5. Акнун калони хона манам. (С.У.) 6. Сулҳ чароғи раҳи оянда аст, Сулҳ зи хушбахтӣ намоянда аст. (А.Ш.)

Хабарҳои номӣ бо ҳиссаҳои номии нутқ (исм, сифат, шумора, ҷонишин) ва сифати феълию масдар ифода мееёбанд:

Ҳамин ҷавон Абуалӣ ибни Синост. Ҳавои ин ҷо гарм аст. (С.А.) Воқеа чунин буд. (С.У.) Падарам сахт ғамгин шуд. (С.У.)

Хабарҳои номӣ се шакли ифода доранд:

а) ҳиссаҳои номии нутқ бе ягон ёридиҳанда меоянд: Мирзо Турсунзода – **шоир.** Панҷ карат шаш – **сӣ.** Бобокалон – **сарвар.** Ҳаво **соф.** Пешсафи синф – **шумо.**

б) ҳиссаҳои номии нутқ бо бандакҳои хабарӣ меоянд: Сардори синфи мо **Аҳмад аст.** Ман **коргарам.** Рақами ҳавлии мо **бист аст.** Шаҳри Душанбе зебост.

в) ҳиссаҳои номии нутқ бо феъли ёридиҳанда, бештар бо **будан** меоянд: Пойтахти Тоҷикистон Душанбе мебошад. Тирезаи хона кушода буд. Ҳоло замин лой будагист. Хона нимторик буд. Ман муаллим ҳастам.

Хабарҳои номӣ аз ҷиҳати сохт сода ва таркибӣ мешаванд: Ман – **коргар.** Ҳаво **соф аст.**

Дар ин ҷумлаҳо **коргар** ва **соф** аст хабари номии сода мебошанд.

*2. Ҷумлаҳоро нависед, хабарҳои номӣ ва мубтадои ҳар кадоми онҳоро ишора кунед.*

1. Китоб сарчашмаи дониш аст. 2. Хурсандии ту хурсандии ман аст. 3. Қитъаи шашуми олам Антарктида мебошад. 4. Босфор гулугоҳи пайвасткунандаи баҳрҳои Сиёҳ ва Мармар. 5. Дӯст ва маслиҳатчии ман падарам. 6. Як чодари зангорӣ, шабҳо пуру рӯз холӣ.

Хабарҳои таркибии номӣ аз феълҳои ёридиҳандаю бандакҳои хабарӣ ва ҷузъҳои номӣ таркиб меёбанд.

Ҷузъи номии онҳо дорои маънои луғавӣ буда, маънои грамматикиашон ба воситаи феълҳои ёридиҳандаю бандак ифода мегардад: Шаб таби Ҳоҷиумар **баландтар шуд** (С.У.). Дунё **сиёҳ, торик** ва **хомӯш буд** (С.А.). Шоҳида хеле дар **изтироб буд** (Ф.М.). Мақсади ин китобча хонандагонро … бо ҳаёт ва фаъолияти адабии А. Дониш **ошно кардан аст** (С.У.).

*3. Ҷумлаҳоро нависед ва хабарҳои таркибии номиро аниқ сохта шарҳ диҳед.*

1. Баъдтар рафта – рафта вазнин ва ҳалим шуда монд. (Ф.М.) 2. Карим ва Асо ёрӣ доданӣ шуданд. (Ҷ.И.) 3. Дар кӯчаҳо намояндагони бисёр миллатҳоро дидан мумкин аст. (Ҷ.О.) 4. Ӯ шакку шубҳаи худро изҳор карда наметавонист. (С.У.)

## 17. АЛОМАТИ ТИРЕ ДАР БАЙНИ МУБТАДО ВА ХАБАР

*1. Ҷумлаҳоро хонед. Гӯед, ки чаро дар байни мубтадо ва хабар аломати тире гузошта шудааст? Тире аз нимтире чӣ фарқ дорад?*

1. Душанбе – пойтахти Тоҷикистон. 2 Айнӣ – нависанда. 3. Алифбо – бозёфти бузурги инсон. 4. Панҷ карат панҷ – бисту панҷ. 5. Механика – як қисми физика.

*2. Ҷумлаҳоро нависед ва аломати тиреро дар мавқеаш гузоред.*

1. Тоҳир муаллими забон ва адабиёт. 2. Писари хуб боғи падар. (зарб.) Чил камоли ҷавонӣ (зарб.) 4. Осиёб ободии

деҳа (зарб.). 5. Рӯдакӣ асосгузори адабиёти классикии тоҷику форс. 6. Айнӣ адабиётшинос.

Аломати тире дар байни мубтадо ва хабар **гузошта мешавад:**

**1. Агар ҳар ду сараъзои ҷумла ба воситаи исм ифода шуда бошанд: Тоҷикистон – кишвари сермиллат.**

**2. Агар ҳар ду аъзои ҷумла бо шумора ифода шуда бошанд.**

**Панҷ карат панҷ – бисту панҷ. Ду понздаҳ – як сӣ.**

**3. Агар ҳам мубтадо ва ҳам хабар ба воситаи масдари феълӣ ё яке аз сараъзоҳо бо исм ва дигарӣ бо масдар ифода шуда бошад: Дили дӯстон озурдан – душманон шод кардан. (зарб.)**

**Вазифаи мо – хондан.**

Дар байни мубтадо ва хабар тире гузошта намешавад:

**1. Агар мубтадо бо ҷонишини шахсӣ ифода ёфта бошад. Вай дӯсти ман.**

**2. Агар хабар бо сифат ифода шуда бошад: Замин сахт, осмон баланд. Ҳаёт зебо ва шавқовар.**

**3. Агар воситаи алоқа пешояндҳои мисли, чун ва пасоянди барин оянд: Лаблабу чун қанд ширин. Дастонаш мисли ях.**

**4. Агар ба вазифаи хабар ҳиссачаи не ояд: Камбағалӣ айб не.**

*4. Аломати тиреро дар ҷойҳои мувофик гузошта, ҷумлаҳоро нависед.*

1. Бехи давлат тани сиҳат. 2. Тани сиҳат ганҷи равон. 3. Фарзанд меваи умр. 4. Ба дӯст ҷафо кардан ба душман вафо кардан. 5. Каримов муаллим. 6. Ду карат ду чор. 7. Дил қавӣ, сина соф, тан солим, мағз пур, ҳуш тез, ақл расо. (П.С.)

*5. Ҷумлаҳоро хонед, хабарҳои онҳоро ёбед ва муайян кунед, ки номианд ё феълӣ.*

1. Шоҳаки Ранда устои гулдаст буд.

2. Муғул як лаҳза ҳарфе ба забон оварда натавонист.

3. Чашмони пистамонанди Туғай аз ҳайрат шакли чормағзро гирифтанд.

4. Чанд мурғ аз рахнаи чиғдевор гузашта, пӯстҳоро нӯл задан гирифт.

5. Олам барои ман Сармадеҳ аст, зеро ман дигар кӯҳеву деҳеро надидаам.

6. Мегуфтанд, ки мӯйсафед сад сол дорад. (Баҳманёр)

7. Илм равшанӣ аст, нодонӣ торикист. (зарб.)

8. Хоксорӣ – зебу зинати инсонӣ. (зарб.)

*6. Ҷумлаҳоро нависед ва зери хабарҳои номӣ хат кашида, сохти онҳоро муайян кунед.*

1. Рафиқи ман – Солеҳ. (С.У.) 2. Дар баҳор рафтан нағз. (С.У.) 3. Ҷӯра Холдоров бисёр ғамгин буд. (С.А.) 3. Ниятам ҳамин буд. (С.У.) 5. Савдогарон даҳ нафар буданд. (С.А.) 6. Дараҷаи устод ва шогирд қариб баробар шуд. (С.А.)

*7. Матнро бодиққат хонед ва хулосаатонро баён кунед. Феълҳои матнро ёбед ва шарҳ диҳед.*

Ҳеҷ ҷондоре бе обу ҳаво зиндагӣ карда наметавонад, инчунин, фарзандони одам низ беилму маърифат зиндагӣ карда наметавонанд. Қавми беилм имрӯз ё фардо маҳкуми заволанд. Аз ин ҷост, ки мо – туркистониён аз беилмӣ ва ҷаҳолат аввал шаҳр – шаҳр, қаря – қаря ва фирқа – фирқа шуда, якдигарро задем, якдигарро куштем, хонаи якдигарро тороҷ ва яғмо кардем, ирзу номуси якдигарро барбод додем, оқибат ба зери бандагии давлати мустабиддаи Рус афтодем. Боз ҳушёр нашудем, боз ба хонахаробии якдигар кӯшидем, барои маҳв кардани якдигар ба пӯлисҳо, ба жандармҳо, ба хуфяҳои давлати мустабиддаи Рус ёрӣ додем ва дар солҳои охирӣ баъзе мутафаккирони аз байни мо сар барзада, дарди моро ба худи мо нишон доданд, давои ин дард илму маърифат буданро ба мо фаҳмонданд ё хостанд, бифаҳмонанд, мо чун омосдоре, ки дар муқобили ништари ҷарроҳ мешӯрад, ғавғо мекунад, шӯридем, ғавғо барпо кардем. Табибони худро «ин кофир, ин ҷадид, ин даҳрӣ, ин зиндиқ...» гуфтем.

Рӯз ба рӯз ахлоқи мо фосидтар, бозори амну амони мо косидтар шуд. Дар болои асорати сиёсӣ асорати иқтисодӣ ҳам мисли як занҷир ба гардани мо афтодан гирифт.

*Садриддин Айнӣ*

**Луғат**

**Ирз** – номус, обрӯ, шараф
**Мустабидда** – ҳокими мутлақ, худсар, худрой
**Омосдор** – варамнок
**Дахрӣ** – шахсе, ки оламро абадӣ мешуморад; бехудо, бедин
**Зиндиқ** – бедин, бехудо
**Косид** – беравнақ, беривоҷ
**Асорат** – асирӣ, бандагӣ, ғуломӣ

**Савол ва супориш**

1. Ҳадафи нависанда чист?
2. Моҳияти масъала дар кадом ҷумла баён шудааст?
3. Ба андешаҳои нависанда розиед ё на? Чаро?
4. Пастии ахлоқро дар чӣ мебинед?

*8. Ҷумлаҳоро хонед ва чӣ гуна сурат гирифтани мувофиқати хабару мубтадоро шарҳ диҳед.*

1. Офтоб аз теғаи кӯҳ ду баробари найза боло шуд.
2. Шеърҳо хуб буданд.
3. Ҷӯрабек ин ҳикояро медонист.
4. Домулло (Турсунзода) масъалаи баланд бардоштани маданияти сухани тоҷикиро ба миён гузоштанд.
5. Суҳбати дусоатаро устод ҷамъбаст карданд.
6. Мо чор нафар будем. (Убайд Раҷаб).

**Дар ҷумла одатан хабар аз рӯйи шахсу шумора ба мубтадо мувофиқат мекунад.** Ман аввалин маротиба аз минбари баланд шеър хондам. (У.Р.) Мирзокалон Атоӣ назди устод омад. (У.Р.) Ситораҳо ба чашмакзанӣ сар карданд. (П.Т.)

**Ҷонишини шумо** агар ба маънои эҳтиром шахси дуюмро ифода кунад, хабар дар **шакли ҷамъ** меояд: Шумо бо падари ман дар куҷо, чӣ гуна ҷӯра шуда будед. (С.А.)

**Ҷонишини мо** дар мавриди хоксорӣ чун ҷонишини шахси якум омада метавонад ва дар ин ҳолат хабар ба мубтадо мувофиқат мекунад: Мо ҳамаи эродҳоро ба ҳисоб мегирем.

*9. Ҷумлаҳоро хонед ва муқоиса кунед. Дар хусуси мувофиқати хабар бо мубтадо ба чӣ хулоса омадед?*

1. Мардум аз ваҳми ҷон ба вайрон кардани иморат дароманд. (С.У.) Мардум намефаҳмад. (С.А.)
2. Тӯда ба Шӯрои деҳа наздик расид. (С.А.) Тӯда аз ҷунбиш бозмонд. (С.А.)
3. Ҳама ӯро мешиносад. (С.А.) Ҳама баробар ба ҳаяҷон омада буданд. (Р.Ҳ.)
4. Пода аз чаро баргашт. (Ҷ.И.) Дар даштҳо рамаҳои гӯсфандони ӯ чарида мегарданд. (С.А.)

*10. Матнро хонед ва ба мувофиқати хабару мубтадо диққат диҳед.*

**Рафиқи азиз, муҳтарам устод Айнӣ!**

Хатти Шуморо гирифта, аз меҳрубониатон бисёр хурсанд ва аз муждаи сиҳату саломатиатон хеле шод шудам. Дина чаҳоруми декабр аввалин рӯзе буд, ки бетабу бедарди дил ба сар бурдам. Дар ҳамин рӯз хатти Шумо расид. Ман ҳоло дарди дилро мудово карда бошам ҳам, тамоман сиҳат шудаам гуфтан мумкин нест. Чӣ бояд кард? Ҳадяи дӯстонаи Тоҷикистонро бояд қабул кунам.

Ҳоло ман ба давом додани песа ва навиштани сенария сар кардам. Аммо ҳанӯз ба ин кор гарм нашудаам. Дар муддати беморӣ табиист, майна хаста шудааст. Бачаҳо ҳама бемор буданд. Ҳоло фақат Гевак каме сармозадагӣ дорад. Боқӣ сиҳат шуданд. Дар Сталинобод ба воситаи гирифториҳои фикр ва беморӣ ғафлати калоне аз ман сар зад, ки китоби худро ба Шумо тақдим накардам. Ҳоло як ҷилд ёфтам, ба хидмати Шумо ҳадя мефиристам. Умед аст, ки онро қабул кунед.

Ба азизони меҳрубон Холидаҷон, Камоли некухисол ва Лутфияи маҳбуба саломи амакашонро бирасонед. Ба хидмати модарашон аз тарафи Бону саломи дуру дароз бирасонед.

*Бо салом ва эҳтироми дӯстона, Лоҳутӣ*

*11. Ҷумлаҳоро хонед ва ҷойи хабарро муайян кунед.*

1. Дили Восеъро фикру хаёлҳои изтиробангез мехарошанд. (С.У.)
2. Зимистони хунуки сербарф омад. (С.У.)
3. Бурданд паямбарону покон, Аз беадабон ҷафои бисёр. (Саъдии Шерозӣ).
4. Қитъаҳоро сайр кардам дар ҳавою дар замин,
   Сайр кардам бо баду неки ҷаҳон гаштам қарин. (М.Т.)

## 18-19. КОР БО МАТНИ РЕПОРТАЖ (АХБОР ДОИР БА ВОҚЕАҲОИ РӮЗ)

*1. Матро хонед ва бо махсусиятҳои репортаж, ки яке аз жанрҳои маъмули рӯзномаю маҷаллаҳо ва садою симо аст, ошно шавед.*

Мактабро давр зада бароед ва тамоми рӯзномаҳои девории синфҳо ва умумимактабиро мутолиа кунед. Мебинед, ки баъзе аз рӯзномаҳои синфҳо ва мактаб бисёр хуб таҳия шудаанд. Дар онҳо набзи синфҳо ва мактаб хеле равшану возеҳ ва дуруст инъикос ёфтаанд. Шумо баъди хондани он рӯзномаҳо доир ба ҳаёти кунунии мактаб тасаввуроти комил пайдо мекунед. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳайати таҳиягарон, яъне муҳаррирон хуб меҳнат кардаанд ва аз жанрҳои гуногуни рӯзномаҳо – хабар, ҳисобот, репортаж, мусоҳиба истифода бурдаанд.

Воқеан, рӯзномаи аҷоиб ва хонданбоб, ки маводди он дар асоси жанрҳои гуногун – хабар, ҳисобот, репортаж, мусоҳиба таҳия гаштаанд, диққати хонандагонро ба худ ҷалб менамояд ва онҳо маводди хондаашонро дар байни худ муҳокима мекунанд.

Яке аз он жанрҳои ҷолиб, ки доир ба воқеаҳои рӯз ахбор медиҳад, репортаж мебошад. Репортаж аз калимаи франсавии «reportade» ва англисии «report» гирифта шудааст, ки маънои «хабар додан»-ро дорад. Ва он дар луғатнома чунин шарҳ ёфтааст: 1) хабар додан, хабари фаврӣ оид ба ҳодисаи рӯз ё чандин рӯзҳо. Репортаж аз нуқтаҳои доғи ҷаҳон (аз рӯзнома); 2) кори мухбир (хабарнигор), ки хабар ва ҳодисаро назорат мекунад.

Репортажи дар рӯзномаи деворӣи синф ва мактаб нашршуда дар бораи ҳодисаҳое нақл мекунад, ки муаллифи он (хабарнигор, мухбир) шоҳиди бевоситаи ҳодисаю воқеаҳои рухдода мебошад.

Репортажи дар рӯзномаҳои мактаб нашршуда дар бораи ҳодисаҳое нақл мекунад, ки ба ҳаёти мактабу хонандагон тааллуқ дорад. Масалан, репортаж дар бораи мусобиқаҳои варзишӣ, озмунҳои мактабӣ, ба истифода додани толори варзиш, бинои нави мактаб, вохӯрӣ бо чеҳраҳои шинохтаи ҷумҳурӣ-адибон, олимон, сарпарастон, варзишгарони номӣ ва ғайраҳо.

Муаллифи хабар метавонад, шоҳиди воқеа бошад ва ё дар бораи он аз шахси дигар маълумот бигирад, вале муаллифони репортаж вазифадоранд, ки худ воқеаро бубинанд ва ё бевосита дар он ширкат варзанд. Бояд он ҷойҳоеро, ки ҳодисаю воқеа рӯй додааст, бубинанд ва бо шоҳидони воқеа вохӯранд. Дар акси ҳол онҳо наметавонанд, ки вазъияти рухдода ва чеҳраю қиёфаи одамонро ба таври воқеӣ тасвир намоянд.

Ба ифодаи дигар, репортаж нақли шоҳиди аслии воқеаю ҳодиса ва ё иштирокчии он аст. Агар хабар дар бораи ҳодиса маълумот баён дорад, репортаж онро нишон медиҳад, дубора манзараро эҷод мекунад. Дар репортаж муҳим он аст, ки ба саволи «Чӣ тавр сурат гирифт?» ҷавоб дода шавад.

Бар иловаи репортажи матнӣ дар рӯзномаю маҷаллаҳо сурат-репортажҳо чоп мешаванд. Суратҳо дар ин ҳолат нақши воситаи ёрирасонро иҷро мекунанд. Дар ҳар ҳолат суратҳо воқеию аниқ будани масъалаи дар репортаж

баёнгаштаро тасдиқ менамоянд. Сурат-репортажҳо бештар дар бораи корҳои дастаҷамъии хонандагон – ҳашарҳои умумӣ, мусобиқаҳои варзишӣ, корҳои саҳроӣ, лаҳзаҳо дар урдугоҳҳои (лагерҳои) фароғатӣ ва амсоли инҳо нақл мекунанд.

Дар вақтҳои охир репортажҳои радиоию телевизионӣ ба таври васеъ истифода мешаванд. Репортажҳои радиоӣ чунон ба шунавандагон таъсир мерасонанд, ки онҳо худро шоҳиди воқеаҳою ҳодисаҳо мепиндоранд.

Репортаж аз рӯйи махсусияти рӯйдодҳо гуногун мешавад, ки бо ду навъи он ошно мешавед. Репортаже, ки ба ҳодисаю воқеаҳо тааллуқ дорад ва он воқеаҳоро пай дар пай тасвир мекунад. Аз ин навъи репортаж бисёр кор мегиранд.

Репортажи мавзӯӣ дигар навъ аст: мухбир дар аввал оид ба ҳодисае мавод гирд меоварад ва баъд репортаж менависад. Ҳангоми навиштан ба ҳисоб гирифтани пайдарпайӣ муҳим набуда, балки аз анбӯҳи мавод оне интихоб мешавад, ки барои шарҳу баёни мавзӯъ лозиманд ва мухбир аз руҷӯи лирикӣ низ истифода мекунад.

Репортажҳои радиоию телевизионӣ дар ҳаёти кишварамон нақши бузург доранд ва тавассути онҳо ҳодисаю воқеаҳои дар кишварамон рӯйдода – вохӯрии сарварони давлатҳо, намояндаҳо, мусобиқаҳои гуногуни ҷаҳонӣ ва ғайра ба маълумоти аҳолӣ расонида мешаванд.

Ҳамин тариқ, репортаж аҳамияти маълумотдиҳӣ дошта, ба шунавандаю хонанда таъсир мерасонад. Дар репортаж нуктаҳои наву ҷолиби ҳаёт тасвир мешавад. Ҳикоя дар бораи ҳодисаҳои нав асоси репортажро ташкил медиҳад. Хабарнигор бояд нуктаҳои муҳимму аҳамиятдор ва шавқовари ҳодисаю падидаҳоро аниқ сохта, пешкаши омма созад. Репортаж на танҳо ҳодисаю воқеаҳоро нишон медиҳад, балки бо сухан ҳам тасвир мекунад.

Хусусиятҳои репортаж инҳоянд: аниқ нишон додани ҳодиса, маҳал ва замони ба вуқӯъ пайвастан; иштироки бевоситаи муаллифи репортаж; баёни рафти рух додани ҳодиса, асосан дар замони ҳозира; таассуроти муаллиф ва баҳои ӯ; махсусияти услуби репортаж.

Репортаж мухтасар ва пурмаъно буда, умумигӯйӣ ба он бегона аст. Маводди репортаж бояд содаю ҷолиб буда, ба шунавандаю бинанда ва хонанда таъсири амиқ расонад.

*Саидамир Аминов*

*2. Репортажи радиоиро хонед ва маънидод кунед. Байни ин репортаж ва репортажҳои дар рӯзномаю маҷаллаҳо чоп мешуда чӣ фарқҳо ҳаст?*

Шунавандаҳои гиромӣ, бори дигар дуруд ба шумо!

Бо истифода аз фурсати муносиб Рӯзи забонро ба ҳар яки шумо шодбош мегӯем.

Хуб, тавре огаҳ гаштед, имрӯз барномаи «Насими субҳ» ба бузургдошти забони тоҷикӣ бахшида шудааст.

Ва ин лаҳзаҳо ман дар наздикиҳои Фурӯшгоҳи марказии шаҳри Душанбе қарор дорам.

Мавзеи Фурӯшгоҳи марказӣ яке аз манотиқи серодамтарини пойтахт ба шумор меравад. Дар ин ҷо намояндагони миллатҳои зиёдеро мушоҳида мекунем. Ва бевосита он чизе, ки моро ба таҳияи гузориши мустақим водор намуд, ин ҳама овезаву номгузориҳое буданд, ки ин ҷо ба чашм мехӯрданд. Кас баъзан пас аз хондани ин гуна навиштаҷот фаромӯш мекунад, ки дар маркази маъмурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе қарор дорад. Ҳамаи он овезаҳое, ки ба забони ғайр, аз ҷумла, англисиву русӣ ва ӯзбекиву фаронсавӣ дар хиёбонҳо насб шудаанд, касро хаёлан ба хориҷи Тоҷикистон мебаранд. Исботи гуфтаҳои мо ҳастанд овеза ва номгузориҳое, ба монанди «Дуайён», «Аллигатор», «Леди Лейф», «Ойдин» ва чанде дигар.

Шояд масъулин на дар ҳама маврид ба умқи маънои калимаҳо фурӯ раванд. Масалан, бевосита баробари шунидани калимаи «Аллигатор» пеши назар шоҳтимсоҳ падид меояд, чаро ки калимаи «Аллигатор» ҳамин маъниро ифода мекунад.

Гузашта аз ин, тақлиди мо ба номҳои аврупоӣ кӯр-кӯрона аст. Мардуми мо дарки маъноии номҳоро надоранд. Ҳамчунин, гумон меравад, ки аврупоиён дар овезаву

номгузориҳояшон аз номҳои зебову хушоҳанги тоҷикӣ истифода баранд. Пас чаро мо кӯр-кӯрона ба эшон тақлид намоем?

Ҳамаи ин дар ҳолест, ки аз фаъолияти комиссияи босалоҳияти татбиқи Қонуни забон имрӯз 19 сол сипарӣ мегардад. Гумон мекунем, ки тӯли 19 сол корҳои зиёдеро ба сомон расонидан мумкин буд, вале, мутаассифона, то ҳол татбиқи Қонуни забон бо ду по мелангад.

Тавре мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, чунин ҳолатҳо на танҳо дар як гӯшаи шаҳр, балки дар бештари мавзеъҳо ба чашм бармехӯранд.

Хуб мешуд, масъулин камбудиҳои ҷойдоштаро рафъ карда, бо ин роҳ дар амал Қонуни забонро татбиқ менамуданд ва ба ин васила мушкилоти ҷойдошта рафъ мегардид.

Хуб, шунавандагони гиромӣ, боқӣ қазоват худи шуморост.

*Муродулло Раҳимов,*
*мухбири «Насими субҳ»*

*3. Оид ба ҳодисаи дидаатон репортаже таҳия намоед ва бо якдигар муҳокима карда, онро такмил диҳед.*

## АЪЗОҲОИ ПАЙРАВИ ҶУМЛА

## 20. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ АЪЗОҲОИ ПАЙРАВИ ҶУМЛА: ПУРКУНАНДА

Ба саволҳо ҷавоб диҳед:

1. Оид ба аъзоҳои пайрави ҷумла чӣ медонед? Ба хотир оред ва шарҳ диҳед.
2. Кадом аъзоҳои ҷумлаи дутаркиба асоси грамматикии ҷумларо ташкил медиҳанд?
3. Чӣ гуна ҷумлаҳоро содаи дутаркиба мегӯянд?
4. Аъзоҳои пайрави ҷумла ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?

**Ба ғайр аз мубтадою хабар дигар аъзоҳои ҷумларо аъзоҳои пайрави ҷумла мегӯянд. Сараъзоҳо асоси ҷумла ҳисоб меёбанд, аъзоҳои пайрав онҳоро шарҳу эзоҳ медиҳанд. Аъзоҳои пайрав ҳам асоси грамматикии ҷумла ва ҳам аъ-**

**зоҳои пайравро, ки онҳо ибораро ташкил медиҳанд, шарҳ медиҳад.**

**Маъно ва муносибати грамматикии аъзоҳои пайрави ҷумла ба воситаи савол муайян карда мешаванд. Масалан, дар ҷумлаи «Тайибаи дусола хандону шукуфон дарро кушод». Дар ин ҷумла ба ҷуз мубтадо (Тайиба) ва хабар (кушод) чунин аъзоҳои пайрав: пуркунанда (дарро), муайнякунанда (дусола) ва ҳол (хандону шукуфон) ҳастанд.**

**Бо ёрии аъзоҳои пайрави ҷумла ҳодисаҳои ҳақиқати атроф беҳтар тасвир мешаванд. Онҳо метавонанд, ба сифати ашё (предмет) ишора кунанд (Зимистони қаҳратун оғоз ёфт); ба кӣ таааллуқ доштани китоб (Ту китоби маро гирифтӣ) ва воситаи амал (Нӯшофарин бо қалам навиштанро дӯст медорад) будан ва ғайраҳоро ифода кунанд.**

**Аъзоҳои пайравро аз рӯйи моҳият ва вазифаи наҳвӣ дар ҷумла ба се гурӯҳ: пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол ҷудо мекунанд.**

*1. Ҷумлаҳоро хонед ва муайян кунед, ки калимаҳои ишорашуда ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд.*

1. Ман **хатро** хондам. (С.А.) Шодӣ **Каримабонуро** нағз мешинохт. (Ҷ.И.) Писару модар боборо гусел карданд. (Ф.Н.)

2. Файзи пагоҳӣ **ба даштрӯя зебоӣ** мебахшид. (Р.Ҷ.) Равшан аз хона **палос** баровард. (С.У.) Абуалӣ бо **танбӯр** нағмаи шӯхеро менавозад. (С.У.)

Пуркунанда предметеро ифода мекунад, ки таъсири ҳаракат ва амали ҷумла ба он равона карда шудааст. Пуркунанда ба саволҳои чиро? киро? кӣ? чӣ? бо кӣ? бо чӣ? ба кӣ? ба чӣ? аз кӣ? аз чӣ? дар бораи кӣ? дар бораи чӣ? ва ғайра ҷавоб мешавад: Ӯ бо **Гулбону** (бо кӣ?) **бозӣ карданро** (чиро) дӯст медошт. (А.Д.) Ман **падар, модар ва бародар** (кӣ?) дорам. Ҳанифа аз мағоза **китоб** (чӣ?) харид. Рангу рӯйи Ҳамид **аз сурхӣ** (аз чӣ? чаро?) **ба сафедӣ** (ба чӣ?) майл намуд. (П.Т.)

Пуркунанда бештар ба феъл – хабари ҷумла тобеъ буда, онро пурра мекунад: **Ватанро** дӯст медорам. Чиро дӯст медорам? Ватанро.

*2. Ба саволҳо ҷавоби пурра навишта, мубтадо, хабар ва пуркунандаҳои онро ишорат кунед.*

Намуна: Салим ба бародараш чӣ овард? – Салим ба бародараш бозича овард.

1. Шумо киро бештар эҳтиром мекунед? 2. Шумо ба кӣ пайравӣ карданӣ ҳастед? 3. Муаллим дирӯз ба шумо чӣ вазифа супурда буд? 4. Шумо аз чанд ба чанд қадам гузоштед? 5.Шумо дар кадом кор фаъол мебошед?

*3. Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро хонда муқоиса кунед, ба калимаҳои ишорашуда саволҳои мувофиқ гузоред ва мулоҳизаатонро гӯед.*

| | |
|---|---|
| 1. Шодӣ **аз бистари** беморӣ хест. | 1. Ӯ **аз беморӣ** чанд вақт ба дарс наомад. |
| 2. Ҷамшед **бо дӯстонаш** суҳбат мекард. | 2. Одам бояд **бо мулоҳиза** гап занад. |
| 3. Соли 1967 **ба М. Турсунзода** унвони «Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ» дода шуд. | 3. Кӯҳнавардон ба қуллаи ба номи М.Турсунзода баромаданд. |

*4. Шеърро буррою равшан хонда, пуркунанда ва мубтадоҳоро муайян кунед ва гӯед, ки онҳо ба шеър чӣ муассирият бахшидаанд.*

**Панди дерин**

Одами баднафсро нони даҳонаш мекушад,
Шахси бадгуфторро захми забонаш мекушад.
Шавқу шӯри навҷавониро пайи ишрат мабар,
Беадабро ҷунбиши хуни ҷавонаш мекушад.
Кӯдаконашро агар н-омӯхт одобе падар,
Оқибат ноодамии кӯдаконаш мекушад.
Мебарӣ бо худ камон, аз тири он андеша кун,
Марди беандешаро тири камонаш мекушад.
Гар шиновар хешро бар сели дарё мезанад,
Ҳалқаи гирдоби дарёи равонаш мекушад.
То ки қад боло кунад, по монд дар болои дӯст.
Бевафоро дар ҷудоӣ душманонаш мекушад...

*Сафармуҳаммад Айюбӣ*

**Савол ва супориш**

1. Ба андешаҳои шоир розиед ё не? Чаро?
2. Нони даҳон магар одамро мекушад? Шарҳ диҳед.
3. Хабарҳои такроршуда ба шеър чӣ таъсир бахшидаанд?

*5. Матнро бодиққат хонед ва аниқ созед, ки дар бораи кадом мактаб сухан меравад. Пуркунандаҳои матнро муайян кунед ва нависед.*

Ман ба мактаб даромадам. Ҳамроҳи ман падарам як лаълӣ кулчаву мавизро ба як дастархон печонида, ҳалвои гӯён бурда буд. Мактабдор дастархонро кушод, яке аз кулчаҳоро шикаста, қадре худаш хӯрд ва падарамро ҳам таклиф кард, падарам ҳам як бурда хӯрд. Пас аз он як кулчаи дигарро чунон реза кард, ки гӯё ба мурғон медода бошад ва он нонрезаҳоро ба ҳар тарафи мактаб ба болои бачагон пош дод.

Дар ин вақт як занозанӣ, ҷомадарронӣ, рӯйханҷолкунӣ ва чашмкание буд, ки дар даруни мактаб пайдо шуд. Ба болои ин доду фарёд, оҳу фиғон, гиряву зории бачагон гӯё боми мактабро ба ҳаво мебардошт.

Ин шӯру ғавғо бар болои нонрезаҳое буд, ки мактабдор аз ҳалвоии ман ба бачагон бахшиш карда буд...

*Садриддин Айнӣ*

Пуркунанда асосан ба воситаи исму ҷонишинҳои шахсӣ ифода меёбад. Ҳиссаҳои дигари нутқ замоне ба вазифаи пуркунанда меоянд, ки агар мафҳуми исмӣ пайдо кунанд. **Гулрӯро** аз ҳафтсолагӣ ба мактаб доданд. (Р.Ҷ.) **Дӯконро** рӯзона баста монда намешавад. (С.А.) Мо дар пеши чароғ **ӯро** дидем. (С.А.) Ромин **бо бобояш** бозӣ карданро дӯст медорад. Фаршед ҳамеша ба **калонсолон** салом медиҳад. Аҳдия **даҳро** пур кард. Отифа **хонданро** дӯст медорад.

*6. Матнро хонед ва ба мазмуни он диққат диҳед. Гӯед, ки чаро дар ҷумлаи сеюм якчанд пуркунанда истифода шудааст.*

Меҳнати даст ва меҳнати тафаккур ин ду чиз тамоми ҳаёти эҷодии Пайравро фаро мегирифт. Ӯ байтеро ба охир

нарасонида, ба дарёи фикр ғӯтавар мешуд. Соатҳо хомӯш мегашт, баъзан мисраеро борҳо такрор менамуд, гаштаву баргашта оҳанги калимаҳоро месанҷид, ҷойи онҳоро тағйир медод, ҷилваи онҳоро гӯё ба пеши назар меовард ва ба чӣ гуна садо додани онҳо гӯё гӯш мениҳод, гӯё лаззати ҳар як калимаро чашида медид, рангу тобиши онҳоро муоина мекард. Шиносоӣ ва дӯстӣ бо Пайрав барои ман дар муддати тамоми ҳаётам як мактаби омӯзиши маҳорати шоирӣ гардид.

*Муҳиддин Аминзода*

**Савол ва супориш**

1. Пуркунандаҳои матнро нависед.
2. **Лаззати ҳар калимаро чашидан** чӣ маъно дорад?
3. Борҳо такрор кардану санҷидани калимаҳо чӣ аҳамият дорад?
4. Дар навиштору гуфтор ин тартиброрио мекунед? Чаро?

## 21. НАВЪҲОИ ПУРКУНАНДА: БЕВОСИТА ВА БАВОСИТА

*1. Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро бодиққат хонда, ба якдигар муқоиса кунед. Чаро пуркунандаҳои сутуни дуюм пасоянди «ро» доранду сутуни якум не. Мулоҳизаатонро гӯед.*

| | |
|---|---|
| 1. Иброҳим аз телевизор филм тамошо кард.<br>2. Рӯзи таваллудам рафиқонам ба ман китоб туҳфа карданд.<br>3. Ошпаз пиёз реза кард. | 1. Иброҳим аз телевизор филми «Чапаев»-ро тамошо кард.<br>2. Рӯзи таваллудам рафиқонам ба ман китоби «Тобистон»-ро туҳфа карданд.<br>3. Ошпаз пиёзро реза кард. |

*2. Зарбулмасалҳоро хонед ва шарҳ диҳед. Бо кадом пешояндҳо таркиб ёфтани пуркунандаҳоро гӯед ва андешаатонро дар бораи вазифаи пешояндҳо баён кунед.*

1. Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан.
2. Бе меҳнат роҳат муяссар намешавад.
3. Ба ҳикмат ҳалли ҳар мушкил тавон кард.
4. Бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад.

Пуркунанда ду хел мешавад: бевосита ва бавосита. Пуркунандаи бевосита ашёеро ифода мекунад, ки амали феъли гузаранда ба он равона шудааст. Пуркунандаи бевосита ду шакли ифода дорад:

а) бо пасоянди –ро: **Аҳмадро** дидам. **Хатро** хондам. (Дар ин шакл пуркунанда ба саволҳои киро? чиро? ҷавоб мешавад. Киро? – Аҳмадро, Чиро? – хатро);

б) бе пасоянд: Вай **мактуб** хонд. Ман **хоҳар** дорам. (Дар ин шакл пуркунанда ба саволҳои **чӣ?** ва **кӣ?** ҷавоб мешавад. **Чӣ хонд?** – мактуб. **Кӣ дорам?** – хоҳар).

Бо пасоянди – ро ва бе он омадани пуркунандаи бевосита ба маълум будан ва ё ба маънои умумӣ истифода шудани пуркунанда вобаста аст: Ман **хатро** хондам. Дар ин ҷумла дар бораи **хатти муайян** сухан меравад, ки пуркунанда ҳатман пасоянди – ро мегирад.

Вале дар ҷумлаи «Ман **хат** хондам» умуман, гап дар бораи хондани мактуб меравад. Дар сурати муайян набудани хат пуркунанда бе пасоянд дар паҳлуи хабар меояд. Ҳамин ки пуркунанда аз паҳлуи хабар дур рафт, ҳатман пасоянд мегирад.

*3. Матнро хонед ва мазмуни онро мухтасар нависед. Сипас пуркунандаҳои бевоситаро аз матн ва навиштаи худ ёбед ва ба ҳар кадом савол гузоред.*

Подшоҳро нарду шатранҷ бохтан ва май хӯрдану гӯй задан ва шикор кардан пайваста набояд, зеро ки ӯро аз корҳо боздорад. Ҳар кореро вақтест. Чун вақт набошад, суд зиён гардаду шодӣ ғам шавад. Аммо хусравони пешин рӯзро ба чаҳор қисмат кардандӣ: як баҳра Эзидро парастидандӣ ва тоат кардандӣ, як баҳра андар подшоҳиву мулки хеш назар кардандӣ ва мазлумонро дод бидодандӣ ва доноёну хирадмандон тадбир кардандӣ ва фармонҳо додандиву номаҳо навиштандӣ ва расулон фиристодандӣ. Ва баҳраи севум аз хӯрдану хуфтан ва аз ин ҷаҳон баҳра баргирифтан дар шодию хуррамӣ будандӣ. Ва баҳраи чаҳорум ба шикору чавгон задан ва он чи бад - ин монад, машғул гаштандӣ.

Баҳроми Гӯр рӯзгори хеш ба ду ним кардӣ: як ними рӯз кори мардумон гузоридӣ ва як ними рӯз биосудӣ ва андар ҳама подшоҳии ӯ касе рӯзи тамом кор накардӣ.

Нӯшервони одил фармуда буд, то бар баландӣ рафтандӣ ва аз хонаҳое, ки дуд барнаомадӣ, бипурсидандӣ, ки чӣ будааст. Агар андар ғаме будандӣ, он аз эшон баргирифтӣ.

Ва набояд, ки ҳеҷ подшоҳе раво дорад, ки омилони вай аз раият чизе ба ноҳақ биситонанд.

*Муҳаммад Ғазолӣ*

**Луғат**

**Дод додан** – адолат кардан, шафқат намудан
**Расулон** – қосидон, фиристодагон
**Омилон** – ҳокимон, намояндагон, вакилон, андозгирон

**Савол ва супориш**

1. Кадом номро ба матн мувофиқ медонед? Чаро?
2. Ба тақсимоти вақт розиед? Шумо мебудед, вақтро чӣ тавр истифода мебурдед?
3. **Машғул гаштандӣ** ва ба ин монанд ифодаҳоро дар забони имрӯза дар кадом шакл баён мекунанд?

*4. Матнро нависед, мубтадою хабар ва пуркунандаҳои бевоситаро ишорат кунед.*

Тирамоҳ. Санглох шудгор шуд. Боз як раҳ ронда, гандуми тирамоҳӣ мекорем, вале тухмӣ ба замин наафтида, Муҳаммадиро ба ҷанг даъват карданд... Ман бояд шабу рӯз кор кунам. Ҳамин тавр ҳам мешуд. Ман трактор меронам. Пирамарде тухм мепошид, як ҷуфт барзагов мола мекард. Села-села кабӯтарон дон мечиданд. Қаровул кабӯтаронро «ҳой-ҳой» гуфта пеш мекард...

*Сорбон*

**Савол ва супориш**

1. Дар ҷумлаи дуюм санглох кадом аъзои ҷумла аст?
2. **Боз як раҳ,** яъне чӣ?
3. Ҷумлаи охирин содаи тафсилӣ ё хуллас?

*5. Ҷумлаҳое тартиб диҳед, ки калима ва ифодаҳои зерин дар онҳо ба вазифаи пуркунандаи бевосита оянд. Бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода шудани пуркунандаи бевоситаро маънидод кунед:*

Худ, Аҳмад, боғбон, хондан, даҳ.

*6. Ҷумлаҳоро нависед ва дар зери мубтадою хабар хат кашед. Ба шакли пуркунандаҳои дар аввали ҷумлаи 4-5 омада диққат диҳед.*

1. Файзи пагоҳӣ ба даштрӯя зебоӣ бахшид. (Ф.Н.)
2. Дониш талабу бузургӣ омӯз. (Низомӣ)
3. Барои дӯстон ҷонро фидо кун,
   Валекин дӯст аз душман ҷудо кун. (Ҷомӣ)
4. Оқилеро пурсиданд, ки некбахт кисту бадбахтӣ чист? (Саъдӣ).
5. Занро ном Зебӣ буд. (Ҳ.К.)
6. Пойи мору шири мурғу нони мулло кас надид. (Зарб.)

*7. Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро бо риояи оҳанг хонед ва мубтадою пуркунандаи онҳоро ёфта, савол гузоред.*

| | |
|---|---|
| 1. Хабарро Хусрав навишт.<br>2. Котиб қарорро хонд.<br>3. Талабагон вазифаро иҷро карданд.<br>4. Одамон меваҳоро ғундоштанд. | 1. Хусрав хабарро навишт.<br>2. Қарор хонда шуд.<br>3. Вазифа аз тарафи талабагон иҷро карда шуд.<br>4. Меваҳо ғундошта шуданд. |

Пуркунандаи бавосита нишон медиҳад, ки таъсиру амалиёти хабари ҷумла ба он бо воситаҳои гуногун мегузарад.

Пуркунандаҳои бавосита бо исм, ҷонишину масдар ва бо ёрии пешояндҳо ифода меёбанд. Ин пуркунандаҳо барои он бавосита ном доранд, ки онҳо таркибан аз калимаи мустақил бо пешоянд ва баъзан пасоянд ташкил меёбанд (аз вай, бо қалам, ба хондан, аз Аҳмад).

|  |
| --- |
| Пуркунандаи бавосита ҳамроҳӣ, воситаи иҷро, сарчашмаи амал ва ғайраро мефаҳмонад:<br>I. 1. Мо ин хабарро **аз одамон** фаҳмидем. 2. Сардор **аз кору бори** коргарон нақл мекард.<br>II. 1. **Ба ӯ** мехонд дарси навҷавонӣ. (М.Т.) 2. Ҳайдар **ба ҳикояти** худ давом намуд. (С.А.) 3. Мо **ба ёрӣ додан** ҳозирем. (С.А.) 4. Худи ӯ **ба хатнависӣ** машғул шуд. (С.А.)<br>III. 1. Умрихола, Юнусбобо **бо Сафар** хушбошӣ карданд. (Ф.Н.) 2. Абуалӣ боз **бо танбӯр** нағмаи шӯхеро меназад. (С.У.)<br>IV. 1. **Бе коргарон** ҷаҳони ободон нест. (А.Л.) 2. Нест ба кас бе ту нишоти ҳаёт, **Бе ту** набошад ба халоиқ нишот. (М.Т.) |

*8. Ҷумлаҳоро нависед ва пуркунандаҳои бавоситаро ёфта, ба зерашон хат кашед. Пешояндҳои онро шарҳ диҳед.*

1. Ман барои бо муаллимам Азиз Карим хайрухуш кардан ба шуъбаи маориф даромадам. (С.У.)

2. Бо некон нек бошу бо бадон бад. (Зарб.)

3. Нигоҳ кардам, ки аз нуҳ понздаҳ дақиқа гузаштааст. (Ҷ.И.)

4. Пӯлод ҳам ба рафтан розӣ шуд. (Р.Ҷ.)

5. Ҳакимеро пурсиданд: Аз саховату шуҷоат кадом беҳтар аст? (Саъдӣ)

6. Хушкаломанд, шӯх, густоханд, Ҳамдигарро дугонаҳои Садаф. (М.Т.)

*9. Ҷумлаҳоро хонед ва ба ҳам муқоиса кунед. Гӯед, ки хабарҳо дар муайян сохтани аъзоҳои ишорашуда чӣ нақш доранд.*

|  |  |
| --- | --- |
| Ба як кас кор доштам, набудааст, **ба пахтачинӣ** рафтааст. (Ҷ.И.)<br>2. Вай либосҳоро, ҳар гоҳ агар **ба меҳмонӣ ё ба тӯй** равад, мепӯшид. (С.У.) | 1. Онҳо имрӯз ба **пахтачинии** хоҷагӣ ёрӣ мерасонанд.<br>2. Деҳаи Соктаре **аз деҳаи Маҳаллаи Боло** беҳтар менамуд. (С.А.) |

| | |
|---|---|
| 3. Коргарзанони кӯдакдор **ба кори саҳро** мераванд. (А.Д.) | 3. Дар сари дастархон падару духтар **аз мактаб, аз ину аз он гап** зада менишастанд. (Ҷ.И.) |

*10. Ҷумлаҳоро нависед ва пуркунандаҳои ишорашударо аз ҷиҳати таркиб муайян созед.*

1. Акнун суханро ба **муаллим** медиҳем. (Ҷ.И.) 2. **Бо каландча** он заминро се бор каландгардон кардам. (С.А.) 3. Вай ду бор **бо Ифтихорномаи** Шӯрои Олии Тоҷикистон мукофотонида шуд. 4. Ҳалим **бо ду-се бачаи** дигар ба назди ман омада, қаламро пурсид. (С.У.) Фарроши мадраса **ба шуста пок кардани дари** ҳуҷраи ӯ саргардон аст. (С.А.) 5. Фозилҷон дар бораи Рашидов **ҳикояро** сар кард. (Ҷ.И.) 6. **Ба дари хонаи Зебуннисо расиданашонро** надониста монданд. (Ҳ.К.)

Пуркунанда аз ҷиҳати таркиб ба ду навъ: сода ва таркибӣ ҷудо мешавад.

Пуркунандаи сода бо як калима ва ё як калимаю пешоянд ифода меёбад: Насими баҳор **байракро** ҷилва медод. (Ф.Н.) **Шайхро** ҳунар нест, хонақоҳ танг аст. Ӯ **ба одам** монандӣ дошт.

Пуркунандаи таркибӣ бо ибораҳои рехтаю масдарӣ ва таркибҳо ифода меёбад: Гоҳо вай **бо ҳамроҳии як нафар – ду нафар шогирдони** худ меомад. (С.У.) Ман **барор нагирифтани корамро** ба Солеҳ хабар додам. (С.У.)

*11. Ҷумлаҳоро хонед ва шарҳ диҳед, ки пуркунандаҳои бавосита бо чӣ ифода шудаанд.*

1. Иброҳим аз мардуми он ҷо губсар талаб кард, надодандаш. (С.А.)

2. Падар мегӯядат, ки нек фарзанд, Ман аз ту сад ҳазорон бор хурсанд. (М.Т.)

3. Ё касе гуфтат, ки дар Ҳиндустон, Ризқи инсон аст чун оби равон. (М.Т.)

4. Мегуфт фасонаҳои гармаш, Чандон ки чун мум кард нармаш. (Низомӣ)

*12. Ҷумлаҳоро нависед ва муайян кунед, ки пуркунандаҳои ишорашуда ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд. Гӯед, ки воситаҳои ифодаашон кадом пешояндҳоянд?*

1. **Дар ин бора** фикри рафиқонро шунида, бояд маҷлис ба қарор ояд. (С.А.)
2. Пӯлод ба ӯ **оид ба маводди семинар** саволҳо дода, ҷавобҳои мухтасару саҳеҳ гирифт.
3. Аҷаб бой асту зебо кӯҳсорат,
   Пур **аз дур** кӯҳсори обшорат. (А.Д.)
4. Чойҷӯшро **бо оби сард** пур карда, боз бар сари гулхан овехт. (С.А.)

*13. Ҳикояро хонед ва гӯед, ки ҳикмати он дар чист? Пуркунандаҳои онро ёбед ва кадом навъ буданашонро шарҳ диҳед.*

Кабӯтарро гуфтанд:

– Чун аст, ки ту ду бача беш барнаёрӣ ва чун мурғи хонагӣ бар бештар аз он қудрат надорӣ?

Гуфт:

– Бачаи кабӯтар ғизо аз ҳавсалаи модару падар мехӯрад ва чӯжаи мурғи хонагӣ аз мазбала бар ҳар роҳгузар. Аз як ҳавсала ғизои ду бача беш натвон дод ва аз ним мазбала дари рӯзии ҳазор чӯжа тавон кушод.

**Қитъа:**

Хоҳӣ, ки шавӣ ҳалолрӯзӣ,
Ҳамхона макун аёли бисёр.
Донӣ, ки дар ин сарочаи танг
Ҳосил нашавад ҳалоли бисёр!

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

**Луғат**

**Мазбала** – пасафкандаҳо

**Ҳавсала** – сангдон, чиғилдони мурғ, меъдаи парандагон

**Аёл (иёл)** – оила, хонавода, зану фарзанд
**Сароча** – хонаи хурд (киноятан дунё)
**Чӯжа** – чӯҷа

### Савол ва супориш

1. Хулосаатонро мухтасар нависед.
2. Мазмуни ҳикоя ба шароити имрӯза чӣ наздикӣ дорад?
3. Ба ин фикр розиед ё на? Чаро?

*14. Ҷумлаҳоро нависед, пуркунандаҳоро муайян кунед ва ҷойи онҳоро шарҳ диҳед.*

1. Халқҳо амниятро мехоҳанд. 2. Ман ордро ба хона овардам. (С.У.) 3. Гулрӯро аз ҳафтсолагӣ ба мактаб доданд. (Р.Ҷ.) 4. Зан дастархон андохта, нонҳои гарм ниҳод. (С.У.) 5. Обро дида мӯза каш, ҳаворо дида ғӯза. (Зарб.) 6. Мо аз сабзавот, мева, харбузаю тарбуз ҳеҷ камӣ надоштем. (С.У.) 7. Ба бобоям ин таклиф маъқул афтодааст. (С.А.) 8. Аз гург касе сухан нашунидааст, Аз бед касе мева начидааст. (Зарб.)

## 22. МУАЙЯНКУНАНДА ВА ИФОДА ШУДАНИ ОН

*1. Хонед ва муқоиса кунед. Гӯед, ки дар кадоми ин порчаҳо тасвир аниқтар ифода шудааст.*

| | |
|---|---|
| Ман аз пайраҳа мерафтам. Ду тарафро тутчаҳо зич фаро гирифта буданд. Рӯйи заминро алафҳо гилемвор пӯшида буданд. | Ман аз пайраҳаи борики **печдарпеч** мерафтам. Ду тарафи пайраҳаро тутчаҳои **ҷавон** фаро гирифта буданд. Рӯйи заминро алафҳои **қадбаланд** гилемвор пӯшида буданд. *Пӯлод Толис* |

### Савол ва супориш

1. Калимаҳои ишорашуда ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд?
2. Он калимаҳо чӣ хел алоқаманд шудаанд ва кадом калимаро муайян мекунанд?
3. Вазифаи калимаҳои ишорашударо шарҳ диҳед.

*2. Хонед ва муайян кунед, ки ибораҳои зерин аз ҷиҳати тобиши маъно чӣ фарқ доранд.*

1. Мошини сабукрав

Мошини сурхи сабукрави чоркаса. Мошини сурхи сабукраву чоркаса. Мошини сурхи сабукрав, чоркаса.

2. Кӯчаҳои асфалтпӯши сермошини шаҳр.

Кӯчаҳои васею асфалтпӯшу сермошини шаҳр.

Муайянкунанда аъзои пайрави ҷумлаест, ки аломату хосият ва миқдори ашё (предмет)-ро баён карда, **ба саволҳои чӣ хел? кадом? чанд? аз они кӣ? кӣ? чӣ?** ҷавоб мешавад.

Муайянкунанда пеш аз ҳама ба воситаи сифат, сифати феълӣ ифода меёбад. Дар баробари ин исму шумора, ҷонишин, масдар ба вазифаи муайянкунанда истифода мешаванд: **бинои баланд, солҳои панҷоҳум, лолаи шукуфон, китоби хонанда, деҳаи мо, беҳтарин талаба, орзуи хондан.**

Муайянкунанда аз рӯйи тарзи алоқа ду хел мешавад: **изофӣ ва беизофа:** ҳавои дилкаш, калонтарин бино.

Муайянкунандаи изофӣ баъд ва беизофа пеш аз муайяншаванда меояд.

*3. Матнро хонед ва ба муайянкунандаҳои ишоратшуда саволҳо гузошта, онҳоро бо муайяншавандаашон нависед.*

Айнӣ ҳамеша хоҳишманди **он** буд, ки нависандагонамон зиёд бошанд, китобҳои **нағз** бисёр шаванд ва хусусан, нависандагони **ҷавон,** зудтар ба камол расанд. Устод нутқи **онрӯзаи** худро низ асосан ба нависандагони ҷавон бахшид. Ӯ аз таҷрибаи **бузурги** худ мисолҳо оварда, ба мо роҳ нишон медиҳад, баъзеи моро танбеҳ дода, таъкид мекард, ки ба худ мағрур нашуда, ҳаёт ва орзуву умедҳои халқро омӯзем.

Мо ба суханони **пурқимати** устоди **хирадманди** худ бо диққати **беинтиҳо** гӯш медодем ва ин нутқи ӯ барои мо, ҷавонон, дарси **муҳимми мактаби нависандагӣ** гардид.

*Пӯлод Толис*

*4. Шеърро хонед. Муайянкунандаҳои онро ёбед ва бо кадом ҳиссаи нутқ ифода шудани онҳоро шарҳ диҳед.*

Равшанӣ борад зи рӯшон, насли рахшонро бубин,
Лолаҳои навраси Хоруғу Рӯшонро бубин.
Гар надидӣ ҷавҳари рақсону лаъли нағмахон,
Ганҷҳои санъати кӯҳи Бадахшонро бубин.
Бар дил ин лабҳои хандон шодмонӣ медиҳанд.
Пирӣ аз хотир баранд, ин навҷавононро бубин.
Кас надида рӯйи ҷонро то кунун бо чашми сар,
Дар рухи ин баччаҳо, эй дил, биё, ҷонро бубин.
Ҳолашон пурҷилваю ояндашон тобанда аст,
Шодию фахру умеди Тоҷикистонро бубин!

*Абулқосим Лоҳутӣ*

**Савол ва супориш**

1. **Рӯшон** аз **рӯшон** чӣ фарқ дорад? Онро дар забон чӣ меноманд?
2. Чаро баччаҳо бо ду «ч» омадааст? Имлои онро шарҳ дода, шакли дурусташро дар ёд бигиред.
3. **Шодию фахру умеди Тоҷикистонро** имрӯзҳо дар чӣ дидан мумкин аст?

*5. Матнро бодиққат хонед ва аниқ созед, ки чӣ чиз матнро хушоҳанг сохтааст.*

Машинаи сабукрав аз қишлоқи Суҷина гузашт. Ду тарафи роҳро кӯҳҳои баланд печонда гирифтаанд. Дар тарафи дасти чапи мо дарёи Зарафшон дар ғурриш аст. Дар он тарафи дарё – дар тарафи дасти рости он роҳи Заҳматобод монанди як мори сафеди печдарпеч менамояд. Бо вуҷуди 12 ноябр будан ҳаво гарм аст. Аз бодҳои гирдбодангези дарёбод ва кӯҳистон асаре нест. Офтоб метобад. Ҳаво монанди моҳути осмониранг соф ва беғубор аст. Ин ҷо ободон аст. Доманаи кӯҳ ва канори дарё заминҳои ҳамвор буда, ҳама ҷоро кишти шолӣ фаро гирифтааст.

Деҳқонон шолӣ мекӯбанд, чош менамоянд ва шолӣ мекашонанд. Ғарамҳои шолӣ ва хирманҳои нокӯфтаи он ба

назар монанди қаторҳои кӯҳҳои маллатоб менамоянд. Чошҳои шолидона монанди хомаҳои реги сурхи дурушт хаймавор сар ба ҳаво кашиданд .

*Садриддин Айнӣ*

*6. Ҷумлаҳоро нависед ва муайянкунандаҳои онҳоро ёфта, бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтанашонро шарҳ диҳед.*

1. Абрҳои тира ба рӯйи моҳи мунир ва ситораҳо пардаи сиёҳ кашиданд. (А.И.) 2. Устоди хунёгарон дар бораи хелҳои ҳайвонот ва сифати овозҳои онҳо фикр мекард. (А.И.) 3. Чунин булбулон танҳо дар чаманистони зебо ва гулистони дилрабо пайдо мешаванд. (А.И.) 4. Шаби чаҳордаҳум Саид баҳузур хобид. (У.К.) 5. Анвар тараддуди рафтан кард. (М.Б.) 6. Ғоибамак як чойник оби нӯшиданӣ овард. (С.У.)

## 23. МУАЙЯНКУНАНДАИ ИЗОФӢ ВА БЕИЗОФА

*1. Порчаҳоро возеҳу равшан ва бодиққат хонед, муайянкунандаҳоро бо муайяншавандаҳояш ёфта нависед ва шарҳ диҳед.*

Рӯйи хушу овози хуш доранд ҳар як лаззате,
Бингар, ки лаззат чун бувад маҳбуби хушовозро.

*Саъдии Шерозӣ*

Гули бехор муяссар нашавад дар бӯстон,
Гули бехори ҷаҳон мардуми некусиёранд.
Саъдиё, марди накуном намирад ҳаргиз,
Мурда он аст, ки номаш ба накуӣ набаранд.

*Саъдии Шерозӣ*

Адл дар дунё накуномат кунад,
Дар қиёмат некфарҷомат кунад.
Андар ин олам мукаррам созадат,
Чун ба он олам равӣ, бинвозадат.

*Наирӣ*

**Муайянкунандаи изофӣ ду хел мешавад: сифатӣ ва соҳибӣ.** Муайянкунандаи сифатӣ бо ҳиссаҳои нутқи зерин ифода меёбад:

а) бо сифати аслӣ: Пардаи **сиёҳ** атрофро фаро гирифт. (А.А.) Ҷавони **сабзинаи қоматбаланд** дар як сӯй менишаст. (А.А.)

б) бо сифати нисбӣ: Вақти киштҳои **баҳорӣ** мегузашт. (С.А.) Сели **имсола** сахт будааст. (У.К.)

в) бо сифати феълӣ: Ҳофизи **хаста ва роҳкӯфта** ин масофаро тай кард. (А.А.) Баргҳои **хазоншуда** аз боди ҷонкоҳ фурӯ рехтанд. (А.А.)

г) бо шумораи тартибӣ: Падарам барои равғандон ба лампаи **чилум** кардан хумчаи сафолине харида будааст. (С.А.) Рӯзи **дуюму сеюм** бачагон ба шароит одат карданд.

Муайянкунандаи соҳибӣ бо чунин ҳиссаҳои нутқ ифода мегардад:

а) бо исм: Шуҳрати **Ҳофиз** оламгир шуд. (А.А.)

б) бо ҷонишин: Гуфтугӯйи **онҳо** хеле давом кард. (Ҳ.К.)

Муайянкунандаи изофӣ ҳамеша бо муайяншаванда бо бандаки изофӣ алоқаманд мешавад.

*2. Байтҳоро хонед ва маънидод кунед. Муайянкунандаҳои изофиро аниқ сохта шарҳ диҳед, ки сифатианд ё соҳибӣ ва бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтаанд.*

Печид чу мори захмхӯрда,
Афтод чу мори ниммурда.

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

Чу хоҳӣ, ки номат бувад ҷовидон,
Макун номи неки бузургон ниҳон.

*Саъдии Шерозӣ*

Адаб беҳтар аз ганҷи Қорун бувад,
Фузунтар зи мулки Фаридун бувад.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Кори беилм бору бар надиҳад,
Тухми бемағз бас самар надиҳад.

*Саноӣ*

Ҷавонони донандаи боҳунар
Нагиранд беозмоиш ҳунар.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

**Луғат**

**Қорун** – номи як сарватманди хасис, ки ба ғазаби Худо гирифтор шуда, бо тамоми сарваташ ба зери замин фурӯ рафтааст

**Ганҷи Қорун** – сарвати Қорун ном шахс

*3. Матнро бодиққат хонда, муайянкунандаҳои сифатӣ ва нисбиро аниқ созед ва дар сутунҳои ҷудогона нависед.*

Усто борҳо оби дарёи Қаратоғро ёд оварда, ба мо ҳасрат мекард, ки чӣ сон оби мусаффои ин дарёи пуртуғён ширину гуворо ва ҳаловатбахши ҷон аст. Чойи кабуди хуштаъми чойхонаи Қаратоғ ва суҳбати дӯстонашро ҳамеша пеши назар оварда, дилаш гум мезад. Вақте ки аз Қаратоғ, ҳаёти пурҷӯшу хурӯши сокинони он, ташвишу тараддудҳои косибон ва рӯзгори пурғалаёни хеш нақл мекард, дар чеҳраи ӯ як аломати яъсу ғамгинӣ ҳувайдо мегардид. Он ҳангом вай марди фирорирo мемонд, ки аз дасти золиме ноилоҷ ҷалои ватан кардааст.

Нақли усторо шунида, дилам ба ӯ месӯхт, меҳру эҳтиромам ба вай боз ҳам меафзуд. Мекӯшидам, ки бо ҳар роҳ ҳамроҳи ҷӯраҳоям ба вай кумак расонда, меҳнаташро сабук гардонам, то ки усто ва фарзандонаш ғарибиро надонанду худро ҳамчун сокини аслии деҳаамон эҳсос намоянд. Мардуми деҳа низ дар навбати худ набояд чунин устои гулдастро аз даст диҳад. Охир, ӯ аллакай фахри деҳаи мо гардида буд. Ҳунарманд набояд хор шавад. Мардум бе ҳунарманду косиб зиста наметавонад. Ҳатто:

Шоҳ бо он ки тахт дораду тоҷ,
Ба зари косибон бувад муҳтоҷ.

*Собир Зикирзода*

**Савол ва супориш**

1. Моҳияти матн дар кадом ҷумла баён шудааст? Онро ёбед ва шарҳ диҳед.

2. Магар косибон-ҳунармандон фахри деҳаанд? Чаро?

3. Дар бораи ҳунарманди зодгоҳатон нақли мухтасар нависед ва хислатҳояшро бо истифода аз муайянкунандаҳо баён созед.

4. Муайянкунанда дар ин гуна матнҳо чӣ нақш дорад?

*4. Шеърро равон хонед, муайянкунандаҳоро ёфта, бо муайяншавандааш нависед.*

Баҳор омад, гули хандон баромад,
Раёҳин бо қади ларзон баромад.
Зи Машриқ то ба Мағриб баъди борон,
Камони Рустами Дастон баромад.
Табиат тоза шуд чун рӯйи ёрон,
Чу ҳавре аз дили кайҳон баромад.
Насим аз боғу саҳро мужда овард,
Ки базми булбули хушхон баромад.
Дилам аз сина бар тарфи чаманҳо,
Шитобону ғазалгӯён баромад.
Зи пеши роҳ дид он марди деҳқон,
Миёнро бастаю майдон баромад.
Ки аз гуфтору рафтору зи кирдор,
Ту гӯӣ, дар заминҳо нон баромад.
Барои зиндаҳо омад баҳорон,
Баҳор андар баҳористон баромад.

*Ашӯр Сафар*

**Луғат**

**Камони Рустами Дастон** – рангинкамон, тиру камон
**Тарфи чаман** – гӯшаву канори чаман, чамангоҳ

**Савол ва супориш**

1. Ба шеър чӣ номро мувофиқ медонед?

2. Муайянкунандаҳои дигарро медонед, ки ба воситаи онҳо баҳорро боз ҳам пурратар тасвир кардан мумкин бошад. Номбар кунед.

3. Дар мавзӯи «Баҳор» иншое нависед, ки як лаҳзаи онро фаро гирад.

Муайянкунандаи беизофа ашё ва чизро шарҳу эзоҳ дода, ба воситаи ҷонишинҳо, шумора ва сифат ифода меёбад:

а) бо ҷонишин: **Ин хона** зи хишти куҳна андохтаам. (С.А.) Бале, падарам аз **ким-кадом** идора шаҳодатнома оварданд. (С.У.)

б) бо шумора: **Се бародарон** ҳавлиашонро таъмири аъло карданд. (С.А.) Доим **дусад-сесад** кас аз дастархони вай ошу нон мехӯрданд. (С.А.)

в) бо сифат: Ба **калонтарин** хонақоҳи Бухоро рафтам. (С.А.)

*5. Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери муайянкунандаҳои беизофа хат кашед. Гӯед, ки бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтаанд.*

1. Моҳак ин хабарро ором шунид. 2. Ҳама атрофу акноф ин дам гӯшу ҳуш шуда буд. 3. Аввалин кас бобои Мардон буд. 4. Саг ду-се ғурроси бемаънӣ карду хомӯш шуд. 5. Ёздаҳ моҳ пас модиён куррае ба дунё овард, ки мардум бо диданаш ангушти ҳайрат мегазиданд. 6.Мегуфтанд, ки соҳиби чунин асп хушбахттарин одами дунё бояд бошад. (Баҳманёр)

*6. Ҳикояро бодиққат хонед ва гӯед, ки ҳикмати он дар чист. Сипас муайянкунандаҳои онро ёбед ва фарқи муайянкунандаи изофӣ ва беизофаро шарҳ диҳед.*

Мулк аз хирадмандон ҷамол гирад ва дин аз парҳезгорон камол ёбад. Подшоҳон ба суҳбати хирадмандон аз он муҳтоҷтаранд, ки хирадмандон ба қурбати подшоҳон.

Пандам агар бишнавӣ, эй подшоҳ,
Дар ҳама олам беҳ аз ин панд нест.
Ҷуз ба хирадманд мафармо амал,
Гарчи амал кори хирадманд нест.

*Саъдии Шерозӣ*

### Луғат

**Нопарҳезгор** – носолеҳ, пок набудан, порсою тақводор набудан
**Ҷамол гирифтан** – хушрӯю зебо шудан
**Камол ёфтан** – пурра гардидан, комил шудан, нашъунамо ёфтан
**Қурбат** – наздикӣ, маҳрамӣ, самимият

### Савол ва супориш

1. Ҳикоят аз кадом ҷиҳат писанд омад?
2. Забони он аз забони имрӯза фарқ дорад ё на?
3. Ба андешаҳои сарсатри дуюм розиед? Чаро?
4. Ҷумлаи якумро маънидод кунед.
5. Хабари ҷумлаҳоро муайян кунед ва аз ҷиҳати таркиб шарҳ диҳед.

*7. Матнро хонед ва аз рӯйи он нақле нависед ва муносибати худро нисбат ба табиат баён созед.*

Модарам хабар овард, ки дар боғ гули қоқу шукуфтааст. Ман тоқат карда натавонистаму он сӯй давидам. Ваҳ, чӣ хел зебо! Салом гулаки қоқу!

Дар миёни юнучқазор як дона гули қоқу шукуфта буд. Ба назди он дузону нишастам, хостам канда гирам, оварда сари мизи дарстайёркуниам гузорам. Аммо дастам дар ҳаво монд. Панди падарам ба ёдам омаду даст ба ақиб кашидам...

– Онҳоро накан, духтарам, – гуфт падарам. – Бигузор, ки гулҳои қоқу ба мо ҳамеша муждаи баҳорро оранд. Ту ҳамеша табиатро дӯст дор, онро озор надеҳ. Агар ягон ҷойи ту лат хӯрад, ҷонат дард мекунад? Албатта, дард мекунад.

Табиат ҳам ҷон дорад, танҳо забон надорад, беовоз нолиш мекунад.

Ман ба хона омадам. Гули қоқу дар юнучқазор монд, нашъунамо дошт. Чун аз дарс баргаштам, хоҳарчаам маро шодона пешвоз гирифт.

– Ман ба ту гули қоқу овардам. Рафта тамошо кун, ҳаловат бар...

Дилам ба изтироб омад. Тозон хона даромадам.

Дар рӯйи коғазҳои титу парешони рӯйи миз гули қоқу мехобид. Он гуле буд, ки чанде пеш шукуфон буду боғи моро

оро медод, акнун бошад, пажмурда... Онро оҳиста рӯйи каф гузоштам. Боз суханони падарам ба ёдам омаданд.

– Табиат ҳам ҷон дорад. Танҳо забон надорад, беовоз нолиш мекунад.

Дилам ба ҳоли гул сӯхт. Ман гӯё нолиши беовози ӯро мешунидам. Ҳис мекардам.

– Дидӣ? – хурсандона ба хона даромад хоҳарчаам ва як ба ман ва як ба гули дар дасти ман буда нигариста, ҳайрон монд: – Чӣ, аллакай пажмурда шудааст?

– Рост, гули қоқуе, ки ту овардӣ, шукуфон буд, – гуфтам ман, – вале танҳо вақти оварданат. Баъд аз он ки ту инро кандӣ, хазон шуд. Агар ту инро ба ҳоли худаш мегузоштӣ, он фардо ва пасфардо ҳам мешукуфт. Аммо ин гули қоқу дигар нахоҳад шукуфт. Ба ин ту сабабгорӣ...

Хоҳарчаам гунаҳкорона чашм ба замин дӯхт. Ӯ низ донист ва ҳис кард, ки табиат ҳам ҷон дорад ва озораш аз рӯйи мурувват нест. Ман андаке осуда шудам.

*Аз маҷаллаи «Машъал»*

**Савол ва супориш**

1. **Табиат ҳам ҷон дорад**-ро чӣ тавр мефаҳмед?
2. **Дилам ба ҳоли гул сӯхт**-ро шарҳ диҳед ва муродиф (вариант)-ҳои онро ном бубаред.
3. Барои ҳифзи табиат чӣ корҳоро анҷом медиҳед?

*8. Матнро хонед ва муайянкунандаҳоро ёбед ва шарҳ диҳед, ки дар баён чӣ нақше доранд.*

Зимистон бинокориҳои мардум хобида буд, Устоамак, яъне Устохоҷа дар ҳавлии беруни худ, дар зери айвончае дарсозӣ мекард. Дарҳое, ки вай месохт, аз чӯби гуҷум буд. Ӯ тахтаи чӯби гуҷумро чунон сайқал мезад, ки акси ҳар чиз ба тарзи хира бошад ҳам, аз вай намуда меистод. Дар он тахтаҳои сахт, ки онҳоро «тахтаҳои оҳанин» номидан мумкин аст, бо қаламҳои пӯлодини гуногуни худ кандакорӣ мекард. Нақшҳои кандакории вай чунон нозук ва хушнамо буданд, ки гӯё наққошони забардаст бо қалами мӯйин дар коғаз он нақшҳоро кашида бошанд.

Ӯ одами пешонакушода, хушзабон, хушмуомила ва як дараҷа ширинкор ҳам буд. Асло калонгариро намедонист, аз калону хурд забони хуши худро дареғ намедошт. Худро бо ҳама баробар мегирифт. Ба ман ҳам, ки як бачаи хурдсол будам, бо назари ҷиддӣ нигоҳ мекард ва ҳар чизе, ки дар бораи кораш мепурсидам, ботафсил ҷавоб медод ва кӯшиш мекард, ки нозукиҳои санъати худро ба ман фаҳмонад. Кораш, ки, ба назари ман, хеле дилгиркунанда менамуд, ӯро ҳеҷ дилгир намекард, аз сафед шудани рӯз то торикии бегоҳӣ аз болои кори худ намеҷунбид.

*Садриддин Айнӣ*

*9. Дар бораи шахсе ё қаҳрамони асаре тавсифнома нависед ва аз муайянкунандаҳо бамавқеъ истифода баред.*

*10. Ҷумлаҳоро хонед ва муайянкунандаҳоро ёбед ва аз ҷиҳати таркиб муайян кунед.*

1. Аз байни мардуми бозорӣ садоҳои «Восеъ, Восеъ!» баланд шуд. (С.У.) 2. Деҳқонони мо барои ҳосили оянда боз ҳам баландтар таҳкурсӣ барпо намуданд. (С.У.)

3. Дар бораи он ҳар хел гапҳо паҳн мешуд. (С.У.) 4. Чашмони хираи Саид об гирифта буд. (У.К.)

**Муайянкунанда аз ҷиҳати сохт сода ва таркибӣ мешавад.** Масалан, 1. Отифа суханҳои беҳтаринро дар бораи муаллим гуфт. 2. Пас аз зилзила дар деҳа хабарҳои воҳиманок паҳн гашт. Дар ин ҷумлаҳо «беҳтарин» ва «воҳиманок» муайянкунандаи содаанд, зеро аз як калима таркиб ёфтаанд.

Муайянкунандаҳои таркибӣ ба воситаи таркибҳо ифода меёбанд: Овози **аз ҳама форам** овози худи шумост. (У.К.) Дар ин ҷумла таркиби **«аз ҳама форам»** муайянкунандаи таркибист.

Баъзан муайянкунандаҳо тафсил меёбанд. Кӯлмакҳои **оби борони шабона боридагӣ** медурахшиданд ва абрчаҳои борики бухорро сӯйи офтоб равона мекарданд. (П.Т.)

## 24. БАЁНИЯ ВА ФАРҚИ ОН АЗ МУАЙЯНКУНАНДА

Баёния як навъи муайянкунанда буда, шахс ва ашёи эзоҳшавандаро аз ягон ҷиҳат муайян ва таъйин мекунад. Махсусияти баёния он аст, ки муайяншавандаро бо номи дигар ифода мекунад. Баёния ба саволи **кадом?** ҷавоб мешавад: **шоир** Турсунзода, Нарзии **осиёбон,** Ҳасани **аробакаш, амаки** Ҳасан, **амир** Темур, Маннони **паҳлавоп.**

Баёнияҳо ду хел мешаванд: **изофӣ ва беизофа.** Баёнияи изофӣ бо бандаки изофӣ алоқаманд мешавад ва он ҳамеша баъд аз баёншаванда меояд: мӯйсафеди **тоҷик,** марди **деҳқон.**

Дар баёнияи беизофа тарзи алоқа ҳамроҳӣ буда, воситааш оҳанги талаффуз мебошад. Он пеш аз баёншаванда: **амир** Абдулаҳад, **рафиқ** муаллим, **ака** Муқим) ва пас аз он (Садриддин Айнӣ, Абдуфаттоҳ **Кулолӣ**) низ меояд.

*1. Ҷумлаҳоро нависед ва баёнияҳоро ёфта, ба зерашон хат кашед.*

1. Дӯстам Баҳром аз ҳоли мо хабар гирифт.
2. Ҳамсабақам – Оҳистамоҳ маро баъди сию панҷ сол нашинохт.
3. Ҷалили оҳангар белу каландҳоро хушсифат тайёр мекунад.
4. Дар бораи устод Айнӣ бисёр касон ёддошт навиштаанд. (Ф.М.)
5. Дар он маҷлисҳо аз Аҳмади Калла ҳам гап мешуд. (С.А.)
6. Падарам ба ману бародарам – Азизхон аз паҳлавониҳои пештараи худ нақл мекард. (С.У.)

*2. Ҷумлаҳоро хонда, баёнияҳоро муайян кунед ва вазифаю имлояшонро шарҳ диҳед.*

1. Устоамак, яъне Устохоҷа дар ҳавлии беруни худ, дар зери айвончае дарсозӣ мекард. (С.А.)

2. Янгаам Каромат бо ёрии шавҳараш, модараш ва мо дар ду дег таом мепухт. (С.У.)

3. Ман ин гапро ба Маҳмудхоҷаи савдогар гуфтам. (С.А.)

4. Комиссия дар ҳайати донишмандони бухороӣ будани Аҳмад Махдуми Дониш, Қорӣ Абдулмаҷиди Зуфунун ва домулло Икромчаро зарур донист.

*3. Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери баёнияҳо хат кашида, онҳоро шарҳ диҳед.*

1. Устод Боқӣ ба тариқи ҳазл гуфта буданд. («Садои Шарқ») 2. Бародарам Азизхон аз муҳаббати падару модар суистифода менамуд. (С.У.) 3. Амакам Исохон дар Тошканд тагҷоӣ гашта буданд. (С.У.) 4. Аминҷон Шукӯҳӣ шоири лирик мебошад. 5. Дар он хона Раҳимбой ном кас истиқомат мекунад, ки ӯро Раҳимбойи Хурӯс мегӯянд. (С.У.)

*4. Ифодаҳоро хонед ва баёнияҳоро муайян кунед. Шарҳ диҳед, ки баёнияҳо чиро ифода мекунанд ва имлояшон чӣ гуна аст.*

Абдушукури қозикалон, Нарзии осиёбон, марди деҳқон, амаки Равшан, Зубайдахола, шоир Турсунзода, донишҷӯ Аҳдия, хонанда Иброҳим, рафиқ Олимӣ, маҷаллаи «Садои Шарқ», рӯзномаи «Ҷумҳурият»:

*5. Хонед ва ба хотир гиред.*

Баёнияҳо ба тоаври зайл навишта мешаванд:

а) баёнияҳои изофӣ ва ҳамроҳии унвон, мансаб, лақаб, нисбат, ки ба маънои аслии худ корбаст шудаанд, бо ҳарфи хурд ва ҷудо навишта мешаванд: амир Исмоил, шоҳ Аббос, Саидмуъмини паҳлавон, Шокири муаллим, Набии мироб ва ғ;

**Эзоҳ.** Агар баёнияҳо пас аз исми хос бе бандаки изофӣ омада бошанд, бо исм якҷоя навишта мешаванд. Аҳмадмахдум, Салимпаҳлавон, Қориишкамба ва ғ.

б) баёнияҳои хешутаборӣ ва эҳтиром бидуни алоқаи изофӣ бо исми хос якҷоя навишта мешаванд: Акашариф, Бибиоиша, Шарофатхола, Барноапа, Шодиамак ва ғ.

в) баёнияҳои изофии лақаб, ки бо исмҳое омадаанд, бо ҳарфи калон навишта мешаванд:

Баҳроми Гӯр, Махдуми Гав, Муҳаррами Ғарч ва ғ.

## Таҳлили синтаксисии (наҳвии) ҷумлаи дутаркиба

### Нақшаи таҳлил

1. Навъи ҷумла аз рӯйи ифодаи мақсад: ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ.

2. Навъи ҷумла аз рӯйи тобиши ҳиссию муассирӣ: хитобӣ ва ғайрихитобӣ.

3. Асосҳои грамматикӣ.

4. Сохтори ҷумла: тафсилӣ, хуллас.

5. Аъзоҳои ҷумла ва воситаҳои ифодаи онҳо: мубтадо ва хабар, сипас аъзоҳои пайрави ҷумла, ки бар шарҳи мубтадо ва хабар меоянд.

### Намунаи таҳлил

Саидалӣ бо як гурӯҳ одамонаш дар сари ҳавзи калон нишаста буд. (С.А.)

### Таҳлили шифоҳӣ

Ин ҷумла ҳикоягӣ ва ғайрихитобӣ аст. Асоси грамматикиаш Саидалӣ (мубтадо) ва нишаста буд (хабар). Саидалӣ мубтадо буда, бо исми хос ифода шудааст.

Нишаста буд хабар, хабари феълии таркибӣ, ба воситаи феъли **нишаста** ва ёридиҳандаи **буд** ифода ёфтааст. Бо як гурӯҳ одамонаш – пуркунандаи бавосита, дар сари ҳавз – ҳоли макон, калон – муайянкунанда мебошад.

### Таҳлили хаттӣ

М. пур ҳоли макон муайян. м-да

Саидалӣ бо як гурӯҳ одамонаш дар сари ҳавзи калон

хабар

нишаста буд.

# 25-26. КОР БО МАТНИ АННОТАТСИЯ

*1. Порчаҳоро бодиққат хонед ва дар охир хулосаатонро бо ифодаҳои худ мухтасар гӯед ва нависед.*

**Аннотатсия – баёни мухтасари мазмуни китобҳо, мақола ва ғайраҳо. (С.И. Ожегов. «Словарь русского языка», 1953, саҳ. 19).

**Аннотатсия тавсифи мухтасари китобҳо, мақолаҳо, ки мазмуни онҳоро баён мекунад ва баъзан баҳо медиҳад. («Энсиклопедическая словарь русского язика», -1953, саҳ. 78)

**Аннотатсия аз калимаи лот. – «annotatio» – баёни мухтасари китоб, мақола ва монанди инҳо, бештар бо баҳои интиқодии он («Словарь инностранных слов», 1954, саҳ. 56).

**Аннотатсия (аз калимаи лот. - «annotatio» – эзоҳ, қайд) – баёни мухтасари мазмуни китоб, мақола, рисола; шарҳи мухтасар. («Луғати тафсирии калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ», Душанбе, (1984, саҳ. 32).

**Аннотатсия аз калимаи лот. – «annotatio» – қайд, ёддошт яке аз навъҳои китобиёт ва тақриз аст, ки дар он мазмуни умумии ягон китоб, мақола, дастнавис, маҷмӯа ва ғайра мухтасар баён мешавад. Дар аввали китобҳо, баъд аз унвони асар одатан дар 3-4 ҷумла мухтасар мазмуну мундариҷаи онро баён мекунанд, ки «Аннотатсия» ном дорад. Дар ин маврид оид ба муаллиф маълумот медиҳанд ё аз ягон тақризе, ки дар бораи он асар ба табъ расидааст, иқтибоси кӯтоҳе оварда, як дараҷа моҳияти илмию амалӣ ё бадеии китобро нишон медиҳанд. Аннотатсия ҳоло дар ҳамаи асарҳои илмию бадеӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Муқоваи ахирини маҷмаи адибони ҷавон маълумотномае дорад, ки он низ аннотатсия аст.

Аз «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик», ҷ 1, Душанбе, 1988, саҳ. 159.

**Аннотатсия – полякӣ annotatjo лот. - «annotatio»). Шарҳи кӯтоҳи мазмуни китоб, мақола ва монанди инҳо. («Школьный словарь иностранных слов», М. 2001, саҳ. 27).

**Аннотатсия лот. – «annotation» – қайд. Як навъи тақриз ва китобиёт буда, шарҳи мухтасари асари бадеӣ, таҳқиқотӣ, рисола, мақола, дастнависро дар бар мегирад. Дар аннотатсия тавсифи мухтасари асар аз ҷиҳати ғоявӣ, мундариҷа, мавзӯъ дида мешавад. Аннотатсия, одатан, хусусияти интиқодӣ дорад. Аннотатсия навъҳои гуногун дорад: тавсиявӣ ё тавсифӣ; умумӣ ё махсус. Аннотатсия, маъмулан, барои бо мазмуну мундариҷаи асари чопшуда шинос намудани хонандагон ва ё бо мақсади ба муҳокима пешниҳод намудани асари ба чоп тавсияшаванда навишта мешавад. (Бобомуродов Ш., Мухторов З. «Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ», Душанбе, 2016, саҳ.28).

*2. Хулосаи навиштаро бо порчаи зерин муқоиса намоед.*

Аннотатсия вожаи лотинӣ буда, тавсифи мухтасари китоб, мақола, асари бадеӣ, илмии оммавиро фаро мегирад. Дар он масъалаҳои асосии китоб зикр гашта, баъзан баҳо дода мешавад.

Аннотатсия матнест, ки аз 3-4 ҷумла ва ҳатто аз ин ҳам камтар таркиб ёфтааст. Ҳаҷми матни аннотатсия ба ҳаҷми матни асосӣ вобаста нест. Аннотатсияро дар навбати худ як навъ «муаррифӣ» ё рӯйнамоӣ (реклама) гуфтан ҳам мумкин аст. Он барои ҳавасманд кардани хонандагони ҳамон асар хидмат мекунад ва ононро ба моҳияти асар ошно месозад. Қариб ҳамаи китобҳо аннотатсия доранд. Дар тарафи чапи аввали муқоваи китоб ва дар охири китоб ҷой дода мешавад.

*3. Аннотатсияеро, ки дар асари нависанда Ҷалол Икромӣ «Зогҳои бадмур» ҷой дода шудааст, хонед ва таҳлил кунед.*

Дар романи «Зоғҳои бадмур» муаллиф одамони риёкор, дудила ва мунофикро ҳадафи танқиди худ қарор дода, ба онҳо қаҳрамонони мусбати пурсубот, шуҷоъ ва қавииродаро муқобил мегузорад. Дар мубориэаи шадиди неку бад, ниҳоят, лонаҳои зоғҳои бадмур вожгун гашта, оташ мегиранд, баъд дар алангаи онҳо макру адоват сӯхта нобуд мегарданд.

**Савол ва супориш:**

1. Шумо ба ин аннотатсия розиед?
2. Ба ин аннотатсия чизе илова карда метавонед?
3. Намунаи (варианти) худро пешниҳод кунед.

*4. Чанд намунаи аннотатсияи дар зер пешниҳодшударо хонед. Муайян кунед, ки кадоме аз ин тавсифи китобҳо бо унсурҳои баҳодиҳӣ мувофиқат мекунад. Махсусияти забонии матни аннотатсияҳо ва сохтори забонии онҳоро таҳлил кунед. Кадоме аз инҳо ба шумо писанд омад? Ба ҷойи кадоме аз онҳо варианти худро пешниҳод мекунед?*

*** Убайд Раҷаб

Ману ҷӯраҳои ман. Шеъру чистон ва қиссаю достон. Душанбе, «Маориф», 1981, 232 саҳ.

Китоби «Ману ҷӯраҳои ман»-ро барои ту Лауреати мукофоти комсомоли ленинии Тоҷикистон шоир Убайд Раҷаб навиштааст. Дар он ҳам асарҳои нави дар солҳои охир эҷодшуда ва ҳам асарҳои дар давоми зиёда аз бисту панҷ сол навиштаи шоир гирд оварда шудааст. Муаллиф ҳамаи онҳоро дубора аз назари таҳрир гузаронидааст. Шеъру чистон ва қиссаву достони ин китоб аз дӯстию рафоқати одамон, аз манзараҳои табиати рӯҳбахшу дилрабои Тоҷикистон, аз машғулияти туву рафиқонат ва меҳнати калонсолон ҳикоя мекунанд, нисбат ба зиндагӣ дар дили ту муҳаббате мепарваранд.

***2. Ҳакими Мумтоз. Нақлу ривоятҳо дар бораи Абуалӣ Сино (барои бачагони синни миёна ва калони мактабӣ. Душанбе, «Маориф», 1981, 72 саҳ.)

Ҳакими Мумтоз Абуалӣ ибни Сино, ки дар байни омма шуҳрати бузурге  пайдо кардааст, қаҳрамони бисёр нақлу ривоятҳо гардидааст ва он ривоятҳо то ҳол вирди забони мардуми тоҷик ва дигар халқҳои Машриқзаминанд. Дар ин китоб ҳикоятҳое фароҳам оварда шудаанд, ки мавзӯи онҳо ба ҳаёт ва амалу эҷоди Синои бузург алоқамананд.

***Маҷмӯаи «Фарҳанги мардуми диёри Турсунзода» фарогири намунаҳои фолклор ва фарҳанги суннатии мардуми закитабъи ноҳияҳои Шаҳринаву Турсунзода буда,

дар он бори нахуст матнҳои гирдовардаи фолклоршиносони тоҷик дарҷ шудаанд. Махсусан, намунаҳои рубоию суруд, зарбулмасалу мақол, нақлу ривоятҳо ва тасвири ҷашну маросимҳои ин диёр ҷолибу судманд ва пур аз панду ҳикмат буда, барои хонандагон маълумоти тозаи бадеӣ ва таърихӣ медиҳанд. Маҷмӯа ба ҷашни 100-умин солгарди фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон устод Мирзо Турсунзода бахшида шудааст.

***Ҳадиса Қурбонова. Хатлон (достон). - Душанбе, «Адиб», 2015, 272 саҳ.

Достони Шоири халқии Тоҷикистон Ҳадиса Қурбонова «Хатлон» аз таърихи бойи ин сарзамин ҳикоятҳои талху ширин мекунад. Хатлоне, ки қаҳрамонҳояш Сабалу Хушнавозу Мизробу Сарахон ва ҷонфидоёнаш Ғотифару Тархону Австану Катану шахсони зиёде мебошанд, ки баҳри истиқлолияти Ватан ба урдуи турку тозиву муғулу манғит набардҳои беамон намуда, марзу буми ватанро аз аҷнабиён ҳифз намудаанд. Хатлоне, ки вайронаҳои Фархори антиқааш, Сайёду Ҳулбуку муъҷизаҳои кӯҳи Чилдухтаронаш имрӯзҳо ҳам дӯстдорони маданияти чи тоҷик ва чи дигаронро ба ваҷд оварда, ба сӯйи худ мекашад. Достони «Хатлон» ягона достони калонҳаҷми мураккаби назмист, ки аз таърихи асри куҳан то ба имрӯзро дар бар гирифта, тараннумгари ин марзу бум мебошад.

***Рустами Ваҳҳоб. Салом. (Маҷмӯаи ашъор) - Душанбе, «Адиб», 2015, 256 саҳ.)

Ин китоб иборат аз ашъоре мебошад, ки дар жанру қолабҳо ва мавзӯъҳои гуногун иншо шудаанд. Таърихи таълифи ин ашъор низ аз ибтидои фаъолияти адабии муаллиф то имрӯзро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз, маҷмӯаи мавриди назар мунтахаботе нисбатан мукаммал аз осори манзуми шоир мебошад.

Васфи арзишҳои муқаддаси башарӣ, миллӣ ва ватанӣ, худшиносии таърихӣ ва фарҳангӣ, пайванди самимона ва меҳрсиришт ба ин арзишҳо ва ин марзу бум мавзӯи аслӣ ва меҳвари ин маҷмӯаро ташкил медиҳад.

Дар баробари тасвирҳо ва тавсифҳои шоирона, ба бархе аз масъалаҳои мубрами дунёи муосир  аз зовияи диди шоирона назари таҳлилӣ ва таҳқиқӣ шудааст. Умед аст, ки ин китоб мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва писанди хонандагон гардад.

*5. Ба яке аз китобҳои хондаатон аннотатсия нависед ва бо аннотатсияи дар китоб буда муқоиса намоед.*

## 27. ҲОЛ ВА НАВЪҲОИ ОН: ҲОЛИ ЗАМОН ВА МАКОН

*1. Ба калимаю ибораҳои ишорашуда саволҳои мувофиқ гузоред ва чиро ифода кардани онҳоро шарҳ диҳед.*

Намуна: чавгонбозӣ дар Помир (дар куҷо? макон) шуҳрати калон дошт.

**Дар рӯзҳои ид** (...) калонсолон **аспакӣ** (...) чавгонбозӣ мекарданд. **Барои чавгонбозӣ** (...) **аз ноҳияҳои дур** (...) саворон меомаданд. Тамошои манзараи чавгонбозӣ хеле (...) аҷиб буд. Тамошобинон **аз хурсандӣ** (...) ба бозингарони моҳир таҳсин мегуфтанд.

(кай? аз куҷо? чӣ андоза? чӣ тарз? барои чӣ? аз чӣ сабаб?).

Аъзои пайрави ҷумла, ки тарз, замон, макон, сабабу мақсад ва ҳолатҳои дигари воқеъ шудани амалро мефаҳмонад, ҳол номида мешавад. Ҳол асосан хабар ва дигар аъзоҳои ҷумларо шарҳ дода, ба саволҳои **чӣ тавр? кай? дар куҷо? аз куҷо? то куҷо? чаро? аз чӣ сабаб? бо чӣ мақсад? барои чӣ?** ва ғайра ҷавоб мешавад.

Дар ҷумла зарф, сифат, исм, ҷонишин, сифати феълӣ, феъли ҳол, масдар ва ибораҳои гуногун ба вазифаи ҳол омада метавонанд. Ҳол мувофиқи маъно ва муносибаташ бо хабар асосан ба хелҳои зерин ҷудо мешавад: замон, макон, миқдору дараҷа, тарз, монандӣ, сабаб, мақсад, шарт ва хилоф.

*2. Порчаи манзумро хонед ва ба ифодаҳои ишорашуда саволҳои мувофиқ гузошта, кадом навъи ҳол буданашонро шарҳ диҳед.*

**Дар яке аз деҳоти** кӯҳистон
Марди пире намудааст макон.
Чеҳрааш тоза **мисли рӯйи баҳор,**
Соф **чун оби чашмаи** кӯҳсор.
Хотираш шоду хурраму хурсанд
**Чун дили мардуми** саодатманд.
**Мисли фӯлоди** пухта сахт танаш,
Рафта озори дард аз баданаш.
**Сар-сари кӯҳ** меравад озод,
Меҷаҳад **мисли оҳуи навзод.**

*Мирзо Турсунзода*

## Ҳоли замон

Ҳоли замон кай ва дар кадом вақт воқеъ шудани амалу ҳолатро фаҳмонида, ба саволҳои **кай? кадом вақт? аз кай? то кай?** ва ғайра ҷавоб мешавад.

Ҳоли замон бо зарфи замон, исм, феъли ҳол ва масдар ифода меёбад. **Пештар** лампа ва равғани онро ман медодам. (С.А.) **Тобистон** рӯзамон бо мевачинӣ мегузашт. (Ф.М.) Иморат **ба тозагӣ** бино ёфта будааст. (Ф.Н.) Барф **ду рӯз боз** меборид. (С.А.) Аҳрорамак **то рафтанаш** бо ҳама ҳазлу мутоиба мекард. (Ф.М.)

*3. Калима ва ибораҳои зеринро истифода бурда, ҷумлаҳо тартиб диҳед.*

Шаб, имсол, имрӯз, ҳанӯз, омадан замон, рӯзи гузашта, дар як шабонарӯз, бо як чашм задан, баробари дидани ӯ, аз пагоҳ то бегоҳ.

*4. Матнро хонед ва ҳолҳои замонро аниқ созед ва гӯед, ки кадом аъзои ҷумларо шарҳ медиҳанд.*

Рӯзи дуюми ба Душанбе омадани Юсуф-ас-Сибоӣ зиёфат оростанд устод. Азбаски моҳи рамазон буд ва

Юсуф-ас-Сибоӣ марди рӯзадор, қариби фаро расидани шом хон кушоданд. Даъватшудагон, чанд нафар аз удабо ва уламо низ ҳангоми шом ба ҷойи зиёфат расиданд.

Рӯз ба бегоҳ овардааст, аммо то рӯзакушоӣ ҳанӯз вақт ҳаст. Бинобар ин, устод ҳамроҳи меҳмони муҳтарам ба тамошои саробӯстони пури гулу гиёҳ ва долу дарахт баромаданд. Онҳо аз пайроҳаи мумфарш қадам мезаданду вақт мегузаронданд. Юсуф-ас-Сибоӣ мегуфт, ки дар садаи бист роҳҳои дур кӯтоҳ шудаанд, дигар роҳи дарозу кӯтоҳ нест, барои сафар ҳавсала лозим асту бас.

– Дина ман дар Қоҳира сайр доштам, имрӯз дар Душанбе гашт мекунам, ҳол он ки дар ин миёна як дунё масофа ҳаст. Бубин, Мирзои азиз, замон чӣ сон пеш меравад ва бигӯ, то куҷо хоҳад рафт? Ману ту шоҳиди боз чӣ гуна пешрафт хоҳем шуд.

Устод Мирзо Турсунзода ҳикоя карданд, ки ҳамагӣ бист – бисту панҷ сол пеш кас тавассути тайёра аз Душанбе ба Маскав дар давоми як ҳафта рафта метавонист. Ба воситаи қатора ҳафтаҳо даркор буд. Ҳоло чӣ? Чор соат кифоя мекунад. Чӣ тафовуте ва аз куҷост то ба куҷо.

*Убайд Раҷаб*

**Савол ва супориш**

1. Замон чӣ сон пеш меравад? Оё шумо пай бурдаед, ки дар як муддати кӯтоҳ чӣ тағйирот рух дода?
2. Ин ҳама аз қудрату пешравии чӣ аст?
3. Барои ҳарчи бештари рушди ҷомеа чӣ бояд кард?
4. Дар мавзӯи «Тафовут аз куҷост то ба куҷо» иншое нависед ва мухтасар неруи илмро дар он баён кунед.

*5. Байтҳоро хонда, маънидод кунед, сипас ҳолҳои замонро муайян созед ва нависед.*

Устухонам гашта сахт аз кӯдакӣ бо шири ту,
Рустам озод андар ин оғӯши оламгири ту.

*Абдусалом Деҳотӣ*

Хӯйи бад бар табиате, ки нишаст,
Наравад то ба вақти марг аз даст.

*Саъдии Шерозӣ*

Ду чиз тираи ақл аст: дам фурӯ бастан
Ба вақти гуфтану гуфтан ба вақти хомӯшӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

Пеш аз ману ту лайлу наҳоре будаст,
Гарданда фалак бар сари коре будаст.

*Умари Хайём*

Пас аз боридани борони найсон
Чӣ зебоянд дашту кӯҳсорон.

*Мирзо Турсунзода*

**Савол ва супориш**

1. Оид ба байти дуюм мулоҳизаатонро баён кунед.
2. Байти сеюмро чӣ тавр мефаҳмед? Андешаи шумо?
3. Чаро дар байти охир пас аз мисраи аввал вергул гузошта нашудааст? Байтро ба наср баргардонед.

## Ҳоли макон

*6. Порчаҳои манзумро хонда гӯед, ки муассирияти онҳоро чӣ таъмин кардааст.*

Ба ёдам ҳаст даврони амирӣ,
Ҳисори кухна – маъвои асирӣ.
Дар он ҷо дасти хунин буд боло,
Фалак мекард аз ин даст парво…
Дар он ҷо одамон бозор диданд,
Дар он бозор банду дор диданд.
Дар он ҷо қалъаи ҳокимнишин буд,
Замин ҳам аз фишори он ғамин буд.

***

Дар ҳамин ҷо ман ба дунё омадам,
Дар ҳамин ҷо чашмбино омадам.

Дар ҳамин ҷо ёфтам авҷу камол,
Дар ҳамин ҷо зиндагии безавол.
Дар ҳамин ҷо шуд садои ман баланд,
Дар ҳамин ҷо дӯстро гаштам писанд.

*Мирзо Турсунзода*

Ҳоли макон ҷой, макон, сӯй ва ибтидою интиҳои амалу ҳолатро фаҳмонида, ба саволҳои **куҷо? дар куҷо? ба куҷо? аз куҷо?** ва ғайра ҷавоб мешавад. Ҳоли макон бо исм ва ибораҳои исмӣ ифода меёбад: Каримов вақти саҳар **ба саҳро** равон шуд. (С.У.) Шодӣ бузбозиро партофта, **ба пеши модараш** давид. (С.А.)

*7. Ҷумлаҳо тартиб диҳед, ки калимаҳои зерин бо ёрии пешояндҳои* ***дар, аз, то*** *ва* ***ба*** *ба вазифаи ҳоли макон оянд.*

Деҳа, дашт, саҳро, мактаб, хона, шаҳр, боғ, токзор, китобхона, гулгашт.

*8. Матнро хонед ва аниқ созед, ки дар бораи чӣ сухан меравад. Сипас, ҳолҳои маконро ёбед ва нависед.*

Мо ба роҳ даромадем. Аммо падарам бо роҳи омадагиамон ба тарафи деҳа нарафта, аз болои рӯде, ки сар то сар пур аз рег шуда буд, роҳро пеш гирифт.

Мо ба деҳаи Болои Рӯд расида дидем, ки дар он ҷо ба ҷойи он деҳаи ободе, ки то дирӯз буд, як харобазори ваҳшатоваре пайдо шудааст. Ҳама ҳавлиҳои ин деҳа аз рег пур буд ва гӯшаи боми баъзе хонаҳо ҷо-ҷо намоён мегардид. Занон, духтарон ва бачагон тӯб-тӯб шуда, бар рӯйи хомаҳои рег ва дар ҳавои кушода менишастанд, дар пеши ин тӯдаҳои одамони бехонумонгардида парча-палосҳо, кӯрпа-болиштҳо ва дегу табақҳо ҳам менамуданд.

*Садриддин Айнӣ*

*9. Матнро хонед, хулосаатонро бо ду ҷумла навишта, онҳоро хаттӣ таҳлил кунед.*

Ривоятест, ки Носири Хусрав рӯзе аз деҳаи Поршинев гузашта истода мебинад, ки мусофирон дар сари роҳ нишаста даст ба сӯйи осмон бардошта, «Эй Худо, аз ташнагӣ сӯхтем!» мегӯянд. Носир ба ҳоли онҳо механдад ва таънаомез мегӯяд: – Эй шумо, бехабарон, магар намедонед, ки дасту пою ақлу чашм ва гӯш барои чист? Барои он ки беминнат роҳ равед, шунавед, фикр кунед, бинед ва ҳарчи хоҳед, ба даст оред.

Инро гуфта бо белчааш заминро кандан мегирад. Бanoхост аз қаъри замин оби чашма фаввора зада мебарояд ва ҷорӣ мешавад.

Барои ҳамин ҳам чашма асрҳо боз ба номи чашмаи «Пири Шоҳ Носири Хусрав» машҳур аст.

*Мирсаид Миршакар*

*10. Ҷумлаҳоро хонед ва муқоиса кунед. Чаро калимаю ибораҳои ишорашуда дар сутуни якум пуркунандаю дар дуюмӣ ҳол?*

| | |
|---|---|
| **Аз дурии роҳ** парво накунед. | **Аз дурии роҳ** дар вақти муайяншуда омада натавонистем. |
| **Аз хунукӣ** гармӣ беҳтар аст. | **Аз хунукӣ** дасту пояш меларзид. |

## 28. ҲОЛИ МИҚДОРУ ДАРАҶА ВА ТАРЗИ АМАЛ

*1. Ҷумлаҳоро хонед ва ба ифодаҳои ишорашуда диққат диҳед. Аниқ созед, ки онҳо кадом ҷиҳати амалу ҳолатро шарҳ медиҳанд.*

1. Раис аз ин кор **хеле** хурсанд шуд. (Ф.М.) 2. Қобилияти Биноӣ дар касби илму дониш **бағоят** зиёда будааст. (А. Мирзоев) 3. Падарам ӯро **аз ҳад зиёд** дӯст медорад. (П.Т.) 4. Борон **ду моҳи тамом** пайваста хуб борид. (С.А.) 5. **Аз ҳама зиёдтар** моро тангии ҷой азоб медод. (С.У.) 6. Табиати мамлакати мо **ба ҳадде** зебо шудааст, ки кас аз тамошои он чашм канда наметавонад. (А.Д.)

Ҳоли миқдору дараҷа ба ҳам монанд буда, баъзан як калима ба вазифаи ин ҳар ду навъи ҳол меояд. Ҳоли миқдор тобиши замону макон дошта, миқдори ашёро таъйин мекунад. Ҳоли дараҷа одатан, хабарҳоеро шарҳ медиҳад, ки бо сифат ифода шудаанд. Ҳоли миқдору дараҷа ба саволҳои **чӣ қадар? чӣ дараҷа? чӣ андоза? чанд? ба чӣ андоза?** ва ғайра ҷавоб мешаванд.

*2. Ба ҷойи нуқтаҳо ҳоли миқдору дараҷаи мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро нависед. Ба онҳо савол гузоред ва ба эзоҳи чӣ омадану бо кадом ҳиссаи нутқ ифода шудани ҳоли миқдору дараҷаро шарҳ диҳед.*

1. Султонро сухани ӯ ... хуш омад. (М.А.) 2. Рустам мактабашро ... мешиносад. (П.Т.) 3. Рухи тобони офтоб ... аз соя баромад. (С.У.) 4. Раванда дар ... ба пеши аспи худ расид. (С.А.) 5. Дида рӯзи сиёҳи ҳиндуро, Сӯхтам ман ниҳон ... (М.Т.) 6. Зиндагии Раҳими Қанд ... танг буд. (С.А.) 7. Ҳаво ҳам ... хунук шуд. (Ҷ.И.) 8. Одина ... дар завод кор кард. (С.А.)

(нағз, бағоят, панҷ дақиқа, сар то по, кам-кам, аз ҳад зиёд, се соли пурра, хеле).

## Ҳоли тарз

*3. Ба ҳолҳои ишорашуда савол гузоред ва гӯед, ки онҳо чиро ифода мекунанд. Баъд ба ҷойи онҳо аз ҳолҳои дар қавс додашуда мувофиқашро гузошта нависед.*

1. Абр **бо камоли тундӣ** аз ҷануб ба шимол медавид. (С.А.)

2. Паровоз аввал **оҳиста-оҳиста** ва баъд тез ба роҳ даромад.

3. Мӯйи ӯ **мисли пахта** сап-сафед буд.

4. Пирамард **шитобкорона** роҳ мерафт. (С.А.)

5. Манзараҳои дилфиребн Дарвозро **оромона тамошокунон** пеш мерафтем. (М.М.)

(бо шиддат, суст, бо суръат, барф барин, чусту чолок, бо хотири ҷамъ).

Ҳоли тарзи амал аломат, ҳолат ва тарзи иҷрои амалро фаҳмонида, ба саволҳои **чӣ тавр? чӣ тарз? чӣ тариқ?** ва ғайра ҷавоб мешавад.

Ҳар се **баробар** берун баромадем. (Ф.М.) Нӯфар ба **тундӣ** лаҷоми аспро аз дасти Виркан рабуд. (С.У.) Ҳама касро ақли худ **бакамол** намояду фарзанди худ **баҷамол.** (Саъдӣ)

Ҳоли тарз бо ҳиссаҳои нутқи зерин ифода меёбад:

1. Бо зарф: Мардум **ҳайрон-ҳайрон** ба ӯ менигаристанд. (С.У.) Саидакбар як китоби худро ба нӯги остинаш **олуфтаворона** гирифт. (С.А.)

2. Бо феъли ҳол: **Тамошокунон** ба лаби ҳавзи Девонбегӣ рафтам. (С.А.) Қориишкамба боз **фарёд кашида,** девонагӣ мекард. (С.А.)

3. Исм бо пешоянд: Мо **бо зӯри бозуи** падарам аз нав соҳиби хона шудем. (С.У.) Ман **ба воситаи тарҷумон** дарди худро ба ӯ фаҳмондам. (С.А.)

*4. Аз калимаҳои дар қавсбуда истифода бурда, ҷумлаҳоро пурра карда нависед ва ҳоли тарзро шарҳ диҳед.*

Бегоҳ буду оби кӯл ... мавҷ мезад. 2. Дили мард ... ба тапиш даромад. 3. Роҳгузар ... худро аз канор гирифт. 4. Ба идораҳои рӯзнома … мактуб меомад. 5. Шаҳрвандон ҳама ... ҳаракат мекарданд. 6. Танҳо аз асирони Туғай яке ... даст ба пушт бурд. 7. Чоқу ба сӯйи асирони Туғай нигарист. 8. Онҳо ... нон мехӯрданд. (Баҳманёр)

(сахт-сахт, тарсон, сахт-сахт, пасрӯ, даста-даста, бо тааҷҷуб, хомӯш, фарёдкунон).

*5. Матнро бодиққат хонед ва гӯед, ки фикри асосӣ дар кадом ҷумла баён шудааст.*

Абуалӣ андешамандона роҳ рафта, ба ҷойи аввалаи худ омада нишаст ва дастнависро як сӯ гузошт. Аз фикру андеша фориғ шуда, сар бардошта, ба шогирдонаш нигоҳ кард. Паст-паст, гӯё худ ба худ, вале бурро-бурро сухан меронд:

– Шумо давои наве таҳия кунед, хоҳ олами ситораҳоро таҳқиқ кунед, хоҳ ба ҳалли масъалаҳои ҷабр машғул шавед. Бояд хуб бидонед, ки ягонаед. Дар тамоми ҷаҳон шумо ягонаед. Дар Рум, Юнон ва Андалуси дур китобҳо сӯзонда шудаанд ва дар байни харобаҳо муҷоҳидони мутаассиби Исо сайругашт доранд. Дар Искандария ва Димишқ илму донишро муҷоҳидони харобкори ислом маҳв карданд. Фотеҳони ҷоҳили аҷнабӣ дар Ҳиндустон ва дар Ватани ман – Бухоро машъали илму донишро хомӯш карданд. Ҳоло фақат дар ин диёр, дар Хоразм, аҳли дониш имкон доранд, ки ба касби худ шуғл кунанд. Пас, шумо бояд барои ҳама, барои тамоми олами башар кор кунед...

Дар ин сурат чаро шумо далеру боҷуръат набошед?!

*Сотим Улугзода*

**Савол ва супориш**

1. Ҳолҳои тарзи амали матнро нависед.
2. Гӯед, ки ҳоли тарзи амал бештар кай мавриди истифода қарор мегирад?
3. Чаро китобҳоро аҷнабиҳо месӯзониданд? Ба ин амал чӣ гуна баҳо медиҳед?

*6. Порчаи манзумро возеҳ хонед ва гӯед, ки дар муассир гаштани порча кадом калимаҳо (ҳолҳо) нақш доранд.*

Рӯй дар қоидаи эҳсон кун,
Зоҳиру ботини худ яксон кун.
Якдилу якҷиҳату якрӯ бош
В-аз дурӯёни ҷаҳон яксӯ бош.
Аз каҷӣ хезад, ҳар ҷо халалест,
«Ростӣ – растӣ», неку масалест.
Рост ҷӯ, рост нигар, рост гузин,
Рост гӯ, рост шунав, рост нишин.
Тир агар рост равад, бар ҳадаф аст
В-ар равад каҷ, зи ҳадаф бартараф аст.

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

### Луғат

**Эҳсон** – некуӣ, лутфу марҳамат, ато, бахшидан
**Яксон** – як хел, бефарқ, мусовӣ, баробар
**Якрӯ** – бериё, беғараз, софдил
**Ҳадаф** – нишона, нишонаи тир, мақсад

### Савол ва супориш

1. **Якдил-**ро аз ҷиҳати сохт муайян кунед.
2. **Зоҳир-**ро шарҳ диҳед.
3. **Рост** кадом ҳиссаи нутқ аст?

*7. Байтҳоро хонед ва ҳолҳои тарзи онро ёбед ва бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода шуданашонро шарҳ диҳед.*

Фаровон сухан гуфт зебову нағз,
Ҷавонро зи дониш тиҳӣ буд мағз.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҷаҳондор Ҳушанги беҳуш гуфт,
Бидоред шонро ҷудо ҷуфт-ҷуфт.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Фарёдкунон то ба саҳар бедорам,
Фарёди зи бедории шабҳои дароз.

*Хусрави Деҳлавӣ*

Ба ширинзабониву лутфу хушӣ
Тавонӣ, ки пиле ба мӯе кашӣ.

*Саъдии Шерозӣ*

*8. Бо истифода аз калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед, ки онҳо ба вазифаи ҳоли тарз омада бошанд.*

Нохост, рӯирост, дартоз, якпаҳлу, ногаҳон, даста-даста, баландтар, ваҷаб ба ваҷаб, тозон, мавҷзанон, нигоҳ карда-нигоҳ карда.

*9. Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери ҳоли тарз хат кашед. Ҷойи ҳоли тарзро муайян созед.*

1. Оҳиста салом доду гузашт. (С.У.) 2. Мардум бесаброна баромадани рӯзномаро интизорӣ мекашиданд. 3. Ҳотам чолокона аз асп фаромад. (С.У.) 4. Рӯзимурод боз ҳам бағайратонатар меҷангид. (С.А.)

5. Мутриби хушнаво, бигӯ тоза ба тоза, нав ба нав,
 Бодаи дилкушо, биҷӯ, тоза ба тоза, нав ба нав.

6. Рӯз то рӯз бо риёзати роҳ
Ҳасани сарбаланд сархам шуд.

*Мирзо Турсунзода*

7. Ба оҳистагӣ аз ҷояш хест. (С.А.)

## Ҳоли монандӣ

*10. Ҷумлаҳоро хонед ва ба ифодаҳои ишорашуда диққат диҳед. Гӯед, ки онҳо амалро чӣ тавр шарҳ медиҳанд.*

1. Ба сабаби шустушӯйи ҳамешагӣ об **монанди оина** шаффоф шуд. (С.А.) 2. Бузғола бо ишорати Соро ба ҳар тараф медавид ва даррав **монанди кафтар** худро аз ҳаво андохта, муаллақзанон худро ба замин мепартофт. (С.А.) 3. Рӯяш **чун себи рахш** медурахшид, чашмонаш мисли ситораи саҳарӣ нур мепошид. (С.А.) 4. Чашми душман кӯр шуд **чун шабпарак** аз нури ту, Сархаму шарманда шуд аз хандаи масрури ту. (М.Т.)

Ҳоли монандӣ як навъи ҳол буда, амалу ҳолатро ба таври монандкунӣ шарҳ медиҳад ва ба саволҳои **монанди чӣ? монанди кӣ? мисли чӣ? чӣ барин? чӣ сон?** ва ғайра ҷавоб мешавад. Ба вазифаи ин навъи ҳол зарфи монандӣ, исм, ҷонишин, феъли ҳол ва таъбирҳо (фразеологизмҳо) меоянд.

*11. Ҷумлаҳоро нависед ва ҳолҳои монандиро муайян сохта, ба зерашон хат кашед. Гӯед, ки онҳо аз ҳоли тарз чӣ фарқ доранд?*

1. Гулбибӣ мисли шер дар ғурриш даромада гуфт. (С.А.) 2. Мард сангпуштвор қадам мениҳод. (С.А.) 3. Як кӯчаи калон теппаро монанди ҳалқа печонда гирифтааст. (С.У.) 4. Мирюсуф мурғи посӯхта барин ба чаҳор тараф медавид. (А.Д.) 5. Нозим ту барин ин қадар бетоқат нест.

*12. Бо истифода аз ифодаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед ва гӯед, ки ҳолҳои монандӣ чиро ифода мекунанд.*

Монанди булбул, монанди мард, мардонавор, гурбавор, мисли бод, чун барқ, одам барин, рӯз барин, мум газидагӣ барин.

## 29. ҲОЛИ САБАБУ МАҚСАД

Ҳоли сабаб сабаби воқеъ шудан ё нашудани амалу ҳолатро фаҳмонида, ба саволҳои **чаро? барои чӣ? аз чӣ сабаб?** ҷавоб мешавад: **Ба сабаби камтаҷрибагиаш** масъаларо ҳал карда натавонист. (С.А.) Содиқ аз **хиҷолат суп-сурх шуда** ба ҷояш нишаст. (С.А.) Ӯ **ночор** роҳи хонаи худро пеш гирифт. (С.А.)

Ҳоли сабаб асосан бо зарф, исм ва ибораҳои исмӣ, феъли ҳол, масдар ифода меёбад.

*1. Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери ҳоли сабаб хат кашед. Гӯед, ки ҳолҳои сабаб ба воситаи чӣ ифода шудаанд.*

1. Ноилоҷ роҳи Навободро пеш гирифт. (С.У.)
2. Шарофиддин аз хурсандӣ дар курта намеғунҷид.
3. Ба муносибати ҳар як ғалабаи нав тантана барпо карда мешуд. (С.У.)
4. Амон тоб оварда натавониста, аз пой меафтад. (С.У.)
5. Падарам бинобар куҳнакишоварз буданаш бисёр ҷусту чолок ва боқувват буд. (Ирфон)

*2. Матнро бодиққат хонед ва хулосаатонро мухтасар бо ифодаи худ баён кунед. Ҳангоми нақл аз ҳоли сабаб истифода баред.*

Бузарҷмеҳрро пурсиданд, ки сабаб чӣ буд, ки подшоҳии Оли Сосон вайрон гашт ва ту тадбиргари ӯ будӣ ва имрӯз рою тадбир ва хираду дониши туро дар ҷаҳон назире нест.

Гуфт: – Сабаб ду чиз буд: яке он ки Оли Сосон корҳои бузург ба кордорони хурд ва нодон гумошта буданд ва дигар аҳли донишу хирадмандонро харидорӣ накарданд ва

кор бо нодону кӯдакон гузоштанд ва ин ҳар дуро хираду дониш набошад ва ҳар он гоҳ ки кор бо нодону кӯдакон афтад, бидон, ки подшоҳӣ аз хона бихоҳад шуд.

*Низомулмулк*

**Луғат**

**Бузарҷмеҳр** – вазири донишманди мулуки Сосониён
**Оли Сосон** – давлати Сосониён соли 226 м. аз тарафи Ардашери Бобакон писари Сосон таъсис гардидааст.

## Ҳоли мақсад

Ҳоли мақсад барои чӣ ва бо кадом мақсад иҷро шудани амалро фаҳмонида, ба саволҳои **бо кадом мақсад? барои чӣ? ба чӣ мақсад?** ҷавоб мешавад.

Ҳоли мақсад асосан бо зарф, исм ва масдар ифода мегардад: Шодӣ **қасдан** шӯхӣ карда, гапро кашол медод. (Ҷ.И.) Ман ҳам **барои ба деҳа рафтан** ҳозирӣ дидан гирифтам. (С.А.) Ана ҳамин обро **барои нӯшидан** овард. (С.А.)

*3. Ҷумлаҳоро нависед ва ба ҳоли мақсад саволҳо гузоред.*

1. Аҳли маҷлис барои гусел кардани меҳмонон дар канори роҳ истоданд. (С.А.)
2. Салим қасдан худро ба нодонӣ мезад.
3. Барои хӯрокхӯрӣ ба ошхона даромад.
4. Ман бо мақсади аловдаргиронӣ зуд як қабза хасу хошок чида овардам. (С.А.)

*4. Ҷумлаҳоро хонед ва шарҳ диҳед, ки ҳоли мақсад бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтаанд.*

1. Ин гуна овозаҳоро душманон қасдан паҳн мекунанд.
2. Мо барои гардиш ба шаҳр рафта будем.
3. Бо нияти ӯро бедор кардан тирезаро чанд бор харошидам.
4. Ҳошимкорвон рафтанӣ шуда аз ҷой хест. (С.У.)
5. Мо як аз ҳолашон хабар гирем гуфта омадем. (Ҷ.И.)

## 30. ҲОЛИ ШАРТУ ХИЛОФ

### Ҳоли шарт

Ҳоли шарт ба кадом шарт воқеъ шудани амалу ҳолатро мефаҳмонад. Ман **ӯро надида** рафта наметавонам. (С.А.) **Нафаҳмида** гап намезанад. (С.А.)

*1. Ҷумлаҳоро нависед ва ба воситаи саволгузорӣ ҳолҳои шартро муайян кунед ва ба зерашон хат кашед.*

1. Ӯ пеши пояшро надида пой намегузорад. (С.А.)
2. Суханро наандешида, насанҷида магӯ. (Зарб.)
3. Ин кас ҳуҷраашро ба ман ба шарти шогирди ӯ шудан додааст. (С.А.)
4. Ман вайро надида, аз Тӯс рафта наметавонистам. (С.У.)

Ҳоли хилоф ҳодисаеро ифода мекунад, ки дар он воқеъ шудани амал ба ҳисоб гирифта намешавад ва ё ба он муқобил аст.

Ҳоли хилоф ба саволҳои **бо вуҷуди чӣ? бар хилофи чӣ? сарфи назар аз чӣ?** ҷавоб шуда, бо исм, масдар ва феъли ҳол ифода меёбад: **Бо вуҷуди серкориаш** вақт ёфта, бо мо суҳбат мекард. (С.А.) Мудири банк **бар хилофи одати муқаррариаш** то он вақт аз Когон наёмад. (С.А.)

*2. Ҷумлаҳоро хонед ва савол гузошта, ҳоли хилофро муайян кунед.*

1. Ӯ пиёда мерафт ва бо вуҷуди фарбеҳии аз одат берунаш дар роҳ қариб давида роҳ мерафт. (С.А.)
2. Кӯчаи Машҳад бар хилофи тамоми шаҳр як ҷӯйи калоне дошт. (Ҳ.Ирфон)
3. Ман бо вуҷуди он ҳама мондагӣ ва бедорхобӣ шаби дароз хобида натавонистам. (С.А.)
4. Азимшоҳ гум шудани ду гӯсфанди худро шунида, ҳеҷ изҳори андуҳ накард. (С.А.)

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲОИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Фарқи ҷумла аз ибора дар чист?

2. Аз рӯйи иштироки асосҳои грамматикӣ ҷумла ба чанд гурӯҳ ҷудо мешавад?

3. Дар ташкили ҷумлаи хуллас чанд асоси грамматикӣ ширкат мекунад?

4. Ҷумлаи тафсилӣ аз хуллас чӣ фарқ дорад?

5. Чиро мубтадо мегӯем?

6. Хабар чист?

7. Мубтадо аз ҷиҳати сохт чанд хел мешавад?

8. Хабарҳои феълӣ ба воситаи кадом ҳиссаҳои нутқ ифода меёбанд?

9. Хабарҳои номӣ ба воситаи кадом ҳиссаҳои нутқ ифода мешаванд?

10. Хабарҳои номӣ аз феълӣ чӣ фарқ доранд? Бо мисолҳо фаҳмонед.

11. Кай дар байни мубтадо ва хабар тире гузошта мешавад?

12. Дар кадом ҳолатҳо байни мубтадо ва хабар тире гузошта намешавад?

13. Бо мубтадо мувофиқат кардани хабарро чӣ тавр мефаҳмед?

14. Фарқи байни сараъзо ва аъзоҳои пайрав дар чист?

14. Аъзоҳои пайрави ҷумла кадомҳоянд? Оид ба онҳо маълумот диҳед.

15. Пуркунанда чист ва бар чанд навъ ҷудо мешавад?

16. Пуркунандаи бевосита чист?

17. Кадом навъи исм агар пуркунандаи бевосита шавад, ҳатман пасоянди **-ро** мегирад?

18. Дар кадом ҳолат пуркунандаи бавосита бо пасоянди **-ро** меояд?

19. Пуркунандаи бавосита аз бевосита чӣ фарқ дорад?

20. Муайянкунанда кадом вазифаро иҷро мекунад ва бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода меёбад? Мисолҳо оред.

21. Муайянкунандаи изофӣ аз беизофа чӣ фарқ дорад?

22. Баёния аз муайянкунанда чӣ фарқ дорад? Бо мисолҳо маънидод кунед.

23. Имлои баёнияҳоро шарҳ диҳед.

24. Ҳол бар чанд навъ аст? Ҳар кадомро ном бибаред ва мисолҳо оред.

25. Дар ҷумлаҳои сода кадом аломатҳои китобат истифода мешаванд?

## 31. ИМЛОИ САНҶИШ

### Деҳаи Сорбоғ

Агар кас зодгоҳи Боқӣ Раҳимзода, деҳаи Сорбоғи дараи Камаробро дида бошад, як умр шефтаи ҳусну тароватти табиати ин мавзеъ мешавад. Кӯҳу камари сабзпӯш, гулу гиёҳҳои хушбӯй ва дарёи шаффофу сероби Сорбоғ, ки чун симоб аз байни кӯҳҳои осмонбӯс ҷӯшидаю кафкзанон ба пойин медавад, аҷиб тамошое дорад. Устод Боқӣ Раҳимзода шояд чунин бузургӣ ва тозагию тароватти суханро аз ҳамин табиати зодгоҳашон бардошта бошанд. Агар овони наврасию ҷавониашонро ба хотир овардanӣ шаванд, албатта, табиати зебои зодгоҳашонро фаромӯш намекарданд. Меҳр ба табиат ва эҳтироми махсус ба одамони хурду бузург яке аз наҷибтарин хислатҳои устод буд.

Агар сари роҳ ҷойи дилфиреб ва чашмаеро медиданд, албатта, мошинро қарор доронда, аз оби он чанд қатра нӯш мекарданд ва мувофиқ ба он ҳолату ҷой байте ва ё шеъре мехонданд. Аз ҳозирон хоҳиш мекарданд, ки ҳусн ва тароватти табиатро ҳамеша пос ва эҳтиром доранд. Зеро табиат муъҷизаи бебаҳост: тавоноӣ, саломатӣ ва шукӯҳу бузургии одамон низ вобаста аз ӯст.

*Меҳмон Бахтӣ*

## 32-33. КОР БО МАТНИ АННОТАТСИЯ

*1. Аннотатсияи зеринро хонед. Гӯед, ки аз аннотатсияҳои пешин чӣ фарқ дорад. Шумо метавонед, ки онро мухтасар карда нависед?*

Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. Таҳиягари матн, муаллифи сарсухану тавзеҳот ва шореҳи луғот Аълохон Афсаҳзод, Душанбе, «Маориф ва фарҳанг», 2008, 204 саҳ.

«Баҳористон»-и бехазон аз гаронмоятарин осори тарбиявӣ-ахлоқии адабиёти ҷаҳону форсизабон ва эҷодиёти Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ (1414-1492) буда, бештар аз 500 сол мешавад, ки дар тарбияи ахлоқи ҳамидаву атвори писандидаи инсоният ҳиссаи сазовор мегузорад.

Нашри ҳозира, ки нашри севуми илмӣ-оммавии асар дар Тоҷикистон мебошад ва ба 520-умин солгарди таълифи он мувофиқ меояд, матни мукаммали онро фароҳам оварда, бо сарсухани муфассал ва шарҳу тавзеҳоти мудаллал оро ёфтааст, то кори хонандагони азизи гуногунсолро осон гардонад.

Чунон ки худи Мавлоно дар муқаддимаи китоб менависад: «Илтимос аз тамошоиёни ин риёзи холӣ аз хори мулоҳазаи аърозу хошоки мутолабаи аъвоз он, ки чун ба қадами эҳтимом инон бигзаранду ба назари эътибор бар инҳо бингаранд, боғбонро, ки дар тарбияташон хуни ҷигар хӯрдаасту дар танмияташон ҷони ширини бар лаб оварда, ба дуое ёд кунанду ба саное шод гардонанд».

*2. Доир ба китоби дӯстдоштаатон, ки онро хондаед, аннотатсия нависед. Онро чунон нависед, ки ҳамсифонатонро барои хондани ин китоб ҳавасманд гардонад.*

*3. Матни аннотатсияро хонед ва ба сохтори он диққат диҳед. Доир ба ягон асари илмиву оммавии дар дастдошта аннотатсия нависед.*

Маъсумӣ Н. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз 2 ҷилд (Тарт: В. П. Осмакова, Р. Ғаффоров. Ҳайати таҳр.: М. Турсунзода, М. Осимӣ, А. Маниёзов ва дигарон). Душанбе, «Ирфон», 1980. Ҷилди 2. Забоншиносӣ, 352 саҳ.

Дар ҷилди дуюми асарҳои мунтахаби забон ва адабиётшиноси машҳури тоҷик – Н. Маъсумӣ рисола ва мақолаҳои ӯ доир ба ду давраи инкишофи забони адабии тоҷик – давраи пеш аз Инқилоби Октябр ва пас аз он, инчунин, мақолаҳои алоҳидаи ӯ дар бобати баъзе масъалаҳои маданияти нутқ фароҳам омадаанд. Як қисми материалҳои ин китоб ҳангоми дар қайди ҳаёт будани муаллиф ба табъ расиданд, қисми дигари онҳо аввалин бор манзури хонанда мегардад.

*4. Матнро хонед ва гӯед, ки аз кадом ҷиҳат аз аннотатсияҳои пешин фарқ мекунад. Барои аннотатсияи хуб навиштан чӣ*

*бояд кард? Бе ошноӣ ба муҳтавои китоб оё навиштани аннотатсия имконнопазир аст?*

Раҷабалӣ Қудратов. Назми ҷаҳонтоб (маҷмӯаи очерку мақолот). – Душанбе, «Адиб», 2011, 176 саҳ.

Маводдеро, ки ин маҷмӯа дар бар гирифтааст, то дараҷае метавон онро зиндагиномаи Қаҳрамони Тоҷикистон – устод Мирзо Турсунзода номид. Муаллиф то андозае кӯшидааст, ки аз диди назорааш ягон сафҳае аз роҳи ҳаёти шоир кам наояд. Дар баъзе лаҳзаҳо ӯ бо овардани сухани ҳакимона хонандаро водор месозад, ки амиқтар андеша ронад ва қадру манзалати саромадони миллати хешро фаротар бишносад. Маҷмӯа барои устодону шогирдони донишгоҳҳои риштаи адабиёт ва омӯзгорону таълимгирандаҳои мактабҳои мутавассит чун маъхази ба кифоят метавонад, хидмат расонад.

*5. Матнро хонед. Оё матни зеринро ба қисмҳо ҷудо кардан мумкин аст? Онро ба қисмҳо ҷудо кунед ва нависед.*

Маҷидов Ҳомид. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007, 243 с.

Ҷилди аввали китоби дарсии «Забони адабии муосири тоҷик» тасвири захираи луғавии забони адабӣ, хоссатан, қонуниятҳои мавҷудият ва истеъмоли калимаи тоҷикӣ, маъношиносӣ, масъалаҳои пайдоиш, сабкиёт ва луғатнигории тоҷикро дар бар мегирад. Он барои донишҷӯёни шуъбаҳои филологӣ пешбинӣ шудааст. Назарияҳои илмии ин асар ҳамчунин, боиси ҳусни таваҷҷуҳи кормандони илмӣ ва аспирантони риштаҳои мухталифи илми забон ва, умуман, ҳар як ҳавасманди забони адабии муосири тоҷик шуда метавонад.

*6. Матни аннотатсияро хонед ва мавзӯи онро мушаххас созед. Доир ба ягон дастури корҳои лабораторӣ аз физика ё химия аннотатсия нависед.*

Ғ. Бобизода, Ф. Абдуллоев, И. Усмонов. Озмоишҳои мустақилона ва намунаи тестҳо аз химияи органикӣ (дастури методӣ). – Душанбе. «Ирфон», 2016, 84 саҳ.

Дар дастури методии «Озмоишҳои мустақилона ва намунаи тестҳо аз химияи органикӣ» корҳои мустақилонаи хонандагон доир ба мавзӯъҳои, полиэтилен, атсетилен, спиртҳо, кислотаҳои карбон, карбогидратҳо, ҳалли масъалаҳои таҷрибавӣ дар машғулиятҳои амалӣ, масъалаҳои таҷрибавии хонагӣ аз химияи органикӣ, кори амалии хонандагон дар хона оид ба чанде аз мавзӯъҳо, намунаи тестҳо ва ғайра мавриди шарҳу баён қарор гирифтаанд.

Дастур барои омӯзгорон пешбинӣ шудааст.

*7. Матнро хонед ва сипас нависед. Доир ба китобе аннотатсияи мухтасар нависед.*

Мураттиб: Абдурауф Муродӣ

Истиқлолият – асолату саодати миллат. – Душанбе, «Бебок», 2016, 168 саҳ.

Дар ин китоби дастаҷамъӣ (маҷмӯаи мақолаҳо), ки ба шарафи 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, сухан аз иқдоми бузурги созандаи халқи тоҷик дар даврони соҳибистиқлоли кишвари маҳбуб дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, бахусус, соҳаи маориф гуфта мешавад. Муаллифон ба такрор таъкид мекунанд, ки истиқлолият шарафу саодати миллат ва муҳимтарин омили шукуфоиву пойдории он аст.

*8. Матнро хонед ва маънидод кунед. Барои «Луғати фразеологии мактабӣ» аннотатсия нависед.*

Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ. Душанбе, «Шарқи озод», 2013, 320 саҳ.

«Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» шомили беш аз 65 ҳазор вожа ва истилоҳот буда, бар асоси «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2017, № 458 тасдиқ шудааст, таҳия мегардад. Фарҳанги имло он тағйиротеро, ки ба қоидаҳои имлои соли 2011 ворид гардидаанд, фаро мегирад.

Дар фарҳанг асосан аз меъёрҳои таърихӣ пайгирӣ мешавад. Ба фарҳанг пас аз пешгуфтор «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» замима гардидааст.

Фарҳанг барои истифодаи умум пешбинӣ шудааст.

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2013.

*9. Матни зеринро хонед. Ин аннотатсияи муфассал аст ё мухтасар? Дар бораи маҷмӯае, ки чандин мақолаҳоро фаро гирифта бошад, аннотатсия нависед.*

Саида Набиева. Пайкори афкор. Гирдоварии мақолаҳо аз матбуоти даврӣ. – Душанбе, «Адиб», 2016, 320 саҳ.

Дар китоби мазкур навиштаҳое гирд оварда шудаанд, ки солҳои гуногун дар матбуоти даврӣ ба табъ расидаанд. Ҳадаф аз таълифоти мазкур кӯшиш дар роҳи ҳифзи арзишҳои маънавӣ ва ҷалби хонандагон ба масоили мубрами рӯз аст.

*10. Матни аннотатсияи зеринро хонед ва нависед. Ин аз матнҳои боло чӣ фарқ дорад?*

Наврӯз дар фарҳангҳо. Душанбе, «Ирфон», 2017, 99 саҳ.
Мураттибон: С. Аминов, Д. Нуриддинова
Муҳаррир: Б. Қодиров

Дар китоб маълумоти доир ба Наврӯз додаи чанде аз фарҳангҳо гирд оварда шудаанд ва он имкон фароҳам меоварад, ки хонандагон бевосита маводди оид ба Наврӯз баён шударо аз сарчашмаҳои асл мутолиа намоянд.

Китоби мазкур барои омӯзгорон, донишҷӯён, муҳаққиқони ҷавон ва ашхосе, ки ба пайдоиши Наврӯз ва тартиби ҷашнгирии он таваҷҷуҳ доранд, пешниҳод мегардад.

## ҶУМЛАҲОИ СОДАИ ЯКТАРКИБА

## 34. НАВЪҲОИ ҶУМЛАИ СОДАИ ЯКТАРКИБА: ҶУМЛАИ МУАЙЯНШАХС

*1. Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро хонда, мубтадо ва хабари ҷумлаҳои сутуни якумро муайян кунед. Дар ҷумлаҳои сутуни дуюм кадом сараъзоҳо ҳастанд?*

| | |
|---|---|
| 1. Ман китоб хондам.<br>2. Шумо пас аз хатми мактаби миёна ба Донишгоҳ дохил мешавед?<br>3. Салом китобро оварду барои намоиш ба раф гузошт.<br>4. Рақси Шарофат ҳамаро мутаассир кард.<br>5. Борон бошиддат меборид. | 1. Китоб хондам.<br>2. Пас аз хатми мактаби миёна ба Донишгоҳ дохил мешавед?<br>3. Китобро мехонанд, барои намоиш намегузоранд.<br>4. Ҳамаро мутаассир кард.<br>5. Шаб. Шамоли нофорам. Боронгарӣ. |

### Савол ва супориш

1. Кадом калимаҳо мубтадои ду ҷумлаи аввали сутуни дуюм мебошанд? Аз чӣ донистед?
2. Ҷумлаҳои сеюм аз ҷиҳати маъно аз якдигар чӣ фарқ доранд?
3. Ба ҷумлаи чоруми сутуни дуюм мубтадоҳои гуногун илова карда хонед. Мубтадояш муайян будааст?
4. Маънои ҷумлаҳои охирини сутуни дуюмро шарҳ диҳед.
5. Аз ҷумлаҳои охирини ҳар ду сутун кадомаш хуллас ва кадомаш тафсилӣ?

Ҷумлаҳои сода вобаста ба асоси грамматикии худ дутаркиба ва яктаркиба мешаванд.

Ҷумлаҳои содаи дутаркиба бояд дорои ҳар ду сараъзо – мубтадо ва хабар бошанд, чунки онҳо барои фаҳмидани мазмуни ҷумла ниҳоят заруранд.

Ҷумлаи содаи яктаркиба фақат дорои як сараъзо буда, ба дигарӣ ниёз надорад, зеро бе он ҳам маънои ҷумла фаҳмида мешавад.

Ҷумлаҳои содаи яктаркиба ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

а) ҷумлаҳои яктаркибаи сараъзоҳояш хабар: Шумораи охирини рӯзномаи «Анбоз»-ро хонед. Чӯҷаро дар тирамоҳ мешуморанд. Ба китобхона бояд рафт.

б) ҷумлаҳои яктаркибаи сараъзоҳояш мубтадо: Субҳ. Хоҷагии «Навобод». Хонаҳои навбунёди зебо. Пайраҳаҳои мумфарш. Насими форам. Бӯйи атргулҳо.

Ҷумлаҳои муайяншахс, номуайяншахс, умумишахс ва бешахс ба гурӯҳи ҷумлаҳои яктаркибаи сараъзояш хабар ва ҷумлаи унвонӣ ба гурӯҳи ҷумлаҳои яктаркибаи сараъзояш мубтадо дохил мешаванд.

*2. Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки асоси онҳо кадом сараъзо аст, мубтадо ва ё хабар.*

1. Фикрамро ба вай гуфтам.

2. Хайр, духтари дӯстдоштаи шумо: Муҳаррама. Москва. 17 феврали соли 1940. (Ҳ.К.)

3. Ба гирдогирди гулзор райҳон шинонда буданд. (С.У.)

4. Оҳанро дар гармиаш мекӯбанд. (Зарб.)

5. Офтобро бо доман пӯшонида намешавад. (Зарб.)

6. Аввалҳои зимистон. Декабр. Ҳаво на хунуки хунук, на гарми гарм. (Ҳ.К.)

*3. Нақшаро хонед ва шарҳ диҳед.*




*4. Матнро хонед ва баъд ҷумлаҳои содаи онро аз рӯйи иштироки сараъзоҳо муайян карда, дар сутуни якум ҷумлаҳои дутаркиба ва дар дуюм яктаркибаро нависед.*

Шаб. Ҷӯйи Мӯлиён. Моҳи тобон дар зери дарахтони қади роҳ ва рӯйи деворҳои баланди чорбоғҳо аз нури худ пора-пора нақшҳои заррин андохтааст. Кӯшкҳо дар маҳтобшаб монанди нуқраи хом ҷилои сард медиҳанд.

Рӯдакӣ савора омада, дар сояи девори баланде қарор гирифт. Ин сӯй-он сӯй нигоҳ кард, гӯш андохт. Ҷилави аспро ба шохи дарахт партофт ва дар болои зин рост шуда, ба даруни чорбоғ назар кард. Бо як ҷаҳидан худро аз болои девор ба даруни чорбоғ гирифт. Дар чорбоғ оромӣ ва сукут ҳукмфармо буд.

*Сотим Улуғзода*

*5. Порчаҳоро хонед ва ҷумлаҳои содаи яктаркибаро муайян кунед.*

Шаби торику сард. Оғӯши кӯҳсор.
Табиат ҷим. Ҳама дар хоби ором.
Фақат сарҳадчию дарёст бедор.
Якумин – дам, дуюм – бесаранҷом.

Шаби гармои тобистон. Сарҳад.
Ниҳоят гарму дим мағзи қамишзор.
Ҷаҳон аз хоби ширин аст сармаст,
Фақат сарҳадчию Казбек бедор.

*Абдусалом Деҳотӣ*

## Ҷумлаи муайяншахс

*6. Ҷумлаҳоро хонда, муайян созед, ки кадоме дутаркибаю кадоме яктаркиба.*

1. Баҳор. Нури офтоб заминро метасфонад. (В.Асрорӣ)
2. Фасли тирамоҳ. Табиат ба либоси тиллоранг печида буд. (Ф.Н.)
3. Аз пагоҳ то бегоҳ туро кофтам. Куҷо мегардӣ? Пагоҳ ба саёҳат мебароем.

Ҷумлаи яктаркибае, ки иҷрокунандаи амал – мубтадо аз хабари он муайян мегардад, муайяншахс ном дорад. Хабари ин ҷумлаҳо дар шахсҳои якум ва дуюм ифода гардида, онҳоро аз бандакҳои феълӣ муайян кардан мумкин аст: **Аз лаби бом ба деҳа нигаристам. Аз девори паҳлуи чапи дарвоза чунин навиштаро хондам: «Дар ин хона Шоири халқии Доғистон Расул Ғамзатов ба дунё омадааст».**

Аз хабари ҳар ду ҷумла – **нигаристам** ва **хондам** муайян мегардад, ки иҷрокунандаи амал шахси якуми танҳо «ман» мебошад.

*7. Як мусоҳибае тартиб диҳед, ки дар он ҷумлаҳои содаи муайяншахс мавриди истифода қарор бигиранд.*

Намуна: – Манучеҳр, ту имрӯз чӣ кор кардӣ? – Ман пагоҳӣ аз хоб хестам. Дасту рӯямро шустам. Баъд аз ноништа ба модарам дар корҳои хона ёрӣ расонидам. Дар вақти холӣ ба лолачинӣ рафтам.

*8. Матнро хонед ва ҷумлаҳои содаи яктаркибаи муайяншахсро ёфта шарҳ диҳед.*

Хурд будӣ, навозишат карданд. Хандидӣ. Завқидӣ. Қоҳқоҳ задӣ. Кӯдакона ноз кардӣ. Модар модарона бӯсид. Падар падарона саратро сила кард. Чашмонат лахча барин медурахшиданд. Рухсорат себи сурх барин метобид.

Ҳаёт васиқаи балоғатро ба дастат дод. Замини куҳансол оғӯши худро ба ту боз намуд. Ситораҳо хандиданд. Офтоб пеш-пеши ту рақс кард. Замон аз ҷавлонгоҳи худ ҷой, давра шамшери бурро дод. Аср талаби қонуниашро пешниҳод намуд. Ҳақ дошт.

Давидӣ. Ҷаҳидӣ. Наъра задӣ.

Ин баҳори умрат, навбаҳори соли дурахшонат буд.

*Ҳаким Карим*

*10. Ба намуна нигоҳ карда, чор шиор нависед.*

Намуна: Бачаҳо, таърихи кишвари худро омӯзед!

*11. Матнро хонед ва таассуроти худро мухтасар баён кунед. Ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахсро ҷудо карда нависед ва шарҳ диҳед.*

Сафари водии Зарафшон аз шаҳри Самарқанд ва зиёрати хонаи устод Айнӣ ибтидо гирифт. Аз Душанбе то ба Самарқанд бо кумаки тайёра расидем. Самарқандиҳо бо гулу нону намак пешвоз гирифтанд.

Аз фурудгоҳ ба Регистон ва аз он ҷо ба хонаи устод Айнӣ омадем. Ба остонаи ин манзили муборак ва барои ҳар як фарди тоҷик азиз ва муқаддас бо як эҳтиром ва эҳсосоти қалбӣ ба мисли он ки ба зиёрати худи устод мерафта бошем, қадам бениҳодем. Ба назар чунин мерасид, ки дару девори ин хона ба гӯши ҳар яки мо мехонад:

Қадам бебоктар неҳ бар ҳарими ҷони муштоқон,
Ту соҳибхонаӣ, охир, чаро duздона меоӣ.

Устод Мирзо Турсунзода ҳикоя карданд, ки чанд бор дар ин хона меҳмон буданд ва сари суҳбат шабонро рӯз кардаанд.

– Ин хона як ҳисса таърихи Тоҷикистон аст, шеъру ҳикоя ва қиссаву романҳои устод асосан дар ҳамин ҷо эҷод шудаанд: «Намунаи адабиёти тоҷик» дар ҳамин ҷо таҳрир хӯрдааст; таҳрири достони «Оби ҳаёт» низ дар ҳамин ҷо ба субут расида. Бисёр мардони бузурги тамаддуни ҷаҳон ин ҷо ба зиёрати устод омадаанд. Ҳар бутта гули ин манзил шоҳиди зиндаи рӯзгори ноҳамвори устод Айнист.

Мо, ҷавонҳо, ки аз паси устод қадам мезадем ва гӯшу ҳуш ба ҳикояташон доштем, аксаран, бори аввал вориди ин манзили муборак мешудем ва дар изтироб будем. Ба назар чунин мерасад, ки устоди бузург аз хонае ба истиқболамон бадар меояд.

*Убайд Раҷаб*

*12. Порчаро равшану равон хонед ва гӯед, ки хабарҳои мисраъҳои дуюм ба шахси чандум далолат мекунанд. Аз чӣ пай бурдед?*

Офтобо, бори дигар хонаро пурнур кун,
Дӯстонро шод гардон, душманонро кӯр кун.

Аз паси кӯҳе барову сангҳоро лаъл соз,
Бори дигар ғӯраҳоро пухтаву ангур кун…
Офтобо, бори дигар сӯйи мағриб боз рав,
Ҷумлаи сайёраро бар ҳусни худ мағрур кун.
Эй рафиқи бедилону эй аниси хастагон,
Бедилонро чора созу марҳами ранҷур кун.

*Ҷалолиддини Балхӣ*

## 35. ҶУМЛАИ НОМУАЙЯНШАХС

*1. Ҷумлаҳоро хонед ва аз ҷиҳати таркибу мазмун муқоиса карда шарҳ диҳед.*

| | |
|---|---|
| 1. Муаллим дар мактаб имрӯз бо мо суҳбат гузаронд.<br>2. Деҳқонон ба киштукор тайёрӣ дида истодаанд.<br>3. Аз деҳот ёрдамчиён меомадаанд. | 1. Имрӯз дар мактаб бо мо суҳбат гузарониданд.<br>2. Дар деҳот ба киштукор тайёрӣ дида истодаанд.<br>3. Аз деҳот барои ёрӣ меомадаанд. |

**Савол ва супориш**

1. Ҷумлаҳои яктаркиба ва дутаркиба дар кадом сутунҳо ҷой дода шудаанд?
2. Ба иҷрокунандаи амал (мубтадо) ва ба иҷрои амал дар кадом ҷумлаҳо диққат дода шудааст.

**Ҷумлаи яктаркибае, ки дар он иҷрокунандаи амал муайян нест, номуайяншахс ном дорад.** Хабари ин ҷумлаҳо танҳо бо шумораи ҷамъ (шахси сеюм) ифода меёбад.

Дар ҷумлаҳои номуайяншахс на иҷрокунандаи амал, балки худи амал муҳим аст. Мубтадои чунин ҷумлаҳо фақат тасаввур карда мешавад:

1. Шуморо ба идора даъват мекунанд.
2. Дар боғи мактаб боз дарахт шинонидаанд.
3. Кӯчаҳои шаҳрро бо шиору овезаҳо оро додаанд.

*2. Ҷумлаҳоро нависед ва гӯед, ки диққати асосӣ дар ин ҷумлаҳо ба чӣ нигаронида шудааст.*

1. Одамро «аз гул нозуку аз санг сахттар» гуфтаанд. (Ю.А.)

2. Матлабро ба Рисолат – модари Зебӣ фаҳмонидаанд. (С.У.)

3. Мебоист шаб дар Тути буни Ҳайдар ҷамъ мешуданд. (С.У.)

4. Занҳоро ба рақс таклиф карданд. (М.Х.)

5. Ҳамон сол ба хоҳиши худаш Нодираро ба Институти кишоварзӣ гузарониданд.

6. Фақат саду панҷоҳ грамм нони сиёҳу ҳамин қадар нони сафед медоданд. (Ф.М.)

*3. Ҷумлаҳоро аз рӯйи намунаи зерин ба ҷумлаи яктаркибаи номуайяншахс баргардонед.*

Намуна: Боғбонон ба ниҳолҳо об дода истодаанд – Ба ниҳолҳои боғ об дода истодаанд.

1. Деҳқонон пахтачиниро сар карданд.

2. Кормандони техникӣ таъмирро ба охир расониданд.

3. Коргарони корхона дастгоҳи нав истеҳсол мекунанд.

4. Омӯзгорон иншоҳои талабагонро санҷида, баҳо гузоштанд.

5. Ноширон ба намоишгоҳ мераванд.

6. Телевизион ҳунарнамоии дастаи ҳаваскорони ноҳияи моро намоиш дод.

*4. Порчаҳоро хонед, ҷумлаҳои муайяншахс ва номуайяншахсро аниқ созед ва шарҳ диҳед.*

1. Мо имрӯз ҳуштутбозӣ кардем. Аз рафиқонамон як нафарашро доранда таъйин кардем. Мо аз вай мегурехтем. Вай аз паси мо медавид. Ҳар касе ки ба даст афтад, вай доранда мешуд. Дорандаи аввал бо ҳамроҳии дигарон боз медавид. Бозӣ ҳамин хел давом мекард.

2. Қисми асосии тири ин камонро аз чӯби дук ё заранг ва ё аз чӯби ханданг месохтанд ва дар нӯги ин чӯб ба дарозии

чор ангушт пӯлоди сартезро мегузарониданд. Дар дунболаи он чӯб се дона шохпари уқоб мешинониданд.

*Садриддин Айнӣ*

*5. Ҷумлаҳоро нависед ва гӯед, ки хабари онҳо дар кадом сиға ва замон ифода шудаанд.*

1. Дар он ҷо суратҳои сарҳадчиёни қаҳрамонро овехта мондаанд. (С.У.)
2. Чор сол пеш маро ба иди Якуми Май ба Маскав бурданд. (Р.Ҷ.)
3. Дар он замон ин шаҳрро Бухорои Шариф меномиданд. (Ҷ.И.)
4. Пӯлодро ҳамчун одами забондон дар корхона ба тарҷумонӣ таъйин карда буданд. (Р.Ҷ.)
5. Меҳмонони аз Вахш омадаро дар рӯйи палос нишонданд. (С.У.)
6. Кори ин устоди ҳунармандро бо хурсандӣ қабул карда мегирифтанд. (Р.Ҷ.)

*6. Ҳикояро хонед ва шарҳ диҳед, ки лутфи ҳикояро чӣ тавр фаҳмидед.*

Султон Маҳмудро дар ҳолати гуруснагӣ бодинҷонбӯраке пеш оварданд. Хушаш омад. Гуфт: «Бодинҷон таомест хуш». Надиме дар мадҳи бодинҷон фасле пардохт. Чун сер шуд, гуфт: «Бодинҷон сахт (зарарнок) чизест. Надим боз дар мазаррати бодинҷон муболиғате тамом кард. Султон гуфт:

– Эй мардак, на ин замон мадҳаш мегуфтӣ?

Гуфт:

– Ман надими туам, на бодинҷон. Маро чизе бибояд гуфт, ки туро хуш ояд, на бодинҷонро.

*Убайди Зоконӣ*

**Луғат**

**Бӯронӣ** – як навъ хӯрокест, ки аз бодинҷон тайёр мекардаанд
**Мадҳ** – таъриф
**Надим** – ҳамнишин, ҳамсуҳбат

**Савол ва супориш**

1. Чаро таоми аз бодинҷон пухта ба Султон Маҳмуд хуш омад?
2. Надим бар чӣ асос бодинҷонро таъриф ва мазаммат кард?
3. Ҷумлаҳои яктаркибаи муайяншахс ва номуайяншахсро ёфта шарҳ диҳед.

## 36. ҶУМЛАИ УМУМИШАХС

*1. Зарбулмасалҳоро хонед. Мазмун ва мавриди истеъмолашонро шарҳ диҳед. Гӯед, ки онҳо ба як кас ва ё ба ҳама тааллуқ доранд.*

1. Оҳанро дар гармиаш мекӯбанд.
2. Бародари ман бошӣ, баробари ман бош.
3. Кори имрӯзаро ба фардо магузоред.
4. Ба гетӣ ба ҷуз тухми некӣ макор (Фирдавсӣ).

**Ҷумлаи яктаркибае, ки амали он ба таври умумӣ ифода ёфтааст, умумишахс ном дорад.**

Рӯзи нек ба рӯзи бад мадиҳед. (Зарб.)

Ранҷи худу роҳати ёрон талаб. (Зарб.)

Дар ҷумлаи умумишахс хабар бо шакл ва шахсҳои гуногуни феъл ифода мешавад ва аз рӯйи он иҷрокунандаро пайдо кардан душвор аст. Аз ин рӯ, аксари ҷумлаҳои умумишахсро зарбулмасалу мақолҳо ташкил мекунанд.

*2. Ҷумлаҳоро нависед ва мавриди истифодаи онҳоро шарҳ диҳед. Аз чӣ донистед, ки онҳо ҷумлаи умумишахсанд.*

1. Бо одами тарсончак ба шикор нарав. (зарб.)
2. Одамонро аз худ маранҷон. (зарб.)
3. Аз паси аспи носанҷида нагузар. (зарб.)
4. Хондаатро магӯ, фаҳмидаатро бигӯ. (зарб.)
5. Некӣ куну дар об андоз. (зарб.)
6. Аз суҳбати дӯстон машав гурезон.

*3. Байтҳоро хонед ва маънидод кунед. Гӯед, ки онҳо ба кадом шахс нигаронида шудаанд. Аз чӣ фаҳмидед?*

Дар ҷавонӣ дор пиронро азиз,
То азизи дигарон бошӣ ту низ.

Сар макун дар пеши дунёдор паст
В-ар кунӣ, бешак, равад динат зи даст.

*Фаридаддини Аттор*

Нигар, ту чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ,
Сухан ҳарчи гӯйӣ, ҳамон бишнавӣ.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Ҳунар омӯз, к-аз ҳунармандӣ
Даркушоӣ кунӣ, на дарбандӣ.

*Низомии Ганҷавӣ*

*4. Ҷумлаҳоро хонед ва муайян кунед, ки кадоме аз онҳо умумишахс ва кадоме бешахсанд.*

1. Хондаатро магӯ, фаҳмидаатро бигӯ.
2. Хонаи дӯстон бирӯбу дари душманон макӯб.
3. Озмударо набояд озмуд (Зарб.).
4. Дар дили дӯст ба ҳар ҳила роҳ бояд ёфт (Зарб.)..
5. Моро дар он ҷо нағз пешвоз гирифтанд.
6. Онро «тавқи гардани қумрӣ» мегӯянд. (Р.Ҷ.)

Ҷумлаҳои яктаркибаи умумишахс барои ифодаи хулосаи таҷрибаи рӯзгор, расму одатҳо ва як қатор қоидаҳои ҳаётӣ низ истеъмол мешаванд. Дар ин ҳолат онҳо шаклан ба ҷумлаи муайяншахс ва номуайяншахс монанд шаванд ҳам, дар асл умумишахсанд: 1. Дар мо аз худ калонро шумо мегӯянд. 2. Дар бемористон бо овози баланд гап намезананд.

*5. Ҷумлаҳоро хонда, бо далелҳо собит кунед, ки онҳо умумишахсанд.*

1. Дар назди калонсолон бисёр гап намезананд.
2. Ҳақиқатро надониста ҳарчи намегӯянд.
3. Аз ноомади кор рӯҳафтода намешаванд.
4. Ганҷ магир, китоб гир!
5. Дӯстро бо суду зиён имтиҳон кунанд (Зарб.).

6. Машав ҳамроҳи кас ноозмуда,
   Тафовут дон зи дида то шунида.

*Носири Хусрав*

## 37. ҶУМЛАИ БЕШАХС

*1. Ҷумлаҳоро хонед ва муқоиса кунед.*

| | |
|---|---|
| 1. Ман ба хона бояд равам.<br>2. Вазифаи хонагиро тайёр менамоем.<br>3. Мо ҳақиқатан аз сӯзанӣ чашм канда натавонистем. | 1. Ба хона бояд рафт.<br>2. Вазифаи хонагиро бояд тайёр кард.<br>3. Ҳақиқатан аз сӯзанӣ чашм кандан мумкин набуд. |

### Савол ва супориш

1. Мубтадо ва хабари ҷумлаҳои сутуни якумро нишон диҳед.
2. Дар ҷумлаҳои сутуни дуюм кадом сараъзоҳо ҳастанд?
3. Ба хабарҳои сутуни дуюм мубтадо ёфтан мумкин аст?

Ҷумлаи яктаркибае, ки мубтадо надошта, онро аз мазмуни ҷумла ҳам фаҳмидан мумкин нест, бешахс меноманд.

Ҷумлаи бешахс аз он сабаб мубтадо надорад, ки вазифааш фақат таъкид кардани заруруату имконпазирии иҷрои амал мебошад: **Аз гузашта бояд ибрат гирифт. Машварати хубро бояд қабул кард. Офтобро бо доман пӯшида намешавад. Барои забондон шудан бештар навиштан лозим.**

Хабари ҷумлаи бешахс бо ду роҳ ифода мешавад: бо асоси замони гузашта ва калимаи «бояд» (Аз гузашта бояд ибрат гирифт) ва бо масдару калимаҳои «лозим», «даркор» ва ғайра (Барои омӯхтани забон бисёр машқ кардан даркор). Ҳамеша хабари ин ҷумлаҳо дар шакли таркибӣ меоянд.

*2. Ҷумлаҳоро нависед, хабар ва аъзоҳои пайрави онҳоро ишора кунед.*

1. Аз паси корҳои беҳуда набояд гашт.
2. Умри азизро ройгон набояд сарф кард.

3. Нақшаи кори фардоро имрӯз бояд кашид.
4. Ҳамеша аз пайи кори нек ва манфиати халқ бояд шуд.
5. Суханони гаронбаҳоро набояд аз хотир баровард.
6. Вафодорӣ зи моҳӣ бояд омӯхт.

*3. Ҷумлаҳои дутаркибаи зеринро ба ҷумлаи бешахс гардонида нависед. Намуна: Ман пагоҳ бояд ба китобхона равам. Пагоҳ ба китобхона бояд рафт.*

1. Ман бояд ин китобро хонам.
2. Ту вазифаро дар вақташ бояд иҷро кунӣ.
3. Самад масъаларо бояд ба ҳама фаҳмонад.
4. Мо ин ҳунарро бояд аз худ кунем.
5. Ҳама бояд тарафдори сулҳ бошад.

*4. Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки онҳо кадом навъи ҷумлаи содаи яктаркибаанд. Хабарҳои феълиро аз рӯйи навъ шарҳ диҳед.*

1. Ба зудию чолокӣ худро ба канор кашидан даркор буд. (С.У.)
2. Акнун он заминҳоро аз решаи рустаниҳои бегона тоза кардан лозим буд. (С.У.)
3. Аз чароғи илму нури маърифат синаро пурнур мебояд намуд. (М.А.)
4. Ҳақиқатро қатъ карда намешавад. (зарб.)

*5. Ҷумлаҳоро хонед ва калимаи «бояд»-ро истифода бурда хабарҳои онҳоро тағйир диҳед. Оё дар маъно тағйироте ворид шуд?*

Намуна: Аз душмани пинҳонӣ бояд зиёдтар ҳазар кард.
1. Аз душмани пинҳонӣ зиёдтар ҳазар кардан зарур.
2. Чӣ кардан даркор, чӣ тавр зистан даркор.
3. Ҳозир фикри ҳамаро шунидан лозим.
4. Дунёро бо чашми дил дидан лозим.
5. Ба ин камбудиҳо зудтар хотима додан даркор.

*6. Хонед ва хабарҳоро ёфта шарҳ диҳед. Ҷумлаи охирро ба содаи дутаркиба баргардонед ва нависед..*

Бе заҳмату кор нон намебояд хӯрд,
Як луқма ба ройгон намебояд хӯрд.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

Хоки пояшро набояд пок кард,
Пок аз он бояд ки акнун хок кард.

*Мирзо Турсунзода*

Воқифи вақти хеш мебояд буд. (Зарб.)

*7. Аз китоби зарбулмасал ва мақолҳо 5-6 ҷумларо интихоб карда нависед, ки бешахс бошанд.*

## 38. ҶУМЛАИ УНВОНӢ

*1. Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро хонед. Чаро ҷумлаҳои сутуни якум дар сутуни дуюм шакли дигар доранд? Мулоҳизаатонро гӯед.*

| | |
|---|---|
| Хомӯшӣ ҳукмфармо буд. | Хомӯшӣ. Ҳама суханони нотиқро гӯш мекарданд. |
| Акнун субҳ медамид. | Субҳи барвақт. Деҳқонон ба сари заминҳои корам мераванд. |

Ҷумлаи яктаркибае, ки амалро ифода накарда, фақат номи ашё ё ҳодисаеро дар бар мегирад, ҷумлаи унвонӣ ном дорад.

Ҷумлаҳои унвонӣ дар шакли калима ва ё ибораи мустақил ифода гардида, ба ашё ишора мекунанд, ки амали минбаъда ба он тааллуқ дорад: а) **Тирамоҳ.** Ҳама ба ҳосилғундорӣ тайёрӣ мебинанд; б) **Шаби торики зимистон.** Имкони пеши пойро дидан набуд.

Ҷумлаҳои унвонӣ бештар дар асарҳои саҳнавӣ ва дигар жанрҳои бадеӣ истифода мешаванд. Бо ёрии онҳо нависандагон ҷой ва замон, манзара ва вазъияти ҳодисаю воқеаро мухтасар баён месозанд.

*2. Порчаро хонед ва гӯед, ки ҷумлаҳои унвонӣ чӣ вазифаро адо кардаанд.*

Бозори шаҳри Бухоро. Растаи атторӣ ва доруворфурӯшӣ. Фурӯшандаи дорувор дар нимторикии дукончааш ба рӯйи қолинча нишастааст, чашмони хоболуди вай аз зери пилкҳои гардгирифта ба равуои аҳли бозор нигоҳ мекунанд. Дар як тарафи дӯкон дастёрҳои вай бо фурӯши доруҳо машғуланд.

*Сотим Улугзода*

*3. Матнро хонед, ҷумлаи унвониро муайян карда, бо ҷумлаҳои баъдина чӣ муносибат доштанашро шарҳ диҳед.*

Субҳи барвақт. Ҳанӯз дар роҳҳо мошин кам, шаҳр оҳиста аз хоб бедор мегашт. Занҳои ширфурӯш аз тарафи саҳро бо чобаҳои пуршир ба шаҳр меомаданд. Нонфурӯше як занбарғалтак нони гармашро ба тарафи чойхона мебурд. Болои нон бо дастархон сахт пӯшидагӣ бошад ҳам, ҳаври он мебаромад. Бӯйи нони гарм ба димоғи Даврон расидагӣ барин шуд. Ба ёдаш расид, ки баъди қаҳтии солҳои ҷанг, соли чилу ҳафт ё чилу ҳашт хоки сурх оварда, танӯри чанд сол боз вайрона ва аз набудани орд бекораро таъмир карда, бори аввал нон пухта буданд. Даврон он нонро мебӯйиду аз бӯяш сер намешуд. Ба нон зор буд, аммо кулчаи модар додаро то хеле вақт нахӯрда, бӯй мекашид. Онро зуд хӯрда адо кардан намехост, зеро маълум набуд, ки бори дигар боз кай нон мепазанд...

*Баҳром Фирӯз*

*4. Хонед, ҷумлаҳои унвониро ёбед ва тафсилоти онҳоро нависед.*

1. Тирамоҳ. Вақти ҳосилғундорӣ. Деҳқонон пахта чида, ҷуворӣ каллак намуда, меваҳои охиринро меғундоранд. (Ҷ.И.)

2. Шаби моҳи август. Ҳавои тоза қабати дарахтони сербарг ҳар ҷо - ҳар ҷо намоён гашта, аҷаб як намуди зебое медод. («Садои Шарқ»)

3. Хомӯшӣ. Бачаҳо пинак мераванд. Шир-шири чархҳои мошин ба гӯш мерасаду бас. Дар рӯ ба рӯ ағбаи Шаҳристон. Аз ним болои он дар таҳи абру меғи торик пинҳон аст. Гоҳ печутоб хӯрда, боло мераваду даруни абру меғ аз назар гум мешавад. Боди серуне, ки аз арчазорҳои ду канори роҳ мевазид, рӯйи касро лесида, фароғат мебахшид.

*Баҳром Фирӯз*

*5. Ба ҷумлаҳои унвонии зерин ҷумлаҳои дутаркиба илова карда хонед, ки мазмунан алоқаманд бошанд.*

Намуна: Хонаи кории алломаи Адҳам... Бар болои сепоя кураи Замин, дар девор харитаи осмон, ҷадвалҳо, устурлоб овехта, дар тоқчаҳо китобҳо болои ҳам чида шудаанд...

1. Майдоне дар шаҳр. Халқ. Донишмандон...
2. Пагоҳонӣ.
3. Ҳавлии Рӯдакӣ. Дар айвон Рӯдакии нобино. Маҷ...
4. Боғ. Гулзор, фаввора, ҳавзи мармар....

*6. Ба ҷойи нуқтаҳо ҷумлаҳои унвонии мувофиқ гузошта, порчаҳоро нависед.*

1. Майдони начандон калон, вале чун кафи даст ҳамвор. Дар атроф – иморатҳои бузурги айвонҳошон пур аз нақшу нигор. (С.У.)

2. …… Дар деворҳои хона яроқу аслиҳаҳои гуногун: шофу шамшерҳо, найзаҳо ва сипарҳои хуршедтамға овехта шудаанд. (С.У.)

3. ……. Як шогирди вай бо тарозуи хурдакаки ғалатисохт доруи хокаеро бармекашад. Шогирди дигараш дар ӯғурча чизеро мекӯбад. (С.У.)

4. Моҳи тобон дар зери дарахтони қади роҳ ва рӯйи деворҳои баланди чорбоғҳо аз нури худ пора-пора нақшҳои заррин андохтааст. (С.У.)

(Яке аз хонаҳои Қасри султонӣ: Шаб. Ҷӯйи Мӯлиён. Даруни қаср. Хонаи кории Абуалӣ ибни Сино).

*7. Ҳикояро хонед ва гӯед, ки хулосаи он дар кадом ҷумла баён шудааст. Ҷумлаҳои содаи яктаркибаи матнро муайян кунед ва шарҳ диҳед.*

Овардаанд, ки дар рӯзгори Нӯшервони одил ду мард биёмаданд ва бар дари боргоҳи ӯ биистоданд, яке бо овози баланд гуфт: «Бад макуну бад маяндеш, то бадат н-ояд пеш». Ва яке гуфт: «Некӣ куну нек андеш, то нек бинӣ беш».

Нӯшервон фармуд, то марди аввалро ҳазор динор овар-данд ва бидоданд ва марди дувумро ду ҳазор динор доданд. Хавоссу надимони он ҳазрат суол карданд, ки ҳар ду калимаро як маънӣ буд, сила ва инъом эшонро тафовут аз чӣ афтод?

Гуфт: «Ин ҳама зикри нек гуфт ва он дигар бадӣ гуфт. Ва ҳеҷ некӣ беҳтар аз дӯстии некон нест ва ҳеҷ бадӣ бадтар аз дӯстии бадон нест».

*Муҳаммад Авфӣ*

## 39. ҶУМЛАИ ПУРРА ВА НОПУРРА

*1. Порчаро хонед. Гӯед, ки дар кадом ҷумлаҳо сараъзоҳо ва ё аъзоҳои пайрав истифода нашудаанд. Оё набудани онҳо фаҳмидани маъноро душвор сохтааст?*

Офитсер чизеро фикр карда истоду боз пурсишашро давом дод:

– Аз куҷо?

– Аз Хуҷанд. Аз уезди Хуҷанд.

– Ҷойи кор?

– Заводи паровозсозӣ.

– Ба Украина кай омадӣ?

– Яку ним моҳ пеш аз ин.

– Кӣ шуда кор мекардӣ?

– Оҳангар.

*Пӯлод Толис*

**Савол ва супориш**

1. Мазмуни матнро пурра фаҳмидед ё не?
2. Чаро ҷумлаҳои сеюм, панҷум, ҳафтум ва нуҳум бо як калима ё ибора баён шудаанд?
3. Дар матн мусоҳиба ҳаст ва ё муҳокима?

Дар нутқ дар баробари ҷумлаҳои пурра ҷумлаҳои нопурра низ истифода мешаванд.

Ҷумлае, ки дар он ҳамаи аъзоҳои асосии ҷумла мавҷуданд, ҷумлаи пурра ном дорад.

Ҷумлае, ки дар он яке аз аъзоҳои асосии ҷумла зикр нашудааст, вале онро аз ҷумлаҳои пешин ва ё вазъияти нутқ фаҳмидан мумкин аст, нопурра ном дорад: **Усмон ба деҳаи Нимич ворид шуданашро надониста монд. Ибтидо ба хонаи холии бародар рафт. (Д.Мирзо)** Ҷумлаи нопурра баъзан дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб низ вомехӯранд: Қориишкамба ба роҳ даромад ва ман ҳам аз дунболи ӯ. (С.А.)

Аз ҷумлаи дуюм хабар – даромад ихтисор шудааст, ки бисёр баҷост.

Истифодаи бамавриди ҷумлаҳои содаи нопурра боиси хушоҳангу мавзун ва мухтасар гаштани баён мегардад.

*2. Порчаро хонда, ҷумлаҳои нопуррароо муайян созед. Сипас шакли пурраи онҳоро нависед ва хонда, бо матни асл муқоиса кунед. Чиро пай бурдед?*

Қозӣ хатро аз назар гузаронида:

– Бозор! – гуфт.

– Лаббай.

– Аз мулло Азимшоҳ яксаду сӣ танга қарздор шудӣ?

– Шудам.

– Ҳар вақт хӯҷаин талаб кунанд, ин пулро дар қозихона ба ин шахс месупорӣ?

– Хуб.

*Садриддин Айнӣ*

*3. Ҷумлаҳоро хонед ва муайян кунед, ки кадом аъзоҳо зикр нашудаанд. Оё пурра кардани чунин ҷумлаҳо дар доираи ҳусни баён аст?*

1. Падар пеш-пеш мерафт, писараш аз қафо.

2. Қобил газета мехонд, Одил журнал. (П.Т.)

3. Морбозро мор мекушад, дорбозро дор. (зарб.)

4. Хиштгир хишташро мегираду лойгир лояшро. (зарб.)

5. Калтак ба гӯшт расад, сухан ба устухон. (зарб.)

6. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад. (зарб.)

*4. Ҷумлаҳоро нависед ва гӯед, ки кадом ҷумлаи содаи таркиби онҳо нопурраанд. 4-5 мақоли ба инҳо монандро ба ёд оварда нависед.*

1. Дӯст панд медиҳаду душман фанд. (зарб.)

2. Дӯст гирёнда гап мезанад, душман хандонда. (зарб.)

3. Дӯст ба сар нигоҳ мекунад, душман ба по. (зарб.)

4. Доно ба иморати сухан машғул аст, нодон ба иморати бадан. (зарб.)

*5. Порчаро хонед ва мавқеи асосии истифодаи ҷумлаҳои нопурраро шарҳ диҳед.*

– Номат чист? – гуфта пурсид.

– Ёдгор!

– Номи падарат?

– Бозор!

– Куҷоӣ мебошӣ?

– Кӯлобӣ.

– Чанд сол боз ин ҷо ҳастӣ?

– Аз даҳ сол зиёд шуд.

– Чӣ кор мекардӣ?

– Сарбоз шудам, гурехтам, ба зиндон афтодам, боз гурехтам, боз ба зиндон ва обхона афтодам, оқибат рӯзи инқилоб озод шудам.

– Бисёр хуб, хату савод дорӣ?

– Не.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Ин порча аз кадом асари устод Айнӣ аст?

2. Ду нафар ба ин монанд мусоҳибаеро ташкил кунед ва дар ҷавоб аз ҷумлаҳои пурра истифода намоед. Шунидан чӣ гуна буд?

3. Озодӣ ба кадом инқилоб нисбат дода шудааст?

4. Аз рӯйи ин порча оид ба тарзи баёни ҷумлаҳои тасдиқию инкорӣ чӣ гуфта метавонед?

5. Ду ҷумлаи охирро бори дигар бихонед ва андешаатонро баён кунед.

*6. Дар мавзӯи «Ошноӣ», «Рӯзҳои истироҳат дар таътил» ва «Ташхиси фаъолият» мусоҳиба тартиб диҳед ва аз ҷумлаҳои нопурра истифода баред.*

*7. Ҳикояро хонед ва муайян кунед, ки ҳикмати он дар чист. Сипас, ҷумлаҳои нопурраи онро ёбед ва шарҳ диҳед.*

Аз ҳакиме пурсидаанд:
– Одамро чӣ чиз заруртар аст?
Гуфт: – Ақл!
Гуфтанд: – Агар аз он ноқис бошад?
Гуфт: – Адаб.
Гуфтанд: – Гар аз он бенасиб бошад?
Гуфт: – Пас, мурдан илоҷи ӯст.

*Саъдии Шерозӣ*

*8. Порчаро бодиққат хонед ва хулосаатонро баён кунед.*

Аз Афандӣ пурсиданд:
– Луқмаи ҳалол бо кӣ хӯрам?
– Бо фарзандон.
– Сипас бо кӣ?
– Бо хешу ақрабо, бо ҳамсоя ва душманон.
– Дар куҷо панаҳ ёбам?
– Дар сояи дӯст.

*Абдулвайси Азиз*

*9. Порчаҳоро хонед ва гӯед, ки ҳикмати онҳо дар чист? Сипас ҷумлаҳои пурра ва нопурраи онро шарҳ диҳед.*

Луқмонро гуфтанд:
– Адаб аз кӣ омӯхтӣ?
Гуфт:
– Аз беадабон. Ҳар чӣ аз эшон дар назарам нописанд омад, аз он парҳез кардам.

***

Подшоҳе порсоеро гуфт:
– Ҳеҷат аз мо ёд меояд?
Гуфт:
– Бале, вақте ки Худоро фаромӯш мекунам.

*Саъдии Шерозӣ*

*10. Порчаро хонед, сипас ҷумлаҳои нопурраро ёфта шарҳ диҳед ва онҳоро пурра карда нависед.*

– Имрӯз кӣ омада буд?
– Хаткашон.
– Чӣ овард?
– Мактуб.
– Аз кӣ?
– Аз акаам.

*11. Аз рӯйи асарҳои хондаатон ва ё филми дидаатон мусоҳибае таҳия кунед. Аз ҷумлаҳои нопурра истифода баред.*

*12. Саволу ҷавобро нависед ва ҷумлаҳои нопурраро ёфта, ба зерашон хат кашед. Гӯед, ки шакли пурраи он чӣ гуна аст.*

– Зариф!
– Ҳа, Маҳмуд!
– Ҳар ду дасти якдигарро фишурданд.
– Кай омадӣ? – пурсид Зариф.
– Дина.
– Хайр, Душанбе нағз будааст?
– Дуруст, нағз. Лекин боз шаҳри худамонро ёд кардам.
– Ҳа, ба ҳар кас шаҳри таваллудшудааш нағз менамояд.

*Пӯлод Толис*

### Таҳлили наҳвии ҷумлаи содаи яктаркиба

### Нақшаи таҳлил

Таҳлили наҳвии ҷумлаи яктаркиба мисли таҳлили ҷумлаи содаи дутаркиба сурат мегирад. Танҳо банди 4 такмил меёбад.

4. Сохтори ҷумла: а) дутаркиба ё яктаркиба; навъи ҷумлаи содаи яктаркиба.

### Намунаи таҳлил:

Ба хона бояд рафт.

### Таҳлили шифоҳӣ

Ин ҷумла ҳикоягӣ, ғайрихитобӣ. Асоси грамматикиаш бояд рафт. Ҷумла сода аст, содаи яктаркиба. Сараъзои ҷумла ба воситаи феъл ифода ёфтааст. Ҷумлаи содаи бешахс аст. Ҷумла аъзои пайрав дорад (ба хона – ҳоли макон). Аз ин рӯ, ин ҷумлаи содаи яктаркибаи бешахси тафсилӣ маҳсуб мегардад.

### Таҳлили хаттӣ

ҳ.м. хабар
Ба хона бояд рафт.

## САВОЛУ СУПОРИШҲОИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Ҷумлаи дутаркиба аз яктаркиба чӣ фарқ дорад?
2. Ҷумлаҳои содаи яктаркибаро номбар кунед.
3. Дар кадом ҷумлаҳои содаи яктаркиба сараъзои ҷумла бо феъл ифода меёбад?
4. Ҷумлае, ки дар он танҳо мубтадо иштирок мекунад, чӣ ном дорад.
5. Ҷумлаҳои содаи яктаркиба аз рӯйи иштироки аъзоҳои пайрав чанд хел мешаванд?
6. Ҷумлаи номуайяншахс аз ҷумлаи муайяншахс чӣ фарқ дорад?
7. Хабари ҷумлаи бешахс бо чанд роҳ ифода меёбад?
8. Кадом ҷумлаи яктаркиба одатан дар аввали тасвири бадеӣ барои нишон додани макон ва замони ҳодиса истифода мешавад?

## 40-41. КОР БО МАТНИ ЭССЕ

1. Порчаҳоро бодиққат хонед ва хулосаатонро дар борои эссе бо як-ду ҷумла гӯед ва нависед.

**Эссе (фр. «essai» – айнан таҷриба) – очерк (илмӣ, таърихӣ, публитсистӣ).

Словарь иностранных слов. - М., 1954, саҳ. 822.

**Эссе – як навъи очерк.

Луғати русӣ – тоҷикӣ, - М., 1985, саҳ. 1235.

**Эссе (фр. essai) жанри танқид, публитсистика – очерки насрӣ, ки мавзӯи озодро тавсиф мекунад.

Школьный словарь иностранных слов. - М. -2001, саҳ. 281.

**Эссе (лот. эксайум – баркашида; англ. «эссай» «фр. эссаи – таҷриба, кӯшиш, очерк, мақола) – жанри адабиёти фалсафӣ, эстетикӣ, адабӣ – танқидӣ, бадеӣ, публитсистӣ, адабиётшиносӣ, ки дар он муаллиф ин ё он масъаларо ба таври озод маънидод мекунад. Дар эссе, одатан, фикрҳо ғайричашмдоштанд, яъне аксар вақт зоҳиран хилофи фикрҳои дурусти омма мебошанд. Дар он нутқи гуфтугӯйи халқ зиёд кор фармуда мешавад.

Асосгузори жанри эссе нависанда, гуманист ва файласуфи Фаронса М. Монтен (1533-1592) мебошад Ӯ дар асараш «Эссайс» (1580) ақидаҳои худро дар бораи ҷамъият ва қисмати инсон дар он баён кардааст…

(Отахонов Т. «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ»; Душанбе, 2002 саҳ. 444)

**Эссе – фр. – навъи очерк («Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ», Душанбе, 2010, ҷ. 2, саҳ. 703).

*2. Матнро бодиққат хонед ва бо хусусиятҳои эссе ошно гардед. Мазмуни онро бо ҳамсинфон муҳокима намоед.*

Эссе вожаи фаронсавӣ (essai) буда, таърихан аз калимаи лотинии «txagium» гирифта шудааст. Вожаи фаронсавии «essai»-ро метавон айнан чунин тарҷума кард: таҷриба, санҷиш, кӯшиш, қайдҳои алоҳида, очерк.

Эссе иншои насриест, ки ҳаҷман чандон калон набуда, композитсияи (сохтори) озод дорад. Муаллиф дар он андешаю таассуроти шихсиашро доир ба мавзӯи пешниҳодшуда мухтасар бо далелҳои асоснок баён месозад. Дар эссе ҷаҳонбинию андешаҳои муаллиф доир ба ягон мавзӯи фарҳангию таърихӣ ва ҷамъиятӣ инъикос меёбад.

Мавҷудияти мавзӯъ ё масъалаи аниқ яке аз махсусиятҳои эссе мебошад. Асарҳои калонҳаҷму дорои чандин мавзӯъро дар ин жанр иҷро ва таҳлил кардан номумкин аст. Баёни таассурот ва андешаҳои шахсӣ оид ба муносибат ва масъала асоси эссеро ташкил медиҳад. Эссе метавонад, шахсӣ (ё субъективӣ) ва объективӣ бошад. Дар эссеи (субъективӣ) хислату кирдор, орзую хостаҳои муаллифи он баён мегардад. Дар эссеи объективӣ муаллиф дар бораи ягон ғоя ё сухани (гуфтори) адибону олимон, шахсиятҳои намоёни сиёсӣ ва ғайраҳо андешаҳояшро баён менамояд. Муаллифи эссе дар бораи ғоя ё гуфторе фикрашро изҳор дошта, тарафдор ё муқобил будани худро бо далелҳо исбот менамояд. Мақсади навиштани эссе рушди малакаҳои тафаккури эҷодии мустақилона ва баёни хаттии андешаҳои шахсӣ мебошад. Навиштани эссе ба муаллифи он имконият фароҳам меоварад, ки андешаро аниқ ва босаводона мураттаб намояд. Ахборро ба низом дарорад. Мафҳумҳои асосиро истифода барад, робитаи сабабу натиҷаро муқаррар созад ва хулосаҳои худро бо далелҳо собит намояд.

Эссенавис ҳангоми шарҳу маънидод бояд аз сергапӣ, истифодаи калимаҳои нофаҳмою душвор, калимаҳои шевагӣ, ки ба меъёрҳои забони адабӣ ҷавобгӯ нестанд, худдорӣ намояд. Ҳамзамон, истифодаи бемавқеи калимаҳои иқтибосӣ низ маҷоз нест. Истифодаи воситаҳои муассири луғавӣ ва воситаҳои тасвир, фразеологизмҳо, ифодаҳои қолибу пурмуҳтаво эссеро ҷаззобу хонданбоб мегардонад.

Сохтори эссе аз рӯйи мавзӯъ ва талаботи гузошташуда чунин муайян карда мешавад: андешаҳои муаллиф оид ба масъала дар шакли тезиси мухтасар баён карда мешавад: андешаҳои муаллиф бояд бо далелҳо исбот карда шаванд.

Аз ин рӯ, пас аз тезис далелҳо меоянд: далелҳо – ин воқеаҳо, падидаҳои ҳаётӣ-ҷамъиятӣ, ҳодиса, вазъиятҳои ҳаётӣ ва таҷрибаҳои зиндагӣ, далелҳои илмӣ, муроҷиат ба гуфтори олимон ва ғайра. Баъди ҳар тезис овардани ду далел кофист.

Ҳамин тариқ, эссе сохтори ҳалқавӣ ба худ мегирад (миқдори тезис ва далелҳо вобаста ба мавзӯъ, нақша ва мантиқи рушди фикр аст).

Муқаддима (сарсухан). – тезис, далелҳо; тезис – далелҳо; – тезис, далелҳо; хулоса (хотима).

Дар вақти навиштани эссе ба масъалаҳои зерин диққат додан лозим аст. Ҷавоб додан ба онҳо имкон фароҳам меорад, ки чӣ навиштанро аниқ муайян кунед. Ба сифатҳои шахсӣ ё қобилияти худ дахл карда, аз худ пурсед:

Ман ба ин ё он сифати худ аз онҳое, ки медонанд, оё фарқ дорам? Ин фарқ дар чӣ зоҳир мешавад?

Оид ба фаъолияте, ки машғулед:

– Чӣ маро водор сохт, ки ба ин навъи кор машғул гардам? Чаро ман ин кори худро идома медиҳам?

Доир ба ҳар як воқеаи ҳаёти худ, ки шумо ишора кардаед.

– Чаро ман маҳз ин одамро номбар кардам? Магар кӯшиш мекунам, ки мисли ӯ бошам? Аз кадом сифатҳои ӯ ба шавқ меоям? Ва изҳор карда будед, ки як умр аз хотир намебарорам.

Оид ба ҳар як беҳтар ҳисобидани шумо ва чизҳои бароятон маъқулнашуда:

– чаро ба ман ин кор писанд аст ё писанд нест.

– магар ин ҳолат то як андоза ба ҳаёти ман таъсир расонид?

Масъалагузорӣ (ё гузоштани савол) дар сарсухан: «Мехоҳам доир ба ин масъала андешаамро баён кунам» (агар эссеи шахсӣ ё субъективӣ) бошад. «Моҳияти масъалаи гузошташуда аз чӣ иборат аст?» «Чаро ин мавзӯъ муҳим аст?», «Ман ба ин андеша розӣ шуда наметавонам», «Ман ба ин андеша розиам» ва ғайра.

• Ҳар як тезис аз сатри нав оғоз меёбад. Дар ҳар тезис масъалаи гузошташуда ба тартиб таҳлил ва бо далелҳо

асоснок карда мешавад. Фикру мулоҳизаҳо бояд мураттаб баён гарданд.

• Таъкид дар хулоса: «Аз таҳлили мавзӯъ чунин хулоса бармеояд, ки ... », «Ман ба чунин хулоса омадам, ки ...»

• Аз нуқтаи назари мазмун эссе метавонад, фалсафӣ, адабӣ-танқидӣ, таърихӣ, бадеӣ, бадеию публитсистӣ ва ғайра бошад.

Аз ҷиҳати ҳаҷм барои эссе ягон ҳудуди қатъӣ гузошта нашудааст. Метавон ҳаҷми онро барои хонандагон аз ду-се то чаҳор саҳифаи чопи компютерӣ муқаррар сохт.

Мавзӯи эссе ҳамеша аниқ аст. Он дорои мавзӯъ ё ғояи бисёр буда наметавонад, дар он танҳо як вариант ва як фикр инъикос меёбад. Эссе ҷавоб ба як савол аст. Дар эссе бисёрсуханӣ ҷоиз нест, он чунон ки дар боло зикр шуд, бояд мухтасару пурмаъно ва беғалату тезисҳо бо далелҳо собит шуда бошанд.

*Саидамир Аминов*

*3. Матни эссеи зеринро бодиққат хонед. Гӯед, ки муаллифи он доштани аслиҳаро тарафдорӣ кардааст ё не. Ба андешаҳои муаллиф розиед? Хулосаи андешаҳои муаллифро нависед.*

Ман мехоҳам дар бораи аслиҳадории ҳамаи аҳолӣ андешаҳоямро баён кунам. Ин масъала дар ҳар кишвар ҳар хел аст. Кишварҳое ҳастанд, ки иҷозати харидани аслиҳа ва ба даст овардан ба осонӣ ҳал мегардад. Масалан, дар Амрико қариб ҳамаи аҳолӣ аслиҳа дорад, вале дар Англия гирифтани иҷозат барои хариди аслиҳа басо душвор мебошад. Ман мехоҳам, ки масъалаи иҷозат додан ба харид ё манъ карданi онро муҳокима намоям. Одамон доштани аслиҳаро ба корҳои варзишӣ марбут медонанд. Ин гурӯҳ одамон далел меоранд, ки агар аслиҳа дошта бошанд, барои ин кор имкон доранд. Ин сабаби нишондодаашон то андозае асос дорад ва қобили қабул ҳам ҳаст. Мутаассифона, ҳамаи аслиҳаи харидашудае, ки дар дасти одамон аст, барои шикор пешбинӣ нашудаанд. Аз ин гуфтаҳо маълум мегардад, ки фурӯхтани аслиҳаи варзишӣ дар баъзе кишварҳо иҷозат дода мешаваду дар кишварҳои дигар мамнуъ аст.

Дар кишварҳое, ки иҷозати харидани аслиҳа дода шудааст, қатли одамон тавассути силоҳ нисбатан камтар аст. Қисман ин бо сабабе аст, ки бояд исбот кунед, ки оё шумо метавонед, ки ба рафтори худ ҷавоб диҳед ва ё бо аслиҳа бехавф муносибат намоед.

Баъзеҳо собит карданӣ мешаванд, ки агар барои ҳамаи аҳолии кишвар доштани силоҳ иҷозат дода шавад, яъне ҳама дорои аслиҳа бошад, кишвари дигар ба он ҳуҷум карда наметавонад. Ин нуктаро ба ду сабаб зикр мекунанд; аввалан, ҳамаи одамони кишвар силоҳ доранд, сониян, ҳар яки ин мардум бо аслиҳа чӣ гуна муносибат карданро медонанд.

Ба андешаи мо, ин навъ масъалагузорӣ чандон саҳеҳ нест, зеро ҷанг агар ба вуқӯъ ояд, он ба воситаи тайёраю атом сурат мегирад. Ин силоҳҳо танҳо дар ҷангҳои шаҳрвандӣ ба кор мераванд.

Дар Амрико мардум мегӯяд, ки силоҳ барои муҳофизати худ ба хотири дифоъ аз ҳуҷуми дигарон лозим аст. Воқеан, ҳар касе, ки ба шумо ҳамла мекунад, донад, ки силоҳ доред, метарсад, вале дар ҳаёт на ҳамеша чунин аст. Одатан, шахси ҳуҷумкунанда ҳам бо худ аслиҳа дорад. Барои ӯ на шумо, балки чизу чора ва пул даркор аст. Азбаски ҳар ду силоҳ дорад, табиист, ки яке дигареро бояд захмӣ ва ё ҳалок созад. Асосан бештари паррондашудагон дар Амрико дузд нестанд, ки ба одамон ҳуҷум карда бошанд. Инҳо узви оилаҳоеанд, ки силоҳ доранд. Ин одам вақте дигар узви оиларо парронд ё маст, ё ба ҳолати ҷунунӣ гирифтор буд. Одатан, шахси силоҳдор нияти паррондани касеро надорад. Қариб ин ҳамеша ҳодисаи тасодуфӣ аст. Силоҳбадаст бештар мегӯяд, касеро тарсондан мехост, вале шахси силоҳдори бадҷаҳл ва маст бисёр хавфнок аст. Ба назари мо, агар ин одамон дар даст силоҳ намедоштанд, чунин ҳодисаҳои нохуш рух намедоданд. Теъдоди паррондашудагон далели боварибахшанд. Дар Ҷопон, ки аслиҳа зери назорати ҷиддӣ қарор дорад, соли 1994 танҳо 38 ҳодисаи паррондан ба қайд гирифта шудааст. Дар соли 1993 дар Амрико 40.000 нафар ба сабаби бо тир паррондан халок гардидаанд.

Ҳамин тариқ, фаҳмост, ки иҷозат додан барои харидани аслиҳа ақидаи бад аст. Вале дӯстдорони доштани аслиҳа мегӯянд, ки одамон одамонро мепарронанд, на аслиҳа. Дар асл ин дуруст аст, зеро назорати фурӯши аслиҳа нисбат ба назорати фаъолияти одамон осонтар мебошад. Табиист, ки мумкин фурӯши озоди аслиҳа манъ карда шавад, агар ин ҳаёти ҳазорон одамонро бехатар гардонад.

*4. Матни эссеи зеринро бодиққат хонед ва мавзӯи онро муайян кунед. Мақсад мухтасар баён шудааст? Сархати дуюмро нависед ва шарҳ диҳед.*

## Забони тоҷикӣ

Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои қадимаю ғанӣ, шевою ширин ва гӯшнавоз мебошад. Ин паҳлуҳои забони тоҷикиро на танҳо олимону адибони ватанӣ ва соҳибзабонон бисёр гуфтаанду васф кардаанд. Ҳамзамон, намояндагони барҷастаи илму фарҳанги аксари мамолики ҷаҳон ва шарқшиносон ин махсусиятҳои забони тоҷикии форсиро пай бурда, борҳо таъкид намудаанд.

Забон чун организми зинда ҳамеша дар таҳаввулу тағйирот мебошад, зеро падидаҳои дар ҷомеа рухдода ба забон бетаъсир намемонад. Дар замони кунунӣ баҳсҳо «Чӣ тавр забонро муҳофизат намоем?» хотима намеёбад. Зуд-зуд ба гӯш мерасад, ки мегӯянд: «Забонро аз нестшавӣ бояд нигаҳ дошт».

Шахсе тарзи гуфтугӯйи мардумро дар хиёбону кӯчаҳо шунида, ба ғазаб меояд, дигарӣ қаҳ-қоҳзанон механдад ва гурӯҳе ба андеша меравад: магар ин ҳама алфози дурушту қабеҳ ба нутқи мардум таъсири бад намерасонад?

Бале, дуруст аст, ки забон ба муҳофизат ниёз дорад. Ин нукта бебаҳс аст. Баъзе ҳомиёни «боғайрати» тоза нигаҳдории забон пешниҳод мекунанд, ки муносибат ба истифодаи вожаҳои забони тоҷикӣ басо ҷиддӣ гардад. Мисли қонунгузории исландиҳо қонуне ба тасвиб расонидан лозим аст, ки қатъан истифодаи калимаҳои иқтибосиро манъ намояд.

Мафҳумҳои дар забон буда бо калимаҳои аслии тоҷикӣ ифода карда шаванд ва эҳтиёҷ ба калимаҳои хориҷӣ набошад. Чунин хоҳиш фаҳмост. Солҳои 20-ум ва 90-уми асри гузашта чунин ҳолат рух дода буд. Забони тоҷикӣ аз ҳисоби мафҳумҳои революция, съезд, партия, маркет, эссе ва ғайра «ғанӣ» гашт. Комилан дуруст аст. Вақте ки калимаи тоҷикии ифодакунандаи ҳамон мафҳум дар забон мавҷуд аст ва онро ҳама мефаҳмад, зарурат ба истифодаи вожаҳои иқтибосӣ намемонад. Агар дар забон мафҳуме вуҷуд надошта бошад, ки маънои ин ё он калимаи иқтибосиро дода натавонад, ин масъалаи дигар аст. Баъзеҳо ба ин кор ҳавас доранд, махсусан, ба калимаҳои арабии нофаҳмо. Шояд бо ин корашон ифтихор кунанд.

Аз тарафи дигар, забони тоҷикӣ борҳо ҳадафи ҳуҷуми аҷнабиён ва душманони миллати тоҷик қарор гирифтааст. Ду далелро аз таърих ишора кардан мехоҳем. Арабҳо баъди тасарруфи кишвари мо хостанд, ки забону фарҳанги миллати моро маҳв созанд. Барои амалӣ сохтани ин аҳдофи шуми худ тадбирҳои зиёдеро амалӣ сохтанд, вале тирашон хок хӯрд ва ба ҳадаф нарасиданд. Баръакс, забони тоҷикӣ калимоти даркории арабиро дар худ мунҳал сохта, захираи луғавии хешро ғанӣ сохт. Аз таҳоҷуми муғул гузашта, солҳои 30-юми қарни 20-ро ба хотир орем. Аз як тараф, калимоти русию туркии ӯзбекӣ бо баҳонаи инқилоби кабир, аз тарафи дигар, ҳуҷуми пайдарпайи пантуркистону панэрониён барои инкори миллати тоҷик ба пайкари ин забон то андозае зарбаҳо зад. Ҳатто ҳаммиллатамон – Фитрат дар Бухоро супориш дод, ки шахсони ба тоҷикӣ гапзанандаро ҷарима кунанд.

Азбаски дар ин забон асарҳои оламшумул офарида шудаанду таърихан қадимӣ буда, пояҳои қавӣ ва қудрату тавоноии мунҳал кардани калимаҳои бегонаро дорад, ба пиндори мо, маҳв кардани он номумкин аст.

Як хатаре, ки ба вуҷуд омадаасту қариб ҳамаи забонҳои дунёро фаро мегирад, паст шудани сатҳи китобхонӣ мебошад, бахусус, дар байни ҷавонон. Ҳол он ки кишвари мо ба

қатори кишварҳои мардумаш китобхон шомил мегардид. Ва шояд дар ин кор таъсири шабакаҳои интернет то андозае буда бошад. Табиист, ки ин падидаҳо ба маданияти нутқ беасар нахоҳад буд.

Ҳамин тариқ, месазад, ки бонги хатар зада, сару садо барорем, ки мо забони адабии тоҷикиро аз даст дода истодаем. Ба андешаи мо, барои овозаҳо сабабҳои ҷиддие вуҷуд надоранд, вале ҳушёр будан даркор аст, то ки забон вайрон ва «ифлос» нагардад.

Биёед, тозагии забон ва ғамхорӣ ба забонро фаромӯш накунем, то ки дар назди фарзандон ва насли оянда рӯйсурх бошем.

*Саидамир Аминов*

*5. Дар мавзӯи «Чаро ман забони англисиро ёд гирифтан мехоҳам» эссе нависед ва бо далелҳо собит намоед.*

## ҶУМЛАИ ЧИДААЪЗО

## 42. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО

*1. Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки кадом хусусияти онҳоро пай бурдед.*

1. Як гурӯҳ созандагон бо наю чангу дойра ва дутору танбӯр як оҳанги рақсро менавозанд. (С.У.)

2. Дар зери девори қалъаи Бухоро пирамарди косиби пойлуч аз пеши нардбонҳо, аробаҳо, лошаҳои аспон, аз назди сарбозони гурӯҳ-гурӯҳ нишаста мегузарад. (С.У.)

3. Мо метавонем, ба ту обу замин, ғулому каниз, рамаю галаҳо бахшем. (С.У.)

4. Дар баъзе токчаҳо зарфҳои хурду калони гуногуншакл ва даста-даста гиёҳи хушкро мебинем. (С.А.)

5. Ҳаёҳу, шавқу ҷӯш, нидоҳои «офарин»-у «шод бош»-и аҳли чодар ҳанӯз хомӯш нашуда буданд. (С.А.)

5. Дар миёни урдугоҳ чодари рах-рахи сабзу сурху сафеди сипаҳсолор... назаррабост. (С.У.)

6. Аз ин ҷо овози суруду нағма, созу наво ба гӯш мерасад.

7. Пурсупос ва суҳбати дӯстона сар шуд. (С.У.)

8. Чӯпонону дарахтбурон, гиёҳчинону сайёҳон хабар меоварданд. (Баҳманёр)

9. Ба диданаш меомаданду ангушти ҳайрат мегазиданд ва мегуфтанд. (Баҳманёр)

**Савол ва супориш**

1. Ҷумлаи якум чанд пуркунанда дорад? Онҳо ба кадом савол ҷавоб мешаванд ва чӣ гуна алоқаманд шудаанд?

2. Боз дар кадом ҷумлаҳо пуркунанда чида шудааст ва кадом навъ аст?

3. Дар ҷумлаи дуюм кадом аъзои ҷумла чида шудааст? Ба кадом роҳ алоқаманд шудаанд?

4. Дар ҷумлаи панҷум кадом аъзои ҷумла чида шудааст? Дар байни аъзоҳои чида кадом аломат омадааст?

Ҳамаи ҷумлаҳоро як-як баррасӣ кунед.

Ҷумлае, ки яке аз аъзоҳо ва ё чанд аъзои он чида шудааст, чидааъзо ном дорад.

Аъзоҳои чида асосан ба як савол ҷавоб шуда, як вазифаи синтаксисиро иҷро мекунанд: **Ҷамшед, Ҷамила ва Парвиз** мақола навиштанд.

Аъзоҳои чида баробарҳуқуқ буда, яке ба дигарӣ тобеъ нест: Созандагон **бо наю чангу дойра ва дутору танбӯр** як оҳанги рақсро менавозанд. (С.У.)

Аъзоҳои чида бо ҳам бо ёрии оҳанг ва ё оҳангу пайвандакҳои пайвасткунанда алоқаманд мешаванд: Ҷузҷонӣ **хӯрҷин дар китф, давон-давон ва ҳарсосзанон** ба ӯ расида гирифт. (С.У.)

Дар хат агар аъзоҳои чида пайиҳам ва бепайвандак омада бошанд, ба воситаи вергул ҷудо карда мешаванд.

*2. Ҷумлаҳоро хонед ва хусусиятҳои аъзоҳои чидаро шарҳ диҳед.*

1. Шоир бояд сода бигӯяд, ширин бигӯяд, латиф бигӯяд, тоза бигӯяд ва панд бигӯяд (Ш.Ҳ.).

2. Ҳама чизҳо мешикананд, мепӯсанд, занг мезананд, ганда мешаванд, ранги худро тағйир медиҳанд… ва ба қаъри нобудӣ мераванд (Ш.Ҳ.).

3. Абуалӣ ва Ҷузҷонӣ дар майдон ҳозир шуданд. (С.У.)

4. Аз ин акси садо, аз ҳисси ғалабаи наздик кӯфти меҳнатҳои шабонрӯзӣ мебарояд, табъ мег болад, ҷисму ҷон фароҳ меёбад. (С.У.)

5. Насими саҳаргоҳӣ бӯйи муаттари гулу сунбул, сабзаву райҳонро ба димоғҳо мерасонад. (С.У.)

*3. Матнро хонед ва ба оҳанги хониши ҷумлаҳои чидааъзо диққат диҳед.*

Дар Душанбе баҳор бо тамоми ҳусну таровати рӯҳафзо, дилфиребу ҷозибадори худ ҳукмфармо буд. Чор сӯй мешукуфт, меболид ва тобиши рангбаранг дошт. Дарахтон муғҷа мекушоданд, гул мекарданд, барг меёзонданд. Дар лаби ҷӯйборҳо сабза медамид, дар кӯталу теппаҳо табиат ва лола қолин мегустурд, камари кӯҳҳо қирмизӣ метобид ва қуллаҳои баланди барфин дар уфуқи лоҷуворд чодари азими оҳарии қуббадор афрошта буданд. Гоҳ-гоҳ борон меборид, борони нарми тару тоза ва ба ин зебоии табиат ҳусну таровати нав мебахшид.

*Фотеҳ Ниёзӣ*

**Савол ва супориш**

1. Ҷумлаҳои чидааъзо ба матн чӣ муассирият бахшидаанд?
2. Аъзоҳои чида чӣ тавр бо ҳам алоқаманд шудаанд?
3. Ҷумлаҳои чидааъзоро нависед ва ба зери аъзоҳои чида хат кашед.
4. Кадом аъзои чида тафсил ёфтааст?

*4. Матнро хонда, ҷумлаҳои чидааъзоро муайян кунед. Гӯед, ки кадом аъзоҳои ҷумла чида шудаанд.*

Ба замину боғоту саҳроҳо нигаред, ҳар қитъа гӯё лавҳаи тасвирест, ки дасти кадом рассоми санъаткори сеҳрнигор бо камоли маҳорат оростааст! Рангҳои назаррабо – сабз, зангор, сурх, зард, пистоқӣ, гулобӣ, бунафш, ҷигарӣ ва ҳоказо бо ҳам омехта шуда, тобишҳои гуногун пайдо мекунанд. Гулу гиёҳҳо ба ҳар сӯй тароват мепошанд. Садои ҷӯйчаҳо ва шар-шараҳо бо чаҳ-чаҳу ғул-ғули мурғони хушхон як шуда консерти фораме ташкил мекунанд.

Ба боғу бӯстонҳо ки медароед, бар болои саратон, ба шохсори дарахтони меводор назар андозед. Ҳосили фаровон, аз ҳозир – аз ғӯрагӣ сари онҳоро хам кардааст!

Баҳор шаҳрҳои Ватани моро ҳам бо либоси сабзи зумуррадӣ оростааст. Инро дар мисоли пойтахти Тоҷикистон – Душанбе дидан мумкин аст. Саҳаргоҳ, пеш аз ҳама, насими форами кӯҳсори Варзоб чеҳраи шуморо навозиш мекунад.

Дар шимоли шаҳр назаратон ба қуллаҳои пурбарфи кӯҳ меафтад, ки бо шуълаи офтоби нав тулӯъкунанда ба тарзи дилрабо медурахшанд. Дар зери чодири сабзи табиии кӯчаҳо гулфурӯшонро мебинед, ки даста-даста лолаҳои сурху зард ва дигар гулҳои рангорангро бо шабнами ҳанӯз напарида ва тароватии бомдодиашон ба ишқбозони гул пешниҳод мекунанд.

Хулоса, баҳор дар ҳама ҷо нашъунамо мекунад, ҳусни оламорои худ, санъати сеҳрангези худро намоиш медиҳад!

Баҳорро иди табиат номидан равост. Ин ид бо иди байналмилалии меҳнаткашон, бо рӯзи якдилии коргарони ҳамаи мамлакатҳои дунё – Якуми Май дар як вақт меояд! Меҳнат ва табиат ба якдигар сахт вобастаанд. Табиат ҳарчанд бой ва зебо бошад ҳам, бе иштирок ва қудрати дасти инсон сарвати мурда асту ҳусни бекора ва меҳнати инсон бе мусоидат ва созгории табиат саъйи бесамара.

*Абдусалом Деҳотӣ*

**Савол ва супориш**

1. Дар вақти хондани ҷумлаҳои чидааъзо чӣ оҳангро ҳис мекунед?

2. Дар кадом ҷумла муносибати табиату инсон баён шудааст?

3. Манзараеро тасвир кунед ва аз ҷумлаҳои чидааъзо истифода кунед.

## 43. ПАЙВАНДАКҲОИ ПАЙВАСТКУНАНДА ДАР ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО

*1. Порчаҳоро хонед ва маънидод кунед. Ба оҳанги хониши аъзоҳои чида диққат диҳед. Воситаҳои алоқаи аъзоҳои чидаро шарҳ диҳед.*

Ба гетӣ ду чиз аст ҷовид бас,
Дигар ҳарчи бошад, намонад ба кас.
Сухан гуфтани нағзу гуфтори нек,
Нагардад куҳан то ҷаҳон асту рек.
Зи хуршеду аз бод в-аз обу хок
Нагардад табаҳ ному гуфтори пок.

*Абдурраҳмони Ҷомӣ*

Афтодаам ба хоки мазаллат зи дурият:
Зору фигору хаставу бемору нотавон.

*Возеҳ*

Беҳуҷраву бекӯяму беҷомаву дастор,
Бенуқлу маю чангаму бемунису ғамхор.

*Садриддин Айнӣ*

**Луғат**

**Рек** – некбахт
**Табоҳ** – хароб, вайрон
**Мазаллат** – хорию зорӣ

*2. Матнро хонед, аъзоҳои чидаро ёбед ва шарҳ диҳед. Гӯед, ки аъзоҳои чида дар тасвир чӣ нақш доранд. Маҳаллеро тасвир кунед.*

Ҳирот дар сари роҳҳои тиҷоратӣ ва маданӣ меистод. Ба Ҳирот аз ҳар сӯй корвонҳо меомад: корвонҳои савдогарон, ҳунармандон, олимон, шоирон, арбобони давлат, ҳар гуна касон, соҳибони ҳама гуна касбу ҳунар. Дар байни инҳо касони бекасбу кор, ҷоҳталабон, моҷароҷӯён, аз пайи фоидаи муфту осон давандагон низ кам набуданд.

Шаҳри калон тамоми инҳоро дар коми худ фурӯ мебурд, ҳазм мекард. Нуфуси шаҳр рӯз ба рӯз зиёд мешуд, ободию зебоии зоҳириаш торафт меафзуд.

Ҳирот баъд аз давраи харобиҳо боз аз нав ҷон мегирифт.

*Раҳим Ҳошим*

*3. Порчаи манзумро равшан хонед ва байтҳои аъзои чидадорро нависед. Воситаҳои алоқаи аъзоҳои чидаро шарҳ диҳед.*

Дашти васеву боғи латифу ҳавои хуш,
Саҳрову ҷангалу чаману кӯҳу лолазор.
Аз ҳар канор чашма равон асту обшор,
Ҳар сӯ баланд замзамаву нолаву хурӯш.
Пошида донаҳои гуҳар абри навбаҳор,
Ҳамчун арӯси ноз дарахтони навҷавон.
Чатри сафеду сабзу гулобиву арғувон,
Бар сар кашида ҷилвакунон ҳар тараф қатор...
Биншаста буд шубонписаре най дар даҳон
Зери дарахти бед, лаби ҷӯйи босафо.
Озода гирди ӯ барае чанд дар чаро,
Бо сӯзи дил хурӯш ҳамекард най, ки ҳон
Устоди зуфунуни забардасти рӯзгор,
Яъне табиат аз шохи абрешимини баҳор
Нозук иёр бофта қолини махмалин,
Густурда, то ки ёр ниҳад пой бар замин.

*Пайрав Сулаймонӣ*

### Луғат

**Зуфунун** – соҳиби илмҳо ва маърифату фазилати бисёр
**Иёр** – маҳак, олати санҷиш; арзишу қимат

### Савол ва супориш

1. Мавзӯи порча ва нақши аъзоҳои чидаро шарҳ диҳед.
2. **Шубонписар** ё **чӯпонписар?** Кадоме дуруст?
3. Байти сеюмро ба наср баргардонед.

*4. Порчаро бо риояи оҳанг хонед. Кадом аъзоҳои ҷумла чида шудаанд?*

Гӯш кардам Шарқро, ҳам Нилро, ҳам Гангро,
Нармдил хоку замину пуртаҳаммул сангро,
Гӯш кардам... варзиши рӯди равон омад ба ёд.
Деҳаи ман дар Ҳисори Шодмон омад ба ёд.
Қуллаҳои барфпӯши кӯҳсоронаш ба ёд,
Чашмаҳои нуқрамонанди хурӯшонаш ба ёд.
Рӯди қишлоқи ман аз оҳу сабуктар меравад,
Дар шаби маҳтоб сина пур зи ахтар меравад.
Кокулафшонанд маҷнунбедҳо дар ин диёр,
Шуълаафшонанд сафҳои чароғони Ҳисор.

*Мирзо Турсунзода*

### Савол ва супориш

1. Дар мисраи якум чиро мушоҳида кардед?
2. Дар мисраи шашум кадом аъзои ҷумла тафсил ёфтааст?
3. **Таҳаммул** аз **тааммул** чӣ фарқ дорад? Бо **«тааммул»** ҷумлае гӯед.

*5. Ҷумлаҳоро нависед, ҳолҳои чидаро ёбед ва зерашон хат кашед.*

1. Субҳ ва шом дар хонаҳои худ нону чой мехӯрданд. (Ф.М.) 2. Офтоб роҳи худро дигар карда, хеле ба тарафи ҷануб рафта, аз болои кӯҳистони Тоҷикистон дур шуда бошад ҳам, ба сабаби оромӣ ва софии ҳаво тобишаш асарнок буд.

(С.А.) 3. Дар ошхона барои ошпазӣ ва обгармкунӣ дегҳои ҷудогона шинонданд. (С.А.) 4. Ман бо вуҷуди он ҳама мондагӣ ва бедорхобӣ шаби дароз хобида натавонистам. (С.А.)

<table>
<tr><td colspan="2">Дар нутқи муқаррарӣ аъзоҳои чидаи ҷумла бештар бо як пешоянд ва ё пасоянд истеъмол меёбанд. Пешоянду пасояндҳо он гоҳ бо ҳар як аъзои чида такроран меоянд, ки ба таъсирноктар намудани сухан эҳтиёҷе бошад.</td></tr>
<tr><td>Муқоиса кунед:<br>Ҳар чӣ ки ман медонам, аз китобҳо, донишмандон ва одамони кордида омӯхтаам.</td><td><br>Ҳар чӣ ки ман медонам, аз китобҳо, аз донишмандон ва аз одамони кордида омӯхтаам.</td></tr>
<tr><td>Аввал китобу дафтар, сару либос, дасту рӯятро бину баъд гап зан.</td><td>Аввал китобу дафтаратро, сару либосатро, дасту рӯятро бину баъд гап зан.</td></tr>
<tr><td colspan="2">Ҳиссачаҳои таъкидӣ ва инкорӣ бо ҳар як аъзои чида такрор шуда меоянд. Масалан: 1. Одам ҳам дар оила, ҳам дар байни рафиқон ва ҳам дар байни аҳли ҷамъият хулқу атвори нек бояд дошта бошад. 2. Сарбоз на аз сардии ҳаво, на аз шиддати борон ва на аз лойи роҳ тарс дошт. Ӯ бардамона пеш мерафт.</td></tr>
</table>

*6. Матнро нависед ва пайвандакҳоеро муайян кунед ва шарҳ диҳед, ки аъзоҳои чидаро ба ҳам пайвастаанд.*

Раҳим Ҷалил ҳанӯз дар айёми бачагӣ хондан ва навиштанро дӯст медошт. Ӯ танҳо мактаби ибтидоӣ ва курси яксолаи педагогиро тамом кардааст. Вазъияти зиндагӣ маҷбур кард, ки таҳсилро қатъ намуда, ба кори муаллимӣ машғул шавад. Вале ӯ муҳаббати ба хондан доштаи худро гум карда наметавонист. Ҳар як дақиқаи вақти холии ӯ бо китоб хондан ва мутолиа намудан мегузашт. Хондан ва мутолиа намудани адабиёти бадеӣ бисёртар диққати ӯро ҷалб менамуд.

*7. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Ҷумлаҳои аъзоҳои чидадоштаро ёбед ва шарҳ диҳед.*

Борбад таронаҳои дилангезе дар Бадахшон шунида буд, ки «Булбулик» меномиданд. Ва ҳоло онро ба ёд овардa бовариаш қавӣ шуд, ки ниёгони мардуми форс таронагӯиро аз булбул омӯхтаанд. Устоди хунёгарон дар бораи хелҳои ҳайвонот ва сифати овозҳое, ки онҳо мебароранд, низ фикр мекард. Ӯ садои мор, сангпушт, калтакалос ва дигар хазандаҳоро ба хотир овард. Дар байни онҳо ягон овозхони хушадое наёфт. Баъд ба чорпоён гузашт. Ҳайфо, ки аз чорпоён низ яке ба парандагон баробар шуда наметавонад. На ҳамаи парандагон овози форам доранд. Масалан, мурғҳои хонагии порутиткун хушовоз нестанд. Лошахӯру даррандаҳои болу пардор низ. Хунёгари хунёгарони хушовоз булбул аст, ки гулу бӯстон, боғу чаманистонро дӯст медорад. Дилангезу гӯшнавоз аст хониши булбули хушовоз! Борбад бояд дар назди истеъдоди булбул сари таъзим фуруд орад! «Булбуловоз» мегӯянд маро мардум: Лаб фурӯ бандед, мухлисони ман, ки шумо навои рӯҳпарвари булбули ҳақиқӣ, шоҳбулбулу чаманбулбули хуросониро нашунидаед! Чунин булбулон танҳо дар чаманистони зебо ва гулистони дилрабо мешаванд!

*Адаш Истад*

**Савол ва супориш**

1. Ба андешаҳои нависанда розиед ё на? Чаро?
2. Воситаҳои алоқаи аъзоҳои чидаро шарҳ диҳед. Ҳамеша «у» «ва»-ро иваз карда метавонад?
3. Ҷумлаҳоеро, ки дар онҳо аъзоҳои чида бе пайвандак пайваст шудаанд, дубора хонед ва оҳанги қироати онҳоро шарҳ диҳед.
4. Дар бораи овозхон ё навозандае, ки бароятон писанд аст, иншое нависед.

*8. Ҷумлаҳоро нависед ва зери аъзоҳои чида хат кашед. Гӯед, ки кадом аъзои ҷумла чида шудааст ва бар эзоҳи кадом калимаҳо омадааст.*

1. Тобистон ва тирамоҳи соли бисту сеюм дар деҳаи мо воқеаҳои ғалатӣ рӯй доданд. (С.У.)

2. Дар роҳи оҳани Тирмиз – Душанбе оташароба бо камоли ҳашамат ва шавкат ҳаракат мекард. (С.А.)

3. Ба ин пурсишҳои ӯ бо забони хуш ва чеҳраи кушода ҷавоб медод. (С.А.)

4. Ин мард ё девона аст, ё ки хоб дидааст, ё ҳар ду. (С.У.)

5. Бо ман далерона, бетаъзиму тавозуъ гап зада буд. (С.У.)

6. Ба димоғ бӯйи барф, бӯйи арча ва накҳати гулу гиёҳ мерасид.

*9. Порчаҳоро бо риояи оҳанг хонед ва шарҳ диҳед. Ҷумлаҳои аъзои чидадоштаро муайян кунед ва гӯед, ки воситаи алоқаашон чиҳоянд.*

1. Ҷаҳониён Фирдавсиву Хайёму Саъдиву Ҳофизу Мавлавиро писандиданд, сари таъзим бар бузургии эшон фуруд оварданд. Пеши ман ин он маъниро дорост, ки ҷаҳониён забони порсиро писандиданд, сари таъзим бар бузургии он фуруд оварданд.

2. Забони порсиро Рӯдакӣ бо ашъори пурҳикмат, Фирдавсӣ бо «Шоҳнома», Хайём бо рубоиёт, Ҳофиз бо ғазалиёт, Мавлавӣ бо «Маснавии маънавӣ», Саъдӣ бо «Гулистон»-у Ҷомӣ бо «Баҳористон» сиккаи безаволӣ зада. З-ин рӯ, ҳеҷ тӯфоне маҳв онро натавонад кардан. Зиҳӣ забони ҷовидони ман!

*Абдурауф Муродӣ*

**Савол ва супориш**

1. Аз порчаи аввал ба чӣ хулоса омадед? Аз ҷумлаи дуюм чӣ маънӣ бардоштед?

2. Ҷумлаи охирини порчаи дуюмро чӣ тавр фаҳмидед?

3. Кадом аъзои ҷумла чида шудааст ва бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтааст?

4. Хулосаи аз ҳар ду порча баровардаатонро мухтасар нависед.

*10. Порчаҳоро хонед ва маънидод кунед. Аъзоҳои чидаро ёфта шарҳ диҳед.*

Ҷаҳонпаҳлавон, он яли арҷманд,
Ба теғу ба ханҷар, ба гурзу каманд,
Ялонро сару синаву пову даст
Буриду дариду шикасту бубаст.

*Абулқосими Фирдавсӣ*

Зан агар оташ намебуд, хом мемондем мо,
Норасида бодаи дар ҷом мемондем мо.
Зан агар моро намебахшид умри бардавом,
Бе тахаллус, бе насаб, бе ном мемондем мо.

*Мирзо Турсунзода*

*11. Ҷумлаҳоро хонед, пайвандакҳои пайвасткунандаро ёфта, вазифаҳои онҳоро шарҳ диҳед.*

1. Кӯчаю бозор, одаму олам ба назараш нағзу дилрабо менамуданд. (Р.Ҷ.) 2. Дар ин бозӣ ӯ ё мебурд, ё бой медод. (С.А.) 3. Ҳам падару модар ва ҳам пиразан ба тарафи ӯ тохтанд. (Р.Ҷ.) 4. Фирдавсии бузург на танҳо қиссаву ривоятҳои мардуми Шаркро медонистааст, балки аз адабиёти атиқӣ низ огоҳ будааст. 5. Садои карнаю сурнай, доираю нағора ба фалак мепечид. (А.Д.) 6. Ҳама нофаҳмо, ноошно ва асроромез, аммо шавқангез, бисёр шавқангез, бисёр шавқангез буд. (С.У)

*12. Ҷумлаҳоро аввал бо риояи оҳанг хонед ва баъд нависед. Мавқеи вергул ва пайвандакҳоро дар ҷумлаҳои чидааъзо шарҳ диҳед.*

1. Аз тоқи Заргарон, аз растаи Заргарӣ, аз байни мадрасаҳои Улуғбек ва Заргарон, аз гузарҳои Дегрезӣ, Мехчагарон, Калобод ва дигарҳо гузашта, ба гузари Ҷаъфархоҷа расидем. (С.А.)

2. Дар тоқчаи болохона доира, танбӯр, дутор ва рубоб барин асбобҳои мусиқӣ буд. (С.А.)

3. Баъд аз вафоти падару модараш ҳавлӣ, замин, ҳайвонот ва асбобҳои деҳқонии падарашро фурӯхта, ба шаҳр омадааст.

4. Порчаҳои абрҳои парокандаи сафеду сурхи зарду бунафштоб ба осмони кабуд зинати рангоранг медоданд. (С.А.)

## 44. КАЛИМАҲОИ ХУЛОСАКУНАНДА ДАР ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО ВА АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ОНҲО

1. Ба калимаи додашуда чӣ номи умумӣ гузоштан мумкин аст? Он калима ва ибораҳоро, ки моҳияти ҷамъбастӣ доранд, ёбед.

1. Баҳор, тирамоҳ, тобистон, зимистон...
2. Нависандагон, шоирон, драматургон...
3. Мӯза, калуш, масҳӣ, кафш...
4. Пиёз, сабзӣ, турб, шалғам, кашниз...

Калима ва ибораҳои хулосакунанда пеш ё пас аз аъзоҳои чида омада, онҳоро ба таври хулоса ё умумӣ нишон медиҳанд. Дар деворҳои хона **яроқу аслиҳаи гуногун: шофу шамшерҳо, найзаҳо ва сипарҳои хуршедтамға** овехта шудаанд. (С.У.)

Калимаҳои хулосакунанда ва аъзоҳои чида ба як савол ҷавоб шуда, ба як аъзои ҷумла тааллуқ доранд: Сардорони **хоҷагиҳои дигар: Салимамак, Шоҳмуроди қаддароз, Юнусбобо ва дигарон** аз Ҷамолиддин чашм намеканданд. (Ф.Н.) Дар ин ҷумла калимаи хулосакунанда ва аъзоҳои чида мубтадо буда, ба саволи киҳо? ҷавоб мешаванд.

Агар калима ва ибораи хулосакунанда пеш аз аъзоҳои чида омада бошад, пас аз он дунуқта гузошта мешавад: Соҳибони ҳавлӣ: як зан ва ду марди солхӯрда дар рӯйи тахтакати васеъ, дар сари дастархон менишастанд. (Ф.М.)

Агар калима ва ибораи хулосакунанда пеш аз аъзоҳои чида ояд, пеш аз он тире гузошта мешавад: Қасрҳо, кӯшкҳо, кӯҳҳо, саройҳо, корвонсаройҳо, растаҳо, бозорҳо, тимҳо, мадрасаҳо, китобхонаҳо, манораҳо, масҷидҳо – ҳама ва ҳама сӯхта хокистар гардида буданд. (С.А.)

*2. Ҷумлаҳоро бо риояи оҳанг хонед ва шарҳ диҳед.*
*Калимаҳои хулосакунандаи онҳоро ёфта, ба кадом аъзои ҷумла тааллуқ доштани онҳоро гӯед.*

1. Падарам корҳои гуногунро иҷро мекард: бор мекашонд, ароба меронд, асбобу ускуна ва анҷомҳои мухталифи дар саҳни завод паҳну парешонгаштаро ғундошта тахт мекард, баъзе шабҳо ба посбонии анбор мерафт. (С.У.) 2. Аз ҳама гандатар се чиз аст: якум дуздӣ, дуюм ятимонро озор додан, сеюм бахилӣ. (С.У.)

3. Ватанам, диёрам, ёру дӯстони ба ҷон баробарам – ҳамаи инҳо ба назари ман гӯё дар сурати ту намоён мешуданд. (С.У.) 4. Ранги кабуди осмон, тобиши бунафшачаи кӯҳсор, ранги сабзи абрешими сабзаҳо, сафедии қуллаи кӯҳ – ҳамагӣ ба ҳам омехта бо як нармию зебоӣ чашми кас, рӯҳи касро навозиш мекарданд. (С.Ш.)

*3. Ба нақша бодиққат нигариста,ҷумлаҳо тартиб диҳед ва ё аз асарҳои хондаатон пайдо кунед ва нависед.*

1. О: О, О, О, О ва О.
2. О: О, О, О, О, О.
3. О: О ва О.
4. О ҳам, ҳам О, ҳам О.

*4. Ҷумлаҳоро хонед ва оҳанги талаффузро ба мушоҳида гиред.*
*Чиро пай бурдед?*

1. Дар ин ҷо аз кӯраҳо ва бӯтаҳои ғалатӣ дудҳои ранг-баранг: сабз, зард, бунафш ва сиёҳ фаввора мезаданд. (С.У.)

2. Деҳқонони бисёре, зану мард дар сабаду каҷовахо анвои меваҷот: ангур, нок, олу, себу зардолу, анору анҷир,

харбузаю тарбузҳоро барои фурӯш ба лашкаргоҳ овар-данд. (С.У.)

| |
|---|
| Калимаи хулосакунанда пеш аз аъзоҳои чида ояд, оҳанги махсуси хонишро талаб мекунад. Баъд аз калимаи хулосакунанда ист ҳатмист ва овоз бадоҳатан паст мегардад. Аъзоҳои чида бо оҳанги шумор талаффуз мегарданд. Дар ҳолати дигар, яъне баъди аъзоҳои чида омадан задаи мантиқӣ ба калимаи хулосакунанда меафтад ва он оҳанги ҷамъбастӣ мегирад. Дар ин сурат пеш аз калимаи хулосакунанда ист мешавад. |

*5. Оҳанги хониши ҷумлаҳоро риоя карда хонед. Мавқеи гузоштани аломатҳои китобатро баъд ва пеш аз калимаҳои хулосакунанда шарҳ диҳед.*

1. Милтиқи шофдор, шоф, шашпар, сипару зиреҳ, найза, шамшер, каманд – ҳамаи ин яроқҳои ҷангӣ дар девори ин хона овезон буданд. (С.А.) 2. Як аспи даванд, як уқоби дурбин ва як тозии бӯйгир – ҳамаи инҳо шаб то рӯзу рӯз то шаб чор тарафро дидбонӣ карда мегарданд. («Афсона») 3. Манзараи якрангу дилгири биёбон: замини бегиёҳи заранг, теппаҳои рег, ҷараёни реги равон, буттаҳои тоқа-тоқа ва лучу урёни саксавул ва тафбодҳои ҷонкоҳи дам ба дам вазанда машаққати роҳи мусофирро садчанд афзун мекарданд. (А.Д.) 4. Рӯйи кати Иванамак пур аз садбарги ранго-ранг: гулҳои арғувонӣ, сафед, зард, гулобӣ, ҳатто садбарги нодири сиёҳфом. (Ф.М.)

*6. Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Дар вақти нақл аз калимаҳои хулосакунанда истифода бурда, вазифаи онҳоро шарҳ диҳед.*

Масалан: Комедияҳои халқӣ дар ҳама ҷо: хоҳ дар кӯҳистон бошад, хоҳ дар поин мавҷуд буд. Комедияҳои халқӣ хоҳ дар кӯҳистон бошад, хоҳ дар поин – дар ҳама ҷо мавҷуд буд.

Тамошои саҳнагӣ ва театр бо шакли ҳозирааш то револютсия дар байни тоҷикон набуд. Лекин комедияҳои халқӣ хоҳ дар кӯҳистон бошад, хоҳ дар поин мавҷуд буд.

Халқи тоҷик, ки дар тӯйҳо, дар сайру тамошоҳо, ё дар меҳмонхонаҳо барои шабнишинӣ ғун мешуд, як машғулияти вақтхушӣ ва шабхушии онҳо баъд аз мусиқӣ ва рақс тақлидчигӣ буд.

Тақлидчиён мисли муаллими мактаби кухна – мактабдорро тақлид карда, бесаводӣ, бекифоятӣ ба болои ин дилсахтӣ, ваҳшигӣ, гурусначашмӣ ва дигар сифатҳои ӯро фош мекарданд.

Яке аз муфтхӯрон маддоҳ буд. Як мавзӯи муайяни тақлидчиёни тоҷик ана, ҳамин маддоҳ буд. Тақлидчӣ бо қиёфаи яке аз маддоҳони маълум даромада, овоз, оҳанг ва ҳаракатҳои ӯро тақлид карда, ҳам ӯро, ҳам гуфтаҳои ӯро масхара мекард.

Аз дасти тақлидчиёни халқӣ қозӣ, раис, амлокдор барин тороҷкунандагони мол ва харобкунандагони аҳволи халқ ҳам намемонд. Тақлидчиён яке қозӣ, дигаре раис ва сеюмӣ амлокдор ё миршаб шуда ба болои асп мебаромаданд. Инҳо ба асп ба ҷойи даврӣ (ҷули зарбафти асп) бӯрё ё чипта ба ҷойи абзол (лаҷоми заррин) лух ва ба ҷойи қӯтоси (пулаки тиллоӣ) гарданбанд сабзимадони (гули бед) бедро зада савор мешуданд.

Инҳо «ман қозиам», «ман раисам», «ман амлокдорам» ё «миршабам» гуфта, ба онҳо тақлид карда гап мезаданд ва корҳои нолоиқ ва кирдорҳои бади онҳоро дар пеши мардум фош намуда, онҳоро расво мекарданд.

Ин гуна корҳо қобилияти актёрӣ доштани халқро нишон диҳад ҳам, ҳеҷ гоҳ ба ҷойи тамошои саҳнагӣ ва театр намегузашт.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Магар кори тақлидчиёнро меписандед? Чаро?
2. Ҳадафи тақлид чист? Аз куҷо фаҳмидед?
3. Нақли мухтасар оид ба тақлидгаре нависед.

## Таҳлили наҳвии ҷумлаи чидааъзо

### Нақшаи таҳлил

1. Навъи ҷумла аз рӯйи ифодаи мақсад: ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ.

2. Навъи ҷумла аз рӯйи тобиши эҳсосӣ: хитобӣ ва ғайрихитобӣ.

3. Асоси грамматикӣ.

4. Сохти ҷумла: тафсилӣ, хуллас. Кадом аъзои ҷумла чида шудааст ва воситаи алоқаи байни онҳо (танҳо бо ёрии оҳанг ё оҳангу пайвандакҳо).

5. Аъзои ҷумла ва воситаҳои ифодаи онҳо: мубтадо, хабар, аъзоҳои пайрави ҷумла.

### Намунаи таҳлил

Офтоб ба гулу гиёҳ, сангу шах ва буттаву дарахтони кӯҳсор гармӣ мебахшид. (С.Т.)

Ин ҷумлаи ҳикоягӣ. Асоси грамматикиаш офтоб (мубтадо), мебахшид (хабар). Ҷумла сода ва дутаркиба аст.

Ҷумла аъзоҳои пайрав дорад: мебахшид (чӣ?) гармӣ, ба чӣ гармӣ мебахшид? (ба гулу гиёҳ, сангу шох ва буттаву дарахтони кӯҳсор). Пас ин ҷумла тафсилист.

Дар ҷумла аъзои пайрав чида шудааст ва байни ҳам бо оҳанги талаффуз ва пайвандакҳои **ва, -у** алоқаманд шудаанд.

Офтоб – мубтадо буда, бо исм ва мебахшид хабар аст ва бо феъл ифода ёфтааст.

Гармӣ – пуркунандаи бевосита, ба гулу гиёҳ, сангу шах ва буттаву дарахтони кӯҳсор – пуркунандаи бавосита буда, бо исм ифода шудаанд.

### Таҳлили хаттӣ

Чӣ? Ба чӣ? Кадом дарахтон?

Офтоб ба гулу гиёҳ, сангу шах ва буттаву дарахтони кӯҳсор чӣ мебахшид? Чӣ кор мекард? Гармӣ мебахшид.

Ҷумла сода, ҳикоягӣ, ғайрихитобӣ, дутаркиба, тафсилӣ, дар он пуркунандаи бавосита чида шуда омадааст.

*7. Ҷумлаҳоро нависед ва аломатҳои китобати мувофиқро дар ҷояш гузоред. Чаро дар ҷумлаҳои дуюм ва шашум ба душворӣ рӯ ба рӯ шудед. Ин ҷумлаҳоро ва ҷумлаи чорумро таҳлили шифоҳӣ кунед.*

1. Дар ин ҷо баззозҳо чойфурӯшҳо ва шоҳифурӯшҳо дӯкондорӣ мекарданд. (С.А.)

2. Ба рӯйи чизҳои хӯрданӣ ҳамеша тӯрҳои симини сиёҳ мепӯшонид. (С.А.)

3. Шарифҷонмахдум дар хушхатӣ хушсаводӣ шеърфаҳмӣ ва маорифдӯстӣ дар байни муллозодагони Бухоро қариб ягона буд. (С.А.)

4. Сафаралӣ то наздикии деҳа бепарво ва хомӯш сархам омад. (Э.Субҳон)

5. Пиру ҷавон зану мард ба кор часпида буданд. (Э. Субҳон)

6. Холи кунҷи лабаш бо дандонҳои зичи сап-сафедаш ҷанг мекард. (Э.Субҳон)

## САВОЛ ВА СУПОРИШҲО БАРОИ САНҶИШ

1. Чӣ гуна ҷумлаҳоро чидааъзо мегӯянд?

2. Аъзои чида бо чанд роҳ ба ҳамдигар алоқаманд мешаванд?

3. Воситаҳои алоқаи аъзоҳои чида кадомҳоянд?

4. Пайвандакҳоро номбар кунед, ки аъзоҳои чидаро алоқаманд мегардонанд.

5. Махсусиятҳои аъзоҳои чидаро шарҳ диҳед.

6. Чида шудани аъзоҳои ҷумла бештар хоси кадом услуб аст?

7. Чӣ гуна калимаҳоро хулосакунанда мегӯянд?

8. Кадом аломатҳои китобат пеш ва баъд аз калимаҳои хулосакунанда гузошта мешаванд?

9. Оҳанги талаффузи ҷумлаҳои аъзои чида ва калимаи хулосакунанда доштаро шарҳ диҳед.

## 45. ИМЛОИ САНҶИШ

### Санъати мусиқии халқи тоҷик

Санъати мусиқии халқи тоҷик, ки саҳнаро дар ҷӯшу хурӯш меорад, ҳавоҳои халқии ӯст. Сарчашмаи асосии ҳавоҳои халқии тоҷик худи халқ, хусусан, халқи кӯҳистонии тоҷик аст, ки ин сарчашма мисли чашмаҳои кӯҳӣ ҳамеша фаввора зада, ҳавоҳои тозабатоза бароварда истодааст.

Гуфтан мумкин аст, ки халқи кӯҳистон қариб ҳама зану мард шоир, созанда, навозанда, хонанда ва раққосанд.

Фарзандони халқи кӯҳистонии тоҷик баробари ба пой даромадан ва забон баровардан мусиқанавозӣ, сурудхонӣ, шеъргӯӣ ва раққосиро машқ мекунанд. Барои ин сухани мо писарони хурдсоли санъаткори машҳури тоҷик Шариф Ҷӯраев ва даҳҳо писарчагон ва духтарчаҳо, ки барои иштирок кардан ба Декадаи санъати тоҷик аз Кӯҳистони Бадахшон – аз Помир омадаанд, мисол шуда метавонанд.

Санъати мусиқии халқи тоҷик чунон шӯрангез, чунон таъсиромез, чунон шавқовар ва чунон рӯҳпарвар аст, ки шунавандагонро ба ҷӯшу хурӯш меоварад ва ба онҳо шавқу ҳавас мебахшад.

Як хусусияти мусиқии халқии тоҷик дар ин аст, ки бештарин шеърҳое, ки дар он ҳавоҳо хонда мешаванд, халқӣ буда, аз тарафи бастакорон он ҳавоҳо гуфта шудаанд.

*Садриддин Айнӣ*

## 46-47. КОР БО МАТНИ РЕПОРТАЖ

1. Порчаро хонед ва гӯед, ки рӯзноманигор оид ба варзиш ба мухбирони ҷавон чӣ маслиҳатҳо медиҳад.

Репортажи варзишӣ... Дӯстон аксаран ҳазломез ба ман мегӯянд: ин кор душвор аст!

Нақл кардан дар бораи он ки дар майдон чӣ воқеа рух додааст, воқеан, чандон душвор нест. Вале он воқеаҳоро, ки

дар назди чашми ту рух медиҳанд, ҷудо карда тавонистан зарур аст.

Ҳар як мусобиқаи варзишӣ – санҷишу маҳорату мардонагии варзишгар, майлу хоҳиши ӯ, кӯшиш барои ба даст овардани ғалаба.

Ман худам дар варзиш ин роҳи пурмашаққату на чандон осонро тай намудаам. Медонам, ки дар машқу тамрин чӣ қадар араќи ҷабин мерезӣ ва барои ба ҳадаф расидан чӣ қадар талош мекунӣ.

Хабарнигори варзиш, пеш аз ҳама, варзишро бояд донад ва дӯст дорад, бахусус, он навъеро, ки дар бораи он сухан меронад.

Пеш аз бозие, ки маро лозим меомад, оид ба он сухан ронам, кӯшиш ба харҷ медодам, ки дар машқи ҳайати даста ширкат варзам. Бо мураббиёни номдор вомехӯрдам, ки ин ба ман кумак мекард.

Ба Шумо, мухбирони ҷавон, маслиҳат медиҳам, ки барвақттар ҳама чизро дар бораи мусобиқаи навбатӣ донед, дар тамринҳо ширкат варзед, ба мураббиҳо гӯш кунед, ки чӣ мегӯянд. Шумо на танҳо комёбиҳо, балки нуқсонҳоро ҳам бубинед. Дар танқид ягон чизи даҳшатовар нест. Танҳо он бояд хайрхоҳона бошад. Бо роҳи сарзаниш ва ғинг-ғинг кардан муносибат накунед. Вақте ки ман аз майдони марказии ба номи В. И. Ленин репортаж медиҳам, дар назди худ ҳазорон шунавандаро мебинам. Вале ман дар бораи онҳо фикр намекунам. Ман медонам, ки садҳо ҳазор дар назди радио нишаста, мухбирро бодиққат гӯш мекунад. Ва ман мекӯшам, бисёр кӯшиш мекунам, ки ба онон ёрӣ диҳам, ки ҳар кори дар майдони футбол ба амаломадаро онон «бубинанд».

Ана, шумо ҳам репортажҳоятонро тавре нависед, ки ҳар як хонанда мусобиқаи шуморо «бубинанд».

Бароятон комёбӣ мехоҳам, мухбирони ҷавон!

*аз рӯйи мақолаи Н. Озеров*

*2. Матни репортажро хонед. Хулосаи худро дар бораи ин репортаж нависед. Ин репортаж ба талабот ҷавобгӯ ҳаст ё не?*

## Оғӯши гарми «Чайка»

Истироҳатгоҳи «Чайка». Сафкашону сурудхонон омадани бачаҳо чун нишони тантанаи осудагии диёр ва болидагии мардуми кишвар беихтиёр дар симои кас ҳисси қаноатмандиро пайдо мегардонд. Бачаҳо дар майдонча даврашакл ҷо гирифтанд. Ба табрики онҳо раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон Муродалӣ Солеҳов, муовини раиси федератсия Бахтиёр Абдуллоев, раиси Кумитаи иттифоқи касабаи кормандони илм ва маорифи ҷумҳурӣ Абдурозиқ Ризоев, устоди дабиристони Теҳрон, пажӯҳишгари илми ҷомеашиносӣ Маҳастӣ Расулӣ, кормандони телевизиони «Сафина» ва як гурӯҳ падару модарон омада буданд. Муродалӣ Солеҳов аз баланд бардоштани Парчами Миллӣ, хониши Суруди Миллӣ, нақораву карнайнавозӣ, сурудхониву сафкашии бачаҳо, ҳисоботдиҳии сардорони гурӯҳҳо назди сармураббии истироҳатгоҳ шодиву қаноатмандии бачаҳоро пай бурда, хеле ба ваҷд омада гуфт:

– Ростӣ, барои ман ин лаҳзаҳо хеле пурҳаяҷонанд. Аз он хотир, ки дар арафаи иди Ваҳдат ваҳдати миллиро дар симои бачаҳо, дар амалу гуфтори онҳо мебинам. Шунидани ҳар шиор ва суруд аз тарафи бачаҳо моро боз ҳам ба оянда дурахшон ва ҳаёти осуда дилгарм месозад. Пас ҳамин шодиву ифтихор ба шумо муборак бошад, фарзандони азиз! Маҳастӣ Расулӣ аз муносибати гарми мизбонон ва самимияти истироҳаткунандагон хеле хушҳол шуда, зикр кард, ки хуб мешавад, чунин фазо барои ба ҳам омадани бачаҳои эрониву тоҷикистонӣ шароити мусоиде фароҳам созад.

Дар фароварди табрикот гурӯҳи созиву овозии «Наврӯз»-и ДДМТ таҳти роҳбарии Амон Холиқназаров ва Ҷӯрахон Назаров ба бачаҳо базми хотирмоне пешкаш намуданд.

**14 гурӯҳ, вале 1 маром**

«Чайка» имсол ҳам дар чор баст фаъолият карданист. Ин баст он 339 нафарро ба оғӯш гирифтааст. Тавре директори истироҳатгоҳ Ш. Саъдиев зикр кард, муовини вазири маорифи кишвар Ирина Каримова зимни боздиди бачаҳо ва шинос шудан ба фаъолияти истироҳатгоҳ бо ғамхорӣ супориш дод, ки 20 нафари дигар аз ҳисоби бачагони камбизоат изофа гардад. Чӣ хубе! Бигзор, чунин меҳрубониҳо зиёдтар гарданд.

Ба бачаҳо дар 14 гурӯҳ 32 шахси масъул мутасаддист. Аллакай дар рӯзи аввал бачаҳо бо низоми истироҳат хӯ гирифтанд. Ҳар гурӯҳ шиор ва суруди худро дорад. «Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо!», «Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст!», «Офтобо, бори дигар хонаро пурнур кун!», «Бигузор, доимо офтоб бошад!» дар ҳақиқат ифодагари мароми бачаҳоанд. Аслан бачаҳо такопӯ ва паропарро дӯст медоранд. Вобаста ба ин, дар истироҳатгоҳ маҳфилҳои варзишӣ, аз қабили футболу волейбол, шоҳмоту шашка, тенниси рӯйимизӣ, паридану ҷаҳидан, инчунин, маҳфили «Ҳозирҷавобон» фаъолият мекунад. Чун истироҳатгоҳ дар баробари солимгардонӣ ҳадафи таълимӣ ҳам дорад, дар ин маҳфил саволҳо донишҳои гирифтаро аз фанҳои забон, адабиёт, таърих, физика, математика ба ёди бачаҳо меоранд. Мусобиқа байни гурӯҳҳо сурат мегирад ва ғолибон ҳавасманд карда мешаванд. Барои бархе машғулияти оромонае, ки характери эҷодӣ дорад, шавқовар аст. Дар ин маврид маҳфили расмкашӣ ва наздик ба рӯзноманигорӣ бачаҳоро ҷалб мекунад. Чун таваҷҷуҳ ба технологияи нав хеле зиёд аст, маъмурияти лагер муваффақ гардид, дар ин самт корҳои шоёнеро ба сомон расонад. Бо дастгирии Фонди ҷамъияти ибтикори шаҳрвандии сиёсати Интернет (директораш Асомуддин Атоев) ҳанӯз се сол пеш истироҳатгоҳ сомонаи худро соҳиб шуд. Имрӯз дар ихтиёри бачаҳо 35 компютер қарор дорад. Бачаҳо метавонанд, дар муддати 15 рӯз ин падидаи замонро омӯхта, соҳиби сертификат гарданд. Ҳамчунин, 15 адад компютери дигар барои кормандон ҷудо шудааст.

**Аҳсан бар мураббиён!**

Кас ба чеҳра ва муносибати мураббиён назар дӯхта, бори дигар ба бузургии онҳо сано мехонад. Шоҳин, як мураббии хеле ҷавон, ки донишҷӯ аст, аз шӯхиву беқарории бачаҳо изҳори норизоӣ намуд. Барои ӯ тарбияи як қисм «раисбача»-ҳо, ки баъзан меъёри баробариро миёни бачаҳо ба назар намегиранд, ҳайратовар менамояд. Ба андешаи ӯ, бачаҳо бояд аз чунин худбинӣ пурра озод бошанд, зеро муносибати онҳо барои ҳамаи атрофиён нохушоянд аст. Ба ҳар сурат, барои истироҳати хуб фароҳам сохтани бачаҳо директори лагер, сармураббӣ, тамоми мураббиён ва кормандони хоҷагии истироҳатгоҳ мазмуни истироҳати худро тағйир додаанд. Истироҳати онҳо имрӯз танҳо як самт дорад: коре карда бачаҳоро хушҳол гардондан.

**Дастовард, норасоӣ, пешниҳод**

Имсол истироҳатгоҳ барои 100 нафар бача ва 22 нафар мураббӣ бинои нави хобгоҳро пешкаш намуд. Дар назар аст, 80 ҷойи нишаст ба ошхона илова гардад. Дар мувофиқа бо шуъбаи маорифи ноҳияи Варзоб ба наздикӣ бачаҳо соҳиби китобхона мешаванд. Аллакай бо дастгирии мудири шуъбаи маориф Г. Сафарова як миқдор мизу курсӣ ба бачаҳо дастрас гардид.

Вақте мо бо сармураббӣ Холмаҳмад Тӯраев суҳбат доштем, директори лагер Шафоат Саъдиев, ки дар нигоҳи аввал хушҳолӣ ва самимияташ бепарвоиро мемонд, таъкид кард:

– Боз ҳамаашро таърифу тавсиф накунед, аз нуқсонҳо ҳам гап занед. (Бегумон, ин эътирозе буд аз «ҳақиқатнависӣ» -и баъзе рӯзноманигорон). Азбаски тараддуди ифтитоҳ ва меҳмонон зиёдтар буд, на сармураббӣ ва на директор имкони бо мо зиёд суҳбат кардан наёфтанд. Суҳбати моро раиси Кумитаи иттифоқҳои касабаи кормандони илм ва маорифи ҷумҳурӣ Абдурозиқ Ризоев мукаммал гардонд.

Аз А. Ризоев бобати нуқсонҳо ҳам пурсидем. Ӯ чунин зикр кард:

– «Чайка» асосан аз ҳисоби қувваи барқ ташвиш дорад. Аввалан, ман фикр мекунам, дар пардохти ҳаққи барқ ба истироҳатгоҳҳои кӯдакона бояд имтиёз муқаррар шавад. Чунки як мушкилӣ ба ҳамин нуқта иртибот дорад. Сониян, низоми ташкили истироҳатгоҳҳои хусусии навбанав, ки барои интиқоли неруи барқ ба истироҳатгоҳ маҳдудият ворид месозанд, бояд ба эътидол дароянд. Бубинед, ки таъмини нони кӯдакон, ки аз ҳама муҳим аст, бо сабаби чунин мушкилот барои кормандони истироҳатгоҳ чӣ қадар душворӣ меорад. Илова бар ин, маъмурият ҳадафи таълимдиҳии худро бобати компютер аз даст медиҳад.

Фаъолияти маҳфилҳои гуногун дар ҳақиқат хуб ба назар мерасид, вале як нукта барои мо таваҷҷуҳовар намуд. Дар ҳоле ки тарбияи мусиқии бачаҳо имрӯз таваҷҷуҳи махсусро металабад, алҳол истироҳатгоҳ имкони ҷалби пурраи бачаҳоро дар ин маврид надорад. Тавре аз суҳбат бо мутасаддиён маълум гашт, як сабаб дар норасоии васоити лозима бошад, сабаби дигар дар камбуди мутахассисон будааст. «Агар таҷрибаомӯзони Донишкадаи санъат тибқи фармони вазир мавриди сафарбаркунӣ ба истироҳатгоҳҳо ҳам вобаста шаванд, мумкин аст, ин масъала роҳи ҳалли худро то андозае ёбад, – зикр кард А. Ризоев, – Алҳол маҳорати бачаҳо бобати рақсу суруд дар маҳфили «Ҳозирҷавобон» андаке мушоҳида шавад ҳам, ин маврид мо наметавонем гӯем, ки тарбияи мусиқии бачаҳо таъминоти кофӣ дорад». Пас ин нигаронӣ, ки танҳо ба масъулияти роҳбарони истироҳатгоҳ вобаста нест, боз ҳам таваҷҷуҳи ҷиддитарро аз дигарон интизор аст.

**Бигузор, доимо «Чайка» бошад!**

«Чайка» дар мавзеи хушманзараи Варзоб, миёни чашмасорон ва боғи сабзу хурраме ҷойгир аст. Оби он хеле болаззат ва нӯшиданист. Бисёр меҳмонон аз дохил ва хориҷи кишвар бештар ба хотири ҳамин обаш барои истироҳат ба

ин ҷо ташриф меоранд. Таманно мекунем, ин меҳмонхонаи диёр ҳамеша ободу зебо бошад. Пас бигузор, доимо «Чайка» бошад!

*Саидаи ФАЗЛ*

*3. Аз рӯйи рӯзнома (ё маҷалла) репортажеро интихоб намоед. Муайян кунед, ки ҳадафи асосии репортаж чист? Гӯед, ки чаро маҳз ин репортажро интихоб кардед. Комёбию нуқсони мухбирро дар таълифи репортаж муайян созед.*

*4. Аз тариқи радиои мактаб дар бораи «Мусобиқаи варзишии синфҳо» репортаж таҳия намоед. Гӯед, ки чаро маҳз ин репортажро интихоб кардед. Комёбию нуқсони мухбирро дар таълифи репортаж муайян кунед.*

*5. Репортаже таҳия намоед, ки аз ҳаёти синфатон нақл кунад.*

## КАЛИМА ВА ИБОРАҲОЕ, КИ БО АЪЗОҲОИ ҶУМЛА АЛОҚАИ ГРАММАТИКӢ НАДОРАНД

Мухотаб ва калимаю ибораҳои туфайлӣ бо сараъзоҳою аъзоҳои пайрав алоқаи грамматикӣ надоранд ва аъзои ҷумла намешаванд, зеро ба онҳо савол гузоштан мумкин нест.

Ин калимаю ибораҳо барои ба суҳбат дохил шудан, баён доштани ризоият, боварӣ, таассуф, муносибати шахс нисбат ба муҳити атроф ва ғайра ёрӣ мерасонанд. Ин калимаю ибораҳо ва ҷумлаҳо дар гуфтугӯ бо оҳанги даъват ва дар хат бо аломатҳои китобат ифода меёбанд.

**Шоиро,** аз сӯхтан дорӣ хабар,
Пас макун аз оташи сӯзон ҳазар. (М.Т.)

**Дар ҳақиқат ҳам,** Шокирҷон ба қавли худ вафо кард. (С.У.)

## МУХОТАБ
## 48. МУХОТАБ ВА ВАЗИФАИ ОН

*1. Ҷумлаҳоро хонед ва муқоиса кунед. Гӯед, ки ҳангоми хондани ҷумлаҳои сутуни дуюм чиро пай бурдед.*

| | |
|---|---|
| – Ту чӣ кор кардӣ? | – Карим, ту чӣ кор кардӣ? |
| – Ин шеърро Мавҷуда Ҳакимова навиштааст? | – Муаллим, ин шеърро Мавҷуда Ҳакимова навиштааст? |
| – Соли оянда мо гурӯҳи сайёҳон ташкил мекунем. | – Соли оянда, дӯстони азиз, гурӯҳи сайёҳон ташкил мекунем. |

**Калима ва ё иборае, ки барои ба мазмуни ҷумла хитобан ҷалб намудани диққати мусоҳиб истифода мешавад, мухотаб ном дорад.**

Мухотаб ба воситаи исм ва ё калимаҳои ба вазифаи исмомада ифода меёбад. Вай метавонад, дар таркиби ҷумла ва ё берун аз он ояд: Биё, **ҷони бибиаш,** ана, ин холаҳоят ба ту савғотӣ оварданд. (Р.Ҷ.)

**Пушкин!** Ту улфати пиру ҷавон гардидаӣ. (М.Т.)

Мухотаб бо аъзоҳои ҷумла алоқаи грамматикӣ надошта, оҳанги махсуси талаффуз дорад ва аз онҳо бо вергул ва ё аломати хитоб ҷудо карда мешавад: Росташро гӯй, **Ёдгор!** Ин ҷо чӣ кор мекардӣ? Писарам, **Пӯлодҷон,** аз ҳавз якта об биёр, чой кунам. (Р.Ҷ.)

Дар асарҳои бадеӣ мухотаб бо исмҳои ғайришахс низ ифода меёбад.

**Эй бахт**, аҷаб маро Ватан додаӣ ту,
Гулҳои умед аз чаман додаӣ ту.

*Ҳабиб Юсуфӣ*

*2. Матнро хонед ва ба расму оини мактубнависӣ диққат диҳед.*

*Гӯед, ки чӣ гуна ифодаҳо дар нома ба вазифаи мухотаб меоянд.*

**Устоди муҳтарам Айнӣ!**

Намояндагони Эрон ва мудирони рӯзномаҳо ва вакилони Маҷлис, ки омада буданд, беандоза аз судмандии «Намунаи адабиёти тоҷик» хурсанд буданд ва борҳо дар хусуси ин китоб ва заҳматҳои Шумо дар тараққии адабиёти тоҷикӣ баҳс карданд.

Мегуфтанд, ки ҳама кас дар Эрон орзуи дидани ин китобро дорад. Чанд дастовез роҷеъ ба ҳамон китоб, ки яке аз онҳо пеши худам пайдо шуд ва дигаронашро аз нашриёт гирифтам, барои Шумо мефиристам. Гарчи вақти онҳо гузашта, аммо чун роҷеъ ба Шумо буд, барои худатон фиристодам. Ба хидмати дӯстони муҳтарам Зеҳнӣ, Ҷабборӣ, дигар дӯстон саломи фаровон мефиристам...

*Бо салом, иродат ва ихлос, Лоҳутӣ*

*3. Мактубе нависед, барои барқарор кардани робита. Ба назар бигиред, ки ба кӣ мурочиат менамоед.*

Ба падар...
Ба бародарон...
Ба устод...

*4. Агар суҳбати телефонӣ кунед, аз кадом мухотабҳо истифода мекунед. Он мухотабҳоро нависед.*

*5. Ҷумлаҳоро бо риояи оҳанг хонед ва мухотабҳоро муайян кунед. Гӯед, ки бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтаанд.*

1. Шоҳо! Ман тамоми хоки Хуросонро тай кардам! (С.У.)

2. Барака ёбед, фарзандонам, аз ин пеш ин гуна ҳосилро надида будам. (И.Ф.)

3. Дӯстони азиз, ин ҷо бо ман бимонед.

4. Биёед, эй рафиқон, дарс хонем,
Ба бекорию нодонӣ намонем. (С.А.)

*6. Ҷумлаҳоро аввал пурра, баъд бе мухотабҳо хонда, ба оҳанги талаффузи онҳо диққат диҳед. Гӯед, ки илова кардани мухотаб ба ҷумлаҳо чӣ тобише дод. Ҷумлаҳои якум, чорум ва шашумро нависед ва мухотаби онҳоро аз ҷиҳати сохт шарҳ диҳед.*

1. Нина, амакатро шинохтӣ. (Ф.Н.) 2. Ту худатро зиқ накун, Шодигул. (С.У.) 3. Шумо, Қосимака, ҳеҷ парво накунед. (А.Д.) 4. Ман аз вазидани ту, эй насими баҳор, ҳаловат мебарам. 5. Мактаббачагони азиз! Дар таҳсил саъй мебояд. 6. Чӣ гуна неъматҳои фаровон дорӣ, модари азиз – Замини Ватан! (А.Д.)

## 49. АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР МУХОТАБ. ОҲАНГИ ХОНИШИ ҶУМЛАҲОИ МУХОТАБДОР

*1. Порчаро хонед ва дар хотир нигаҳ доред.*

Мухотаб дар навишт аз дигар аъзоҳои ҷумла бо вергул ҷудо карда мешавад: Ин ҳавас не, **додари меҳрубон,** ин ишқ аст, ишқи касб. **Шодигул,** ба модаратон гӯед, ки заҳмат накашанд. (С.У.) Моро ниҳоят шод кардед, бобо. Шумо, **рафиқон,** ӯро мешиносед. **Ҷиянам,** хафа нашав! Ниҳолҳоро лозим шавад, кӯчат мекунем. (П.Т.)

Чунон ки аз мисолҳои боло мебинед, агар мухотаб дар аввали ҷумла омада бошад, пас аз он, агар дар охири ҷумла омада бошад, пеш аз он ва дар байни ҷумла омада бошад, аз ду тарафи он вергул гузошта мешавад. Аломати охири ҷумла бошад, мувофиқи қоидаи умумӣ гузошта мешавад.

Агар мухотаб дар аввал ва ё охири ҷумла омада, бо ҳиссиёте гуфта шавад, пас аз он аломати хитоб гузошта мешавад: Ватан! Ҳастии ман бо туст.

*2. Порчаро бо риояи оҳанг хонед. Ҷумлаҳои мухотабдорро нависед, сараъзо ва аъзоҳои пайрави онҳоро ишора кунед.*

Пуштаҳо чун киштиҳои монда дар гил хомӯшанд,
Донаҳо чун доғҳои монда дар дил хомӯшанд,
Зинда бош, уммеди ман!
Кӯҳу барзан тан ба сармои зимистон додааст,
Чашма дар чанголи ях гӯё асир афтодааст,
Ханда кун, хуршеди ман!
Лонаҳо пурбарфу урён аст шохи навниҳол,
Зоғ мехонад ба ҷойи булбули ошуфтаҳол,
Ту марав, эй сабри ман!
Дил ба сони пуштаҳо пазмони нури офтоб,
Дар хаёли сабзазору нағмаҳои ҷӯйи об,

Ту гузар кун, абри ман!
Мерасад бӯйи хазону бӯйи барф аз боғзор,
Шеъри ман аммо чу турна мепарад сӯйи баҳор.
Зинда бош, эй навбаҳор!

*Гулназар Келдӣ*

*3. Ҷумлаҳоро хонед. Бо иваз шудани ҷойи мухотаб дар оҳанги хониш тағйироте рух дод?*

1. Қосим, ту дар куҷо таҳсил мекунӣ? Ту дар куҷо таҳсил мекунӣ, Қосим? Дар куҷо, Қосим, ту таҳсил мекунӣ?

2. Саидалӣ Ашӯров ба хонандагон дар бораи ғалабаи варзишгарони тоҷик дар мусобиқаи байналмилалӣ нақл мекард. Саидалӣ Ашӯров, ба хонандагон дар бораи ғалабаи варзишгарони тоҷик дар мусобиқаи байналмилалӣ нақл кунед.

*4. Матни даъватномаро нависед ва аз мухотаб моҳирона истифода баред.*

*5. Порчаро хонед ва мухотабҳои онро ёфта шарҳ диҳед. Гӯед, ки онҳо ба ҷумла чӣ тобише додаанд.*

1. Ай ҷӯяндагони зебоӣ! Вақтро бар ҳадар мадиҳед: зебоиро танҳо аз вожаву ибораҳои забони модарӣ метавон дарёфт.

2. Магасаки азиз! Аз пайи хониши булбул машав ва аз ғинг-ғинг намон, ки хиёнат биварзӣ ба забони модарии хеш.

3. Забони модарии мо бонии фарҳанги мо, бонии таърихи мо, бонии миллати мо, бонии ҳастии мост. Акнун биёндешед, ки онро чӣ гуна пос бояд дошт, ай соҳибзабонон!

*Абдурауф Муродӣ*

> Мухотаб метавонад, ҳам бо як калима ифода гардад ва ҳам тафсил ёбад: **Писарам!** – гӯён Абдулло худро ба тарафи вай мепартояд. (С.У.) **Дугонаи ҷоноҷонам Зайнаб,** ҳар ду мактуби ту ба мо расид.

*6. Ҷумлаҳоро хонед ва муайян созед, ки мухотабҳо дар кадом ҷумлаҳо ба шахс ва дар кадом ба ғайришахс нигаронида шудаанд. Гӯед, ки мухотаб аз мубтадо чӣ фарқ дорад.*

1. – Ғам махӯр, Шошо! – дилбардорӣ кард Бобуна. (Баҳманёр)

2. «Эй Замини муқаддас, эй модари башар, эй гаҳвораи одаму олам! Бигӯй, ки чаро кори ҷаҳон яксон нест?». (Б.Н.)

3. Магар нашнохтӣ, Собир! Ин Ёдгор, писари ака Бозор аст. (С.А.)

4. – Эй Офтоб! Ту ба он фахр кардӣ, ки шоҳи табиат ҳастӣ. На! (П.Т.)

5. Дӯст дорам, модарам, бо ёди ту қишлоқро,
Рӯдҳои нуқрагину нилгун офоқро. (М.Т.)

6. Рафиқон! Корвон имшаб равон аст,
Дили мискини ман бо корвон аст. (Салмон)

7. Дарахти бахти ман, акнун калон шав,
Сар афрозу ба сарҳо соябон шав. (М.Қ.)

*7. Матнро хонед ва мухотабҳоро ёбед. Сипас хулосаатонро бо ду-се ҷумла нависед ва аз мухотабҳои матн истифода баред.*

Азизи ман, агар мазлум аз расидани золим бар ту пургӯйӣ кунад, бояд ки дилтанг нашавӣ, зеро ки ҳоким ҳукми табиб дорад ва мазлум масобаи (мисли) бемор. То бемор тамоми дарди худро пеши табиб нагӯяд, аз ҳақиқати дарди ӯ муталлеъ нашавад ва аз дорулбақои (он дунё) адолат шарбати шифо ба зулмкашидагони рӯзгор натавонад дод. Овардаанд, ҳикоят, ки яке аз вузарои мозӣ (гузашта) бар шахсе гуфт, ки аз омад-шуди мардум ба танг омадаам. Он шахс гуфт:

– Эй вазир, болиши иззат аз пеш бардор ва аз маснади (вазифа) вазорат бархез. Ман зомин, ки туро касе озор надиҳад, дубора пеши ту як кас наояд. Чунон ки гуфтаанд:

### Қитъа

Пеши он кас, ки ихтиёраш ҳаст, халқе бе ихтиёр меоянд,
Дигар он ихтиёр рафт зи даст, бар дараш чӣ кор меоянд?

*Самандари Тирмизӣ*

#### Саволҳо ва супориш

1. **Ҳаким ҳукми табиб дорад,** яъне чӣ?
2. **Болиши иззат аз пеш бардор** чӣ маъно дорад?
3. Ба андешаи адиб розиед ё на?
4. Агар Шумо мебудед, ба вазир чӣ маслиҳат медодед?

*8. Мухотабҳоро бодиққат хонед. Мухотабҳои зерин аз мукотибаи устод Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ интихоб шудаанд. Ҳангоми навиштани нома аз ин мухотабҳо истифода баред.*

Устоди бузургвор, Садриддин Айнӣ! Рафиқи муҳтарам ва устоди муаззам, Садриддин Айнӣ! Фозили муҳтарам ва устоди азиз, Садриддин Айнӣ! Устоди муҳтарам, Садриддин Айнӣ! Устоди муҳтарам! Устоди муҳтарам ва азиз!

Рафиқи азиз, Лоҳутии мо! Рафиқи шафиқ, муҳтарам, Лоҳутӣ! Фозили муҳтарам, рафиқ Айнӣ! Рафиқи муҳтарам Айнӣ! Муҳтарам, рафиқ Лоҳутӣ! Рафиқи шафиқ, фозили муҳтарам Лоҳутӣ! Рафиқи азиз, муҳтарам устод Айнӣ! Рафиқи шафиқ, Лоҳутии меҳрубон! Рафиқ ва дӯстдори меҳрубон Лоҳутӣ! Рафиқи муҳтарам ва азиз, устод Айнӣ! Муҳтарам, рафиқ Лоҳутӣ! Устоди муҳтарам, Айнӣ!

## 50-51. КОР БО МАТНИ ЛУТФИ ЛАТИФ

*1. Матнро хонед ва муҳокима кунед. Сипас хулосаатонро мухтасар нависед.*

Лутфи латиф шакли махсуси эҳтиром, васфу таъриф; эътироф кардан ё ба ваҷд омадан аст. Лутфи латиф ифодаи пурмуҳаббат, пурилтифот ва шунидани он барои мусоҳиб гуворост ва он тақризи таҳсиномез маҳсуб мегардад.

Лутфи латиф як навъ суханони басо одӣ, вале воситаи пурқудратест, ки барои барқарор кардани муомилаю мусоҳиба бо одамони дигар кумак мерасонад. Лутфи бамавқею саривақтӣ метавонад, ки вазъияти пуршиддатро ба эътидол оварад ва орому муътадил созад. Лутф метавонад, дар вақти суҳбату вохӯрӣ ё лаҳзаҳои кору фаъолияти ҳаррӯзаи инсон сурат бигирад. Масалан, маъмулан, муассисаҳои хурд-хурди як вазорат зери як бом ё ба ифодаи дигар дар як бино муттаҳид карда мешуданд ва мешаванд. Рафиқе буд аз дигар муассиса, воқеан, донишманд, росткору ростгӯ, дур аз маризии маҳалгароӣ, дар саховатмандӣ ҳамто надошт, ҷони одам буд. Бо ҳама ин бузургӣ одате дошт, ки ҳар рӯз нафареро зери ҳадафи интиқод қарор медод ва дар натиҷа мусоҳибро сахт меранҷонд ва сипас ором мегашту ба утоқи кораш бармегашт. Мо – як гурӯҳ, ки хеле аз ӯ ҷавон будем ва бисёр эҳтиромаш мекардем, зуд-зуд ҳадафи ин кор қарор мегирифтем. Фикр карда воситаеро «кашф»

кардем, ки бадоҳатан вазъиятро муътадил мегардонду акомон «ҳей, муредэ» мегуфту даст меафшонд ва хандон аз кабинети кори мо баромада мерафт. Рӯзе ҳамин акомон ба ҷаҳл меояду ба Салоҳиддин Амонӣ «ҳуҷум»-ро сар мекунад. Салоҳиддин ором гӯш карда, он усулро истифода карда мегӯяд: «Акоҷон, магар имрӯз навбати ман аст?» Акои ба ғазабомада ҳамоно чун мум мулоим мешаваду вазъият басо муътадилу ором мегардад. Пас аз ин акомон ин одати хешро то охири умр тарк кард. Ёдаш ба хайр! Ин аст неруи лутф ва лутфи латиф.

Истифодаи лутфи латиф кайҳост, ки дар фаъолияти соҳибкорон мавқеъ пайдо кардааст.

Вақте ки ба касе таваҷҷуҳ ва ё лутфе мекунед, дар ӯ сифатҳои беҳтаринро ҷустуҷӯ менамоед ва андешаи шумо дар бораи ӯ бештар мегардад. Ҳангоми дар ҳаққи дигар кас суханони нек гуфтан мусоҳиб мекӯшад, ки худбаҳодиҳиашро такмил диҳад.

Ҳатто вақтҳои охир ҷинояткорони соҳибтаҷриба барои ба даст овардани аҳдофи шуми худ аз лутфгӯйӣ ва лутф кардан моҳирона истифода мекунанд. Чун лутф шахсро бисёр нарму эҳсоси дилсӯзиашро бамаротиб меафзояд, баъзан ҷинояткорон ба ҳадаф мерасанд.

Усули умумии муҳимтар ҳангоми оқилона истифода кардани лутфи латиф амалан имконият фароҳам меоварад, ки мусоҳибро ба худ моил намоӣ. Занонро таъриф кардан қоидаи маъмул аст, онҳо бештар таърифро дӯст медоранд. Воқеан, таърифро (хушомаду тамаллуқро не!) ҳама дӯст медорад, танҳо аксуламали мардон чандон назаррас нест. Майлу рағбат ба васфу таъриф аз он гувоҳӣ медиҳад, ки он талаботи психологии инсон – талабот бо эҳсосоти мусбатро таъмин месозад. Мусоҳиб, ки ин талаботро қонеъ гардонд, ба ҳамсуҳбати воқеӣ табдил меёбад. Гап сари лутфу меҳрубонии ҳақиқӣ меравад, на танқиду ҳаҷвкунӣ.

*2. Порчаи зеринро хонед, ҳадафи лутфи латифро шарҳ диҳед, хулосаатонро мухтасар нависед.*

Гуландом! Магар ин духтари шумост? Шумо ҳанӯз ҷавонед, ҳеҷ ба ин синну сол мувофиқ не. Мисли ин ки шумо ҳар ду хоҳаронед.

*3. Матнро бодиққат хонед ва нуктаи асосии онро муайян созед. Ин чӣ гуна лутф аст? Чаро Мавлоно Ҷомӣ чунин лутф кард? Хулосаатонро мухтасар нависед.*

Мегӯянд, боре Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ба Бағдод рафта буд. Пирҷамоли Ироқӣ, ки яке аз шайхони он аср буд, ба иттифоқи гурӯҳе аз муридони худ ба истиқболи вай омад. Одати Пирҷамол аз муридони вай он буд, ки либоси худро аз пашми шутур тайёр мекарданд ва ҷуз он чизе намепӯшиданд. Пирҷамол пас аз мулоқоти Мавлоно Ҷомӣ аз рӯйи эҳтиром хитоб ба Мавлоно гуфт:

– Мо ҷамоли Худоро дидем!

Мавлоно Ҷомӣ дар ҷавоб гуфт:

Мо низ ҷимоли Илоҳиро дидем.

*Аз китобчаи «Лутфи латиф»*

**Луғат**

**Ҷимол** – шакли ҷамъи ҷамал буда, ба маънои шутурон аст
**Ҷамол** – ҳусн, зебоӣ

*4. Порчаро нависед ва ба мавқеи аломатҳои китобат диққат диҳед. Гӯед, ки инро лутф ҳисобидан дуруст аст? Чаро?*

Офарин! Қандата зан, йигит! Ман кайҳоннаворд мешавам гӯй! – бо ду даст Илҳомро ба ҳаво муаллақ занонда гуфт Дмитрий Степанович.

*Шодон Ҳаниф*

*5. Матнро хонед ва шарҳ диҳед. Мавзӯи лутфро дар ин порча муайян кунед.*

Офарин, Илҳом! Шӯрбо не, қанд пухтаӣ. Чунон болаззат, ки ин хелашро дар ресторани «Душанбе» ҳам нахӯрда будам.

*Шодон Ҳаниф*

*6. Порчаро хонед ва шарҳ диҳед. Гӯед, ки ин лутф чӣ нуктаро таъкид месозад?*

Салоҳиддин, ба шумо ин пироҳан шинам афтодааст. Ин қадар рангаш ба чеҳраатон монанд аст-а?

Табъи олӣ доред! Беҳтарин куртаи хушдӯхт, базеб ва шинамро интихоб кардаед.

*7. Дар мавзӯи «мутахассиси беҳтарин» будани касе лутф таҳия кунед ва лутфи тартибдодаатонро дар муҳокимаи ҳамсинфон гузоред.*

*8. Бо истифодаи ифодаҳои «Шумо математики қобилиятнок», «Шумо беҳтарин тарҷумон», «Шумо хислати аҷоиб доред», «Бо шумо дӯстӣ кардан ифтихор аст», «Аз суҳбати шумо лаззат мебарам» лутфҳо таҳия кунед.*

*9. Ҳикояро хонед ва хулосаи худро гӯед. Онро бо лутфҳои боло ва лутфҳои таҳиякардаатон муқоиса кунед. Фарқи онҳоро як-як баён созед.*

Ҷамъе ба дуои борон берун рафтанду ҳамаи атфоли мактабҳоро бо худ бурданд.

Зарифе гуфт, ки ин тифлонро куҷо мебаред?

Гуфтанд:

То дуо кунанд, ки эшон бегуноҳонанд ва дуои бегуноҳон мустаҷоб аст.

Гуфт:

– Агар гуноҳи эшон мустаҷоб шудӣ, як мактабдор дар ҳама олам зинда намондӣ.

*Алии Сафӣ*

# КАЛИМА ВА ИБОРАҲОИ ТУФАЙЛӢ

## 52. КАЛИМА ВА ИБОРАҲОИ ТУФАЙЛӢ ВА ТОБИШҲОИ ГУНОГУНИ МАЪНОИИ ОНҲО

*1. Хонед ва гӯед, ки калимаҳои ишорашуда чӣ тавр барои дигар шудани маънои ҷумлаҳо таъсир расонидаанд.*

**Хушбахтона,** зимистони имсола чандон хунук намешавад.

**Ба назарам,** зимистони имсола чандон хунук намешавад.

**Ҳатман,** зимистони имсола чандон хунук намешавад.

| |
|---|
| Калима, таркиб ва ибораҳое, ки ба фикри баёншуда чӣ гуна муносибат доштани гӯяндаро нишон медиҳанд, аъзоҳои туфайлӣ ном доранд: 1. Мактуби ту, **ҳақиқатан,** моро хеле хурсанд кард. 2. **Хайрият,** ки Носир, ту он воқеаро фаромӯш накардаӣ. |

*2. Ин ҷумлаҳоро равшану возеҳ бо риояи оҳанг хонед ва гӯед, ки дар кадоме аз онҳо гӯянда шубҳа дорад, қатъан тасдиқ мекунад ва ё ба таври одӣ баён месозад. Вобаста ба мақсад калимаҳои гуногуни туфайлӣ истифода мешаванд.*

Бародарам аз сафар бармегардад.
Яқинан, бародарам аз сафар бармегардад.
Албатта, бародарам аз сафар бармегардад.
Бешак, бародарам аз сафар бармегардад.

*3. Ҷумлаҳоро бо риояи оҳанг хонед. Гӯед, ки дар кадом калимаҳои туфайлӣ истифода шудаанд. Аз чӣ донистед?*

| | |
|---|---|
| 1. Он вақт ба назарам аз шумо дида одами нағзтар наменамуд. (С.Т.) | 1. Имрӯз Зокир, ба назарам, хеле парешонхотир менамояд. (Ю.А.) |

| | |
|---|---|
| 2. Тир агар рост равад, бар ҳадаф аст. (Ҷомӣ)<br>3. Орзуи аҳли башар хушбахтона зиндагӣ кардан аст. | 2. – Рост, – гуфт бо оҳанги таассуф. (С.Т.)<br>3. Хушбахтона, дилаш аз андеша фориғ шуд. (С.А.) |

*4. Матнро хонед, калимаҳои туфайлиро ёфта, шарҳ диҳед. Гӯед, ки онҳо чӣ вазифаро иҷро кардаанд.*

Барои чӣ дар вақташ намегуфтӣ?

– Барои чӣ? – такрор кард ӯ ва ҳамон лаҳза гӯё ба худ ҷавоб дод: Аввалан, барои он ки гӯям, нагӯям фоида надошт, чунки ҳирси молу пул дар рагу пайи шумо сахт ҷой гирифта буд. Афсӯс, ки ман инро дер фаҳмидам. Шумо ҳозир ҳам, албатта, ҳамон одамед. Не нагӯед... Дар ин синну сол дигар шудан душвор... Сониян, барои он ки дар ин хусус ба шумо гап заданро муносиб намедидам.

*Саттор Турсун*

*5. Ҷумлаҳоро хонед ва онҳоро навишта, ба зери калимаҳои туфайлӣ хат кашед.*

*Тобиши маъно ва таркиби онҳоро шарҳ диҳед.*

1. Соҳибамак, аз афти кор, сахт ранҷид. (П.Т.) 2. Ба фикри ман, образҳои профессор ва писараш нағз баромадагӣ. (П.Т.) 3. Кас кори бадашро фаромӯш накунад, ба хаёлам, хуб аст. (С.Т.) 4. Чунон ки дар боло қайд шуд, дарстайёркунии мо рӯзона дар ҳуҷраи Абдухалилмахдум ташкил меёфт. (С.А.) 5. Дарвоқеъ, Дохунда кори намоёне кард. (С.А.) 6. Хушбахтона, ин орзуям на як бор, балки чандин бор ба вуқӯъ омад. (С.А.)

## 53. НАВЪҲОИ КАЛИМА ВА ИБОРАҲОИ ТУФАЙЛӢ АЗ РӮЙИ МАЪНО

Калимаю ибораҳои туфайлӣ дар ҷумла вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд. Аз ин рӯ, гурӯҳи зиёдро ташкил дода, барои ифодаи боварию эътимод, шубҳа, эҳтимолу тахмин, ҳаяҷону ҳиссиётҳои гуногун мисли шодӣ, афсӯс, хоҳиш, миннатдорӣ, сарчашмаи фикр, алоқаи фикр, низому тартиби фикр ва ғайраҳо истифода мешаванд.

| |
|---|
| На танҳо калима, балки таркиб, ибора ва ҷумлаҳо ҳам метавонанд, туфайлӣ шуда оянд ва тобишҳои гуногуни маъноиро ифода намоянд. |

*1. Нақшаро хонед. Дар хусуси тобишҳои гуногуни маъноиро ифода кардани калимаҳои туфайлӣ мулоҳизаҳоятонро гӯед. Бо истифода аз калимаҳои туфайлӣ барои ҳар гурӯҳ дуҷумлаӣ тартиб диҳед.*



*2. Ҷумлаҳоро хонда, калимаҳои туфайлиро ёбед ва тобишҳои маъноии онҳоро шарҳ диҳед. Сипас ҷумлаҳоро нависед.*

1. Назар ба фикри ӯ, дар ин кор бояд дасти коргарони вай бошад.
2. Хайр, сафар ягон чиз дод? (У.Р.)
3. – Дар баста нест, марҳамат, бифармоед, – садо доданд устод. (У.Р.)
4. – Э, афсӯс, сад афсӯс! – бо алам сар меҷунбонданд амакам.
5. Қисса кӯтоҳ, мо пагоҳ ба тумани Ромитан меравем. (Р.Ҳ.)
6. Назар ба қавли онҳо, Лутфулло Гӯппон аз пагоҳӣ то вақти хӯроки пешин ва аз пешин то шом дам нагирифта каланд мезадааст. (С.А.)

*3. Нақшаро хонед ва бубинед, ки калимаҳои туфайлӣ нисбат ба фикр чӣ ҳаяҷону ҳиссиёти гуногунро ифода мекунанд.*

| шодӣ | афсӯс | тааҷҷубу хоҳиш | миннатдорӣ, ризоият |
|---|---|---|---|
| хайрият | афсӯс | аҷиб | ташаккур |
| хайрият ки | сад афсӯс | воаҷабо | албатта |
| хушбахтона | афсӯс ки | аҷабо | офарин |
| ба хушбахтӣ | мутаассифона | аҷоибот | боракалло |
| ба бахти мо | ҳайф | наход | нури дида |
| | сад ҳайф | наход ки | ба ҷону дил |
| | дареғ | илтимос | ба чашм |
| | ҳайҳот | зинҳор | тоҷи сар |

| сарчашмаи фикр | тарзи баён ва мароми гуфтор | алоқаи фикр ва хулоса | низому тартиби фикр |
|---|---|---|---|
| ба шунидам<br>ба фикрам<br>ба гумонам<br>аз рӯйи<br>гуфти шумо,<br>ба ақидаи<br>ман, назар<br>ба гуфти ӯ,<br>ба андешаи<br>ман | ба ибораи<br>дигар<br>ба таъбири<br>дигар<br>кӯтоҳи гап<br>умуман<br>аниқтараш<br>мухтасар | ҳамин тариқ<br>хулласи гап<br>ниҳоят<br>оқибат<br>инак<br>мувофиқи ин<br>ба мисли<br>боло<br>асосан | аввалан<br>сониян<br>якум<br>дуюм<br>аз як тараф<br>аз тарафи<br>дигар<br>дар охир<br>охирон |

*4. Бо истифодаи калимаҳои туфайлӣ шаш ҷумла нависед, тобишҳои гуногуни маъноии онҳоро шарҳ диҳед.*

*5. Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои туфайлии мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро хонед ва чӣ тобиш доштани онҳоро шарҳ диҳед.*

1.…шер ба мо зӯр ёрмандӣ кардӣ. (Ф.М.) 2. Ман,..., хурсанд: мисли пештара ба гап даромадӣ. (Ф.М.) 3. Мӯйи сар ва ришу мӯйлаби ӯ, ... , саду панҷоҳ фоиз сафед шудаанд. (П.Т.) 4.., аз суҳбати мо ба худи Шумо низ суде хоҳад расид. 5. Ҳоло ин кор, ………., «аз бекорӣ кадукорӣ» аст. (С.А.) (ошно, ба қавли худаш, воқеан, чунон ки, навакак гуфтам, боракалло).

*6. Ҷумлаҳоро нависед, калимаҳои туфайлии онҳоро ёбед ва аломатҳои китобатро дар мавқеаш гузоред.*

1. .... Шумоён дар ҳақиқат ҷавонони хушбахтед. 2. Ба бахти мо мактаб аз ҳавлиамон он қадар дур набуд. 3. Хайр боқимондаашро пагоҳ ба шумо нақл мекунам. (Ҳ.К.) 4. Ба

фикри падарам имсол ҳавои тирамоҳ мисли тобистон гарм мешавад. 5. Гуфтагӣ барин таътили ту кай тамом мешавад? 6. Ӯ баръакс, бо талабагон ҳамчун калонсол бо калонсол муносибат дорад.

*7. Аз калимаҳои туфайлӣ истифода бурда, ҷумлаи «Ман имтиҳонҳоро бо баҳои панҷ месупорам»-ро чор маротиба нависед, ки тобишҳои гуногунро ифода кунанд.*

Намуна: Бахтиёр дар муддати кӯтоҳ, ҳақиқатан, устоди кори худ шуд.

Бахтиёр дар муддати кӯтоҳ, ба бахти мо, устоди кори худ шуд.

Ҳамин тариқ, Бахтиёр дар муддати кӯтоҳ устоди кори худ шуд.

Хулоса, Бахтиёр дар муддати кӯтоҳ устоди кори худ шуд.

*8. Ҷумлаҳоро нависед, аъзоҳои туфайлиашонро муайян карда, ба кадом маъно омадани онҳоро шарҳ диҳед.*

1. Ниҳоят, навбати Зебӣ расид. (Ҷ.И.) 2. Ба ҳамин тариқ, ҳар ду баромада рафтанд. (А.Д.) 3. Дар омади гап гуфта мондам-дия, хавотир нашавед. (Ф.Н.) 4. Ба гуфти падарам, об хуни замин аст. 5. Чунон ки мегӯянд, дар кӯҳҳо алафзор бисёр аст.

## 54. ИСТИФОДАИ АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ВОБАСТА БА ҶОЙИ КАЛИМАЮ ИБОРАҲОИ ТУФАЙЛӢ

*1. Матнро хонед ва калимаҳои туфайлиро муайян сохта, ҷой ва аломатҳои китобати онро шарҳ диҳед. Аз нигоҳи имрӯз кадом калимаҳои матнро иваз кардан мумкин аст?*

Рӯзи якшанбе бозори Конибодом серодам мешавад. Дар ин ҷо, ба қавли модари Шодӣ, ғайр аз ҷони одамизод, ҳама чизро харидан мумкин аст. Ҳозир, ки охирҳои моҳи сентябр

аст, махсусан, растаҳои мевафурӯшӣ тамошобобанд. Дар ин ҷо, ба фикрам, намунаи ҳама гуна меваҳои хушлаззати кишвари тоҷиконро, ки шуҳрати умумиҷаҳонӣ пайдо кардааст, дучор карда метавонед. Масалан, анҷиру анор, себу шафтолу, харбузаву тарбуз, ноку биҳӣ, лимӯю афлесун, даҳҳо хел ангури сурху сафеду сиёҳро ғарам-ғарам рехта мондаанд.

Шодӣ сумкае дар даст, аввал чизе нахарида, хуб тамошо карда гашт. Вай ба саломи шиносҳои бешумораш андаке сарашро ҷунбонида, алек мегирифт. Ӯ ба чойхонаҳои атроф, ки ҷавонон палави «дастӣ» мепухтанд, рафта, аз дасти мӯйсафедони шинос якпиёлагӣ чой менӯшид. Вай, ниҳоят, ба растаи мевафурӯшӣ омад. Дар охир, ду харбузаи «шакарпайванд»-ро интихоб намуда, хариду ба сумкааш андохта, роҳи хонаро пеш гирифт.

Ҳамин тавр, ҳамаи одамоне, ки ба бозор меомаданд, дар ин ҷо чизу чораҳои ба талаби худ мувофиқро ёфта мехариданд. Махсусан, барои онҳое, ки тӯй мекунанд, дар ин ҷо ҳама чиз ёфт мешавад. Охир, ин бозор не, балки ярмаркаи калонест, ки дар он ҳама чиз ҳаст. Агар дар бозор ёфт нашавад, ба фикрам, дар магазине, албатта, ёфтани чизи даркорӣ мушкил нест.

*Абдумалик Баҳорӣ*

| |
|---|
| Калима, таркиб, ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ дар нутқи шифоҳӣ бо ист, паст гаштани овоз ва зуд талаффуз кардан ва дар нутқи хаттӣ бо вергул ҷудо карда мешаванд. |

*2. Нақли мухтасар дар бораи манзарае тартиб диҳед ва дар он аз калимаҳои туфайлӣ истифода баред.*

*3. Ҷумлаҳоро нависед ва ба ҷойҳои лозима аломатҳои китобат гузоред.*

1. Росташ ки дар вақти таҳсил дар мактаб дар ҳар мавзӯъ лексияҳои бисёре ва фоидабахше шунидем. (М.М.)

2. Баъзан ҳатто кишти ғалла норасида зери барф мемонад. (М.М.) Ин ҷонаки ҷонам хонаи падари ман. (М.М.)

3. Ба гумони ман шайтонҳо аз даруни шуълаи тилисмоте, ки болои сари мо истодааст, мебароянд! (М.М.)

4. Ташаккур ҳама чиз дар ин ҷо ёфт мешавад, – дарҳол ҷавоб дод устод. (М.М.)

5. Хушбахтона вохӯрӣ бо интихобкунандагон ба хубӣ анҷом ёфт. (М.М.)

*4. Матнро возеҳ хонед ва калимаҳои туфайлиро ёфта, чӣ тобиши маъноӣ доштани ҳар яки онро шарҳ диҳед.*

Аз шунидани овози устод рангам канд, дасту поям ба ларза даромад. Дарҳол ба устод нигаристам, устод ишора кард, ки ба наздаш равам, зуд рафтам, ба нишастан таклиф кард. Ягон боре ҳам дар қатори якум, илова бар ин дар паҳлуи шахсони муътабар нишастанро ҳатто хаёл ҳам накарда будам. Аммо гардонидани сухани устодро камоли беадабӣ донистам, нишастам. Суҳбат сар шуд. Устод баланд-баланд гап мезад. Ба фикрам, на танҳо дар раёсат будагон, балки нисфи ҳозирон сухани ӯро мешуниданд. «Деҳотӣ, – гуфт устод, – достонатро ба ман оварда, нишон дод, хондам». Аз ин хабари хуш хурсанд шудам... Устод илова намуд: «Дар бораи сохтмони азими Вахш манзума навиштан ҷуръати калонест... Барои ту аз ҳаёти сохтмон навиштан нисбатан осонтар аст. Ҳамаи он воқеаҳои аҷиб дар пеши назари ту ба вуҷуд меоянд. Афсӯс ки шеърнавис нестӣ...».

Баъд устод гуфт, ки дар ин рӯзҳо китобат аз чоп мебарояд ва пурсид:

– Ин китоби нахустинат будааст?

– Бале

– Муборак шавад! – дастамро самимона фишурда гуфт.

*Мирсаид Миршакар*

*5. Матнро хонед ва мазмуни онро нақл кунед. Дар нақлатон аз ифодаҳои* ***ба фаҳми ман, аввал ин ки, хусусан, албатта, дуюм ин ки*** *истифода баред.*

– Агар тӯйро дар Соктаре мекардед, ба фаҳми ман, ин қадар харҷ намешуд, ин деҳаи мо – деҳаи гушнагон аст, дар ин ҷо сад дег ош пазед ҳам, боз сер намешаванд, – гуфт модарам ҳасраткунон.

– Аввал ин ки, – гуфт падарам, – барои зиёд ё кам шудани харҷи тӯй гушнагӣ ё ин ки серии тӯйхӯрҳо дахл надорад, балки калонгир ё ки бечора будани тӯйхӯрҳо дахл дорад: бечораро агар як чиз диҳанд, хурсанд шуда мехӯрад ва агар надиҳанд, ҳарчанд гушна бошад ҳам, талаб намекунад. Аммо калонгир, ҳарчанд сер бошад ҳам, ба пеши ӯ ба ҷойи як табақ таом се табақ мондан лозим аст, вагарна «маро ҳурмат накарданд» гуфта қаҳр мекунад. Ба фаҳми ман, агар мо ин тӯйро дар Соктаре мекардем, харҷи мо сечанд мешуд, боз калонони он ҷо, хусусан миракиён, аз мо розӣ намешуданд. Зеро онҳо ба тӯйҳои одамҳо рафта бисёр ҳурмат дидаанд ва ҳурмати онҳо ҳам иборат аз ин аст, ки ба пешашон бисёртар таом мекашиданд ва дар охир ҷома мепӯшониданд, ҳеҷ набошад, каллақанд медоданд. Албатта, мо ҳеҷ кадоми инҳоро карда наметавонистем.

Падарам баъд аз қадре ором гирифтан сухани худро давом кунонида гуфт:

– Дуюм ин, ки ман баъд аз хонадор шуданам дар Соктаре ғайр аз хешовандони худамон қариб тӯйи касеро нахӯрдаам. Аммо дар ин ҷо аз ҳар кадом хонаи ҳамин бечорагон, ки ту «гушнагон» гуфтӣ, ман як бор-ду бор тӯй хӯрдаам. Бинобар ин, ба ман лозим буд, ки ба ҳаминҳо тӯй карда диҳам, хешовандон ва ошноҳои соктарегиам бошанд, ба ҳамин ҷо меоянд ва омаданд.

*Садриддин Айнӣ*

**Савол ва супориш**

1. Мазмуни матнро дарк кардед? Ба шумо писанд омад ё не? Чаро?

2. Ҳадафи нависандаро дар чӣ мебинед?

3. Шумо ба расму одатҳо чӣ назар доред?

4. Ҷараёни ягон тӯйро ба хотир оварда, онро дар нақли мухтасар баён созед.

*6. Ҷумлаҳоро нависед ва калимаю ибораҳои туфайлиро муайян сохта, тобишҳои маъноии онҳоро шарҳ диҳед.*

1. Чунон ки дар «Мактаби куҳна» гуфтаам, падарам маро дар шашсолагӣ дар мактаби пеши масҷид гузошт. (С.А.)

2. Чунки, аз рӯйи қавли худаш, ӯ «Қофия»-хон буда, бо ман «баробар» буд. (С.А.)

3. Ниҳоят, бо дастони ларзонаш мактубро печонда ба бағал меандозад.

4. Худоро шукр, ки шуморо ва ҳамроҳатонро сиҳату офият боз ба манзил расонд.

5. Ҳамин тавр, он пагоҳ марсияи пурдарду алами Фирдавсӣ ба марги писараш ба вуҷуд омад.

6. Гумон мекунам, ки аслан ин фазилат ба паҳлавононе ҳамчу Баҳроми Чӯбина мероси ҷаҳонпаҳлавон Рустами Зол будааст. (С.У.)

7. Ҳар заҳмат як роҳат дорад, лекин, ба назари ман, дар дунё кори осон нест. (У.К.)

*7. Муайян кунед, ки кадоме аз ифодаҳои зер калимаҳои туфайлианд ва кадоме не.*

Ба андешаи ман, маълум, ногаҳон, хушбахтона, хушбахт, баъзан, ҳақиқатан, албатта, табиӣ, ҳатман.

*8. Муайян созед, ки аз ифодаҳои додашуда кадомашон калимаҳои туфайлӣ нестанд.*

1. Албатта, нохост, воқеан, афсӯс, ниҳоят, асосан, даррав, хайрият, хуллас.

2. Ба гумонам, аз афташ, афту андомаш, дар ҳақиқат, ҳақиқӣ.

3. Ба ҳамин тариқ, аз як тараф, ин тараф, он тараф, аз тарафи дигар, аз рӯйи шунидам.

*9. Калимаю ибораҳои туфайлии мувофиқ гузошта ҷумларо хонед.*

Маро пайдо кардани аввалин китоби сарфу наҳви забони тоҷикӣ муяссар гашт.

Ифодаҳо барои истифода: хушбахтона, ҳамин тариқ, ниҳоят, воқеан, хайрият, ростӣ!

## 55-56. КОР БО МАТНИ ТАҚРИЗ

*1. Порчаҳоро бодиққат хонед. Онҳоро ба якдигар муқоиса кунед ва гӯед, ки шарҳи кадоме аз фарҳангҳо муфассалтар аст. Хулосаатонро дар бораи тақриз бо такя ба шарҳи фарҳангҳо бо ду-се ҷумла нависед.*

**Тақриз а.** – сутудан, мадҳ кардан; тамҷид кардан аз китобе ё рисолае; ситоиш,ҷ. тақризот «Фарҳанги форсии Муин» (Теҳрон, 2375, ҷилди 2, саҳ.119).

**Тақриз а.** – мадҳ кардан, дар мадҳи китоб ё шеър, ё навиштаи касе чизе навиштан «Фарҳанги форсии Амид» (Теҳрон, 2535, саҳ. 331).

**Тақриз** (ар. – таърифкардан) – яке аз намудҳои танқиди адабӣ, мақолаи адабии танқидиест, ки ба таҳлили асар, пиеса, филм ва монанди ҳамин осори санъату адабиёт бахшида шудааст. Тақриз бештар дар гармогармии воқеа, яъне баробари ба майдон омадани асар, навишта мешавад (Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ. Душанбе, Ирфон, 1966, саҳ. 124).

**Тақриз а.** – баҳо додан бо роҳи катбӣ ба навиштаи касе; баҳое навиштан ба навиштаи касе; баҳои мусбат додан ба навиштаи касе (Фарҳанги забони тоҷикӣ, М., 1969, ҷ. 2, саҳ. 353).

**Тақриз а.** – баёни фикр дар бораи асаре, баҳо додан ба асаре; мақолае, ки дар он дар бораи асаре фикр баён ёфтааст, тақриз навиштан дар бораи асаре, изҳори ақида кардан

(Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, ҷ. 2, саҳ. 306).

**Тақриз а.** – навиштае дар ситоиши як асари ҳунарӣ, ба вижа китоб (Фарҳанги форсии имрӯз, Теҳрон, 1375, саҳ. 353).

**Тақриз** (ар. – мадҳ кардан, танқиди мадҳомез), як жанри танқиди адабӣ ва журналистика буда, асосан асарҳои адабӣ, бадеӣ ва илмиро таҳлил мекунад ва ба онҳо баҳо медиҳад. Тақриз жанри хурди танқиди адабӣ буда, дар оғози асри XIX пайдо шудааст. Танқид дар бораи китоб ва асари нав маълумоти аввалин медиҳад. Шаклҳои танқид гуногунанд. Машҳуртаринашон танқидҳои мусбат, мубоҳисавӣ ва танқидӣ мебошанд. Танқид жанри душвор буда, мухтасарбаёнӣ, равшании фикр, ғоянокӣ, далели қавии илмӣ, бадеият ва маҳорат талаб мекунад. Он ҳаҷм ва композитсияи (сохтори) хос дошта, ба саҳеҳии мавзӯъ, микдори муайяни ахбор, шакли рехтаву мазмуни баланд ва илҳомбахшу шоирона буданаш аз дигар жанрҳои танқиди адабӣ имтиёз дорад.

Танқид ба навъҳои танқиди чопӣ, танқиди пӯшида, танқиди редаксионӣ (таҳририӣ), тақризи мактуб, тақризи муаллиф, тақризи эссе ва ғ. ҷудо мешавад.

*Аз «Энсиклопедияи советии тоҷик», 1967, ҷ. 7*

*2. Матнро бодиққат хонед ва шарҳ диҳед. Гӯед, ки бо кадом хусуситҳои тақриз ошно шудед. Ҳангоми баҳо додан ба маводде боз кадом нуктаҳоро ба ҳисоб гирифтан лозим аст?*

Баҳо додан ба китоб, асари бадеӣ, мақола, реферат ва ғайра ин баёни муносибати хонанда ба маводди баррасишаванда мебошад. Муқарриз бояд маводро вобаста ба мавқею мақсад ва вазифааш арзёбӣ намояд. Ӯ бо муаллиф розӣ будан ё набудани худро изҳор карда, аниқ созад, ки муаллиф ба ҳадаф расидааст ё не, кадом нуктаҳо ҳалли худро наёфтаанд, чӣ чиз дар он ба назар зиёдатӣ менамояд ё нодаркор аст, ки бояд ихтисор гардад ва ғайра. Барои баҳо додан танҳо донистани талаботи асосие, ки ба қоидаи сохтори

маводди баррасишаванда гузошта шудааст, кофӣ набуда, балки проблемаҳо ва масъалаҳоеро, ки дар бораи онҳо сухан меравад, бояд донад. Одатан, тавассути тақриз ба ин ё он мавод баҳо дода мешавад.

Тақризро чӣ тавр менависанд? Тартиби тахминии баҳодиҳиро чун намуна дар зер нишон медиҳем. Таъкид менамоем, ки ин нақша чун намуна пешниҳод мешавад.

1. Китоб ва маводдеро, ки ба он тақриз менависед, бодиққат хонед.

2. Кай ва дар куҷо нашр шудани китоб ва нишонии онро ҳатман зикр кунед.

3. Китоб ё маводди тақризшаванда аз тарафи шумо чӣ тарз хонда шуд?

4. Мавзӯи китоб, мазмуни аслӣ ва чӣ тавр маънидод шудани мавзӯъро нишон диҳед.

5. Қаҳрамонҳои амалкунанда киҳоанд ва муносибати муаллиф бо онҳо чӣ тавр зоҳир шудааст? Аз хонандаи мавод чӣ гуна муносибатро талаб менамояд?

6. Гуногуннавъии бадеии китоб, забони асар дар чӣ зоҳир мегардад? Муаллиф бо кадом воситаҳо пурмаъноӣ ва муассирии асарро ба даст меорад?

7. Баҳои умумии шумо ба маводди хондашуда.

8. Ба андешаи шумо, чӣ хуб тасвир шудааст ва кадом нукта боварибахш нест; чӣ чиз зиёдатист ва кадом нукта ба шарҳу тафсир ниёз дорад!

9. Нуктаи асосӣ: андешаи худро баён созед ва муҳокимаю таҳлил кунед.

10. Мазмуни китобро дар шакли басо мухтасар инъикос намоед ва зикр кунед, ки оид ба чӣ сухан меравад. Агар ин кор анҷом дода нашавад, муҳокимарониҳои шумо нофаҳмо хоҳад буд.

*3. Матни тақризи зеринро, ки ба китоби «Хандадара»-и Абдурауф Муродӣ тааллуқ дорад, бодиққат хонед. Ин тақриз бисёр мухтасар аст. Ба тарзи баёни муқарриз диққат диҳед. Бисёр муаддабона буда, он аз ҳарфу оҳанги дурушт орӣ мебошад.*

## ХАНДА ДАР ЛАБ

Ҳаҷву мутоиба аз муҳимтарин паҳлуҳои зиндагии моро дар адабиёт ба таври хеле нозук ва айни замон ҳадафгир дар либоси танзу киноя ва лутф инъикос месозанд. Ҳаҷве, ки нишонрас ва самарманд бошад, моломоли дарду ҳасрати ҷомеа аст. Имрӯз санъаткорони саҳнаи тоҷик аз адибон хеле гиламанданд, аз он ҷиҳат ки дар мавриди дастрасӣ ба маводди дилхоҳ кумак ва ҳамкорӣ намебинанд. Вале, аз назари мо, чанд соли охир дар ин самт бедорие эҳсос мешавад. Яке аз нависандагони масъулиятшинос, боҷасорат, соҳибистеъдод ва умедбахши адабиёти имрӯза, ки чунин масъулиятро бар дӯш гирифтааст, Абдурауф Муродист. Дарвоқеъ, эҷодиёти А. Муродӣ хеле доманадор аст. Ӯ аз байт то ғазалу достон, аз ҳикоя то қисса, аз тақриз то китобиёт асарҳое дорад, ки ҳар кадом паҳлуҳои баланди эҷодии ин адибро бозгӯ мекунанд. Эҷодиёти ин адибро ҳам мазмунҳои адабию бадеӣ ва ҳам мазмунҳои илмию таҳлилӣ фаро гирифтаанд. Китобҳои ӯ «Ҷашнномаи мактаб», «Лутфи Худованд», «Дили гарм», «Паёми мушовир», «Ҷасорат», «Аз нешханд то нӯшханд», «Ҷилои вожаҳо», «Дилнавоз», «Чошнӣ», «Анори дона-дона», «Шукуфти ғунчаи лабҳо» барои ҳар хонанда метавонанд, манбаи омӯзиш ва илҳом гарданд. Беҳтарин нуктаву байтҳои А. Муродӣ имрӯз зебдеҳи маҳфилҳо гардидаанд. Дақиқан назар кунем, тамоми мақсадҳои адиб мантиқан ба як нукта нигаронида шудаанд: баланд бардоштани фарҳанги мардум.

Китоби ба тозагӣ чопшудаи ӯ «Хандадара» ном дошта, аз ибтидо то интиҳо бори мазмунро бар дӯш дорад. Адиб тавонистааст, аз аввал то охир табассуму хандаро дар лабу даҳони хонанда нигаҳ дошта, ба ин восита, ҳунари хуби номгузории хешро собит намояд. Китоб аз қисматҳои алоҳида иборат аст. Дар қисмати нахустин, ки «Занбӯр» ном дорад, ҳикояҳои ҳаҷвӣ гирдоварӣ ва дар онҳо нуқсонҳои ҷомеа ошкор гаштаанд. Дар як қатор ҳикояҳо порахӯрӣ, дурӯягӣ, беадолатӣ, бевиҷдонӣ, бесаводиву бефарҳангии ашхоси

алоҳида зери ҳаҷву тамасхури нависанда қарор гирифтаанд. Барои нависанда дарднок аст, ки бо вуҷуди мақоми давлатӣ доштан то ҳанӯз забони мо мавқеи асосии худро касб карда натавонистааст. Далели ин маънӣ ҳикояи «Сафари бебарор»-и ӯст. Дар ин ҷо кас агар ба фалсафаи нависанда ба дурустӣ диққат диҳад, байти Бедили бузургвор пеши рӯ меояд:

Ман аз бегонагон ҳаргиз нанолам,
Ки бо ман ҳар чӣ кард, он ошно кард.

Дар ин ҳикоя адиб нодонӣ, бесалоҳиятӣ, бепарвоӣ ва бесаводиини соҳибзабононро дар мисоли ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи сокинони сайёраи дигар ба риштаи тасвир кашидааст. Ба ин тариқ, бояд гуфт, ки дар ҳикояи «Қонуни забон» бемасъулиятиву бесаводии роҳбарони муассисаҳои таълимиро зери танқид гирифта, ин маъниро тариқи ҳаҷви тунд инъикос кардааст.

Тавре маълум аст, солҳои пеш узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон шудан кори саҳл набуд. Бо таассуф, бояд гуфт, ки бенизомиҳои замон ба ин самти зиндагии ҷомеа низ бе таъсир намонд. Ҳар касе хост, нависанда ва ё шоир шуд (рӯзноманигор ҳам). Барои ин тоифа муҳим на истеъдод, балки ном буд. Дар «Нома» ном ҳикояи Муродӣ ин мазмун чунон тамасхуромез ифода ёфтааст, ки гумон меравад, «қаҳрамон»-ҳо дар ҳақиқат, аз узвият ба иттифоқ ғайриихтиёр даст мекашанд. Пургӯйбеки Ваққосӣ симои ҳамин гурӯҳ буда, беҳунарияш дар адабиёт аз тарафи ҳаҷвнигор сахт масхара карда шудааст.

Дар робита бо «фаъолият»-и ин гурӯҳ насли ҷавони аз олами маънии сухан комилан ғофил тарбия ёфта, бо ҷурми бесаводӣ сарфаҳм намераванд, ки бузургон фармудаанд: «Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад». Барои мисол, дар ҳикояи «Номаи ошиқон» дар ифодаи номаи як нафар ба маъшуқа омадааст: «Салом, дилбари ширину нозанини ман! Чун даъвати самимии маро напазируфтаву наздам наомадӣ, худ хостам, назди ту равам, зеро «ё хара пеши бор ё бора пеши хар» гуфтаанд…»

Абдурауф Муродӣ, ки худ аслан омӯзгор аст, тавонистааст, тарбияро дар заминаи адабиёт роҳандозӣ намояд. Шояд маҳз ба ҳамин сабаб дар навиштаҳои ӯ таваҷҷуҳ ба мактаб ва мактабиён дар алоҳидагист. Фаразан, дар ҳикояи «Такмили ихтисос» дар баробари маҳкум кардани омӯзгор аз лиҳози беҳунарӣ ҳадафаш ҳушдор сохтани масъулини соҳа аз муҳайё сохтани шароити омӯзиш аст. Яъне танҳо худомӯзӣ дар баланд бардоштани такмили ихтисоси муаллимон кифоя нест, ташкили курсу семинарҳо дар ин маврид омили муҳим аст. Аз дигар тараф, эроди адиб ба дарсҳои ба истилоҳи имрӯза «интерактивист». Усули навро ба таври сохтакорӣ пешниҳод кардан ва ё талаб кардан аз муаллимон бар манфиати кор нест. Ҳол он ки ҳар дарси одие ҳам, ки дар инкишофи тафаккур, нутқ ва эҷодкории кӯдак таъсир расонида метавонад, интерактив (фаъол) аст.

Аз назари ҳаҷвнигори нозукбин фаъолияти олимону пажӯҳишгарони илм низ дур намондааст. Чунончи, дар ҳикояи «Рисолаи пурарзиш» «эҷодкориву навовариҳо»-и олимони «тозаистеъдод» мавриди тамасхур қарор гирифтааст. Воқеан, баъзе олимони мо рисолае навиштанӣ бошанд, қисмати зиёди онро бо иқтибосу истинодҳо «зеб» медиҳанд, ки ин тартиб наметавонад, дар илм кашфи тозае ворид созад. Рисолаи илмии қаҳрамон доир ба чистонҳо буда, кашфи «олим» ҳамин аст, ки ҷавоби чистонҳоро мутобиқи замон гардондааст. Чунончи: Сандуқчаи зулфиё, худбандаку худкушо (Қошу қавоқи сардор), «Аз асп баланд, аз саг паст» (Нарх ва сифати молҳои худӣ), «Як суфача, панҷ бибича» (Бисёрҳизбӣ), «Худаш намебинад, ба дигарон роҳ нишон медиҳад» (Сардори бесавод).

Дар ин қисмат инчунин, нависанда бо маҳорати сухандониву одамшиносиаш барои омӯзгор, адиб, милиса ва донишҷӯ толеъномаҳо навиштааст, ки дар онҳо зиндагии ҳар кадом моҳиятан дар иртибот бо фаъолияти кориашон «пешгӯйӣ» карда мешавад, тавре ки ҳар фард метавонад, бо мутолиа аз он дар ислоҳи нуқсонҳои худ кӯшише зоҳир намояд.

Қисмати дигари китоб «Ҳарзамараз» номгузорӣ шуда, он силсилашеърҳоро, аз қабили «Мактабнома», «Келиннома», «Депутатнома» фаро мегирад. Дар ин ашъор дар бораи камбудиҳои соҳа ва самтҳои фаъолияти масъулин сухан меравад. Таваҷҷуҳовар аст, ки мазмуни бештари эҷодиёти адибро ҳаёти занону бонувон ташкил медиҳад, ки гумон меравад, ин муносибат бозгӯйи таваҷҷуҳи худи соҳибқалам ба бонувон аст. Чунончи, дар шеърҳои «Гуфтугӯ бо занам», «Зани ман» «Рӯзи маош», «Булҳавас» ва қисмати «Шаҳрошӯб» адиб гоҳе аз занҳо гила мекунад, гоҳи дигар онҳоро ба само мебардорад, гоҳе онҳоро бо тамоми ҳунарҳояшон васф намояд, гоҳи дигар аз булҳавасии мардон дилтангӣ мекунад. Масалан, дар «Шаҳрошӯб» ягон бону аз назари адиб дур намондааст. Муродӣ бо ҳимматбаландӣ ба дилбароне, ки ба фурӯши коса, либос, шир, китоб, дору, гул, гӯшт, соат, рӯған, тухм, писта, манту, мавиз, қуфл, мушк, ҷигар, моҳӣ, ҳасиб, тоқӣ, сандуқ, ҳезум, намак, орд, шиша, чой, сақич, шароб, биринҷ, тарбуз, донак, ранг, қурут, чакка, ришта, асал, шона, харбуза, об, сурат, самбӯса машғуланд, ба тариқи ҳазл алфози «ширин»-е ирсол намуда, дар як вақт мардумро аз меҳнатдӯстӣ ва фаъолияти васеи занон дар зиндагӣ ҳушдор месозад.

Ҷасорати Муродӣ дар мавриди фошофош ба забон овардани бевиҷдониҳои баъзе роҳбарони ҷоҳталаб шоистаи таҳсин аст. Аз ҷумла шеъри «Илтиҷо» ҳам аз рӯйи оҳанг ва ҳам аз лиҳози мазмун ба зудӣ дар дили хонанда ҷо мегирад. Дар ин шеър адиб аз забони хонанда даъво мекунад, вазъи ногувори зиндагиро дар ҳолати бебарқӣ иброз медорад ва вобаста ба ин аз мансабдорон илтиҷо мекунад. Дар шеъри «Аё мурғак» бошад, аз мурғ тухм «талабидаанаш»-ро ба забон оварда, норасоиҳои рӯзгори мардумро ошкор месозад.

Абдурауф Муродӣ табиатан меҳнатдӯст аст ва ин ҷиҳатро дар ҳама дидан мехоҳад. Ба ин маънӣ ӯ дар шеъри «Дидам ҷавоне» аз ҷавонони кӯҳпайкар гиламанд аст, ки

қувваи бозуи худро дар «сақичфурӯшӣ» барин пеша «сарф мекунанд». Аз нигоҳи нависанда дардовар аст, ки то ҳанӯз мо дар интихоби кадр саҳлангориро гум накардаем. Ин маъниро ӯ дар шеъри «Роҳбари нав» таъкид карда, бенизомиҳои ин амалро ба гӯши мардум мерасонад. Бо ин ҳама эрод ба онҳое мегирад, ки умри худро сарфи хушомадгӯйӣ ва лагандбарорӣ ба сардор месозанд. Ин маъниро адиб дар шеъри «Замонасоз» хеле устокорона ба риштаи назм кашида, ибтидо «бечорагӣ»-и хушомадгӯйро «васф» мекунад, вале дар охир ба хулосае меояд, ки сабабгори асосии зиндагии пасташон тарсончакиву буздилии худи онҳост. Ӯ мегӯяд:

Бо тақозои замона рӯсиёҳӣ мекунам,
Сарв гӯям қоматамро, лек фардо, ки хам аст.
Бо чунин тарсудиливу пастиҳоям, эй фалак,
Ин ҳама ҷабре, ки бо ман мекунӣ, хеле кам аст!

Дар қисмати охири китоб, ки «Дар барги гулҳо» ном дорад, адиб лутфу ҳазлиёти шогирдонаи худро ба устодони илму адаб тариқи назм ифода кардааст. Баёни ӯ дар ин маврид ҳушдор аз мавқеи иҷтимоии шахсиятҳои шинохта ва ба ҳар тариқа арзёбӣ кардани вазъи адабиёт, инчунин, кушодани дарди дили хеш аст. Фаразан, дар шеъри ба устод Муҳаммадҷон Шакурӣ бахшидааш мегӯяд:

Агар имрӯз дар айни нумӯем,
Расад, эй кош, он рӯзе бигӯем:
- Азизи ман, Хуросон аст ин ҷо,
Муҳаммадҷон фаровон аст ин ҷо.

Афсӯси адиб на бозгашт ба қафо, балки ёдоварӣ аз айёми давлатдории ниёгон ва мавҷудияти бузургони илму адаб дар он айём аст. Яъне, «фаровонӣ»-и Муҳаммадҷон ишора ба теъдоди зиёди донишмандон аст, ҳасрат аз он айёми бузургпарвар ва бузургони даҳр.

Боиси таассуф аст, ки ба ҷурми фаромӯшӣ як иддаи дигари адибону мунаққидон аз назари эҷодкор дар канор

монданд. Ба таври мисол, дар қатори мунаққидони дигар ба забон овардани номи устод Соҳиб Табаров, шоирон Ҳақназар Ғоиб ва Салими Хатлонӣ ҳеҷ ҷойи аҷобат надошт. Дар ҳар сурат «Хандадара» бо забони содаву оммафаҳм ва ҳазлҳои намакинаш тавонистааст, ба хонандагони имрӯз дараи хандаву табассум ва омӯзиши фарҳанги бойи ниёгон гардад.

*Саида Набиева*

**Савол ва супориш**

1. Чӣ гуна будан ва чӣ тавр навиштани тақризро дарк кардед? Агар дуруст нафаҳмида бошед, бори дигар матнҳои якум ва дувумро хонед ва байни ҳам муҳокима намоед.
2. Матни тақризро бо назардошти тарзи баён мутолиа намоед. Кадом сарсатри он бароятон писанд омад?
3. Ҳамон маводди маъқулшударо аз асар хонед ва фикру мулоҳизаатонро мустақилона дар бораи он баён кунед.

*4. Тақризи зеринро, ки таҳти унвони «Дастур бояд мукаммал бошад», ки ба қалами С. Аминов мансуб аст, хонед. Муҳтавои онро бо тақризи боло муқоиса кунед. Ба шумо кадоме аз ин тақриз маъқул шуд? Чаро?*

Дотсентони Институти педагогии Самарқанд С. Аслиддинов ва С. Иброҳимов таҳти унвони «Таҳлили забонӣ дар синфҳои IV-VIII» (Самарқанд 1987) дастуре чоп карда кӯшидаанд, ки роҷеъ ба таҳлили грамматикию аҳамияти он маълумот дода, хелҳои онро пурра шарҳу маънидод намоянд.

Аз мутолиаи «Таҳлили забонӣ дар синфҳои IV-VIII» чунин бармеояд, ки муаллифон ба мақсади хеш пурра нарасидаанд. Агар кас дастурро бо тааммуқ мутолиа кунад, пай мебарад, ки андешаҳои парокандаю номукаммал ва аксар барғалати онҳо перомуни китобҳои дарсист.

Воқеан, китобҳои дарсӣ камбудӣ доранд, вале камбудии онҳо дар дигар чиз аст, ки муаллифони дастури мазкур онҳоро дуруст пай набурдаанд.

С. Аслиддинов ва С. Иброҳимов дар фасли «Таҳлили забонӣ ва хелҳои он» роҷеъ ба аҳаммияти таҳлил ибрози назар карда, онро аз ҷиҳати тарзи гузаронидан ва ҳаҷм ба даҳонию хаттӣ ва нопурраю пурра тасниф намудаанд. Маълумотҳоеро, ки онҳо дар ин фасл меоранд, сатҳӣ буда, тамоми паҳлуҳои таҳлилро дар бар намегиранд.

Илова бар ин, таҷрибаи омӯзгорони пешқадам пурра ба инобат гирифта нашудааст. Дуруст аст, ки таҳлили грамматикӣ ҳам дар шакли даҳонӣ ва ҳам дар шакли хаттӣ сурат мегирад. Муаллифон ин ҷо бояд дар барои хусусиятҳои махсусу бартарӣ доштани яке аз онҳо ва лаҳзаҳои муайяни гузаронидани таҳлили грамматикӣ сухан меронданд, вале ин нуктаҳо дар ин фасл шарҳ наёфтаанд. Дар дастур ишора мешавад, ки таҳлил аз рӯйи ҳаҷм ду хел: пурра ва нопурра мешавад. Вале навъҳои дигаре низ ҳастанд, ки дар мактабҳо роиҷ буда, омӯзгорон вақти зарурат аз онҳо истифода мебаранд. Дар иловаи таҳлили пурра ва нопурра омӯзгорони мактабҳо аз таҳлили омехта ва интихобӣ низ истифода мебаранд. Азбаски С. Аслиддинов ва С. Иброҳимов бо таҷрибаи мактабҳо ва муҳтавои дастурҳои мавҷудаи методӣ ошноии комил надоранд, ин ду навъи таҳлилро умуман ном набурдаанд.

Агар муаллифони дастур кори хайреро анҷом доданӣ мешуданд, зимни ин фасл мебоист гапҳои дигарро, ки сарчашмаи иштибоҳот дар таҳлил мебошанд, муфассал баён мекарданд. Дар бораи муносибат ва робитаи таҳлили морфологӣ ва синтаксисӣ ҳарфе нест, ҳол он ки саволҳои ба ин марбут мисли: оё таҳлили синтаксисӣ ҳамеша бо таҳлили морфологӣ дар якҷоягӣ сурат мегирад? Фақат таҳлили морфологӣ гузаронидан мумкин ё не? Дар кадом ҳолат яке аз он таҳлилҳо бартарӣ дорад? Дар як дарс кадом хели таҳлилҳоро гузаронидан мумкин аст? ва амсоли инҳо беҷавоб мондаанд.

Дар ин фасл доир ба мавқеи таҳлили грамматикӣ дар лаҳзаҳои гуногуни дарсҳо маълумот додан бамаврид мебуд, то ки муаллимон ҷой, вақт ва лаҳзаҳои гузаронидани онро

дуруст ёд гиранд. Масъалаи барои таҳлил кардан кадом маводро бояд интихоб кард, истифодаи порчаҳои шеърӣ бештар кадом вақт муфидтаранд ва ғайра дар дастур шарҳу маънидод нашудаанд.

Фасли дигари дастур «Таҳлили фонетикӣ» ном дорад, ки дар он муаллифон намунаи тартиби таҳлили китоби дарсиро баррасӣ карда, гӯё шакли дурусташро пешниҳод менамоянд. С. Аслиддинов ва С. Иброҳимов дар хусуси китобҳои дарсӣ менависанд: «Дар китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфҳои IV-VIII дар тартиби таҳлили забонӣ нуқсонҳои бисёре роҳ ёфтаанд» (саҳ 4). Ин ҷо бояд баҳс кард: нуқсон дар китоб аст ё дар пешниҳоди рафиқон С. Аслиддинов ва С. Иброҳимов? Дар китобҳои дарсӣ тартиби таҳлили фонетикӣ дуруст пешниҳод шудааст. Зеро, аз як тараф, пеш аз ҳама калима бояд дуруст талаффуз шавад. Сониян, дар ҷараёни талаффуз калимаҳо ба ҳиҷоҳо ҷудо шуда, ҷойи зада ҳам равшан мегардад. Сеюм, ин ки ҳамин ақидаро методисти машҳури рус А. В. Текучев дар асоси таҷрибаи дар мактабҳо андӯхтааш дар асарҳои худ пешниҳод кардааст. Ниҳоят, аз лиҳози он ки таҳлили пурраи фонетикӣ пас аз омӯхтани ин гузаронида мешавад, агар муаллим яке аз ин бандҳоро бо ягон мақсади муайян пешу қафо гузаронад, ба назари мо, таълим зарар намебинад. Вале муаллифони дастур дар мавриди ҳодисаҳои фонетикӣ, ҳиҷои кушода ва баста, зада ва робитаи таҳлили фонетикӣ бо орфоэпияю хониши возеҳ (ифоданок) муҳокима нарондаанд, онҳо менависанд, ки «ин ду қисми ҷудогонаи фанни забоншиносӣ (фонетика ва лексика)-ро ба грамматика дохил карда наметавонем». Аз гуфтаи онҳо чунин бармеояд, ки таҳлили фонетикиро ба таҳлили грамматикӣ дохил кардан нашояд. Вале ҳақ ба ҷониби олим, методисти намоён А. В. Текучев аст, ки мегӯяд: «Таҳлили фонетикӣ ҷузъи гуногуншакл ва таркибии таҳлили грамматикӣ маҳсуб мешавад» Сониян, дар хусуси зада навиштаанд, ки «Зада ба ҳиҷои охирин афтодааст, зеро ки вай исм аст». Ин тавр

маънидод ва муайян кардан ғалат буда, кори таълимро боз ҳам мушкил месозад. Гуфтан кофист, ки дар калимаи «хона» зада дар ҳиҷои охир афтодааст ва он исм мебошад. Дар таҳлили лексикӣ оид ба калимаҳои якмаъно ва сермаъно, синонимҳои лексикӣ ва услубӣ, маврид ва мавқеи синонимҳо ҳарфе нагуфтаанд.

Дар қисмати дигари дастур муаллифон таҳлили морфологиро мавриди баррасӣ карор додаанд ва онро ба ду бахш: таҳлили таркиби калима ва таҳлили ҳиссаҳои нутқ ҷудо кардаанд.

Таркиби калима ва донистани он дар ҷараёни омӯзиши имло, услуб, маданияти нутқ аҳамияти басо муҳим касб мекунад, зеро масъалаҳои дуруст ба сатри дигар гузаронидани ҳиссаи калима, саводи имлоӣ, роҳҳои сохта шудани ҳиссаҳои нутқ ва ғайра ба он сахт робита дорад. Нуктаҳои бисёр муҳим ба мисли аввал чӣ гуна калимаҳо барои таҳлил интихоб шаванд, дар синфҳои боло таҳлили таркиби калима чӣ тавр бояд сурат бигирад, бо чанд суффикс сохта шудани калима, оё калимаҳои иқтибосӣ барои таҳлили морфологӣ интихоб мешаванд аз назари муаллифони дастур С. Аслиддинов ва С. Иброҳимов берун мондаанд.

Намунаи таҳлили морфологии пешниҳодкардаи муаллифони китобҳои дарсӣ дуруст мебошад, зеро аз таркиби калима пеш аз ҳама асос ва бандак ҷудо карда мешавад. Ин нуктаро ҳамаи методистони намоёни рус таъкид ва дастгирӣ кардаанд. Сипас реша, суффикс ва префикс аниқ карда мешавад.

Дар фасли «Таҳлили ҳиссаҳои нутқ» низ муаллифони дастур ба ғалатҳои зиёд роҳ додаанд. Масалан, дар муайян кардани калимаи «омӯзишгоҳ» як суффиксро пай бурдаанд, ҳол он ки дар таркиби калимаи мазкур ду суффикс мавҷуд аст. Фасли дигарро «Таҳлили синтаксисӣ» ном гузоштаанд, ки дар ин фасл ҳам андешаҳои ғалату фикрҳои дарҳам барҳам зиёданд. Яке аз пешниҳодҳои бемантиқашон ин аст, ки менависанд: «ибора берун аз ҷумла қимат надорад» Оё

ибораи «китоби нав» маъно надорад ва чизеро ифода намекунад?

Муаллифони дастур С. Аслиддинов ва С. Иброҳимов дар синфҳои IV-VIII таҳлили ибораро тавре пешниҳод кардаанд, ки аз якдигар фарқ кардан душвор аст. Тарзи гузаронидани таҳлили ҷумлаи сода ва мураккаб низ дар дастур пурра шарҳу маънидод нашудааст. Мутолиаи дастур нишон дод, ки умуман таҳлили синтаксисӣ сатҳӣ маънидод шудааст ва нуктаҳои марбути он (мубтадо, хабар, пуркунанда, муайянкунанда, ҳол, ҷумлаҳои содаи яктаркиба, калимаю ибораҳое, ки аъзои ҷумла намешаванд, ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобеъ ва ғайра) берун аз дастур мондаанд.

Ҳамин тариқ, дастури «Таҳлили забонӣ дар синфҳои IV-VIII» (муаллифон: С. Аслиддинов ва С. Иброҳимов) пур аз муҳокимарониҳои ғалату тавсияҳои беҷост. Масалан: «Ибораи исмӣ аст, чунки калимаи асосии ибора ба воситаи исм ифода ёфтааст» (саҳ. 21). «Ҷумлаи тафсилӣ аст, зеро се аъзои пайрав дорад» (Саҳ. 23). Тафсилист, зеро дар он аъзоҳои пайрав низ мавҷуданд» (саҳ. 24). Инҳо муште аз хирворанд.

Дар охир зикр карданием, ки ҳатто номи дастур ғалат аст: он бояд таҳлили грамматикӣ ном дошта бошад, вале муаллифон байни таҳлили грамматикӣ ва забонӣ фарқ надида онро «Таҳлили забонӣ дар синфҳои IV-VIII» унвон гузоштаанд ва дар он оид ба таҳлили забонӣ чизе гуфта нашудааст.

*5. Мувофиқи супориши пешакӣ ҳикояи адиберо хонед ва ба он тақризе нависед ва байни ҳам муҳокима кунед.*

*6. Дар хона ягон асари ҳаҷман хурди нависандаи дӯстдоштаатонро хонед ва ба он тақриз нависед ва дар синф ба муҳокимаи ҳамсинфон қарор диҳед.*

# АЪЗОҲОИ ИСТИСНОИИ (ИЛОВАГИИ) ҶУМЛА

## 57. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ АЪЗОҲОИ ИСТИСНОИИ ҶУМЛА

*1. Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро хонда муқоиса кунед ва гӯед, ки аъзоҳои ба сутуни дуюм иловашуда чӣ зарурат ва вазифа доранд.*

<table>
<tr><td>1. Мо аз хона баромада, ба ҳавлии бобоям рафтем.</td><td>1. Мо – падару писар аз хона баромада, ба ҳавлии бобоям рафтем. (С.А.)</td></tr>
<tr><td>2. Аз ҳавлии мо чанд хона онсӯтар дӯсти деринаи падарам истиқомат мекард.</td><td>2. Аз ҳавлии мо чанд хона онсӯтар, дар паҳлуи дӯкони собиқи усто Додобой, дӯсти деринаи падарам – Қаҳҳор-амаки шикорчӣ истиқомат мекард. (С.У.)</td></tr>
<tr><td>3. Ман ба рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» аз аввал обунаам.</td><td>3. Ман ба рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» аз аввал (ин рӯзнома чанд сол боз нашр мешавад) обунаам.</td></tr>
<tr><td colspan="2">Калима ва ибораҳое, ки ба аъзоҳои ҷумла илова ва алоқаманд гашта, маънои онҳоро равшану возеҳ шарҳ медиҳанд, аъзоҳои истисноӣ ном доранд: Мо, талабагон, дар шабҳои барф такрори рӯйисаҳнии худро тарк намекардем. (С.А.) Ин амакзодаҳои ман – писарони амакам Исохон буданд. (С.У.)<br>Вай дина, баъди пешин, ба назди гилкорон рафта, муддате корашонро тамошо карда истод. (Ф.М.)<br>Тавре ки мебинем, калима ва ибораҳои талабагон, писарони амакам Исохон ва баъди пешин аъзоҳои истисноӣ буда, аввалӣ мубтадо, дуюмӣ хабар ва сеюмӣ ҳоли замонро шарҳ додаанд.<br>Ба вазифаи аъзоҳои истисноӣ на фақат калимаю ибораҳо, балки баъзан ҷумлаҳо ҳам омада метавонанд: Ҳайрат як ҷавони қадаш аз ман пасттари гарданкӯтоҳ, лоғарбадани сиёҳчеҳра, чашмаш сиёҳ буда, лекин, чунон ки мегӯянд, «роғ-роғ» мерафт, яъне ба ҳар чиз бо ҳайрат ва хомӯшона нигоҳ карда меистод. (С.А.)</td></tr>
</table>

Аъзоҳои истисноӣ мисли сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумла ба як оҳанг талаффуз нашуда, савти махсус доранд. Гӯянда аъзоҳои истисноиро нисбат ба аъзоҳои ҷумла нармтар ва бо фосилаи муайян талаффуз мекунад. Воситаи забонии аъзоҳои истисноӣ дар нутқи шифоҳӣ оҳанги талаффуз буда, дар нутқи хаттӣ бо вергул ва баъзан бо тире ҷудо карда мешавад.

*2. Ҷумлаҳоро бо риояи оҳанги талаффузи истисноӣ хонед ва шарҳ диҳед.*

1. Дар тобистон, аксари рӯзҳо, дар боғот – яйлоқзори кӯҳистон ҷиҳати касби обу ҳаво рафта, чанде мемонад. (Мирзо Сироҷ) 2. Ман... дар вақти дарс аз домуллои худ – Мулло Абдусалом пурсидам. (С.А.) 3. Ман дар соли 1926 – дар 15 июн, дар Самарқанд – дар Нашриёти давлатии Тоҷикистон... ба хизмати адабӣ даромадам. (С.А.) 4. Мо – маҷрӯҳонро, ба Когон – ба беморхонаи шаҳрӣ бурданд. (С.А.)

*3. Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери аъзоҳои истисноӣ хат кашида, бар шарҳи кадом аъзои ҷумла омадани онҳоро маънидод кунед.*

1. Зимистон бинокориҳои мардум хобида буд, Устоамак, яъне Устохоҷа дар ҳавлии беруни худ, дар зери айвончае дарсозӣ мекард. 2. Дар вақте ки мо ба Соктаре омадем, падарам ба модарам таъкид карда буд, ки ҳар чизе ки пазад, ба амакаш – Абдуллохоҷа аз вай як коса диҳад. 3. Дар он тараф – дар тарафи шимоли рӯд, бар болои хомаи пастаки рег чӯпонбачагон бо ҳам гӯштингирӣ мекарданд. (С.А.) 4. Ғулғулаи шаҳр – шаҳре, ки худро аз «ҷину аҷинаҳо» мудофиа мекунад, дур гашта, торафт пасттар шунида мешавад. (С.У.) 5. Хоҷа Исмати Бухорой (вафоташ соли 1425) дар замонаш шоири забардасте буд. (С.У.)

*4. Ҷумлаҳоро нависед ва аломатҳои китобатро дар ҷояшон гузоред.*

1. Дастнависҳои қиматбаҳоро аз дӯстони худ ба орият (барои истифодаи муваққатӣ) мегирифтам. 2. Ин қитъа сар то сар аз шимол ба ҷануб ба растаҳо ҷудо карда шуда буд. (С.А.) 3. Онҳо зану шавҳар Сафияро духтар хонданд. (Ҷ.И.) 4. Мо ба соҳили дарёи Волга ба соҳили бузургтарин наҳри Россия наздик шудем. (Ҷ.И.) 5. Дар ин хона таваллудгоҳи инсон, Нигаҳ кардам ба рангоранг тифлон. (М.Т.) 6. Айёми хуби ҷавонии ман баҳори умри ман дар ин шаҳр гузаштааст. (Ҷ.И.)

*5. Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро хонед ва гӯед, ки ифодаҳои ишорашудаи сутуни дуюм аз якум чӣ фарқ доранд.*

| | |
|---|---|
| 1. **Мутаассифона,** то ин дам фаъолияти публитсистии С. Айнӣ... ба куллӣ омӯхта нашудааст. (А.М.) | 1. Мактабдор **(муаллимамон)** ба вай як коғазгир **(тирезаи коғазӣ)** карда, барои дар барфу борон надариданӣ он ба коғазаш равғани зағир молида буд. (С.А.) |
| 2. **Назар ба қавли падарам,** Сайидмуродхоҷа падари ӯ – Саидумархоҷа одами хату саводнок буда, аз ҳунарҳои дастӣ... дуредгариро хуб медонистааст. (С.А) | 2. Ман аз ин шаҳр – **макони балво** баромада меравам. (Ҳ.К.) |
| 3. **Чунон ки дар мавридаш гуфта будам,** ман бисёр мехостам, ки даруни шахтаро бубинам. (С.Т.) | 3. Дар ин мадраса ориятнишин **(касе, ки худ ҳуҷрадор набуда, дар ҳуҷраи каси дигаре нишинад)** кам набуд. (С.А.) |

*6. Ҷумлаҳоро равон хонед ва аломатҳои китобати марбути аъзоҳои истисноии ба исмҳои хос алоқамандро гузоред ва шарҳ диҳед.*

| | |
|---|---|
| 1. Бобокалон, бародари калонии ман, ба боғпарварӣ рағбати фаровон дорад. | 1. Бародари калонии ман Бобокалон ба боғпарварӣ рағбати фаровон дорад. |
| 2. Дар рӯзи ҷашни Артиши миллӣ чун меҳмон, Саидамир Зуҳуров, генерал - полковник даъват шуда буд. | 2. Дар рӯзи ҷашни Артиши миллӣ чун меҳмон генерал - полковник Саидамир Зуҳуров даъват шуда буд. |

*7. Ҷумлаҳои зерро дуруст хонед ва баъд нависед.*

1. Саидалӣ, бародари хурдии ман, табиатро бисёр дӯст медорад.
2. Бародари хурдии ман – Саидалӣ табиатро бисёр дӯст медорад
3. Бародари хурдии ман, Саидалӣ, табиатро бисёр дӯст медорад.

*8. Ҷумлаҳоро возеҳ ва бо риояи оҳанг хонед. Гӯед, ки калимаю ибораҳои истисноӣ кадом аъзои ҷумларо аниқ мекунанд. Дар онҳо чиро мушоҳида кардед.*

1. Аз он тарафи қишлоқ, аз майдони кишт, овози трактор ба гӯш мерасид. (Ҷ.И.) 2. Ҳоким ба одамонаш фармуд, ки моро аз ҳам ҷудо карда, аз хона – аз пеши ӯ бароранд. (С.А.) 3. Ман бояд имрӯз ба қишлоқ – пеши модарам биравам. (Ҳ.К.) 4. Дар пеши дари ҳамсоя ба ақибаш, ба тарафи ялангии қишлоқ, назар андохт. (Ҳ.К.)

## 58. БАЁНИЯҲОИ ИСТИСНОӢ ВА АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ОНҲО

*1. Ҷумлаҳоро хонед, баёнияҳои истисноиро муайян кунед ва вазифаю аломатҳои исти онҳоро шарҳ диҳед.*

1. Дар зери хокҳои ин теппаҳо Панҷакенти қадим – шаҳри як вақтҳо маданӣ ва ободи суғдиён зиёда аз ҳазор сол беному нишон хоб карда буд. (Ҷ.И.) 2. Оймулло

мақоми ҳузноварро ба охир расониду ба уфар – ба мақоми шӯх ва рӯҳбахше гузашт. (Ҷ.И.) 3. Ин ақида ба ман аз бибихилифа – муаллимаи мактаби духтарон талқин шуда буд. (С.А.)

Баёнияҳои истисноӣ барои возеҳу аниқ кардан ва чун муайянкунанда шарҳу эзоҳ додани ягон аъзои ҷумла хидмат мекунанд. Баёнияҳои истисноӣ мазмунан бо муайяншавандаи худ муродиф мебошанд ва якдигарро иваз карда метавонанд: Ӯ ба устоди худ – Абдурраҳмони Ҷомӣ муроҷиат карда, аз вай илтимос намуд (С.А.). Мо ҷумъаи гузашта – шашуми май ба ин ҷо омада будем (Ҷ.И.).

Дар нутқи хаттӣ баёнияҳои истисноӣ ба воситаи вергул ё тире ҷудо карда мешаванд.

*2. Ҷумлаҳоро нависед, ба онҳо аз дохили қавс баёнияҳои истисноии мувофиқ ёфта илова кунед. Бо назардошти ҷойи баёнияҳои истисноӣ аломатҳои китобати мувофиқро гузоред.*

1. Ширинтарин навъи харбуза бо даромадани нӯги корд чарсос зада, кафида, ду бӯлак мешуд. (С.У.) 2. Ронанда ба бадии ҳаво нигоҳ накарда, мошинро босуръат пеш меронд. 3. Аммо Ғанӣ саросема нашуд. (Р.Ҷ.) 4. Ҳар дуяшон либосҳояшонро пӯшида, ба роҳ даромаданд. 5. Ин кас муаллими синфҳои боло буданд. 6. Аҳмад ва Ҳалим ба ниҳолшинонӣ ёрӣ расониданд.

(зани маллаoriginally маллаҳанги сабзчашм, гурги борондида, фамилияашон Мирмуҳаммадов, шакарпайванди сабзранги рӯяш тӯрдор, модаркалону набера, ин ду ҷавони бағайрат).

*3. Порчаҳои шеъриро хонед ва баёнияҳои истисноиро муайян созед. Тарзи хониши онҳо дар назм аз наср фарқ дорад ё не?*

Такягоҳи мо – падару модарон!
Гавҳараки дидаи мо – хоҳарон!

Ҳаст фронти дигаре ҷанги мо
Соҳаи меҳнат, ки қӯшунаш шумо.

*Мирзо Турсунзода*

Вахш – дарёи зарфишону бузург
Зинату зеби Тоҷикистон аст.

*Мирсаид Миршакар*

Лоҳутӣ, он суханвари даврон, чу гуфтааст
Дурҳои ноб дар ғазали лоҷавоби сурх.

*Аҳмадҷон Ҳамдӣ*

*4. Ҷумлаҳоро хонед ва аъзоҳои истисноиро, ки вазифаи эзоҳдиҳиро доранд, муайян созед.*

1. Дар он тарафи кӯча ҳавлии бобо Ҳидоят ва дар пешгаҳи он (кӯча пешбаста буд) ҳавлии Юсуф буд. (Ҷ.И.) 2. Боровиков бештарин вақтҳо бо вай тоҷикӣ гап мезад (вай дар давоми хидмати даҳсолааш дар Тоҷикистон забони тоҷикиро ёд гирифта буд). (С.У.) 3. Шайбонихон... мехост, Мовароуннаҳр (байни дарёҳои Сир ва Омӯ) ва Хуросонро ба даст дарорад. (С.А.) 4. Омӯзиши метеорҳо (ситораҳои паррон) аз нуқтаи назари илмӣ хеле аҷоиб аст.

Калима, ибора ва ҷумлаҳои истисноии эзоҳӣ маънои ягон аъзо ё мазмуни умумии ҷумлаи асосиро аниқу мушаххастар намуда, гоҳо шарҳи иловагие зам мекунанд.

Аъзоҳои истисноии эзоҳӣ аз баёнияҳои истисноӣ аз он ҷиҳат хеле фарқ доранд, ки бо муайяншавандаи худ мазмунан муродиф нестанд: Автобус аз пайраҳаи серчанг ба роҳи калон (**асфалтпӯш**) баромад. Модар ба духтарчааш ҳар рӯз ширбиринҷ, угро ва кабоб (**аз гӯшти гӯсфанд**) пухта медод. Ман дар баҳрҳои Азов, Сиёҳ, Хазар, Сафед (**онҳоро аз харита нишон медод**) шино кардам, – гуфт баҳрнавард.

Аъзоҳои истисноии эзоҳӣ баъзан бо калимаҳои **яъне, махсусан, мисли, аз ҷумла** ва ғайра ҳамроҳ меоянд: Дар синфи мо шаш нафар хонанда, **аз ҷумла** Отифа, бо баҳои «аъло» таҳсил мекунад. Шаҳрҳои ҷумҳурии мо, **алалхусус,** Душанбе хеле зебост.

Аъзоҳои истисноии эзоҳӣ дар навишт асосан бо қавс ва баъзан бо вергул ҷудо мешаванд.

*5. Ҷумлаҳоро нависед ва зери аъзоҳои истисноӣ хат кашида, вазифаашонро маънидод кунед.*

1. Зариф бачаҳоро аз деҳа (ҳар ду ҳам бепадару модар монда буданд) дирӯз бо худ овард. 2. Ногоҳ (ин дар пеши дӯкони китобфурӯшӣ буд) дидам, ки ҷавоне аз ман чашм намеканад. (А.Ш.) 3. Насри тоҷик (таърихӣ, илмӣ ва адабӣ) ҳанӯз дар асрҳои IX-X ба вуҷуд омада буд. 4. Дар Бухоро магар моро фаромӯш кардед, ки барги сабз гӯён ягон савғотӣ (роҳоврд) наёвардед. (С.А.)

*6. Матнро хонед ва тақлидан шарҳи ҳоли худро нависед. Аз аъзоҳои истисноӣ бамавқеъ истифода баред.*

Ман, Саидкарими Юсуфии Саъдуллозода, 31 январи соли 1965 дар деҳаи Шӯриёни ноҳияи Рӯдакӣ, дар хонаводаи деҳқон таваллуд шудаам. Соли 1983 таҳсилро дар мактаби миёнаи рақами 104 ба поён расонида, ба факултаи шарқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шомил шудам. Аз соли 1984 то соли 1986 дар сафи артиш хидмат намудам. Баъди адои хидмати низомӣ таҳсилро дар факултаи номбурдаи Донишгоҳ идома дода, онро соли 1990 хатм намудам. Аз моҳи сентябри соли 1990 то кунун дар омӯзишгоҳи сохтмони ш.Душанбе ба сифати муаллими забону адабиёти тоҷик кор мекунам.

Дар умури иҷтимоии омӯзишгоҳ саҳми фаъол мегирам, узви кумитаи иттифоқи касаба мебошам.

Падарам – Юсуфи Саъдуллозода нафақагир аст.

Модарам – Гулрӯйи Алидухт узви гурӯҳи паймонкории «Сабзазор» мебошад.

Ҳамсарам – Насибаи Хуршеддухти Раҳмонзода, соли таваллудаш 1968, дар дармонгоҳи шумораи 7-и ш.Душанбе ба сифати маъмури сабт кор мекунад.

Писарам – Ҷамшеди Саидкарим Саъдуллозода, соли таваллудаш 1989.

Нишонии ҷойи зистам: ноҳияи Фирдавсӣ, деҳаи Шӯробод.

*26 январи с. 1991 Имзо Ҳасани Ёрзод*

## 59. ҲОЛҲОИ ИСТИСНОӢ ВА АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ ДАР ОНҲО

*1. Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро хонед ва муқоиса кунед. Гӯед, ки онҳо аз якдигар чӣ фарқ доранд?*

| | |
|---|---|
| 1. Рӯзона аз ҷой хестам, баъд аз чой нӯшидан ба раста баромадам. | 1. Рӯзона, соати нуҳ, аз ҷой хестам, баъд аз чой нӯшидан ба раста баромадам. (С. А.) |
| 2. Вай дирӯз ба назди гилкорон рафт. | 2. Вай дина, баъди пешин, ба назди гилкорон рафт. (Ф.М.) |
| 3. Деҳаи Суғд дар ҳамин гардишгоҳи рӯд воқеъ шудааст. | 3. Деҳаи Суғд дар ҳамин гардишгоҳи рӯд, дар тарафи рости он воқеъ шудааст. (С.А.) |
| 4. … ин ҳол бештарин рӯзҳои таътил воқеъ мешуд. | 4. … ин ҳол бештарин дар рӯзҳои таътил (чоршанбе, панҷшанбе ва ҷумъа) воқеъ мешуд. (С. А.) |

**Ба вазифаи аъзои истисноӣ ҳамаи навъҳои ҳол меоянд. Баъзе аз онҳо ҳоли пеш аз худ омадаро шарҳ дода мушаххастар мекунанд ва бо ҳамаи воситаҳои грамматикӣ бо калимаи асосӣ тобеъ мешаванд: Дар беруни боғ, дар канори ҷӯи**

**Деших, дар зери қаторбедҳои соядор суфае дуруст кард. (С. А.) Ман ӯро ду сол пеш аз мулоқот дар деҳаи Регзор, дар шинипазхона дида будам. (С. А.)**

*2. Ҷумлаҳои зеринро нависед ва аломатҳои китобати онро дар мавқеаш гузоред ва шарҳ диҳед.*

1. Бинобар ин маро лозим аст, ки ҳар шаб баъд аз хуфтан пеши ӯ рафта дарс тайёр кунам. (С.А.) 2. Ҳозир соати яки рӯз омадам. (С.А.) 3. Як шаб камин гирифта, дар пинҳонӣ нишаста аз он дарича баромадани ӯро нигарон шудааст. (С.А.) 4. Мошин оҳиста-оҳиста гӯё хазида ба фарози Шерон мебаромад. (С. Т.) 5. Падари Ҳотам ҳамчун коргари пешқадами корхона ба осоишгоҳ фиристода шуд.(С.А.) 6. Ман дар хурдсолиам Қуръон барин як китоби калонро бо вуҷуди маъниашро нафаҳмиданам, дар ду сол ёд карда будам. (С.А.)

**Ҳолҳои истисноӣ дар навишт ҳамеша бо вергул ҷудо карда мешаванд. Ҳангоми хондан оҳанги ҷудокунӣ ва таъкиди махсус ба худ мегиранд.**

*3. Ҷумлаҳоро нависед. Ҳолҳои истисноиро муайян кунед ва ба кадом навъи ҳол тааллуқ доштани онҳоро шарҳ диҳед.*

1. Шумо, ҳамчун раиси хоҷагии деҳқонӣ, дар ин маҷлис бояд иштирок кунед. 2. Ҳайрат, бо вуҷуди аҳамият надоданаш, ҳама вақт аз шарикдарсонаш пеш буда, ҳар дарсро бо як дидан ва ё шунидан аз худ мекард. 3. Падарам, ба шарти баргашта омадани мо, розигии худро изҳор кардааст. (С.А.) 4. Вай, бинобар хоҳиши аҳли гузар, ба сабаби қадрдонии падараш, муаззини гузари худашон таъйин шуда буд. (С.А.)

*4. Ҷумлаҳоро бо истифода аз ифодаҳои мувофиқи дар дохили қавсбуда пурра кунед ва нависед. Шарҳ диҳед, ки кадом навъи ҳолҳои истисноӣ истифода шудаанд ва чӣ вазифаро иҷро кардаанд.*

1. Мирзо ҳар рӯз, … , ҳамроҳи бой ба тиҷоратхонаи ӯ мерафт. 2. Дишаб, … , падарамро аз меҳмонхона баровард. (С.А.) 3. Вай дарҳол, … ба касалхонаи ноҳия ба дидани писараш рафт.(Ҷ.И.) 4. Баъд аз инқилоби Бухоро, … , ман дар Бухоро будам. (С.А.) 5. Бо рухсати мудири интернат дар яке аз рӯзҳои хушки декабр, … , пиёда ба Қизилтеппа равон гардидам. (С. У.)

(баъди ношто, пас аз маҷлис, баъд аз ош, дар яке аз рӯзҳои рамазон, пагоҳонӣ)

*5. Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки ҷумлаҳои истисноӣ кадом навъи ҳолҳоро шарҳ медиҳанд.*

1. Саҳарӣ, вақте ки мо дар хоб будем, нахустин борони оғози тирамоҳ боридааст. (Ф. М.) 2. Шаб, дар вақте ки мардум дар хоб буданд, садои пайдарпайи холӣ шудани чанд милтиқ шунида шуд. (С.А.) 3. Сониҳо, вақте ки ин гуна тасаввури содалавҳонааш ба ёдаш мерасид, ӯ беихтиёр худ ба худ механдид. (Р.Ҷ.) 4. Ӯ дар вақти аз саҳро ба шаҳр омаданаш, ҳангоме ки аз дарёи Зарафшон мегузаштааст, ғарқ шуда талаф гардид. (С.А.)

*6. Матне нависед ва дар он маҳалли худро тасвир кунед. Дар он аз рӯйи имкон ҳолҳои истисноиро истифода кунед. Аломатҳои китобатро дар мавқеаш гузоред.*

## 60. ИМЛОИ САНҶИШ

### Боғҳои Исфара

Тамошои боғҳои Исфара ҳамеша ба ман шодию фараҳ мебахшад. Баҳорон онҳо бо рангҳои сафеду гулобӣ ҷилвагарӣ мекунанд ва касро мафтун мегардонанд. Дере намегузараду гулбаргҳо меафтанд ва бо рангҳои мухталиф рӯйи заминро мепӯшанд. Дар шохаҳо ба ҷойи гулҳо ғӯраҳои норасида пайдо мешаванд, онҳо торафт калонтар шуда, навдаю шохҳоро сӯи замин хам мекунанд…

Мутахассисон исбот кардаанд, ки дар боғҳои Исфара зардолуе мерӯяд, ки дар ягон  гӯшаи ҷаҳон нест. Меваи он аз зардолуи итолиёӣ се баробар зиёд қанд дорад. Дар ин ҷо дарахтони хушнавъ ба шарофати меҳнати чандинасраи селексионерони боистеъдоди халқӣ ба вуҷуд омадаанд. Онҳо хурмоӣ, арзамӣ, катта, мирсанҷалӣ, дарвешак, исфарак, бинигорӣ, тошбойӣ, субҳонӣ, тоҷибойӣ, ғӯлингӣ, луччак ва дигар зардолуҳои машҳури хушнавъро офаридаанд. Дар ин байн навъҳое ҳастанд, ки яке моҳи май, дигаре июл ё охирҳои тирамоҳ мепазанд. Онҳо чун қанд ширин ва ғизои бебаҳоянд.

Хушбахтона, дар Исфара одамоне зиндагию меҳнат мекунанд, ки онҳо ёдгори бебаҳои аҷдодонашонро ҳифз ва афзунтар менамоянд.

*Я. Налский*

## 61- 62. КОР БО МАТНИ АННОТАТСИЯ

Бо такя ба маълумоти гирифта ва ошноӣ бо намунаҳои аннотатсия  дар дарсҳои 25-26 ва32-33 ба китобҳои хондаатон навиштани аннотатсияро машқ кунед.

Аннотатсияҳои навиштаатонро байни ҳам муҳокима кунед. Аниқ созед, ки аннотатсия аз тақриз чӣ фарқ дорад.

# НУТҚИ АЙНАН ВА МАЗМУНАН НАҚЛШУДА

## 63. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МАХСУСИЯТҲОИ НУТҚИ АЙНАН НАҚЛШУДА

### НУТҚИ АЙНАН НАҚЛШУДА

*1. Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро хонед ва муқоиса кунед. Чӣ фарқро пай бурдед?*

| | |
|---|---|
| Шикорчиён гуфтанд: «Дар ҷангалзори наздик сайдҳои гуногуни зиёде дида мешавад». Яке аз шикорчиён гуфт: «Дар ҷангалзор бузҳои кӯҳӣ фаровон аст». Ӯ пешниҳод кард: «Худи пагоҳ ба шикори мурғи даштӣ равед». | Шикорчиён гуфтанд, ки дар ҷангалзори наздик сайдҳои гуногуни зиёде дида мешавад. Яке аз шикорчиён гуфт, ки гӯё дар ҷангалзор бузҳои кӯҳӣ фаровон будааст. Ӯ пешниҳод кард, ки мо худи пагоҳ барои шикори мурғи даштӣ мерафтем. |

Нутқ асосан бо ду роҳ накл мешавад: айнан ва мазмунан. Нутқе, ки ба каси дигар тааллуқ дораду гӯянда ё нависанда онро бе ягон тағйирот меорад, нутқи айнан нақлшуда ном дорад.

Дар нутқи айнан нақлшуда тамоми хусусиятҳои грамматикию луғавӣ ва услубию оҳангнокии суханони гӯянда нигоҳ дошта мешавад.

Нуқте, ки аз забони каси дигар бо тағйироти ҷузъӣ ва мазмунан оварда мешавад, нутқи мазмунан нақлшуда номида мешавад.

Нутқи мазмунан нақлшуда дар шакли ҷумлаи мураккаби тобеъ, ки ҷузъҳои он ба воситаи пайвандакҳо ва калимаҳои дигар, ки вазифаи пайвандакҳоро иҷро мекунанд, алоқаманд мегардад.

*2. Порчаҳоро бо риояи оҳанг возеҳу равон хонед ва ба нутқи айнан нақлшуда ва мазмунан нақлшуда диққат диҳед. Дар кадоме аз ин ҷумлаҳо оҳанги таъкид ва шарҳдиҳиро ҳис кардед.*

1. Бисёр ҳамдеҳагонам мегӯянд: «Падарат пир шудаст, хоҳаронат бо рӯзгори худашон овора, ту биё, ба мӯйсафед саробонӣ кун...». (С.Т.)

2. Бегоҳӣ Қосимҷон насиҳатомез гуфт, ки беҳуда бо он бача даст ба гиребон шудаам.

Ман ҳайрон шуда гуфтам:

– Охир, вай мана зад!

– Хайр чӣ шудааст? – маро тамом дар ҳайрат мононда гуфт Қосимҷон. – Як мушт хӯрдӣ – хӯрдӣ-дия! Дар ҷойҳои мо мегӯянд, ки «Ман – маниҳо пешаи шайтон бувад, Ҳар кӣ худро кам занад, мард он бувад».

*Пӯлод Толис*

*1. Дониши пеш гирифтаатонро ба ёд оварда, аломатҳои китобатро дар ҷумлаҳои нутқи айнан нақлшуда шарҳ диҳед. Ҳангоми шарҳ додан ба нақша такя кунед. С.М. – сухани муаллифро мефаҳмонад.*




Нутқи айнан нақлшуда дар нохунак гирифта шуда, калимаи аввали он бо ҳарфи калон навишта мешавад.

Агар нутқи айнан нақлшуда баъди сухани муаллиф ояд, пас аз он дунуқта ва пеш аз нутқи айнан нақлшуда тире гузошта мешавад.

Баъд аз нутқи айнан нақлшуда ва пеш аз сухани муаллиф вергул ё аломати савол ва ё хитоб гузошта шуда, пас аз онҳо ҳатман тире меояд.

Муаллим аз ман пурсид: «Номи ту чист?».

«Иброҳим», – ҷавоб додам ман.

*3. Мисраъҳои дар поён овардашуда аз кадом шоиронанд? Пас аз муайян кардани муаллифони онҳо ҷумлаҳое тартиб диҳед, ки нутқи айнан нақлшуда ҳам баъди сухани муаллиф ва ҳам пеш аз он омада бошад.*

1. Банӣ Одам аъзои якдигаранд.
2. Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад.
3. Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо.

Агар нутқи айнан нақлшуда ба ду қисм ҷудо шуда, дар байни он сухани муаллиф ояд, аз ду тарафи сухани муаллиф аломати вергул ва тире гузошта мешавад.

– Акаам «говзӯр» аст, – гуфт ӯ, – ба ҳамин сабаб ба ӯ Махдуми Гав лақаб додаанд. (С.А.)

*4. Ҷумлаҳоро хонед ва муайян кунед, ки ба кадом нақшаҳо тааллуқ доранд. Аз рӯйи тартиби нақшаҳо ҷумлаҳоро нависед.*

1. «Аз куҷо омада истодаӣ ва ба куҷо меравӣ?» – боз пурсидааст гамбусак. (аз афсонаҳо)

2. «Бечора Карим Девона! Охир, вай дар ин мавсими сол аз ин роҳҳои лағжонаки хавфнок чӣ тавр мегузарад», – дилсӯзона мегуфт ҳамсоя. (Ҳ.Н.)

3. «Аз куҷо пайдо шудед, набудед-ку!» – ба Мустафо фаҳмониданӣ шудам, ки ҳозиракак омадаанд. (Сорбон)

« ▒▒▒ !» – С.М.

« ▒▒▒ », – С.М.

« ▒▒▒ ?» – С.М.

Агар нутқи айнан нақлшуда саволӣ ё хитобӣ бошад, дар он сурат ба ҷойи вергул аломати савол ё хитоб гузошта шуда, дар нохунак оварда мешавад: «Ин пули ман аст, ин пулро ман худам ёфтам!» – аз дил мегузаронидам. (П.Т.)

«Чӣ гуфтед, рафиқ муаллим?» – пурсидам ман саросема шуда. (С.У.)

*5. Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери нутқи айнан нақлшуда хат кашда, ҷой ва аломатҳои китобати онро шарҳ диҳед.*

1. «Агар Қориишкамба, – гуфт ӯ, – донад, ки ман ҳамрохи худ як одами бегонаро гирифта омадаам, ба шубҳа афтода, дарвозаашро нахоҳад кушод». (С.А.)

2. Саъдии Шерозӣ «Чашми танги дунёдорро ё қаноат пур кунад, ё хоки гӯр» – гуфтааст.

3. Ман дарвозаи он ҳавлиро кӯфтам ва дар дили худ гуфтам: «Агар ин ҳавлӣ – ҳавлии Қориишкамба набошад ҳам, зарар надорад». (С.А.)

*6. Ҷумлаҳои зерро ба нутқи айнан нақлшуда баргардонед ва гӯед, ки чӣ тағйирот рух дод.*

Намуна: Падарам гуфт: «Писарам, дониста кор кунед».

1. Норзода исроркорона гуфт, ки ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд.

2. Командир фармон дод, ки зуд бароям.

3. Овардаанд, ки дар кӯҳҳои шаҳри Ҳамадон ҳамдунагони бисёр буданд, ки он ҷо мақом доштанд ва эшонро сардоре буд. (аз китоби «Ҳаким Синдбод»)

*7. Матнро хонед ва маънидод кунед. Ҷумлаҳои нутқи айнан нақлшудадорро аниқ сохта шарҳ диҳед.*

– Аз худат пурсам? Чанд моҳ боз наменамоӣ... Мабодо бетоб - ку набудӣ?

– Не, додар, бетоб набудам. Лекин... пир шудаам. Худи ҳамин пирӣ баробари сад бетобӣ.

– Шикоят накун, падар, ту ҳоло чандон пир нестӣ, – гуфт мард ва даме сукут варзида, ба дунбураҳои пеши пояш назар давонд. – Инҳо аз худат?

– Ҳо, – гуфт мӯйсафед, аз чӣ бошад, нигоҳашро каме гурезонда.

– Хайр. Чумча надорӣ?

– Не, додар, қариб як сол мешавад, ки ҳеҷ чиз натарошидаам, – кифоя. Танҳо ҳамин….

– Ба ман чумча даркор буд, аммо дар наздат фақат думбура мебинам….

– Қиссаи дароз ин, – гуфт мӯйсафед ва бо лабханди маҳине гоҳ ба марду гоҳ ба дунбураҳои худ нигариста илова намуд: – Ягонтааш форида бошад, бигир, арзон медиҳам.

– Раҳмат, падар, ба ман чумча даркор буд. Марди қунғузмӯйлаб хайрухуш карду калон-калон қадам партофта, аз дарвозаи бозор берун рафт.

Мӯйсафед оҳиста дар ҷояш нишаст.

*Саттор Турсун*

## 64. НУТҚИ МАЗМУНАН НАҚЛШУДА. МУКОЛАМА – ЯК НАВЪИ НУТҚИ АЙНАН НАҚЛШУДА

*1. Муайян кунед, ки дар кадоме аз ҷумлаҳо нутқ мазмунан баён шудааст. Фарқи ҷумлаҳоеро, ки бо калимаҳои* ***ки, гӯё, чӣ қадар*** *алоқаманд шудаанд, шарҳ диҳед.*

Мирзо Турсунзода дар муҳокимаи повест хуб гуфтаанд: «Толис дар хазинаи сухан чун заргар бо ҷавоҳирот ҳунарнамоиҳо кардааст». Мирзо Турсунзода дар муҳокима гуфта буданд,




*2. Протокол (суратмаҷлис)-ро хонед. Қисмҳои онро муайян созед. Гӯед, ки чаро дар он нутқ асосан мазмунан оварда шудааст. Кадом феълҳо дар он бештар истифода гаштаанд?*

**Протоколи №1**

Ҷаласаи хонандагони синфи VIII мактаби миёнаи таҳсилоти умумии № 34 ноҳияи Рашт

аз 20 сентябри соли 2006

**Рӯзномаи маҷлис**

1. Масъалаи ташкили рӯзномаи «Забоншиноси ҷавон»
2. Интихоби ҳайати таҳририя.

**Шунида шуд:**

1. Гузориши роҳбари умумӣ муаллими забон ва адабиёти тоҷик Меликов Ҳ.

Баромад карданд:

Салимова С. (хонандаи синфи XI) оид ба аҳамият ва зарурати ташкили чунин як рӯзнома изҳори ақида карда гуфт, ки таъсиси он айни муддаост.

Тағоев С. (хонандаи с. 8 «а») таъкид кард, ки рӯзнома асосан бояд масъалаҳои имлою иншоро фаро гирад. Вай гуфт, ки рӯзнома агар ҳар моҳ ба нашр расад, ба мақсад мувофиқ аст.

Ҳакимов Т. (хонандаи с. 7 «б») пешниҳод кард, ки дар рӯзнома гӯшаи «Шоирони ҷавон» ташкил гардад, то ки баъзе шеърҳои шогирдон дар он ба табъ расанд.

Саидова Қ. (хонандаи синфи 9 «а») зикр кард, ки чун соли гузашта рӯзнома ба бозиҳои шавқовари грамматикӣ бештар диққат дода, барои ҳалли онҳо озмунҳо эълон намояд.

Меликов Ҳ. ба ҳамаи хонандагон барои иштироки фаъолона ва пешниҳоду дархостҳои мушаххас, ки дар беҳтар гаштани сифати рӯзнома мусоидат мекунанд, изҳори миннатдорӣ намуд.

Маҷлис бо назардошти фикру мулоҳиза ва пешниҳодоти узвҳо

қарор кард:

1. Рӯзномаи мактаб таҳти унвони «Забоншиноси ҷавон» ташкил ва нашри ҳармоҳаи он ба роҳ монда шавад.

2. Ҳайати таҳририяи пешниҳодшуда тасдиқ карда шавад.

*Раиси маҷлис:* ____________________

*Котиб:* ____________________

*3. Ҳикояро хонед ва нутқи айнанро ёфта шарҳ диҳед. Ҷумлаи охирро ба мазмунан баргардонед. Чаро нависанда бештар аз нутқи айнан истифода бурдааст?*

Подшоҳе писареро ба адибе доду гуфт:

– Ин фарзанди туст, тарбияташ ҳамчунон кун, ки яке аз фарзандони хеш. Адиб хидмат кард ва мутақаббил шуд ва соле чанд бар ӯ саъй карду ба ҷое нарасид ва писарони адиб дар фазлу балоғат мунтаҳӣ шуданд. Малик донишмандро муохазат карду муотабат, ки ваъда хилоф кардӣ ва вафо ба ҷо наёвардӣ!

Гуфт:

– Бар раъйи худованди рӯйи замин пӯшида намонад, ки тарбият яксон асту табоеъ мухолиф.

Гарчи симу зар зи санг ояд ҳаме,
Дар ҳама санге набошад зарру сим.
Бар ҳама олам ҳаметобад Суҳайл,
Ҷое анбон мекунад, ҷое адим.

*Саъдии Шерозӣ*

**Луғат**

**Мутақаббил шудан** – ба зимма гирифтан
**Мунтаҳӣ** – интиҳоёбанда, анҷомёфта
**Муохазат** – сарзаниш, танбеҳ
**Муотабат** – сарзаниш кардан
**Анбон** – халтаи чармини сафарӣ
**Адим** – ниёзманд, дарвеш

**Савол ва супориш**

1. Ҳикояро чӣ ном муносиб аст? Онро дар матн ҷӯед.
2. Ба андешаи адиб розиед? Андешаи шахсии шумо?
3. Бо истифода аз мисраи дуюми қитъа ҷумлае тартиб диҳед, ки дар он нутқ айнан нақлшуда бошад.

*4. Порчаро хонед ва ҷумлаҳои нутқи айнан нақлшудадоштаро ёфта шарҳ диҳед. Ҷумлаҳои якум ва дуюмро ба мазмунан нақлшуда баргардонед.*

Шунидам, шеърро хуб мехонед, достонхонии шуморо таъриф мекунанд, чаро боре назди ман наёмадед? – гуфт Фирдавсӣ.

Абудулаф шармгинона гуфт:

– Мехостам биёям... ҷуръат накардам, устод... ибо кардам...

– Чаро ибо? Беҷо, беҷо. Аммо айб ба Ҳушанг ҳам ҳаст, ки то имрӯз шуморо ба меҳмонӣ нахондааст. Мегӯянд, шумо Рустаму Ашкбӯсро аз ёд кардаед?

– Оре, устод... Боз фасле аз Фаридуну Заҳҳок ҳам.

– Фаридуну Заҳҳок? Оё ин достон дар дастраси шумо буд? Аз куҷо пайдо кардед?

– Устод онро ба ҷаноби Муҳаммади Лашкарӣ тақдим карда будаанд, он ҷаноб ориятан ба ман дода буданд, ки фаслеро аз ёд кунам.

– Пас он фаслро барои мо мехонед, – гуфт шоир ва пурсид: – Мехонед?

– Ба чашм, устод, – қабул кард Абудулаф.

*Сотим Улугзода*

**Савол ва супориш**

1. Баъди ба нутқи мазмунан баргардонидан чӣ тағйироти ҷумлаҳоро ҳис кардед?

2. Чаро нависанда нутқро айнан ва бе дигаргунӣ меорад?

3. Бо истифода аз калимаи орият ҷумла тартиб диҳед.

| |
|---|
| Дар асарҳои бадеӣ дар вақти навиштани гуфтугӯйи ду ва ё якчанд шахс (диалог) нутқи ҳар яке аз онҳо аз аввали сатр бо ҳарфи калон оғоз ёфта, дар аввали нутқи ҳар кас аломати тире гузошта мешавад ва аломати нохунак бардошта мешавад. Танҳо бо нутқи айнан нақлшуда тамоми хусусиятҳои забонию оҳанги талаффузи ин ё он шахси амалкунандаро метавон дод. Вале аксар вақт нутқ мазмунан оварда мешавад, зеро айнан овардан, аз як тараф, вақти зиёдро талаб кунад ва, аз тарафи дигар, айнан овардани нутқ ҳамеша зарурате надорад. |

## САВОЛ ВА СУПОРИШ БАРОИ САНҶИШ ВА ҶАМЪБАСТ

1. Нутқи айнан нақлшуда чист?

2. Нутқи мазмунан нақлшуда аз айнан нақлшуда чӣ фарқ дорад?

3. Кадом аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои нутқи айнан нақлшудадор истифода мешаванд?

4. Асосан чанд навъи дар нутқ истифода шудани нутқи айнан нақлшударо медонед? Бо мисолҳо шарҳ диҳед.

5. Дар кадом ҳолатҳо аломати нохунак аз нутқи айнан нақлшуда меафтад?

6. Дар кадом услуб бештар нутқи айнан нақлшуда истифода мешавад?

7. Равшантар баён кардани хусусиятҳои забонию оҳанги талаффуз ва барҷастагии баён махсусияти кадом нутқ аст? Айнан ва ё мазмунан нақлшуда?

8. Ҷойи нохунак, дунуқта ва тиреро дар нутқи айнан нақлшуда шарҳ диҳед.

## 65-66. КОР БО МАТНИ ТАҚРИЗ

*1. Ба ҳикояҳо ва асарҳои тибқи супориши омӯзгор хондаатон тақризҳои мухтасар нависед. Тақризҳои навиштаатонро байни ҳам муҳокима кунед.*

*2. Тақризи «Аёният дар таълими грамматикаи забони тоҷикӣ» (Душанбе, 2016, 84 саҳ.)-ро хонед ва хулосаатонро нависед.*

Дар бораи дастовардҳои соҳаи маориф дар даҳсолаи охири давраи истиқлолият сухан нагуфта наметавонем, аз пешравиҳои фаъолияти омӯзгорон дар иртибот бо дастрасӣ ба маводди методӣ чашм пӯшем. Дар ин самт иқдоми Вазорати маориф ва илм ва идораҳои марбутаи он бо ҷалби мутахассисону коршиносони ҳирфаӣ шоистаи таҳсинанд. Роҳбарияти вазорат пайваста мекӯшад, ки аз ин ҷиҳат талаботи омӯзгоронро ба инобат гирифта, маводдеро ба онҳо пешниҳод намояд, ки, воқеан, дархӯри кори эшон шуда тавонанд. Аз тарафи мутахассисон пешниҳод шудани дастуру тавсияҳои методӣ ба хотири фарогирии омӯзгорон бо маводди иловагии омӯзишӣ дар чанд соли охир аз ҷумлаи чунин кӯшишҳост.

Мутахассисони соҳибтаҷриба З. Тошбоева, С. Бойбобоева бар асоси мушоҳидаҳо талаботи омӯзгоронро ба воситаҳои аёнӣ дар таълими мавзӯъҳои грамматикии забони тоҷикӣ омӯхта, ин дастурро омода намудаанд. Албатта, гуфта наметавонем, ки ин дастур ба пуррагӣ кори нав аст, зеро мавҷудияти чунин воситаҳо дар баъзе мавридҳо далели он аст, ки гоҳе баъзе шахсони алоҳида ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд. Аммо маводде, ки ин мутахассисон омода намудаанд, дар ҳақиқат, воситаи хуби иловагӣ буда, дастрасиро ба таълиму омӯзиши забони тоҷикӣ бештар мегардонад.

Дастури мазкур дар робита ба паҳлуҳои гуногуни се қисмати грамматика – фонетика (овошиносӣ), морфология (сарф) ва синтаксис (наҳв) намунаи воситаҳои аёниро фаро гирифтааст.

Имрӯз, ки дар имлои забони тоҷикӣ нофаҳмиҳои зиёд ҷой дошта, меъёри ягона ё вуҷуд надорад ва ё вуҷуд дораду риоя намегардад, пешниҳоди чунин дастур айни муддаост. Фаразан, танҳо дар имлои «ӯ» ва «у» дар матбуоти имрӯз чанд соли охир гуногунбаёнӣ чунон афзуд, ки омӯзгорон ба шогирдонашон чӣ гуфтану чӣ навиштанро таълим дода наметавонанд. Аз ин ҷиҳат пешниҳоди муаллифон бо овардани мисолҳо дар мавридҳои гуногун, аз ҷумла, имлои ҳарфи «ӯ» пеш аз ҳарфҳои «ҳ», «ъ», шинохтани мавқеи «ӯ» ва «ӣ», «ъ» дар калима, умумият ва фарқи калимаҳо *(байни садонокҳои «у» ва «ӯ»),* умумият ва фарқи калимаҳо *(бо ҳамсадои «ъ» (сакта)),* имлои «д», «т», «ҳ», ташдид дар муқоиса (гуфтан ва навиштан) кори омӯзгоронро дар таълим хеле осон мегардонад.

Дар анҷоми боби «Фонетика» намунаи таҳлили фонетикии калима ва ҳиҷо бо хусусиятҳояш (бо се ва зиёда ҳамсадо ба охир намерасад, бо ду ва зиёда ҳамсадо сар намешавад, як ҳамсадо ҳиҷо шуда наметавонад, як садонок ҳам ҳиҷо шуда метавонад, аз се ҳамсадо ва як садонок ҳиҷо сохта мешавад) фаҳмо ва ҷолиб оварда шудаанд.

Дар боби «Морфология» мураттибон дар бораи тамоми ҳиссаҳои нутқ ва аломатҳои морфологии онҳо (ҳам дар бораи сохту ҳам дар бораи имлои ҳар кадом) тавассути нақша иттилои равшан додаанд. Дар баёну ифодаи тамоми ҳиссаҳои нутқ, хоҳ мустақилмаъно ва хоҳ ёридиҳанда, омӯзгор метавонад  аз ин дастур тавсия гирад. Мураттибон дар шарҳи синтаксис ҳам бетаваҷҷуҳ нашуда, дар такя бо барномаи мактабӣ (на академӣ) намунаи нақшаҳои омӯзиширо омода намудаанд, ки истифода аз ҳар кадом ба рушду пешравии таълими забони тоҷикӣ манфиати зиёд меоварад. Умуман, мураттибон бо пешниҳоди чунин мавод ба муҳимтарин мавзӯъҳои таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бештар аҳамият додаанд.

Кори омӯзгор, хусусан, дар даврае ки таваҷҷуҳ ба таълими салоҳиятнок меафзояд, бо дастрас гардидани чунин

мавод хеле осон ва ҳам самарманд мегардад. Тавассути чунин нақшаҳо ба фаъолияти омӯзгорону хонандагон ба чанд тариқа мумкин аст, таъсир расонд.

Аввалан, омӯзгорон бо дастрас намудани ин мавод аз мушкили норасоии аёният дар дарс озод мешаванд, сониян, он метавонад омӯзгоронро барои ташкил намудани дарси шавқовар рӯҳбаланд намояд.

Аз тарафи дигар, имконияти дар хонандагон малакаи аз нақша ҷумла сохтан ва баръакс пайдо мешавад, ки ин ҳолат барои рушди эҷодкорӣ, инкишофи нутқ ва тафаккури хонандагон омили беҳтарин аст.

Хулоса, «Аёният дар таълими грамматикаи забони тоҷикӣ» туҳфаи хубе дар арафаи ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, умед аст дар болоравии сифати таҳсилот дар таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъсири мусбат мерасонад.

*Саида Набиева*

*3. Тақризи ба «Луғати мухтасари имлои забони адабии ҳозираи тоҷик» (муаллиф: Н. Мирзоматов, Душанбе, Маориф; 1991») таҳти унвони «Ранҷи бесамар» навиштаи С. Аминзодаро хонед. Тақриз ба шумо писанд омад? Чаро? Андешаатонро баён кунед.*

Нашриёти «Маориф» соли 1991 якбора ду луғат: «Луғати мухтасари имлои забони ададии ҳозираи тоҷик» (муаллиф: Н. Мирзоматов) ва «Луғати имло» (муаллифон: А. Маниёзов ва А. Мирзоев)-ро ба табъ расонд. Возеҳ аст, ки дастур ё китоб навиштану таҳия кардан чӣ заҳматҳоеро дар қиболи худ дорад. Албатта, муаллифону мураттибони китобҳои фавқулзикр заҳмате ба харҷ додаанд, ки онро ишора кардан амалест савоб.

Вале барои ҷомеа чӣ манфиат доштани ҳар як китоб ва дастурро хонанда пас аз мутолиа дарк мекунаду қобили қабул будан ва ё набудани онҳоро дар муқоиса бо луғатҳои қаблан нашршуда мушаххас месозад. Мо ин

луғатҳоро бо «Луғати имлои забони адабии тоҷик»-и Я. И. Калонтаров, ки соли 1974 нашр шудааст, муқоиса карда гуфтанием, ки ду луғати соли 1974 чопкардаи нашриёти «Маориф» аз лиҳози сифату муҳтаво нисбат ба луғати пешин дар сатҳи паст меистанд ва ин кор хилофи қонуни забон мебошад. Қонуни забон талаб менамояд, ки дастуру китобҳои минбаъд нашршаванда сифатан бояд беҳтар бошанду ба рӯҳи замон ҷавоб диҳанд. Дар акси ҳол «хидмати хирсонаеро» анҷомдода ба ҳисоб мераванд. Нашриёти «Маориф»-ро лозим аст, ки дастуру китобҳоеро ба дасти чоп супорад, ки дархӯри толибилмон бошанд. Метавон бо чунин амали носавоб дили хонандагонро аз китобхонӣ сард кард.

Китобе, ки нисбат ба асарҳои пештар чопшуда бартарӣ надораду хонандаро ба ваҷд оварда наметавонад, ба паст шудани завқи онҳо муҷиб мегардад. Луғатҳои номбурда аз чунинҳоанд. Мо ҷиҳати собит намудани фикри хеш «Луғати мухтасари имлои забони адабии ҳозираи тоҷик»-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Муаллиф Н. Мирзоматов ин луғатро барои хонандагони мактаби миёнаи умумӣ пешниҳод кардааст. Мутолиаи луғати мазкур нишон дод, ки муаллиф дар луғатсозӣ таҷрибаи кофӣ надорад ва қавонини тартиби луғатро балад нест. Чунин гумон меравад, ки муаллиф луғати имлоро аз луғати калимасозӣ фарқ намекунад. Ба муаллиф лозим буд, ки луғатҳои дар забони тоҷикӣ мавҷударо аз назар гузаронад, то аниқ созад, ки луғати имлою калимасозӣ ҳар кадом тафовутҳо доранд.

Дар аввал «Сарсухан»-ро аз назар мегузаронем. Дар сарсухан доир ба луғатҳои то кунун чопшуда умуман сухан намеравад ва гӯё ки ин аввалин китобест доир ба имло. Сарсуханро мутолиа карда, аз ҷумлаҳои носуфтаю дурушти он кас ба ҳайрат меафтад, ки наход ҷумлаҳои тоҷикӣ чунин бошанд. Ба ин ҷумла таваҷҷуҳ кунед: «Ин луғат дуруст навиштан ва то андозае беғалат хондани

калимаҳоро нишон медиҳад. Калимаҳои иқтибосии префикс ё суффиксҳои тоҷикӣ гирифта задаи тоҷикӣ қабул мекунанд» (саҳ. 3). Магар луғати имло беғалат хондани калимаҳоро намеомӯзад? Магар зада тоҷикӣ ва ё англисӣ мешавад?

Ё ҷойи дигар: «Агар ба шумо калимаи «ҳаммактаб» лозим бошад, аввал решаи он – «мактаб»-ро ёфта дар қавс «ҳам»-ро мебинед ва бе каму зиёдкунии овозҳо онҳоро ҳамроҳ карда менависед» (саҳ. 3). «Ҳам» дар кадом саҳифаи луғати мазкур дар қавс дода шуда бошад? Мо пайдо карда натавонистем. Боз ба чунин ҷумлаи беасос диққат диҳед: «Аз рӯйи луғат чӣ тавр навиштани баъзе номи одамон, забонҳои халқҳои ИҶШС, калимаҳои ихтисоркардашуда, шаҳрҳо, мамлакатҳо ва номҳои географии дигарро низ ёд гирифтан мумкин аст». (саҳ. 3-4)

Калимаҳои ихтисоршудаю номи шаҳру мамлакат ва номҳои географӣ куҷоанд ва дар кадом саҳифаанд. Агар бо заррабин кобед, онҳоро ёфтан ғайриимкон аст. Шояд ин «шоҳкориҳо-и нашриёт бошад? Магар вазифаи муҳаррири масъули он танҳо аз ихтисор кардан иборат аст? Дар поёнтарин «Сарсухан» муаллиф менависад: «Луғат ҳангоми навиштани корҳои хаттӣ: диктант, нақли хаттӣ, иншо ва мактубҳоро босаводона навиштан ба шумо ёрдамчии боваринок аст» (саҳ. 4). Ба шеваи баёни муаллиф диққат диҳед! Агар «Сарсухан»-ро бамулоҳиза хонед, ба ҳар як ҷумлаи он эроди ҷиддӣ гирифтан мумкин аст. Муҳтарам Н. Мирзоматовро лозим буд, ки дар ин кор беэътиноӣ зоҳир накарда, мақсаду вазифаи ҳамин луғатро дар сарсухан ва ё, ба истилоҳи дигар, дар «Муқаддима» дурусту фаҳмо бо ҷумлаҳои равону оммафаҳм баён намояд.

Вазифаи луғати имлое, ки барои мактабиён пешниҳод мегардад, ба назари мо, аз он иборат аст, ки кори хонандагони мактаби мутавасситро роҷеъ ба тарзи навишти ин ё он калима сабук гардонда, саводнокию маданият ва эҳсоси забондонии ононро инкишоф диҳад. Хонандагон аз луғати

имло на фақат тариқи навишти калимаҳоро, балки роҳҳои сохтану дуруст талаффуз карданро ёд мегиранд.

Луғати имло вожаҳои забони тоҷикиро фаро мегирад, аз ин хотир амри қонунист, ки дар он калимаҳое шомил гарданд, ки дар забони адабӣ чандон истифода намешаванд, вале дар адабиёти бадеӣ вомехӯранд ва лозим аст, ки меъёри навишти чунин калимаҳо дар ин ҷо аниқ карда шавад. Луғати имло одатан шакли дурусту эътирофгаштаи калимаҳоро бояд пешниҳод намояд. Хонанда барои он ба луғати имло муроҷиат мекунад, ки шакли дурусти навиштро дарёбад. Агар аз ҳамин нуқтаи назар «Луғати мухтасари имло...»-ро баррасӣ бикунем, нуқсонҳои ҷиддӣ доштани он баръало намоён мегарданд, ки асосан зеринҳоанд:

1. Муаллиф мебоист сароғоз калимаҳоеро ба луғат дохил мекард, ки, воқеан, дар навишти онҳо хонандагон ба ғалат роҳ медиҳанд. Вале муаллифи луғат Н. Мирзоматов аксар бо овардани калимаҳое, ки навишти онҳо ҳеҷ душворие надоранд, қаноат ҳосил кардааст. Магар ҳини навишти азо, алаф, бол, бист, гов, гап, нав, нам, нах ва амсоли инҳо барин калимаҳо хонанда ба душворие мувоҷеҳ мегардад?

Дар ин маврид муаллифро лозим буд, ки на фақат аз «Луғати имло»-и М. Калонтаров калима интихоб кунад, балки корҳои хаттии хонандагонро низ омӯхта ва муоина карда, калимаҳои дар навишт ғалат мекардагии онҳоро бояд ворид созад.

2. Одатан дар луғатҳои имло барои осонии кори хонандагон ҷойи зада низ нишон дода мешавад. Дар ин лаҳза хонандагон метавонанд, ду корро: ҳам дуруст навиштани калима ва ҳам маданияти нутқ омӯзанд. Ба назари мо, Н. Мирзоматовро лозим буд, ки ҳатман ин корро дунбол кунад, зеро дар талаффузи равшанфикрон ҳатто баъзан зада дар ҷойи худ намеафтад, ки боиси гӯшхарошии сухан шуда, риоя нашудани маданияти нутқ эҳсос мегардад. Агар чанд

калимаро, ки дар онҳо зада гузашта шудааст, истисно кунем, ин кор дар «Луғати мухтасари имло...» асосан анҷом напазируфтааст, ки нуқси китоб маҳсуб мешавад.

3. Баъзе калимаҳо дар луғат ғалат оварда шудаанд, ки хонандагонро ба иштибоҳ меандозанд. Масалан: андозгир (саҳ. 7), тангпо (саҳ. 39), зуламот (саҳ. 17), чанвақта (саҳ. 51), миринзабон (саҳ. 55), ширқин (саҳ. 55), ширинпаз (саҳ. 55), нозунӯз (саҳ. 25), меҳмонавоз (саҳ 21), мурват (саҳ. 22), харкаша (саҳ. 47), хушкунак (саҳ. 50) ва ғайра.

Баъзе калимаҳое дар «Луғати мухтасари имло...» пешниҳод гаштаанд, ки фаҳмидани маънояшон басо душвор аст. Масалан:) калимаи «лақҚ» (саҳ. 20) чӣ маъно дошта бошад? Ва ё «лух» гуфта муаллиф чиро дар назар дорад, чандон аниқ нест. Ҷойи дигар, яъне дар моддаи «С» калимаи «сандон» оварда шудаасту дар қавсайн «сангдон» сабт гашта. Ба назари мо, ки ин калимаҳо мутафовутанд ва зери як модда пешниҳод кардан нодуруст бояд бошад.

4. Дар натиҷаи бемасъулиятию шитобкории ҳам муаллиф ва ҳам муҳаррири нашриёт баъзан тартиби алифбо ихтилол ёфтааст, ҳол он ки дар муқаддима омадааст: «Луғат аз рӯйи алифбо аст». (Нигаред ба сутуни чапи саҳифаи 1-ум аз боло (азамат, аз барои, аз барои он ки), саҳ. 13 сутуни рост аз боло (говрон, гилем ва саҳифаи 20).

5. Калимаҳое дар «Луғати мухтасари имло...» оварда шудаанд, ки ба ҳамагон чандон фаҳмо нестанд. Ба ақидаи мо, дар чунин дастурҳо, ки барои хонандагони мактаби миёна пешниҳод гаштаанд, аз истифодаи калимаҳои ба ҳамагон норавшан имтиноъ варзидан беҳтар аст. Ва мо кӯшиш ба харҷ диҳем, ки чунин калимаҳо дар адабиёти бадеӣ роҳ наёбанд. Таваҷҷуҳ кунед ба калимаҳои «дангоса» (саҳ. 14), пайпоқ (саҳ. 27), тиқилинҷ (саҳ. 42), силиқ (саҳ. 35), суюқ (саҳ. 37), ямоқ (саҳ. 59), убол (саҳ. 43)...

6. Луғати имло, чунон ки зикр кардем, бар илова дурустнависиро нишон додан тариқи сохтани калимаҳоро низ меомӯзад. Аз ин лиҳоз дар луғатҳои имло аз овардани кали-

маҳое, ки нодуруст сохта шудаанд, парҳез кардан лозим аст ва санъати таҳиягари луғат ҳам дар ҳамин зоҳир мегардад. Нодурустии чунин калимасозиро олимони шинохта бахусус, М. Шукуров борҳо тазаккур кардаанд: сайркунӣ (саҳ. 32), саркунӣ (саҳ. 33), тезкунӣ (саҳ. 41), ҳабскунӣ (саҳ. 63), ҳазлкунӣ (саҳ. 64), ҳуҷумкунӣ (саҳ. 68)...

7. Баъзе калимаҳо (кам бошанд ҳам) такрор шудаанд, ки ин амал ҳусну ҷиддияти луғатро коҳиш медиҳад: мавсим-мавсим (саҳ. 20), бачапоӣ-бачапоӣ (саҳ. 9), беобрӯй-беобрӯй) (саҳ. 10). Бамаврид аст, ки ин ҷо баъзан риоя нагаштани якнавохтии навиштро зикр бикунем. Масалан, дар саҳифаи 31 калимаи «русӣ-тоҷикӣ» бо нимтире навишта шудаасту дар саҳ. 35 калимаи сиёсию иқтисодӣ бидуни нимтире. Аз тарафи дигар, хуб мебуд, ки аз калимаҳои муодилдор (вариантдор), ки яке аз онҳо дуруст ҳисоб мешавад, дар луғати имло оварда шавад. Дар «Луғати мухтасари имло...» бошад, ин нукта баъзан риоя нашудааст: (Масалан: бодинҷон-боимҷон, гараж-гараҷ, кафлез-кафлес), ки ба назари мо, амали номатлуб аст, зеро ягонагии имлоро аз байн мебарад. Калимаи «занбар» дар луғати мазкур ба шакли «замбар» оварда шудааст, ки нодуруст мебошад.

8. Мутолиаи «Луғати мухтасари имло...» баръало нишон дод, ки муаллиф дар овардану интихоби калимаҳо як принсипи (усули) муайянро пешаи худ қарор надодааст. Яъне ҳар куҷо ки хостааст, шаклҳо (вариантҳо)-и дигари калимаҳоро меораду ҷойи дигар аз ин амал даст мекашад. Аккос (саҳ. 6), армон (саҳ. 7) топторик (саҳ. 42), филтан (саҳ. 45) шаклҳои дигар низ доранд, вале дар луғат пайдо кардан ғайриимкон аст.

9. Равшан аст, ки калимаҳо якчанд маъно доранд ва ба кадом маъно омаданро дар луғатҳои пешин ҳатман ишора мекарданд, зеро чунин ишора роҳнамоест барои хонандаи луғат. Вале аз чӣ сабаб А. Мирзоматов аксар вақт аз ин амал худдорӣ кардааст, кас дар тааҷҷуб мемонад. Масалан, калимаи «лух»-ро ба кадом маъно бояд фаҳмид? Мебоист он

дар шакли лух (бот.) оварда мешуд. Ба ҳамин монанд калимаҳо дар луғат бисёранд (атлас, байт, боб, кишт, табарзин, тезоб ва амсоли инҳо), ки барои дарки маънои онҳо дар қавсайн ба кадом соҳа мансуб буданашро ишора кардан шарт ва зарур буд.

Ин буд муште аз хирвор, ки перомуни «Луғати мухтасари имлои забони адабии ҳозираи тоҷик» (муаллиф: Н. Мирзоматов) ибрози назар кардем. Тартибу танзим ва таълифи «Луғати имло» кори саҳл набуда, ҳавасбозиро намепарварад ва ҳавас доштан як тарафи масъала аст. Барои он ки ба халқ хидмати содиқона карда бошем, бояд ба забони он арҷ гузорему ба таври ҷиддӣ кор карданро ёд гирем.

*Сайидамир Аминзода*
*Аз маҷаллаи «Маърифат» 1992, №5, саҳ. 34-36*

*4. Матни зеринро хонед ва ба тақризи боло муқоиса кунед. Гӯед, ки аз он чӣ фарқ дорад. Хулосаатонро баён кунед.*

**Китоби дарсӣ бояд мукаммал бошад.**

Банда ҳамчун омӯзгори собиқадор мехоҳам, оид ба ҳусну қубҳи китоби дарсии «Адабиёти тоҷик» барои синфи 11 (муаллифон: Х. Асозода ва А. Кӯчаров, нашри соли 2015) ибрози ақида намоям.

Ороиши китоб хуб ва мундариҷааш ба барномаи таълим ҷавобгӯ аст. Ногуфта намонад, ки китоб бо вуҷуди муваффақиятҳо аз камбудиҳо орӣ нест. Агар воқеъбинона назар кунем, дар китоб омӯзиши эҷодиёти ягон адиби ҷавон дида намешавад. Ҳамаи адибони омӯхта мешудагӣ, ғайр аз Ф.Муҳаммадиев, ки ӯ ҳам, мутаассифона, дар қайди ҳаёт нест, аз устод С. Улуғзода сар карда, то Абдулҳамид Самад синну солашон аз 70 боло аст. Вале ҳайратовар он аст, ки сурати адибон дар китоб ҷавон ба назар мерасад. Масалан, устод С. Улуғзода 86 сол умр дидаасту дар акс ба ҷавони 30-35-сола монанд аст. Ҳамин тавр, адиби шинохта ва сер-

маҳсул Ҷ. Икромӣ дар 84-солагӣ фавтида, дар расми китоб ҷавони 35-40-соларо мемонад. Адибон М.Миршакар, Р. Ҷалил, М.Қаноат, Б.Собир, М.Бахтӣ, Гулназар, Абдулҳамид Самад симои ҷавон доранд. Шоири шинохта Гулназар Келдӣ дар сурати китоб бо кепка омадааст.

Дигар ин ки дар китоби зикршуда тартиби хронологии ҷойгиркунии адибон низ риоя нашудааст. Масалан, шоири ҷанговари тоҷик Ҳ.Юсуфӣ бояд баъди адибон М.Турсунзода, М.Миршакар, Ҷ.Икромӣ, С.Улуғзода ва Р.Ҷалил омӯхта шавад, на пеш аз онҳо.

Эроди дигари мо дар қисматгузории «Адабиёти даври истиқлолият» аст. Ин гурӯҳи адибон эҷодиёти хешро на дар давраи истиқлолият, балки солҳои пеш сар карда, баъди солҳои 90-ум аллакай адибони баркамол буданд. Масалан, Меҳмон Бахтӣ, Гулназар, Абдулҳамид Самад солҳои 1960 – 1980-уми қарни гузашта ба арсаи адабиёти тоҷик қадам мондаанд. Бинобар ин, адибонро адибони даврони истиқлолият номгузорӣ намудан нашояд. Умуман, ҳамин гуна номгузорӣ зарурат надорад.

Хуб аст, ки солҳои охир муаллифони китобҳои дарсӣ иқдоми наве ба роҳ монда, барои осон ва беҳтар гардидани таълими мавзӯъҳо аз тестҳо истифода мебаранд. Беҳтар мебуд, агар тестҳои додашуда на дар охири мавзӯъҳо, балки дар охири китоби дарсӣ оварда шаванд.

Инчунин, тайи солҳои охир ҳам дар барномаҳои таълим ва ҳам дар китобҳои дарсӣ сарбории шогирдон зиёд шуда истодааст, ки ин кори таълимро душвор мегардонад ва мавзӯъҳо сарсарӣ омӯхта мешаванд. Муаллифони китобу барномаҳо набояд фаромӯш кунанд, ки мактаб шогирди адабиётшинос не, балки адабиётдӯст тайёр мекунад. Шарт нест, ки хонандаи мактаб ҳама чизро ба пуррагӣ омӯзаду донад. Китоби адабиёт, ки зикраш ин ҷо рафта истодааст, 30 мавзӯи калон ва мавзӯъчаҳоро дар бар гирифта, аз 400 саҳифа иборат аст. Дар ҳоле ки дар барнома барои омӯзиши ин мавзӯъҳо 88 соат ҷудо карда

шудааст ва бояд хонанда дар як соати дарсӣ камаш маводди 5 саҳифаро омӯзад.

Хулоса, муаллифони барнома ва китобҳои дарсӣ тайи солҳои охир аз мактабу омӯзгорон дур монда, дар пайи ҷустуҷӯву пайдо намудани маълумоти наву пурра оид ба ҳаёту фаъолияти адибон нестанд. Ба он чи ки дар даст доранд, қаноат мекунанд. Эшонро мебояд, ки робитаҳои зичи ҳамкориро бо мактабу омӯзгорони пешқадам ва собиқаи тӯлонии коридошта беҳтар ба роҳ монанд, ки оянда чунин камбудиҳо ба миён наоянд.

*Ш. Раҳимзода*

## 67-68. ТАКРОРИ МАВОДДИ ДАР СИНФИ 8 ОМӮХТАШУДА

*1. Хонед ва вазифаҳои ҳар кадом қисми грамматикаро шарҳ диҳед.*

Синтаксис аз калимаи юнонии «syntaxis» гирифта шудааст ва маънои таркиб ёфтан, сохтро дорад.

Синтаксис як қисми грамматика буда, ибораю ҷумла, қоидаҳои сохтани ибора, ҷумла, тарзу воситаҳои созмонии онҳоро меомӯзад. Наҳв (синтаксис) устухонбандии тарзи ифодаи фикр аст. Дар наҳв ду масъала: маъно ва тарзи ифодаи он, яъне қолиби ифодаи фикр, ҷойи асосиро мегирад. (Хоҷаев Д.)

Морфология аз калимаи юнонии «morphe» шакл, сохт ва «logos» – мафҳум, илм гирифта шудааст. Қисми грамматикие, ки оид ба сохт, таркиби калима, шаклҳои тағйирёбии калима, роҳҳои ифодаи маънои грамматикӣ, инчунин, дар бораи ҳиссаҳои нутқ ва роҳҳои калимасозии онҳо маълумот медиҳад. (Ҳусейнов Х.)

Ҷузъҳои таркиби морфологӣ барои сохтани ҷумла маводди сохтмонӣ маҳсуб мегарданд. Ҳамаи ҳиссаҳои нутқ дорои вазифаи аввалияи синтаксисӣ мебошанд. Масалан, исм ва ҷонишинҳо бештар ба вазифаи мубтадо ва пуркунанда, феълҳо ба вазифаи хабар, сифату сифати феълӣ ба

вазифаи муайянкунанда ва зарфу феъли ҳол ба вазифаи ҳол меоянд.

Вале ҳиссаҳои нутқ дорои вазифаи дигар ҳам мебошанд. Масалан, исм ба вазифаи ҳамаи аъзои ҷумла меояд.

*2. Матнро хонед ва гӯед, ки дар бораи чӣ гап меравад? Агар таърихи баромади калимаеро аз касе шунида бошед, нависед ва пешкаши ҳамсинфон гардонед.*

– Аҷиб, – гуфт Деҳотӣ. – Аммо калимаи «Кобул» чӣ маъно дошта бошад? Шояд ин аз забони автолиҳо бошад?

– Кобулиҳо ҳикоя мекунанд, ки як вақтҳо подшоҳе ба шикор омадааст ва дар баландии Кобули имрӯза хонае дидааст, ки чор тарафашро об иҳота кардааст. Подшоҳ фармон медиҳад, ки аз рӯйи об пул андозанд.

Сарбозон аз коҳ месозанд. Подшоҳ ба воситаи он ба ҷазира мегузарад ва фармон медиҳад, ки он ҷойро обод кунанд. Вақте ҷазира обод мешавад, номи онро Коҳпул мемонанд. Бо мурури замон «п» ба «б» мубаддал мешавад ва «ҳ» аз миён меравад. Лекин вақте ки аз як афғонӣ маънои Кобулро пурсидам, вай бо ин байт ҷавоб дод:

Аз номи диёри ман чӣ пурсӣ, –
Обест миёни гул чакида.

*Мирсаид Миршакар*

**Савол ва супориш**

1. Матн аз чанд калима ва чанд ҷумла иборат аст?
2. Ҷумлаи сеюм аз чанд ибора таркиб ёфтааст?
3. Чӣ гуна ҷойро ҷазира мегӯянд?

*3. Матнро навишта, ҷумлаҳои содаи онро аз ҷиҳати сохт муайян кунед ва вазифаи аломатҳои китобати дар матнбударо шарҳ диҳед.*

Моҳи савр. Баҳори кӯҳистон бо ҳазор ранг таровату назокат одамро мастӣ мебахшид. Дар чордеворҳои поёни ҳавлӣ шилха сабзида, ба қади одам баробар гашта, бӯйи талхи ҷорӯби кабуд димоғро ба хориш меовард. Сари

роҳҳо, қабати сангҳо гулу гиёҳ ҷӯшида буд. Оби рӯд хеле зиёд гашта, аз он ҳоло харсавор мегузаштанд. Аз зовҳо парида шав-шув кардани он шабҳо ба гӯш монанди мусиқии дилнавозе гоҳ баланду гоҳ паст расида, гуҷумакиёнро гӯё алла мегуфт.

*Баҳром Фирӯз*

**Савол ва супориш**

1. Оё баҳори кӯҳистонро мушоҳида кардаед? Бо мазмуни матн муқоиса кунед.
2. Ба матн боз чиҳоро илова карда метавонед?
3. **Гулу гиёҳ ҷӯшида буд**-ро шарҳ диҳед?

*4. Матнро равону возеҳ хонед ва ҳадафи онро шарҳ диҳед.*

Ҷони гап дар он аст, ки ба кори хайр пеш даромада, сарварӣ кардан аз дасти ҳар кас намеояд. Ин қабил одамон «ними нон роҳати ҷон» мегӯянду ғами фардо надоранд. Гапи амаки Абдуфаттоҳ дуруст: «Вақте ки аз дарёи тезоб мегузарӣ, мулҷаргоҳро баланд гир, вагарна об мебарад». Аз кӯтоҳназарӣ онҳо як қадам онсӯтарро намебинанд, танҳо имрӯзро медонанду фаромӯш мекунанд, ки пас аз даҳ сол чӣ мешавад. «Ба ман бошад, мон ки пас аз сарам офтоб набарояд» мегӯянд. Лекин офтоб ҳамеша мебарояд, дарёи тезоб ҳамон равон асту равон.

Замони ба ним ҷав қаноат кардан гузашт. Инсон имрӯз ба уфуқҳои дур менигарад, ободиву осудагӣ мехоҳад, замину замонро гулпӯш мекунад, меҳнату роҳат мехоҳад, ба насли фардо мероси бузурге ҳадя кардан мехоҳад. Инсоният имрӯз сайёраҳои осмонро ба каф гирифта истодааст у баъзеҳо ду пула кори заминиро уҳда карда наметавонанд. Ганҷ дар дасташону онҳо пушти кӯҳи Қофро нишон медиҳанд. Э охир, ин бебарориҳо ба кӣ даркор?... Ногаҳон аспашро нигоҳ доштани амаки Абдуфаттоҳ риштаи фикри Орзумуродро канд.

*Бобо Насриддинов*

**Савол ва супориш**

1. Ҷумлаҳои содаи дутаркибаи матнро муайян кунед.
2. Ҷумлаи охирро таҳлили наҳвӣ кунед, ба зери аъзоҳои ҷумла хатти муносиб кашед.
3. Ба андешаи дар матн баёншуда розиед ё не? Чаро?
4. Ашхосеро медонед, ки чунин фикр доранд? Мулоҳизаҳои шумо барои ободонию пешрафти ҷомеа?

*5. Матнро хонда, ҷумлаҳои аъзоҳои чида доштаро муайян кунед ва гӯед, ки кадом аъзо чида шудааст.*

Соли 1972 Бобоҷон Ғафуров ба Душанбе омаданд. Рӯзе дар хонаи нависанда Ҷалол Икромӣ нишасте ба ифтихори Бобоҷон Ғафуров барпо шуд. Иддае аз аҳли илму адаб, аз ҷумла, устодон Мирзо Турсунзода ва тоҷикдӯстӣ асил профессор Иосиф Самойлович Брагинский ҳозир шуданд. Яке аз аҳли нишаст, Бобоҷон Ғафуровро шодбош гуфта, таъкид кард, ки чун Ғафуров ба унвони сарвари Тоҷикистон (солҳои 1946-1956) ва донишмандони забардаст барои миллат хидматҳои бузург кардааст, бахусус пас аз чоп шудани китоби «Тоҷикон» месазад, ки ӯро падари миллат бигӯем. Бобоҷон Ғафуров сухани ӯро бурида мегӯяд:

– Камина падари миллат нестам, фарзанди миллат ҳастам, ки мехоҳам хидмат кунам. Падари миллат устод Айнӣ буд, ки барои умри дубора ёфтани тоҷикон бештар аз ҳар касе мубориза кардааст ва ба ғалаба расидааст. Ин сухани Бобоҷон Ғафуров ба аҳли нишаст хуш омад. Аввал рӯҳу равони падари миллатро табрик хонданд ва баъд фарзанди миллатро шодбош гуфтанд.

*Шодӣ Шокирзода*
*Аз маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» № 4, 2017*

**Савол ва супориш**

1. Хидматҳои устод Айниро ба ёд биёред. Кӣ чанде аз онҳоро номбар мекунад?
2. Моҳияти ин матн дар кадом ҷумла баён шудааст?
3. Ҷавоби Бобоҷон Ғафуров бароятон писанд омад? Шумо чӣ андеша доред?

4. Оё аз фаъолияти Бобоҷон Ғафуров дар ҷумҳурӣ огаҳӣ доред? «Тоҷикон»-ро хондаед?

5. Аз ҷавоби Бобоҷон Ғафуров чӣ хислати ӯро пай бурдед?

6. Дар бораи хидматҳои Бобоҷон Ғафуров – фарзанди ҳақиқии миллати тоҷик эссе нависед.

*6. Матнро хонед ва нутқи айнан ва мазмунан нақлшударо ҷудо кунед ва фарқи онҳоро шарҳ диҳед.*

Овардаанд, ки Амир Наср Аҳмади Сомониро муаллиме буд, ки дар он вақт, ки хурд буд, вайро таълим кардӣ ва чӯб бисёр задӣ. Ва Амир Наср гуфтӣ, ки ҳар гоҳ ки ман ба султонӣ расам, сазои вай бикунам.

Шабе тафаккури айёми гузашта мекард. Муаллимаш ёд омад, ҳама шаб дар андешаи интиқоми вай буд. Ходимро бифармуд, ки аз бӯстон даҳ чӯби обӣ биёрад ва якеро гуфт: «Муаллимро ҳозир кун!».

Ходим рафт, то муаллимро ҳозир гардонад. Муаллим пурсид: «Султон чӣ мекард, ки маро ёд кард?».

Гуфт: «Ғуломеро фармуд, ки биравад аз бӯстон даҳ чӯби обӣ биёварад ва маро гуфт, ки муаллимро ҳозир кун».

Ӯро маълум шуд, ки дар банди интиқоми вай аст. Дар роҳ, ки меомад, ба дари дӯкони мевафурӯше расид ва дурусте (зар, дирам) бидод ва аз вай обии хуб харид ва дар остин кард.

Чун пеши Наср омад, амир чӯбе баргирифт ва гуфт: «Дар ин чӣ гӯйӣ?».

Гуфт: «Саҳл аст».

Даст дар остин кард ва он мева берун овард ва гуфт: «Зиндагонии подшоҳ дароз бод, калимае дорам».

Гуфт: «Бигӯй».

Гуфт: «Ин мева бад-ин латифӣ зодаи он чӯб аст». Султон чун ин бишунид, бағоят беписандид ва расми маоши вай то зинда буд, муайян гардонид. Баъд аз он зиндагонӣ ба фароғат гузаронид.

*Муҳаммад Авфӣ*

### Савол ва супориш

1. Ҳадафи ҳикоя дар чист?

2. Магар ситонидани интиқом ё қасосгирӣ дуруст аст? Назари шумо дар ин хусус?

3. **Ҷабри устод беҳ, ки меҳри падар** ба муҳтавои ҳикоя чӣ робита дорад?

4. Чӣ чиз устодро аз интиқом раҳонид?

*7. Порчаи шеъриро равшану бурро хонед ва гӯед, ки аъзоҳои чида ба он чӣ муассирияте бахшидаанд.*

Бо қаҳқаҳи мастонаю бо шеъру тарона,
Бо рӯҳияи ғолибу ошӯбгарона,
Бо тантанаи ақл карон то ба карона,
Чун рӯд ба сад ғулғула бигзашт ҷавонӣ,
Чун раъд ба сад валвала бигзашт ҷавонӣ.

Раҳ сохт, раҳ омӯхт, хато кард, хато сӯхт,
Дил бурд, дил овард, дил омӯхт, дил афрӯхт,
Аз рафтаву аз омада бас таҷриба андӯхт,
Мушкил зи ҳама мушкила бигзашт ҷавонӣ,
Масъули ҳама масъала бигзашт ҷавонӣ...

*Лоиқ Шералӣ*

*8. Ҷумлаҳоро нависед ва ҷойи нутқи айнан нақлшударо муайян сохта, аломатҳои китобати марбути онро шарҳ диҳед.*

1. Навоӣ аз хеши Восифӣ пурсид: «Ҳарифе, ки муаммоҳои беномро меёбад, ин аст?». (А.Д.)

2. Рафиқам шоири маъруф Пайрав Сулаймонӣ ба ман маслиҳат дода мегуфт: «Агар ба тасвирҳои олии шоирона ошно шуданӣ бошед, албатта, «Хамса»-и Низомиро хонед. (А.Д.)

3. «Фикри шумо фикри нав не, – гуфт вай ба Нуралӣ. Ин масъала пештар ҳам чанд бор бардошта шуда буд. (С.У.)

4. Андак истед, – гуфт Нуралӣ, – ҳозир масъаларо маълум мекунем. (С.У.)

5. «Об омад, об омад!» – фарёд заданд дар соҳили каналбудагон.

*9. Ҷумлаҳои яктаркибаи зеринро нависед, кадом навъи ҷумлаи яктаркиба будани ҳар кадомро дар болояш нависед.*

1. Пагоҳӣ ба тамошои шаҳр рафтам. (С.А.)
2. Бе шумо ҳам ҳамин хокро мекашонем, ҳамин ниҳолҳоро мешинонем. (Р.Ҷ.)
3. Бо Фаттоҳ бо забони махсус гуфтугӯ бояд кард. (Ф.М.)
4. Дохунда! Дастонатро аз остин барор! (С.А.)
5. Дӯстиро чунин касе бояд, ки аз ӯ кори баста бикшояд. (Зарб.)
6. Оташи андак тавон куштан ба об. (Аттор)
7. Писару духтарони як падарем, Шуълаи офтоби як саҳарем. (М.Т.)
8. Ду шаби дигаре набояд хуфт. (М.М.)

*10. Порчаро хонед ва аъзоҳои истисноиро муайян сохта гӯед, ки бар шарҳи кадом аъзоҳои ҷумла омадаанд.*

Вақти ангурпазӣ расид, мо бо додарам ба деҳаи Маҳаллаи Боло – ба хонаи бобоямон баргаштем. Дар он ҷо – дар боғи бобо чанд рӯз ангурхӯрӣ кардем. Чун моҳи мизон – аввали таҳсили мадрасаҳои Бухоро наздик расид, ки аввалҳои сентябр буд, барои ба шаҳр баргаштан тайёрӣ дидам ва Қурбонниёзи тағоям маро бо бародарам ба шаҳр бурда монданӣ шуд.

*Садриддин Айнӣ*

*11. Ҷумлаҳоро нависед ва ба зери калимаҳои хулосакунанда хат кашида муайян созед, ки кадом аъзои ҷумлаанд.*

1. Қади навруста, рӯйи хуҷаста, зулфи шикаста, абруйи пайваста – ҳама ба якдигар шинам, ҳама ба якдигар зебанда афтида буданд. (С.А.)
2. Ин боди гарм хусусан, ба набогот: ба рустанӣ ва меваҳо офат меовард. (Ҷ. И.)
3. Мухтасар пой то сарат рангин:
   Зарду сабзу бунафшу кабуд.

*Абдусалом Деҳотӣ*

4. Мо миқдори бисёри ашёи сӯхтусӯз: бензин, карасин, ангишт, молҳои саноатӣ ва ашёи нақлиётро сарфа кардем. (Ҳ.К.)

*12. Ҷумлаҳоро хонда, аъзоҳои чидаи онҳоро муайян кунед ва шарҳ диҳед, ки кадом аъзоҳои ҷумла чида шудаанд.*

1. Соро баъд аз ба як тараф кардани обҳои рӯйи ҳавлӣ ва хушконидани сари оташдон ба ширбиринҷпазӣ даромад. (С.А.)

2. Онҳо бар рӯйи ях аз аспи ман хубтар ва чолоктар мегаштанд. (С.А.)

3. Басе нишастам бо акобиру аъён,
Биёзмудашон ошкору пинҳонӣ.

*Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

4. Ҷавобгарон рост хеста, нолону ларзон ба пеши дарича омаданд. (С.А.)

*13. Матнро хонед, нутқи айнан нақлшуда ва аломатҳои китобати марбути онро шарҳ диҳед.*

Дар вагон танҳо нависандагон монданд.

– Дӯстон, – гуфтам, – оё медонед калимаи «чакман» ихтисори «чокдоман» аст? Калимаи «чароғ» ихтисори «чарбуроғ» аст. Яъне равшании чарбу.

Ҳама хандиданд. Устод сар бардошта: – Чаро механдед, – гуфт, – дар ҳақиқат «роғ» маънои равшанӣ дорад. Барои ҳамин ҳам дар Бухоро «дар нимроғ» кушода шудааст, мегӯянд.

Баъд аз ҳамон рӯз ҳар боре, ки дар бораи таърихи калимае баҳс мерафт, Абдусалом Деҳотӣ ба шӯхӣ мегуфт: «Бо Миршакар баҳс накунед, вай ҳатто устод Айниро қоил карда буд».

*Мирсаид Миршакар*

**Савол ва супориш**

1. Муаллиф устод гуфта киро дар назар дорад?
2. Дар ин матн дар чӣ хусус гап меравад?
3. Оё шумо таърихи баромади калимаеро шарҳ дода метавонед? Худро бисанҷед.
4. Донистани таърихи баромади калима чӣ аҳамият дорад?

*14. Хонед ва хулосаатонро нависед.*

Дар гӯшаи катибаи Тахти Ҷамшед доимо садо медод: «Ин мамлакат гирифтори лашкари душман ва дурӯғ мабод».

Шодравон Фаррухрӯз борҳо гуфта буд: дурӯғ аз лашкари душман хатарнок аст. Лашкари душманро метавон мағлуб кард, аммо мубориза бо дурӯғ мушкилиҳо дорад. Агар дурӯғ набошад, душман мамлакати ростиро тасхир карда наметавонад. Шоҳи мамлакат чунин дурӯғе бар худ мегӯяд: – Ман аз шоҳи кишвари ҳамсоя донотар ва лашкарам низ тавонотар аст. Ва ин дурӯғ боиси ҳалоки ӯ, шикасти лашкару бадбахтии халқаш мешавад.

*Адаш Истад*

*15. Матнро хонда, калимаҳои туфайлии онро муайян кунед ва гӯед, ки чӣ тобишҳоеро ифода кардаанд.*

Хайрият, ки Носир, ту он воқеаро фаромӯш накардаӣ. Кас кори бадашро фаромӯш накунад, ба хаёлам, хуб аст, чунки як рӯз не, як рӯз агар донад, ки ҳанӯз аз ёди одам набаромадааст, ногузир ҳама неку бадашро ба тарозу гузошта, аз хусуси зиндагиаш фикр мекунад...

Ва баъди ин, агар дилаш кӯр набошад, кӯшиш мекунад, ки дигар ҳеҷ гоҳ хор шуда, ба пойи касе нахалад... Оё ту, Носир, тасаввур мекунӣ, ки ҳамон кори кардаат чӣ пастие буд? Охир, пас аз чор сол ман онро беҳуда ба хотират наовардаам. Ман бадкина нестам, Носир. Ман бо ин гапам гуфтан намехостам, ки «ана, ту чӣ хел одамӣ!». Бовар кун, Носир. Маро ба ин худат маҷбур кардӣ, рафтори бадат маҷбур

кард. Ба сарам омад, ки шояд он воқеаро ба ёд оварда, шарм куниву аз дамат фароӣ. Аммо ту, баръакс, ҳаво гирифта ба таҳдид гузаштӣ...

*Саттор Турсун*

*16. Матнро бодиққат хонед ва мазмунашро нақл кунед. Гӯед, ки кадом хислатҳои Борбад ба шумо писанд омад. Чаро? Мухотабҳои матнро ёфта, шарҳ диҳед.*

Он шаб базми сурудҳои Борбад барпо гардид. Борбад аз муваффақияти кори худ шоду мамнун гашта, рӯҳи тоза гирифт, сурудҳои дилангези худро дареғ надошт. Хусрав баъди адои ҳар суруд ба шавқ омада «Зеҳ!» мегуфт, ки маънои «Зинда бош!»-ро дорад. Хазинадор ба ҳар як «Зеҳ!» гуфтани шоҳ ба пойи Борбад ҳазор тангаи зари сурхро мерехт.

Саркаш дар поёни базм аз кардаи худ пушаймон шуда, аз Хусрави Парвиз ва Борбад узр хост. Хусрав Саркашро сахт коҳиш кард, ки чунин нобиғаи мусиқӣ, хушовозтарин андалеби Эронро аз ӯ пинҳон доштааст. Аммо Борбад, ки дар бисоташ бухлу ҳасад заррае набуд, гуфт:

– Шоҳо! Гуноҳи Саркаш бубахшоем, ки ӯ яке аз устодони созу овоз аст ва дар оянда низ бисёр хизмат хоҳад кард.

Хусрав аз покдилии Борбад хеле мамнун шуд ва гуфт:

– Бори аввал мебинам ҳунарвареро, ки ба рақибаш кинае надорад. Ин шояд аз дарёдилӣ ва бузургии хиради ӯст.

Борбад бошад, ба хунёгарон рӯ оварда гуфт:

– Ҳар яки шумо дар ҳунари худ устоди моҳиред. Мо дигар якка суруд хонда, ба ҳамдигар рақобат намекунем. Китоби таронаҳои Аҷамро дастаҷамъ эҷод хоҳем кард. Ноҳиди Чангӣ равшангари роҳи мост!

Сарвари навозандагон Накисон Чангӣ бо фараҳмандӣ нидо кард: – Мо ҳама ғуломони туем! Ҳар чи гӯӣ, ҳамонро мекунем.

Борбад гуфт:

– Ба ман ғулом лозим нест. Эҷодгарони озодипараст заруранд, ки аз чорчӯбаи мусиқии маҳалли худ берун биҷаҳад, то ки мо суруди ҷовидонаи Аҷамро бисозем.

*Адаш Истад*

*17. Порчаро бо риояи оҳанг хонед ва гӯед, ки шоир ба кӣ мурочиат кардааст. Муайян кунед ва шарҳ диҳед.*

Эй кӯдаки деҳот! Кунун тарки хоб кун,
Паймой роҳи донишу дар бар китоб кун!
Бедонишӣ бас аст, хусусан дар ин замон,
Бархез баҳри рафтани мактаб шитоб кун!
Дониш чароғи роҳи саодат шавад туро
Аз ин ту шоми тираи худ моҳтоб кун.

*Абдусалом Деҳотӣ*

*18. Матнро бодиққат хонед. Чӣ нуктаеро дарёфтед? Ба андешаи муаллиф розиед ё на? Агар чизе илова карданӣ бошед, шифоҳӣ баён созед.*

Поёни ғафлат ва таносоӣ низ муҷиби зиллату бадномӣ аст. Чунон ки таърихи шоҳ Султон Ҳусайни Сафавӣ ба мо нишон медиҳад, бояд аз Худо дархост кунем, ки суханони росту ба беғарази ғайратмандони миллатро таъсире бахшад, ки дар дилҳои бузургони миллат ва авлиёи давлат коргар ояд ва то об аз сар нагузашта, ба тадбири халосии Ватан бархезанд. Имрӯз наҷоти мо манут ба иттифоқи давлату миллат ва ҳусули мусовату адолат дар мамлакату Ватани муқаддас аст. Аз даргоҳи Худовандӣ ба камоли тазарруъ дархост менамоем, ки давлатро ба миллат меҳрубон ва миллатро тобеъю мутеи авомири фармони подшоҳ бидорад, кибру ҳасадро аз дили бузургони мамлакат дур дошта, ин дуоро аз бандаи гунаҳгор қабул фармояд.

Эй ҳамватанон, зи хоб бедор шавед
В-аз мастии кибру ноз ҳушёр шавед.

Аз ғафлату аз нифоқ дурӣ ҷӯед,
Дар ҳифзи Ватан ба ҳамдигар ёр шавед.

*Зайнулобидини Марогай*

**Луғат**

**Авлиёни давлат** – мансабдорон, бузургон
**Авомир** – ҷамъи амр, фармон, ҳукм
**Манут** – вобаста ба мақсад расидан, ба зист овардан
**Мусоват** – баробарӣ, баробар будан
**Нифоқ** – дурӯягӣ, макр
**Ҳусул** – ба даст овардан, ба мақсад расидан
**Ғафлат** – бехабарӣ, бепарвоӣ

*18. Матнро хонед ва гӯед, ки аз он чӣ натиҷа бардоштед. Андешаи шумо дар ин хусус. Магар ба ин андеша розиед?*

Занак баъд пурсид, ки ман (Гурбахш Сингх) ба забони модарии худ ҳам чизе менависам ё не? Ман ҷавоб додам, ки асосан ба забони англисӣ менависам. Занак ранҷид. Баъд ба ман наздиктар омада, дасташро бар сарам гузошта, мӯйҳоямро силакунон чун модаре, ки бар сари гаҳвора нишаста, кӯдакашро панд медиҳад, гуфт:

– Фаромӯш накун, ҷигарбанди Шарқ, забони англисӣ барои ту чун маъшуқи дилдодаест, ки дар ноомади кор метавонад, аз ту рӯй гардонад, ба тарафи дигарон чашмакӣ занад. Аммо **забони модарӣ модари туст. Модар дар мушкилтарин дақиқаҳо ҳам фарзанди худро дар кӯча танҳо намегузорад.**

*(Аз ёддоштҳои Мирсаид Миршакар)*

## ИХТИСОРАҲО

А. А. – Аълохон Афсаҳзод
А. Д. – Абдусалом Деҳотӣ
А. И. – Адаш Истад
А. Л. – Абулқосим Лоҳутӣ
А. М. – Абдуқодир Маниёзов
А. Ш. – Аминҷон Шукӯҳӣ
Б. Н. – Бобо Насриддинов
В. А. – Воҳид Асрорӣ
И. Ф. – Ибод Файзуллоев
М. М. – Мирсаид Миршакар
М. А. – Муҳиддин Аминзода
М. Б. – Меҳмон Бахтӣ
М. Т. – Мирзо Турсунзода
М. Х. – Муҳиддин Хоҷаев
М. Қ. – Муъмин Қаноат
П. С. – Пайрав Сулаймонӣ
П. Т. – Пӯлод Толис
Р. Ҳ. – Расул Ҳодизода
Р. Ҳ. – Раҳим Ҳошим
Р. Ҷ. – Раҳим Ҷалил
С. А. – Садриддин Айнӣ
С. Т. – Саттор Турсун
С. У. – Сотим Улуғзода
С. Ш. – Собири Шоҳонӣ
У. Р. – Убайд Раҷаб
У. К. – Урун Кӯҳзод
Ф. М. – Фазлиддин Муҳаммадиев
Ф. Н. – Фотеҳ Ниёзӣ
Ҳ. К. – Ҳаким Карим
Ҳ. Н. – Ҳабибулло Назаров
Ҷ. И. – Ҷалол Икромӣ
Ҷ. О. – Ҷумъа Одина
Ш. Ҳ. – Шодон Ҳаниф
Ю. А. – Юсуф Акобиров

## Мундарича


1. Забон ва сухан ............................................................3

**Такрори маводди синфҳои VII омӯхташуда .....................6**

2. Овозҳои нутқ ва таркиби калима ...............................6

3. Сарф ва ҳиссаҳои нутқ ...........................................11

4. Услубҳои нутқ: услуби илмӣ ....................................15


### Наҳв ва аломатҳои китобат

### Ибора ва ҷумла


5. Маълумот дар бораи ибора .......................................21

6. Навъҳои асосии ибора: исмӣ, феълӣ, зарфӣ ............24

7. Алоқаи калимаҳо дар ибора .......................................27


### Ҷумлаи сода


8. Ҷумлаи сода аз ҷиҳати маъно, мақсад ва оҳанг ........30

9. Тартиби калима дар ҷумла, оҳанги талаффузи ҷумлаи сода ва задаи мантиқӣ ............................................................39

10. Имлои санҷиш ..........................................................43

11-12. Кор бо матни лутфи латиф .....................................43


### Ҷумлаи содаи дутаркиба

### Сараъзоҳои ҷумла


13. Мубтадо ва ифода шудани он ....................................49

14. Хабар ва ифода шудани он .........................................58

15. Навъҳои хабар: хабарҳои феълӣ ..................................62

16. Хабарҳои номӣ ..........................................................65

17. Аломати тире дар байни мубтадо ва хабар .............66

18-19. Кор бо матни репортаж ........................................71

**Аъзоҳои пайрави ҷумла**

20. Маълумот дар бораи аъзоҳои пайрави ҷумла: пуркунанда ....................75
21. Навъҳои пуркунанда: бевосита ва бавосита ..........79
22. Муайянкунанда ва ифода шудани он ....................86
23. Муайянкунандаи изофӣ ва беизофа ......................89
24. Баёния ва фарқи он аз муайянкунанда .................97
25-26. Кор бо матни аннотатсия ...............................100
27. Ҳол ва навъҳои он. Ҳоли замон ва макон ...........104
28. Ҳоли миқдору дараҷа ва тарзи амал ......................109
29. Ҳоли сабабу мақсад ...........................................115
30. Ҳоли шарту хилоф ...............................................117
31. Имлои санҷиш ....................................................119
32-33. Кор бо матни аннотатсия...................................119

**Ҷумлаҳои содаи яктаркиба**

34. Навъҳои ҷумлаҳои содаи яктаркиба: ҷумлаи муайяншахс ....................124
35. Ҷумлаи номуайяншахс ........................................129
36. Ҷумлаи умумишахс ............................................132
37. Ҷумлаи бешахс ...................................................134
38. Ҷумлаи унвонӣ ...................................................136

**Ҷумлаи пурра ва нопурра**

39. Ҷумлаи пурра ва нопурра ....................................139
**Таҳлили наҳвии ҷумлаи содаи яктаркиба ..................144**
40-41. Кор бо матни эссе ..............................................145

**Ҷумлаи чидааъзо**

42. Маълумот дар бораи ҷумлаҳои чидааъзо ............152
43. Пайвандакҳои пайвасткунанда дар ҷумлаҳои чидааъзо ..........................................................................156
44. Калимаҳои хулосакунанда дар ҷумлаҳои чидааъзо ва аломатҳои китобат дар онҳо ...................................163
**Таҳлили наҳвии ҷумлаҳои чидааъзо ...........................167**
45. Имлои санҷиш ..........................................................169
46-47. Кор бо матни репортаж ..................................169

**Мухотаб**

48. Мухотаб ва вазифаи он ..........................................176
49. Аломатҳои китобат дар мухотаб. Оҳанги хониши ҷумлаҳои мухотабдор ..................................................178
50-51. Кор бо матни лутфи латиф ...............................182

**Калима ва ибораҳои туфайлӣ**

52. Калима ва ибораҳои туфайлӣ, тобишҳои гуногуни маъноии онҳо ...............................................................186
53. Навъҳои калима ва ибораҳои туфайлӣ аз рӯйи маъно ...........................................................................188
54. Истифодаи аломатҳои китобат вобаста ба ҷойи калимаю ибораҳои туфайлӣ ........................................191
55-56. Кор бо матни тақриз ......................................196

**Аъзоҳои истисноии (иловагии) ҷумла**

57. Маълумот дар бораи аъзоҳои истисноии ҷумла ...209
58. Баёнияҳои истисноӣ ва аломатҳои китобат дар онҳо..........................................................................212
59. Ҳолҳои истисноӣ ва аломатҳои китобат дар онҳо.216

60. Имлои санҷиш ....................................................................218
61-62. Кор бо матни аннотатсия ...........................................219

**Нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда**

63. Маълумот дар бораи махсусиятҳои нутқи айнан нақлшуда. Нутқи айнан нақлшуда ...........................................220
64. Нутқи мазмунан нақлшуда. Муколама – як навъи нутқи айнан нақлшуда ......................................................................224
65-66. Кор бо матни тақриз ...........................................................229

**Такрори маводди дар синфи 8 омӯхташуда**

67-68. Ибора, ҷумлаҳои чидааъзо, мухотаб, калимаю ибораҳои туфайлӣ ва аъзоҳои истисноии ҷумла ..............239

**САИДАМИР АМИНОВ**

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Қ. Сатторӣ |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Н. Салоҳиддинзода |
| Тарроҳ | З. Саъдуллоев |

Ба чоп 28.08.2020 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андозаи 60x90 $^1/_{16}$. Ҷузъи чопӣ 16
Адади нашр 120000 нусха.
Супориши № 109/2020

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Собириён» чоп шудааст.
Нишонӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
кӯч. Айнӣ, 126. E-mail: sobiriyon@yandex.ru